ISSN 2226-9355

Паёми

ДОНИШКАДАИ ЗАБОНҲО

3(47)
2022

Силсилаи илмҳои:
филологӣ
педагогӣ
таърих

ДДЗТ

ISSN 2226-9355

ПАЁМИ
ДОНИШКАДАИ ЗАБОНҲО
(силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих)
2022. № 3(47)

ВЕСТНИК
ИНСТИТУТА ЯЗЫКОВ
(серия филологических, педагогических и исторических наук)
2022. № 3(47)

BULLETIN
OF THE INSTITUTE OF LANGUAGES
(the series of Philological, Pedagogical and Historical sciences)
2022. № 3(47)

Душанбе – Dushanbe, 2022

ПАЁМИ ДОНИШКАДАИ ЗАБОНҲО
Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих
Муассиси маҷалла:
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.
Маҷалла соли 2011 таъсис дода шудааст. Дар як сол 4 шумора нашр мегардад.

Сармуҳаррир:
Гулназарзода Жило Бурӣ — *доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода*

Муовини сармуҳаррир:
Миракзода Фаридун Юсуфӣ — *номзади илмҳои таърих, дотсент, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

10.00.00 – Филология

Муҳаммадҷонзода Олимҷон Обидҷон	*доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм	*доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Ҷамшедов Парвонахон	*доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Турсунов Файёзҷон Мелибоевич	*доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Восиева Рухшона Қурбоновна	*доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Каримов Амонулло Файзуллоевич	*номзади илмҳои филологӣ, дотсент*
Олимӣ Хосият Ҳоким	*номзади илмҳои филологӣ, дотсент*

13.00.00 – Педагогика

Шербоев Саидбой	*доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Неъматов Саъдулло Эргашевич	*доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Шосаидзода Сафар Ҳасан	*номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*
Товбаева Мавлуда Мусулмоновна	*номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*

07.00.00 – Таърих

Ҳотамов Намоз Басарович	*доктори илмҳои таърих, профессор*
Муллоҷонов Сайфулло Кучакович	*доктори илмҳои таърих, профессор*
Раҷабов Саиднеъмон Муллоҷонович	*номзади илмҳои таърих, дотсент*
Икромов Ғайбулло Холович	*номзади илмҳои таърих, дотсент*

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.03.2021 ворид гардидааст.

Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Намояи иқтибоси илмии Русия» (НИИР) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст (http: //elibrary.ru).

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зерини илмро барои чоп қабул менамояд:

Дар соҳаи илмҳои филологӣ: *10.01.01, 10.01.03, 10.01.08, 10.02.01, 10.02.19, 10.02.20, 10.02.22*

Дар соҳаи илмҳои педагогӣ*: 13.00.01, 13.00.02, 13.00.08*

Дар соҳаи илмҳои таърих: *07.00.02, 07.00.03, 07.00.09, 07.00.15*

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.

Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (www.payom.ddzt.tj).

Паёми Донишкадаи забонҳо.
Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих.
– 2022. – № 3 (47). ISSN 2226-9355.
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.
Шаҳодатномаи №189/МҶ-97 аз 19.02.2021 сол.
Нишонии маҷалла: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Сомонаи маҷалла: www.payom.ddzt.tj
E-mail: payom@ddzt.tj
Тел.: (+992 37) 232-87-30

© ДДЗТ ба номи С. Улуғзода, 2022

ВЕСТНИК ИНСТИТУТА ЯЗЫКОВ
Серия филологических, педагогических, исторических и философских наук
Учредитель журнала:
Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода
Журнал основан в 2011 г. Выходит 4 раза в год.

Главный редактор журнала:
Гулназарзода Жило Бури — *доктор филологических наук, профессор, ректор Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода*

Заместитель главного редактора:
Миракзода Фаридун Юсуфи — *кандидат исторических наук, доцент, начальник управления науки и инновации Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода*

ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:

10.00.00 – Филология	
Мухаммадджонзода Олимджон Обиджон	*доктор филологических наук, профессор*
Саломиён Мухаммаддовуд Каюм	*доктор филологических наук, профессор*
Джамшедов Парвонахон	*доктор филологических наук, профессор*
Турсунов Файёзджон Мелибоевич	*доктор филологических наук, профессор*
Восиева Рухшона Курбоновна	*доктор филологических наук, профессор*
Каримов Амонулло Файзуллоевич	*кандидат филологических наук, доцент*
Олими Хосият Хоким	*кандидат филологических наук, доцент*
13.00.00 – Педагогика	
Шербоев Саидбой	*доктор педагогических наук, профессор*
Неъматов Саъдулло Эргашевич	*доктор педагогических наук, профессор*
Шосаидзода Сафар Хасан	*кандидат педагогических наук, доцент*
Товбаева Мавлуда Мусулмоновна	*кандидат педагогических наук, доцент*
07.00.00 – История	
Хотамов Намоз Басарович	*доктор исторических наук, профессор*
Муллоджонов Сайфулло Кучакович	*доктор исторических наук, профессор*
Раджабов Саиднеъмон Муллоджонович	*кандидат исторических наук, доцент*
Икромов Гайбулло Холович	*кандидат исторических наук, доцент*

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан от 30.03.2021.

Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки (http: //elibrary.ru).

Журнал принимает научные статьи по следующим научным областям:

В области филологических наук: *10.01.01, 10.01.03, 10.01.08, 10.02.01, 10.02.19, 10.02.20, 10.02.22*

В области педагогических наук: *13.00.01, 13.00.02, 13.00.08.*

В области исторических наук: *07.00.02, 07.00.03, 07.00.09, 07.00.15.*

Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.payom.ddzt.tj)

Вестник Института языков.
Серия филологических, педагогических и исторических наук. – 2022. – № 3 (47).
ISSN 2226-9355.
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.
Свидетельство № 189/ЖР-97 от 19.02.2021 г.
Адрес журнала: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6.
Сайт журнала: www.payom.ddzt.tj
E-mail: payom@ddzt.tj
Тел.: (+992 37) 232-87-30
© ТГИЯ им. С. Улугзода, 2022

BULLETIN OF THE INSTITUTE OF LANGUAGES
The series of philological, pedagogical, historical and philosophical sciences
Founder of the journal:
Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda
The journal is established in 2011. Issued 4 times a year.

CHIEF EDITOR:
Gulnazarzoda Zhilo Buri — *Doctor of Philology, Professor, Rector of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda*

DEPUTY CHIEF EDITOR:
Mirakzoda Faridun Yusufi — *Candidate of History, associate Professor, the head of science and innovation Department of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda*

MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:

10.00.00 – Philology	
Muhammadjonzoda Olimjon Obidjon	*Doctor of Philology, Professor*
Salomiyon Muhammaddovud Qayum	*Doctor of Philology, Professor*
Jamshedov Parvonakhon	*Doctor of Philology, Professor*
Tursunov Fauyozjon Meliboevich	*Doctor of Philology, Professor*
Vosieva Rukhshona Qurbonovna	*Doctor of Philology, Professor*
Karimov Amonullo Fayzulloevich	*Candidate of Philology, associate Professor*
Olimi Khosiyat Hokim	*Candidate of Philology, associate Professor*
13.00.00 – Pedagogy	
Sherboev Saidboy	*Doctor of Pedagogy, Professor*
Ne'matov Sa'dullo Ergashevich	*Doctor of Pedagogy, Professor*
Shosaidzoda Safar Hasan	*Candidate of Pedagogy, associate Professor*
Tovbaeva Mavluda Musulmonovna	*Candidate of Pedagogy, associate Professor*
07.00.00 – History	
Hotamov Namoz Basarovich	*Doctor of Historical Sciences, Professor*
Mullojonov Saifullo Kuchakovich	*Doctor of Historical Sciences, Professor*
Rajabov Saidnemon Mullojonovich	*Candidate of Historical Sciences, associate Professor*
Ikromov Ghaybullo Kholovich	*Candidate of Historical Sciences, associate Professor*

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan from 30.03.2021.

The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library (http: // elibrary.ru).

The journal accepts scientific articles on the following scientific specialties:

In the field philological sciences: *10.01.01, 10.01.03, 10.01.08, 10.02.01, 10.02.19, 10.02.20, 10.02.22*

In the field pedagogic sciences: *13.00.01, 13.00.02, 13.00.08.*

In the field historical sciences: *07.00.02, 07.00.03, 07.00.09, 07.00.15.*

The journal is printed in Tajik, Russian and English languages.

Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.payom.ddzt.tj).

Bulletin of the Institute of languages.
The series of Philological, Pedagogical and Historical sciences. – 2022. – № 3 (47).
ISSN 2226-9355.
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan. Certificate № 189/JR-97 от 19.02.2021 г.
Address of the journal: 17/6, Muhammadiev str., Dushanbe, 734019, Republic of Tajikistan.
Web site of the journal: www.payom.ddzt.tj
E-mail: payom@ddzt.tj
Phone: (+992 37) 232-87-30

© TSIL named after S. Ulughzoda, 2022

ТДУ 81-11

АҚИДАҲОИ ОЛИМОНИ РУС РОҶЕЪ БА УСУЛҲОИ ИНТИҚОЛИ ВОЖАҲОИ БЕМУОДИЛ

Турсунов Ф.М., Гулназарзода Ж.Б.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Тарҷумаи вожаҳои бемуодил аз як забон ба забони дигар яке аз масъалаҳои муҳимми назарияи умумии тарҷума маҳсуб меёбад. Аз солҳои 50-уми асри гузашта ин ҷониб олимони забоншинос ва тарҷумашинос дар саросари ҷаҳон оид ба ин масъала таҳқиқоти махсус анҷом дода, ақидаҳои худро нисбат ба ин масъалаи мабрами тарҷумашиносӣ иброз доштаанд.

Ҳадаф аз навиштани мақолаи мазкур бознигарии ақидаҳои олимони рус роҷеъ ба роҳу воситаҳои интиқоли вожаҳои бемуодил аз як забон ба забони дигар мебошад.

Зери истилоҳи “вожаҳои бемуодил” мо воҳидҳои забонеро дар назар дорем, ки бо сабабҳои гуногун дар забонҳои дигар муодилҳои луғавии худро надоранд. Чунон ки маълум аст, ба ин гурӯҳ вожаҳои урфӣ, исмҳои хос, ихтисораҳо, калимаҳои мураккаб, воҳидҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақолҳо ва ғайра дохил мешаванд. Воқеан, тарҷумаи воҳидҳои забонии номбурда бо роҳҳои маъмулӣ ё худ таҳтуллафзӣ на ҳамеша ҳалли худро меёбанд ва дар назарияи тарҷума аз ҷониби мутахассисони соҳа роҳу воситаҳои мухсуси интиқоли онҳо аз як забон ба забони дигар пешниҳод шудаанд, ки чанде аз онҳоро таҳлил ва баррасӣ мекунем.

Агар олимони тарҷумашиноси рус, ба монанди Л.С. Бархударов, В.Н. Комиссаров, А.В. Фёдоров ва дигарон масъалаи мавриди таҳлилро ба таври умумӣ баррасӣ карда бошанд, С. Влахов, С. Флорин, А.О. Иванов, П.В, Чернов, В.Н. Крупнов ва дигарон ба масъалаҳои тарҷумаи вожаҳои бемуодил таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудаанд ва масъалаи мазкурро дар робита бо масъалаҳои "тарҷуманопазирӣ", муодилнокӣ/бемуодилӣ дар тарҷума ба таври махсус таҳқиқ намудаанд. Ба ақидаи А.О. Иванов, «масъалаҳои марбут ба муодилнокӣ ва бемуодилии вожаҳо ба таври одилона ҳамчун ҷузъи мушкилоти умумии муодилнокии тарҷума баррасӣ мешаванд» [5, с. 192].

Яке аз муҳимтарин хусусиятҳои тарҷума, ки ҳоло аксари муҳаққиқон эътироф кардаанд, ин вобаста ба натиҷаҳои худ амалиёти нисбӣ будани раванди тарҷума мебошад. Табиист, ки дар ҳар забон дар робита ба ҳар забони дигар унсурҳоеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки интиқоли маънои онҳо дар шароити муқаррарӣ дар доираи худи матн имконнопазир аст. Ин гуна унсурҳо ҷиҳатҳои забонро ташкил медиҳанд, ки ба мафҳуми “тарҷуманопазирӣ” нисбат додан мумкин аст. Вале мавҷуд набудани мувофиқати дақиқ ва доимии луғавӣ ба ҳар як калима маънои имконнопазирии интиқоли маънои он дар контекст ва ё дар оянда "тарҷуманопазир" будани онро надорад, ҳарчанд ҳамеша зарурати интиқоли калимаҳои нав ё маънои нави вожаҳои мавҷуда пеш меояд. Ҳар калима метавонад ба забони дигар ҳадди аққал тафсир дода шавад, ё бо роҳи шарҳи маънӣ тарҷума шавад [11, с. 182]. Агар имкони ба таври ҷудогона тарҷума намудани ин ё он унсур ё ҷузъе даст надиҳад, онро метавон ба таври умумӣ, бо таваҷҷуҳ ба хусусияти контексти ҷудогона тарҷума кард, яъне масъала дар ин ҷо тарҷумапазир ё тарҷуманопазир будани воҳиди луғавӣ набуда, балки бо кадом роҳу усул тарҷума шудани он аст. Тарҷумапазирӣ ва имкони тарҷумаи дурусти воҳиди луғавии бемуодил ва мафҳумҳои марбут ба он зарурат ба донистани воқеият ва шарту шароити корбаст шудани калима лозим меояд. Ин гуна донишҳоро донишҳои “манзарӣ” меноманд, ки вазъият ва шарту шароити истифодаи воҳидҳои забонро дар назар дорад.

Роҳу воситаҳои тарҷумаи воҳидҳои луғавии бемуодил бо истилоҳи “тарҷумаи вожаҳои урфӣ” ё худ реалияҳо робитаи зич дорад. Ин ҳам мантиқан дуруст аст, зеро аксари воҳидҳои

бемуодилро маҳз реалияҳо ташкил медиҳанд ва аз намудҳои дигари воҳидҳои луғавии бемуодил миқдоран зиёд мебошанд.

Тавре ки дар боло зикр гардид, ҳар як фарҳанг калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои миллӣ, реалияҳои хоси худро дорад, ки дар фарҳанг ва зиндагии мардуми дигар муодил надоранд. Бояд тазаккур дод, ки ин гурӯҳи вожаҳо худ як масъалаи хусусии назарияи тарҷумаро ташкил намуда, зарурати муайян кардани принсипҳои назариявии ҳалли масъалаи тарҷумаи онҳо ба забони бегона пеш меояд. Дар ин робита, иддае аз олимон бар ин назаранд, ки «мо бояд дар бораи тарҷумаи номи реалия сухан гӯем, на дар бораи тарҷумаи худи реалия, зеро реалия мафҳуми фарозабонӣ (экстралингвистӣ) буда, наметавонад аз як забон ба забони дигар тарҷума шавад" [11, с. 151]. Ин олими рус чаҳор усули асосии интиқоли воҳидҳои бемуодилро пешниҳод мекунад: «1. Транслитератсия ва ё транскрипсия, яъне навиштани калимаи ифодакунандаи мафҳуми миллӣ ва ё решаи он бо ҳарфҳои забони худ ва ё бо суффиксҳои забони худ... 2. Сохтани калима ё ибораи нав ва ё калимаи мураккаб барои ифодаи ашёи марбута бар мабнои унсурҳо ва муносибатҳои морфологии мавҷудаи забон... 3. Истифодаи калимаи ифодакунандаи мафҳуми қарина ё наздик аз лиҳози вазифаи воҳиди забон дар матн... 4. Ба истилоҳ, тарҷумаи гипонимӣ (истифодаи калимаи дорои маънои васеътар назар ба калимаи забони аслӣ) ва ё тарҷумаи умумӣ-наздикмаъно, ки ҳангоми истифодаи ин усул калимаи забони аслӣ, ки мафҳуми намудиро ифода менамояд, бо калимаи ифодакунандаи мафҳумҳои ҳамҷинс тарҷума карда мешавад... [11].

Дар амалияи тарҷума ҳолатҳое собит гаштаанд, ки калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои миллӣ, ки бо усули транскрипсия ва транслитератсия тарҷума шудаанд, дар поварақҳо ва ё қавсҳо иловатан шарҳ дода мешаванд.

Роҳу воситаҳои таъмини интиқоли комил ва мувофиқи вожаҳои бемуодил дар асарҳои мухталифи тарҷумашиносони дигар, алалхусус, дар соҳаи тарҷумаи адабиёти бадеӣ, публитсистӣ, ҷамъиятию сиёсӣ, инчунин дар як қатор нашрияҳо оид ба назарияи муодилнокии воҳидҳои луғавии забон ба мушоҳида мерасанд. Аз ин рӯ, мушкилоти тарҷумаи вожаҳои бемуодил ба таври гуногун баррасӣ мешаванд ва усулҳои гуногуни тарҷума тавсия мегарданд.

Дар ҳолатҳои ҷудогона фикру ақидаҳои бо ҳам зид низ ба назар мерасанд, ки ин ҳам табиист ва аз мубрамияти мавзуъ далолат мекунад. Чанде аз онҳоро баррасӣ мекунем.

Дар оғоз ба нақшаи усулҳои тарҷумаи реалияҳо дар адабиёти бадеӣ назар меафканем, ки олимони тарҷумашинос С. Влахов и С. Флорин пешниҳод кардаанд: 1. Транскрипсия (ва транслитератсия). 2. Тарҷума (таъвиз) [4, с. 340]. Яъне, агар дар сурати истифодаи усули якум калимаи забони мабдаъ дар забони мақсад нигоҳ дошта шавад, ҳангоми истифодаи усули дуюм калимаи забони мабдаъ бо калимаи забони мақсад иваз карда мешавад, ки бо роҳҳои зерин сурат мегирад: 1) неологизмҳо бо роҳҳои: а) калка, б) нимкалка, в) азхудкунӣ, г) неологизмҳои маъной; 2) таъвизи реалияҳо. 3) тарҷумаи тахминӣ: а) таъвизи калима аз рӯйи намуд/синфи он, б) муродифи функсионалӣ, в) ташреҳ, маънидод. 4) тарҷумаи контекстуалӣ [4, с. 340].

Дар даҳаи охири қарни гузашта оид ба масъалаи мавриди таҳлил ақидаҳои олимони дигар низ ба назар мерасанд. Ба назари баъзе аз онҳо, “дар раванди тарҷума пеш аз ҳама муҳим аст, ки образи вожаи бемуодил интиқол дода шавад, на сохтори забонии он» [6, 1990, с. 28].

Дар тарҷумаи вожаи бемуодил тарҷумон бояд дарк намояд, ки оё бо ибораи озод сарукор дорад ё устувор. Барои ин ӯ бояд аз “захираи қобилиятҳои дарккунии вожаи бемуодил” бархурдор бошад [8, с. 15].

Масъалаи мавриди назар аз таваҷҷуҳи олимони даврони муосир низ бебаҳра намондааст. Бо таъкиди аҳамияти ҳифз намудани ҷанбаҳои гуногуни вожаҳои бемуодил дар тарҷума ҳар муҳаққиқ ба он ҷиҳати тарҷумаи ин гурӯҳи воҳидҳо ишора мекунад, ки аз нигоҳи ӯ аҳамияти бештар дорад, чунончӣ: «ҳангоми тарҷумаи вожаи бемуодил бояд маънои он интиқол дода шавад ва образнокии он инъикос карда шавад. Ба ин кор тавассути пайдо

намудани ифодаи қарина дар забони тарҷума ва ҳамчунин ҳифзи вазифаҳои услубии воҳид бояд муяссар гашт» [12, с. 107].

Азбаски вожаҳои бемуодил ба гурӯҳҳои пурра ва нопурра ҷудо мешаванд, ҳангоми интихоби роҳи муносиби тарҷума дар мавриди мушаххас аҳамияти ин омилро низ набояд нодида гирифт. Масалан, вожаи бемуодили пурра дар забони тарҷума метавонад бо қаринаи функсионалии худ иваз карда шавад ва ё бо тариқи шарҳи маънӣ интиқол ёбад.

Дар адабиёти илмӣ оид ба назария ва амалияи тарҷума усули транскрипсия ва транслитератсия ба ҳайси усули маъмултарини тарҷумаи намудҳои ҷудогонаи вожаҳои бемуодил, алалхусус, реалияҳо, исмҳои хос ва ғайра таъкид мешавад.

Дар фарҳанги истилоҳоти забоншиносии О.С.Ахманова транскрипсия ба тариқи зайл тафсир шудааст: «интиқоли овозҳои калимаи забони бегона (маъмулан исмҳои хос, номҳои ҷуғрофӣ, истилоҳоти илмӣ) бо ёрии ҳарфҳои алифбои русӣ”, транслитератсия – “интиқоли ҳарфҳои калимаи забони бегона бо ёрии ҳарфҳои забони русӣ” (ва ё ҳар забони дигари тарҷума) [1, с. 401].

Транскрипсияи тарҷумавӣ аз нигоҳи шаклӣ дубора барқарор намудани воҳиди луғавии аслӣ аз рӯйи фонемаҳои он бо ёрии фонемаҳои забони тарҷума, яъне тақлиди фонетикии калимаи аслӣ мебошад.

Усули дигари маъмултарини тарҷума, чунонки ишора гардид, транслитератсия мебошад. Таърифи он ба таърифи транскрипсия монанд аст – шаклан дубора барқарор намудани воҳиди луғавии забони аслӣ бо ёрии алифбои забони тарҷума, яъне тақлиди ҳарфии шакли калимаи забони аслӣ. Дар натиҷа калимаи забони А дар матни тарҷума дар шакле сохта мешавад, ки ба қоидаҳои талаффузи забони Б мутобиқ бошад. Ба ибораи дигар, транскрипсия/транслитератсия (пурра ва ё нопурра) истифодаи калимаи додашуда, ё решаи он, аз ҷониби тарҷумон дар шакли навишт ва ё бо ҳамроҳии суффиксҳои забони худ мебошад.

Дар радифи транскрипсия ва транслитератсия нисбат ба воҳидҳои луғавии бемуодил дар забони тарҷума калка низ истифода мешавад. Калка дубора барқарор намудани овозҳои калимаро дар назар надошта, ҳангоми истифодаи он ҷузъҳои калима ё ибора (морфемаҳои он) бо унсурҳои мутобиқи забони тарҷума ифода мегарданд. Ин усул ба ғанишавии забонҳо аз ҳисоби иқтибоси воҳидҳои луғавӣ ҳангоми муоширати фарҳангӣ, ки истифодаи транскрипсия ё транслитератсия муносиб нест, мусоидат менамояд. Бо вуҷуди ин, калка ҳамчун яке аз роҳҳои таъвизи тарҷумавӣ назар ба транскрипсия ё транслитератсия нисбат ба вожаҳои бемуодил каммаҳсултар аст. Бар хилофи транскрипсия/транслитератсия калка ба таври механикӣ кӯчонидани шакли аввалияи калима набуда, дар истифодаи он таҳвилҳои ҷудогона ё худ трансформатсияҳо ба кор бурда мешаванд. Аз нигоҳи Г.Д.Томахин, яке аз нуқсонҳои умдаи транскрипсия ин аст, ки он дар натиҷаи корбурд дар матни тарҷума калимаҳои ғайриоддӣ ва аз нигоҳи маъно начандон равшанро ба вуҷуд меорад [9].

Ба ақидаи А.А. Реформатский, мафҳумҳои транскрипсия ва тарҷумаро метавон муқобили ҳамдигар гузошт: дар тарҷума кӯшиш карда мешавад, ки “чизи бегонае” ба ҳадди аксар “аз они худ” карда шавад, дар ҳоле ки бо транскрипсия кӯшиши нигоҳ доштани “чизи бегона” бо ёрии воситаҳои “забони худ” карда мешавад. Пас, аз нигоҳи амалия мафҳумҳои “тарҷума” ва “транскрипсия” бояд нисбат ба ҳамдигар ҳамчун антипод баррасӣ шаванд» [7, с. 312].

Дар интиқоли вожаҳои бемуодил тарҷумонҳо бо ду мушкилии асосӣ рӯ ба рӯ мешаванд – яке набудани муодили вожа-реалия дар забони тарҷума, бинобар сабаби набудани референт ё предмети мавриди ифодаи он дар ҳаёти соҳибзабонон ва зарурати интиқоли обуранги миллӣ (коннотатсия / ҳамроҳ), яъне тобиши миллӣ ва таърихии вожа-реалия дар радифи маънои шайъии он [2, с. 184].

Чунонки дар боло ишора рафт, моҳияти транскрипсия ба таври механикӣ кӯчонидани калима-реалия аз забони аввалия ба забони тарҷума бо ёрии воситаҳои фонетикии забони тарҷума бо ҳарчи наздик сохтани он ба шакли фонетикии аввалия мебошад.

Аслан, тарҷумаи реалия ҳамчун усули тарҷума ба забони дигар дар ҳолатҳое ба кор меравад, ки транскрипсия бинобар сабабҳои гуногун ғайриимкон ва ё номатлуб аст. Дар ин гуна мавридҳо сухан дар бораи сохтани калимаҳои нав (неологизмҳо), тарҷумаи тахминӣ ё тарҷумаи контекстуалии реалия меравад. Ҳамин тариқ, реалияҳо тарҷумонро водор месозанд, ки ба саволи зерин ҷавоб гӯяд – оё аз транскрипсия истифода шавад ва ё воҳидро тарҷума кард? Интихоби роҳи тарҷума ба як қатор шартҳо вобаста аст: моҳияти худи матн, аз аҳамияти реалия дар матн, ҷуфти забонҳо ва хонандаи матни тарҷума (дар муқоиса бо хонандаи матни аслӣ).

Интихоби ин ё он усули мушаххаси тарҷумаи вожаҳои бемуодил, ҳамчунин аз махсусиятҳои жанрии матн вобастагӣ дорад. Ғайр аз ин, аҳамияти вожаи бемуодил дар матн ба раванди тарҷумаи ин гуруҳи калимаҳо бетаъсир намемонад. То чи андозае воҳиди бемуодил дар матн аҳамият дошта бошад, масъалаи тарҷумаи он низ ҳамон қадар ҷиддӣ мегардад ва бояд ҳалли худро ҳарчи дақиқтар ёбад.

Чунонки таҳлил нишон медиҳад, дар сарчашмаҳои гуногун роҳу усулҳои гуногуни тарҷумаи вожаҳои бемуодил ба назар мерасанд. Ба тариқи хулосаи баррасии ақидаҳои олимони тарҷумашинос ва забоншинос метавон гуфт, ки дар умум ҳамаи роҳу воситаҳои интиқоли воҳидҳои луғавии бемуодилро ба се гурӯҳи калон ҷудо кардан мумкин аст:

1. Таҳвилҳои луғавӣ: а) транскрипсия/транслитератсия; б) калка; в) шарҳи маънӣ. А.В. Фёдоров усули охиринро “тарҷумаи тавзеҳӣ” меномад [10, с. 133]; г) тарҷума бо истифодаи вожаи наздикмаъно.

2. Таҳвилҳои дастурӣ (грамматикӣ): компрессия (кӯтоҳкунӣ), декомпрессия (тавсеабахшӣ), тарҷумаи баробар ба сифр ё сарфи назар кардан а тарҷумаи вожа, иловакунӣ ва ё экспликатсия.

3. Таҳвилҳои омехта (луғавӣ-дастурӣ): тарҷумаи тазодӣ, компенсатсия (ҷуброни маънӣ), инкишофи маънӣ, таъвизи куллӣ.

Ҳамин тариқ, корбасти роҳу воситаҳои тарҷумаи вожаҳои бемуодил ба тарҷумаи комили маводи забонӣ аз як забон ба забони дигар равона гардидааст ва ҳадафи асосии тарҷумон дар ин ҷода дубора ба таври комил ва муносиб барқарор намудани воҳидҳои муоширатӣ ва иттиллоотӣ мебошад.

Адабиёт

1. Ахманова, О. С. Словарь лингвистических терминов / О. С. Ахманова. – М., 1966. – 401 с.
2. Вернигорова, В. А. Перевод реалий как объекта межкультурной коммуникации / В. А. Вернигорова // Молодой ученый. - 2010. - №3(14). - С. 184-186.
3. Виноградов, В. В. О языке художественной прозы (Избр. тр.) / В. В. Виноградов. - М.: Наука, 1980. - 360 с.
4. Влахов, С. И., Флорин С.П. Непереводимое в переводе / С. И. Влахов, С. П. Флорин. – Изд.4-е.- М.: «Р. Валент», 2009. – 360 с.
5. Иванов, А. О. Безэквивалентная лексика и её перевод на русский язык: уч. пособие / А. О. Иванов. - Л., 1995. – 192 с.
6. Копыленко, М. М. Очерки по переводу: проблемы, методы, опыты / М. М. Копыленко, З. Д. Попова. - Воронеж, 1990. – 282 с.
7. Реформатский, А. А. Введение в языковедение / А. А. Реформатский. - М.: Аспект Пресс, 1999. – 312 с.
8. Толстой, Н. И. Язык и народная культура: очерки по славянской мифологии и этнолингвистике / Н. И. Толстой. - М., 1995. – 512 с.
9. Томахин, Г. Д. Реалии – американизмы: учеб. пособие для институтов и фак. иностр. яз. (пособие по страноведению)./ Г. Д. Томахин. - М.: Высшая шк., 1988. - 239 с.
10. Фёдоров, А. В. Основы общей теории перевода (лингвистические проблемы) / А. В. Фёдоров. - СПб., 2002. - 416 с.
11. Фёдоров, А. В. Основы общей теории перевода / А. В. Фёдоров. - М: Высшая школа, 1968. - 352 с.

12. Шамзи, З. А. Дозирование безэквивалентной лексики как путь к оптимальной методике преподавания иностранного языка / З. А. Шамзи // Вестник Московского государственного гуманитарного университета им. М. А. Шолохова. - 2012. - №3. - С. 104-110.

АҚИДАҲОИ ОЛИМОНИ РУС РОҶЕЪ БА УСУЛҲОИ ИНТИҚОЛИ ВОЖАҲОИ БЕМУОДИЛ

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои марбут ба интиқоли вожаҳои бемуодил аз як забон ба забони дигар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар он ба ақидаҳои олимони рус дар бобати тарҷумаи вожаҳои бемуодил таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст.

Дар мақола, ҳамчунин тазаккур дода мешавад, ки дар замони муосир тарҷумаи вожаҳои бемуодил ба яке аз масъалаҳои мубрами тарҷумашиносӣ табдил ёфтааст. Бо дарназардошти вусъатёбии робитаҳои мустақими Тоҷикистон бо кишвари ҷаҳон дар даврони соҳибистиқлолӣ ва пеш омадани зарурати тарбияи тарҷумонҳои соҳибкасб дар самтҳои гуногуни фаъолияти инсон ва соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа масъалаи мазкур дар тарҷумашиносии тоҷик аҳамияти хоса касб менамояд.

Дар мақола ақидаҳои олимони рус роҷеъ ба роҳу усулҳои интиқоли вожаҳои бемуодил аз як забон ба забони дигар дар давраи аз солҳои 50-уми қарни гузашта то замони муосир гирд оварда шуда, паҳлуҳои гуногуни онҳо аз нигоҳи муаллифони мақола шарҳу эзоҳ ва таҳлил карда шудаанд. Дар он мафҳуми “вожаҳои бемуодил” арзёбӣ шуда, қайд мегардад, ки зери ин мафҳум воҳидҳои забоние дар назар дошта мешаванд, ки бо сабабҳои гуногун дар забонҳои дигар муодилҳои луғавии худро надоранд. Ҳини баррасии масъалаи мазкур ҳамзамон ба гурӯҳҳои воҳидҳои забонии бемуодил ишора карда шудааст. Дар раванди таҳлили масъалаҳои мақолаи мазкур алоқаи байни мафҳумҳои “вожаҳои бемуодил” ва “тарҷуманопазирӣ” низ нишон дода шуда, зикр мегардад, ки дар забон дар робита ба забонҳои дигар унсурҳоеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки интиқоли маънои онҳо дар шароити муқаррарӣ дар доираи худи матн имконнопазир аст. Ин гуна унсурҳо ҷиҳатҳои забонро инъикос намуда, онро ба мафҳуми “тарҷуманопазирӣ” нисбат додан мумкин аст.

Калидвожаҳо: *тарҷума, вожаҳои бемуодил, тарҷуманопазирӣ, назарияи тарҷума, амалияи тарҷума, транслитератсия, транскрипсия, калка, нимкалка, тарҷумаи тахминӣ, муродифҳои функционалӣ, ташреҳ.*

РОССИЙСКИЕ УЧЕНЫЕ О СПОСОБАХ ПЕРЕДАЧИ БЕЗЭКВИВАЛЕНТНЫХ СЛОВ

Настоящая статья посвящена проблемам, связанным с передачей безэквивалентной лексики с одного языка на другой. В ней особое внимание уделяется взглядам российских ученых относительно перевода безэквивлаентной лексики.

В статье также отмечается, что в современном мире перевод безэквивалентной лексики становится одной из актуальных проблем переводоведения. С учетом развития и расширения прямых связей Таджикистана со странами мира в период независимости и необходимости подготовки профессиональных переводчиков в разных направлениях человеческой деятельности и различных сферах жизни общества данная тема приобретает особую актуальность.

В статье собраны и анализированы способы и средства передачи безэквивалентной лексики с одного языка на другой в период с 50-х годов прошлого столетия до настоящего времени. В ней раскрывается понятие “безэквивалентная лексика” и отмечается, что под ним понимается языковые единицы, по разным причинам не имеющие соответствий в других языках. При рассмотрении данного вопроса указывается и на разряды безэквивалентной лексики. В процессе анализа вопросов, поставленных в настоящей статье, также показывается связь между понятиями “безэквивалентная лексика” и “непереводимое” и отмечается, что в каждом языке в отношении других языков можно обнаружить то, что невозможно переводить традиционными способами в рамках одного текста. Такие элементы отражают сильные стороны языка и могут быть отнесены к понятию «непереводимость».

***Ключевые слова**: перевод, безэквивалентная лексика, непереводимое, теория перевода, практика перевода, транслитерация, транскрипция, калька, полукалька, приблизительный перевод, функционаьные аналоги, описание.*

RUSSIAN SCIENTISTS ABOUT TRANSMISSION METHODS NON-EQUIVALENT WORDS

This article is devoted to the problems associated with the transfer of non-equivalent vocabulary from one language to another. It pays special attention to the views of Russian scientists regarding the translation of non-equivalent vocabulary.

The article also notes that in modern times, the translation of non-equivalent vocabulary is becoming one of the urgent problems of translation studies. Given the development and expansion of direct ties between Tajikistan and the countries of the world during the period of independence and the need to train professional translators in various areas of human activity and various spheres of society, this topic is of particular relevance.

The article collects and analyzes the ways and means of transferring non-equivalent vocabulary from one language to another in the period from the 50s of the last century to modern times.

It reveals the concept of “non-equivalent vocabulary” and notes that it refers to language units that, for various reasons, do not have correspondences in other languages. When considering this issue, the categories of non-equivalent vocabulary are also indicated. In the process of analyzing the questions in this article, the connection between the concepts of “non-equivalent vocabulary” and “untranslatable” is also shown, and it is noted that in each language, in relation to other languages, one can find something that cannot be translated by traditional methods within one text. These elements constitute aspects of the language which can be united by the concept of "untranslatable".

***Keywords:** translation, non-equivalent words, untranslatable, theory of translation, translation practice, transcription, transliteration, linguistic calque, linguistic semi-calque, loose translation, functional analogues, description.*

***Маълумот дар бораи муаллифон: Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич,** Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиҳиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума. Нишонӣ: ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6. Тел. 935772037; почтаи электронӣ: fayzbakhsh@rambler.ru*

***Гулназарзода Жило Бурӣ** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректор. **Нишонӣ:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: (+992 37) 232 50 00; E-mail:ddzt@ddzt.tj*

***Сведения об авторах: Турсунов Фаёзджон Мелибоевич,** Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, доктор филологических наук, профессор кафедры сопоставительного языкознания и теории перевода. Адрес: г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. Тел. 935772037; эл.почта: fayzbakhsh@rambler.ru*

***Гулназарзода Жило Бури** - Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, доктор филологических наук, профессор, ректор. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. Тел.: (+992 37) 232 50 00; E-mail:ddzt@ddzt.tj*

***Information about the authors:** Fayozjon M. Tursunov, Tajik State Institute of Languages named after Sotima Ulughzoda, Doctor of Philological Sciences, Professor of the Department of Comparative Linguistics and Translation Theory. Address: 17/6 Muhammadiev str., Dushanbe, Tajikistan. Phone: 935772037; e-mail: fayzbakhsh@rambler.ru*

*Gulnazarzoda Zhilo Buri - Tajik State Institute of Languages named after Sotima Ulughzoda, Doctor of Philological Sciences, Professor, Rector. Address**:** 17/6 Muhammadiev str., 734019, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Phone: (+992 37) 232 50 00; E-mail:ddzt@ddzt.tj*

УДК: 42:491.550

СТРУКТУРНО-СЕМАНТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ СОСТАВНЫХ ЧАСТЕЙ ТЕРМИНОВ ПРОГРАММНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Мусоямов З.М.

Таджикский государственный институт языков имени Сотим Улугзода

Специфика рассмотренной нами терминологии заключается в том, что существование моно и полилексемных терминологических единиц позволяет нам провести линию дифференциации по составу: различают однословные или так называемые монолексемные термины, сложные, так называемые полилексемные термины и термины–словосочетания. От последних следует отличать сложение терминов-сочетание двух и более самостоятельных терминов.

Простые однокорневые термины согласно классификации С.В.Гринева относятся к группе однословных монолексемных терминов [14]. По большей своей части подобные термины образованны семантическими способами, например, процессами терминологизации общеупотребительной лексики, когда слово посредством специализации либо метафорического или метонимического переноса изменяет свое первоначальное значение. Примерами монолексем в исследуемом лексико–семантическом поле являются, в частности, следующие термины: ***agent*** *– агент, иҷрогар – агент (невидимая для пользователя вспомогательная программа),* ***process*** *– раванд, пардозиш – процесс,* ***program*** *– барнома – программа,* ***delete*** *– пок кардан, кӯр кардан – удалять,* ***language*** *– забон – язык (програмирования),* ***field*** *– ҳавза, майдон, фазо – поле, область,* ***map*** *– нақша – карта, схема,* ***room*** *– пораи ҳофиза – участок в памяти [20].*

Множество однокомпонентных терминов программного обеспечения представляет собой наиболее экономичный вариант в языковом отношении и, следовательно, наиболее простой для рассмотрения и удобной группой терминов данной категории.

Между тем, эти термины неизбежно занимают центральную, ядерную часть всей группы, которая в дальнейшем может находить свою конкретную реализацию в составе многокомпонентных или полилексемных терминах. При этом переход к усложнению структурного типа термина одновременно, в некотором смысле символизирует переход от «общего» к более «конкретному».

Выбранный корпус однокомпонентных терминов представлен, главным образом, знаменательными частями речи: существительным; глаголом и его неличными формами; прилагательным и наречием. Тем не менее, для общего представления можно привести наиболее частотных по употреблению терминов программного обеспечения относящиеся, например к «видимой области экрана» и подчерпнутые из используемых нами источников: *options – интихоб – параметры, file – парванда – файл, tools – обзор – сервис, view – намоишдаргоҳ – вид, format – қолаб – формат, edit – виросторӣ – правка, start – шуруъ – пуск, properties – хусусият – свойства, taskbar – мудирияти супоришҳо – панель задач, standard – меъер – стандарт, close – хотима додан – закрыть, yes – тасдиқ – да, open – кушодан – открыть, print – чоп – печать, desktop – рӯймизӣ – рабочий стол, general – асосӣ – общие, delete – хат задан – удалить, table – ҷадвал – таблица, font – шакли ҳуруф – шрифт, add – илова кардан – добавить, finish – омода –готово, notepad – дафтарчаи рӯймизӣ – блокнот, browse – аз назар гузаронидан – обзор, save – захира кардан – сохранить* и т. п. [20]. Причем, ***характерной особенностью терминов данной группы является то, что после традиционного для терминологии программного обеспечения в целом имени существительного занимает глагол***. Наличие у глагольных единиц (например, вышеприведенной группы «команд») общих для термина признаков; принадлежность специальной сфере, связь со специальным понятием, опора на дефиницию и др., обосновывает их терминологичность.

Функционирование подобных «командных» терминов и их способность выполнять коммуникативную функцию говорит о возможности проявления новых свойств у термина, и

в целом в терминосистеме, обслуживающих сферы программного обеспечения, чего ранее не отмечалось. С точки зрения структуры коммуникации к основным типам «команд» пользователя, относятся: запрос информации или помощи, требование исполнения операции или функции, ввод или изменение информации, сохранение или удаление данных и т. д.

Термины, обозначающие средства, компоненты и составные части программ и программного обеспечения компьютерной технологии как в таджикском, так и в английском языках образуются по нижеприведенным моделям. В таджикском языке выделяются модели [21]:

1. R+*а*: Основа данной модели являются в основном имена существительные: *лавҳа <лавҳ, поя <пой;* а также основы глагола: *дода <дод*. Данные термины употребляются компьютерной терминологии программного обеспечения в значениях: *поя – stem – стебель, дод – given – дать*. Суффикс «–**а**», присоединяясь к существительным, образует новые существительные, соотносимые с исходным словом, и часто обычные слова переходят в разряд терминов; *ҳофиза – memory – память [20]*. В сфере компьютерных технологий, как правило, он образует существительные, обозначающие признак предмета, а вместе с глагольными основами существительные, которые обозначают различные операции: *вақфа – shutdown – остановка, отключение*; дода: тавассути дода идорашаванда – data–driven – управляемый данными, масъули пойгоҳи додаҳо – database administrator – администратор базы данных, чарха: замони чархаи дохилӣ – internal cycle time – время внутреннего цикла.

2. R+*ак*: мотивирующей основой данной модели являются имена существительные и суффикс «**–ак»** образует существительные, которые наряду со значением уменьшительности переводят слово в термин, например, панҷарак (панҷараяк) – windows – окно, одамаки маснуӣ – robotics – робототехника; кирмак – worm – червь (вирусные программы), ҳисобкунак – register – регистр. Однако, в современном таджикском литературном языке употребление данного суффикса особенно при образовании научной терминологии можно считать непродуктивным.

3. R+*ча*: основой данной словообразовательной конструкции являются имена существительные: *дарича / дарча (>дар+ча)* – маҷрои даричаи садо – voice-grade channel – канал звукого капкана; windows – окно, вход. Суффикс **–ча** придает существительным значение уменьшительности: *барномача (резбарнома) – микрограмма – microprogram,* пайраҳача (пайраҳачаи маҷозӣ) – path – путь, узкая тропинка (виртуальная тропинка).

4. R+ӣ: Суффикс **–ӣ**, пожалуй, является одним из наиболее продуктивных суффиксов терминосистемы компьютерных технологий таджикского языка: сатрӣ (>сатр+ӣ): пардозиши сатрӣ – in–line processing – внутристроковая обработка. Также можно обнаружить данный суффикс в составе сложных слов: фарохонӣ (>фарохон+ӣ): фарохонӣ бо ном – call by name – вызов по имени; фарохонӣ бо шумора – call by number – вызов по номеру[20].

Термины данного ряда обозначают качества выполнения программ и компонентов программ компьютерной технологии. Как уже видим, мотивирующей основой для названной модели служит прежде всего имя существительное и другая словообразовательная основа в данной модели является имя прилагательное.

Также в особую структурную модель можно выделить термины, обозначающие различные признаки программных действий и процессы программного обеспечения и в обоих исследуемых языках выделяются специальные модели словообразования, по которым образуются термины названного семантического типа.

5. R+*онӣ*: *автоматонӣ, электриконӣ, иттилоотонӣ*, компютерикунонӣ. Модель **R+*онӣ*** может быть употреблена для выражения значения процесса программного действия в компьютерной технологии. Как отмечает таджикский ученый Т.К. Джураев, данная модель очень продуктивно и широко используется в таджикском языке для образования технических терминов [15, с. 29]. Следует отметить, что происхождение основы на употребление суффикса «*–онӣ*» не влияет, так как данный суффикс сочетается как с основами заимствованных слов, так и исконными словами *ҳамгардонии сегузара – three–pass asembler*

– трехпроходной ассемблер; баргардон кардан – compile – компиляция, компилирование; азназаргузаронӣ – look – просмотр, поиск.

6. R+*иш*: *санҷиш, супориш, намоиш, ғунҷоиш*. **R+*иш*** образует существительные от основы настоящего времени глагола: *санҷиш < санҷ; супориш < супор; намоиш < намо.* Суффикс **–иш** очень продуктивен для данной сферы, он часто образует термины, обозначающие технологические процессы и действия: ***ақибчархиш*** *(навор) – rollback – возвращение;* ***озмоиш*** *аз боло ба поин – top–down testing – нисходящее тестирование; методи* ***озмоиш*** *ва хато – trial and error method – метод проб и ошибок; вуруди* ***супориш*** *аз дур – remote job entery – дистанционный ввод задания; барномаи идораи* ***супориш*** *– job control progam – программа управления заданием;* ***шумориш*** *ба боло – up–counter – счётчик прямого счёта.*

7. R+гоҳ: Суффикс «**–гоҳ**» также продуктивен в таджикской терминологии. Посредством существительных и глагольных основ, он образует существительные в значении места: *тахтаи пайвастгоҳ – backboard – задняя панель; нозиргоҳ (консол) – console – консоль; дастгоҳи мантиқу ҳисоб – arithmetic logis unit – арифметико–логическое устройство; p-n пайвандгоҳи – p-n junction – p-n переход; пойгоҳи додаҳои иттилоотӣ – database of data – информационная база данных.*

8. R+соз: Особо отметим афиксоид «**-соз**» поскольку нами отмечена высокая частотность его использования во внутреннем словообразовании исследуемой области деятельности: *шабеҳсоз – имитатор – simulator;* забони **барномасоз**ии ФОРТРАН – FORTRAN – язык программирования ФОРТРАН; **муҷтамаъсоз**и микёси мутавассит – интегрирование в усерднённом масштабе – medium scale integration; воситаҳои таъмини **ҳамсозӣ** – средства обеспечения совместимости – bridge ware; **ҳамсоз** барои иттисол – совместимый по разъему – plug–computable; дастггоҳи хонанда-**мураттабсоз** – reader–sorter – сортировально-считывающее устройство [15].

В английском языке также нам удалось обнаружить несколько моделей, которые образуют название понятий оперативного значения и терминов программного обеспечения компьютерной технологии.

1. R+*ing*: Модель R+*ing* достаточно продуктивная модель словообразования в английском языке, которая образует существительные от основы глагола: *disk operating system – дисковая операционная система – системаи омили диск; jumping trace route – алгоритм слежение переходов – раволи пайравии паришҳо (гузаришҳо); line-drawing speed – список вычерчивания линий – суръати хаткашӣ; queuing of instruction – организация очереди команд – сафбандии фармонҳо; queuing of interrupts – организация очереди прерываний – сафбандии вақфаҳо,сафбандии гусастаҳо; question-answering system – система вопросов и ответов – системи пурсишу посух; TOS–tape operating system – ЛОС–ленточнаяя операционная система – СОН-системаи омили наворӣ; time-sharing system – система с разделением времени – системаи иштироки замон.*

2. R+*age*. Суффикс *–age*, присоединяется в основном к именам существительным как *freightage < freight; frontage < front.* В программном обеспечении компьютера также можно обнаружить такие понятия и термины, которые по структуре соответствут данной модели, например, *information storage and retrieval – бозёбӣ ва захираи иттилоот – поиск и хранение информации; secondary storage – ҳофизаи дараҷаи дувум – второстепенная память; carriage return – сари сатр рафтан/ бозгашт ба аввали сатр – возврат каретки.*

3. R+*ment*: по данной модели можно встретить различного значения и различной конструкции терминов, которые относятся к разным отраслям науки, производства и других направлений народного хозяйства и часть этих терминов можно обнаружить параллельно в разных отраслях, например, e*quipment – таҷҳизот – снаряжение, attachment – замима – приложение.* В исследуемой нами отрасли компьютерной технологии также можно обнаружить термины данной особенности: *management information system – системаи мудирияти иттилоот – управленческая информационная система; data management system – системаи мудирияти додаҳо – система управления данными; installed software*

requirements – талабот ба барномаи насбшуда – требования установленной программы; increment – афзоиш – приращение.

Здесь были рассмотрены те структурные модели, которые образуют термины с семантическим типом значения функциональности в английском языке. Существуют также некоторые другие суффиксы, которые также участвуют в образовании данного семантического типа, однако они малопродуктивны.

В современном английском языке данные типовые семантические отношения выражаются в следующих структурных моделях.

4. R+*ness*: Модель **R+*ness*** от основ прилагательных со значениями качества и признака, образует абстрактные имена существительные и в системе терминов программного обеспечения по результатам анализа было выявлено, что данная словообразовательная модель не является продуктивным и нам удалось в качестве примера привести следующее словосочетание: *soundness of data – дурустшабеҳи додаҳо– правдоподобность данных.*

5. R+*ity*: данная модель путем присоединения к основам прилагательных образует имена существительные: *density of distribution – чиголии тақсимот – плотность распределения; near-quality access – дастёбии тақрибан тасодуфӣ – почти случайный доступ; near quality driver – драйвери тақрибан босифат – почти качественный драйвер; utility program – барномаи ёвари муфид – обслуживающая программа; z–intensity modulation – талфиқи шиддати рӯшноӣ – модуляция яркости; genericity – дарачаи куллӣ будан – степень универсальности; priority-driven program – барнома бо идораи увлавият – программа с приоритетным управлением.*

6. R+*ation*. Следует отметить, что *с*уффикс *–ation* также функционирует в других своих вариантах типа «*–ion», «–sion», «–ation», «-fication»* и чаще всего образует абстрактные существительные, которые объединяются в семантический подтип со значением процесса реализации программы в компьютерной технологии. Следует отметит, что слова–термины рассматриваются как адаптированные английские термины. К такой модели производных терминов можно отнести следующие термины программного обеспечения компьютера: *off-line operation – кори худмухтор, амали новобаста – автономная работа, независимый режим; presentation of number – ироаи адад, коди адад – представление числа, код числа; real-time applications – корбурдҳои бедаранг – прикладная система реального времени; scale of notation – системаи алоим, тартиби ишорагузорӣ – система обозначений; sign of aggregation – аломати гурӯҳбандӣ – группирующий знак; small-scale integration – мучтамаъсозӣ дар миқёси кучак – маломасштабное интегрерование; software configuration management – эҷоди нармафзорҳо – управление конфигурированием программных средств; system of notation – системи ҳисоботӣ – система счисления [15; 20; 21].*

По итогам анализа и интерпретации собранного материала в таджикском и английском языках стало известно, что двусуффиксальный способ **R+*s₁*+*s₂*** в исследуемых языках непродуктивен и представлен ограниченным числом моделей в отношении терминов программного обеспечения компьютерной технологии. Следует отметить, что в современном **английском языке** существует огромное множество суффиксов, поэтому привести список всех невозможно, да и в этом нет необходимости. Эти суффиксы служат для образования существительных, прилагательных, глаголов и наречий. Приведем примеры лишь некоторых из них, с помощью которых образуются термины программного обеспечения в английском языке: **-ing** (*grouping – гурӯҳбандӣ – группирование*), **-(t) ion** (*decryption – ошкорсозӣ, рамзкушоӣ – декодирование*), **-er** (*supercomputer – абаркомпютер – суперкомпьютер*), **-or** (*superconductor – абарноқил – сверхпроводник*), **-ity** (*reparability – ислоҳпазирӣ – исправляемость*), **–y** (*diversify – гуногунсозӣ – ввод разнообразия*), **-sis** (*faultanalysis – таҳлили хато – определение ошибки*), **–ness** (*relatedness – пайвастагӣ – связанность*), **-age** *(overvoltage – шиддати зойид – перенапряжение)*, **–al** (*elemental – унсури – элементарный*), **-ine** (*polyolyphine – полиолефин – полиолефин*), **-ion, -tion, -sion** (*suboptimization – зербеҳинасозӣ – субоптимизация*), **-ment** (*refreshment – азнавсозӣ – обновлять*), **-ty** (*security – амният – защита данных*), **-ure** (*nomenclature – феҳристи мушаххасот – спецификация*), **-**

ism (*schematism – шаклӣ – схематическое представление*); **-ist** (*gamist – бозигар – специалист по теории игр*) [21].

Как мы уже отмечали, английский язык достаточно проницаем для различных форм заимствований. Однако в его структуре существуют и исконные терминоэлементы. Среди наиболее частотных английских суффиксов можно выделить следующие: **-ed** (*nonselected – интихобнашуда – невыбранный*), **-ing** (*multiprocessing – чандпардозӣ – многопроцессорная обработка*), **-1y** (*userfriendly – иртиботи дӯстона бо корванд – дружественный*), **-less** (*wirelesschannel – мавҷи радио – радиоканал*), **-ness (***wholeness – якпорчагӣ – цельность*), **-er** (*installer – коргузор – инсталятор*).

Таким образом, в подсистеме программного обеспечения наибольшее распространение получили двухкомпонентные и трехкомпонентные словосочетания, состоящие из ядерного элемента, выраженного именем существительным, и определяющего элемента. Основной элемент определяет родовой признак данного понятия. Так, например, ядерный элемент *memory – ҳофиза – память* является родовым в таких словосочетаниях, как: *memory bank – бонки ҳофиза – банк памяти*; *memory dump – рӯгирифти ҳофиза – дамп памяти; memory address register – сабботи нишонии ҳофиза – адресный регистр памяти; memory access time – замони дастёбӣ ба ҳофиза – время доступа к памяти*, и означает техническое изделие либо область его применения и функционирования, так или иначе связанные с хранением данных.

Как было показано выше, большинство из выявленных словосочетаний в английском языке образовано по следующим моделям: N+N (*noun+noun*) – состоящие из двух существительных: *memory bank*; A+N (*adjective+noun*) – состоящие из прилагательного в функции определения и существительного: *regenerative memory –регенеративная память – ҳофизаи эҳёкунанда*; N/prep/N (*noun+preposition+noun*): *hierarchy of files – силсила маротибии файлҳо – иерархия файлов*.

По нашему мнению, двухкомпонентные терминологические словосочетания, построенные по модели AN и NN, будут превалировать в терминосистеме компьютерных технологий, поскольку на настоящем этапе развития терминологии их количество составляет определенную часть от нашей исследованной выборки.

Список литературы:

1. Аракин, В.Д. Сравнительная типология английского и русского языков / В.Д. Аракин. – М., 1989. – 262 с.
2. Арнольд, И.В. Лексикология современного английского языка / И.В. Арнольд. – М.: Просвещение, 1995. – 328 с.
3. Арнольд, И.В. Семантика. Стилистика. Интертекстуальность / И.В Арнольд. – М.: ЛИБЕРОКОМ, 2010. – 448 с.
4. Володина, М.Н. Теория терминологической номинации / М.Н. Володина – М., 1997. – 180 с.
5. Володина, М.Н. Теория терминологической номинации. / М.Н. Володина – М., 1997. – 180 с.
6. Гадайбаева, У.Ф. Функционально–семантическое поле темпоральности в английском и таджикском языках: автореф. дис. канд. филол. наук: / У.Ф. Гадайбаева. – Душанбе, 2007. – 21 с.
7. Галкина, О.В. Экспериментальное исследование особенностей идентификации компьютерных терминов начинающими пользователями / О.В. Галкина. // Слово и текст: психолингвистический подход: сб. науч. тр. / под общ. ред. Слово и текст в психолингвистическом аспекте: сб. науч. тр. – Тверь: Твер. гос. ун–т, 2000. – 247с.
8. Ганиева, Н.Р. Семантический анализ глаголов речи микрополя «говорить» в разноструктурных языках / Н.Р. Ганиева. – Худжанд, 2002. – 120 с.
9. Гвишиани, Н.Б. Язык научного общения: вопросы методологии / Н. Б. Гвишиани. – М.: Высшая школа, 1986. – 280 с.

10. Герд, А.С. Терминологическое значение и типы терминологических значений // Проблематика определений терминов в словарях разных типов / А.С. Герд. – М.: Наука, 1976. – 287 с.
11. Головин, Б.Н., Кобрин Р.Ю. Лингвистические основы учения о терминах / Б.Н. Головин, Р.Ю. Кобрин. –Горький: Изд–во Горьк. ун–та, 1987. – 104 с.
12. Гореликова, С. Н. Природа термина и некоторые особенности терминообразования в английском языке // Вестник ОГУ. / С. Н. Гореликова. – Омск, 2002. – № 6. – С. 168–179.
13. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, – 1985. – 356 с.
14. Гринев, С.В. Введение в терминоведение /С.В. Гринев. – М., 1993. –309 с.
15. Джураев, Т.К. Отраслевая техническая терминология таджикского языка (в сопоставлении с русским, персидским и дари): автореф. дис. док. филол. наук: 10.02.20 / Джураев Тухта Кадырович. – Душанбе, 2009. – 48 с.
16. Канделаки, Т.Л. К вопросу о номенклатурных наименованиях // Вопросы разработки научно–технической терминологии / Т.Л. Канделаки. – Рига, 1973. – С. 60–70.
17. Канделаки, Т.Л. Семантика и мотивированность терминов. / Т.Л. Канделаки. – М.: Наука, 1977. – 167 с.
18. Кармызова, О.А. Компьютерная лексика: структура и развитие: дис. канд. филол. наук: 10.02.20 / Кармызова Ольга Александровна – Воронеж, 2003. –165 с.
19. Касимов, О.Х. Картина животного мира в «Шахнаме» Абулькасима Фирдоуси / О.Х. Касимов. –Душанбе: Дониш, 2001. –135 с.
20. Розӣ Т. Вожаномаи компютерӣ. – Душанбе, 1995. – 225с.
21. Юнусӣ, М.К., Одинаева, С.А., Азимов, С. Элементҳои барномасозӣ барои ҳама / М.К. Юнусӣ, С.А. Одинаева, С. Азимов. – Кӯлоб, 2015. – 84 с.

ТАҲЛИЛИ СОХТОРӢ-МАЪНОИИ ТАРКИБИ ИСТИЛОҲОТИ БАРНОМАСОЗИИ КОМПЮТЕРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Мақолаи мазкур ба таҳлили истилоҳоти барномасозии компютерӣ бахшида шуда, ду гурӯҳи махсусро дар бар мегирад, ки монолексемавӣ ва полилексемавӣ мебошанд. Монолексема истилоҳотеро дар бар мегирад, ки аз як реша иборат буда, аз ҷиҳати сохтор сода ҳастанд. Истилоҳоти полилексемавӣ ду ва зиёда решаро дар бар гирифта, таркибан мураккабанд. Инчунин, дар мақола раванди тағйирёбии маъноии истилоҳот ба назар мерасад, ки бо роҳи метономӣ ва метафорӣ сурат гирифта, маънои аввалиндараҷаи худро гум кардааст.

Дар ҷараёни таҳлили сохторӣ якчанд моделҳо ва формулаҳо тасниф ёфтаанд, ки решаи бештари онҳо исм ва сифатанд. Дар асоси натиҷаҳои таҳлил ва тафсири маводи ҷамъовардашуда ба забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ маълум гардид, ки усули ду суффикси R + s1 + s2 дар забонҳои таҳқиқшуда бесамар буда, бо шумораи маҳдуди моделҳо дар вобастагӣ ба шартҳои нармафзори технологияи компютерӣ сохта мешаванд. Дар забони англисии муосир шумораи суффиксҳо хеле зиёданд, бинобар ин, ҳамаи онҳоро номбар кардан номумкин аст ва ба ин зарурат ҳам нест. Ин суффиксҳо барои сохтани исм, сифат, феъл ва зарф хизмат мекунанд. Дар мақола низоми истилоҳоти технологияҳои компютерӣ ибораҳои истилоҳӣ аз рӯйи моделҳои АН ва NN сохташуда бартарӣ доранд, зеро дар марҳилаи имрӯзаи инкишофи истилоҳот шумораи онҳо қисми муайяни намунаи таҳқиқкардаи мақоларо ташкил медиҳанд.

Калидвожаҳо: *истилоҳ, ядро, переферия, меъёргузорӣ, унификатсия, тарҷума, хусусияти услубӣ ва грамматикӣ, аффиксатсия, конверсия, ихтисоршавӣ, мураккабшавӣ, якҷузъа, дуҷузъа, бисёрҷузъа.*

СТРУКТУРНО-СЕМАНТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ СОСТАВНЫХ ЧАСТЕЙ ТЕРМИНОВ ПРОГРАМНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Статья посвящена составу терминов програмного обеспечения и включает две специальные группы: монолексемы и полилексемы. К монолексемам относятся слова, состоящие из одного корня и простые по структуре. Полилексические термины содержат два и более корня и имеют сложный

состав. Также в статье рассматревается процесс изменения значения терминов, происходящий посредством метонимии и метафоры, в результате чего они теряют своё первичное значение.

В статье в процессе структурного анализа классифицируются несколько моделей и формул, большинство из которых имеют номинальный и качественный корень. По результатам анализа и интерпретации собранных материалов на таджикском и английском языках установлено, что двухсуффиксный метод R+s1+s2 малоэффективен в изучаемых языках, и создается ограниченное количество моделей в зависимости от условия программного обеспечения вычислительной техники. Следует сказать, что количество суффиксов в современном английском языке очень велико, поэтому перечислить их всех невозможно, да и нет в этом необходимости. Эти суффиксы служат для образования существительных, прилагательных, глаголов и наречий. В статье в терминологической системе компьютерных технологий преобладают терминологические выражения, созданные по моделям AN и NN, поскольку на современном этапе развития терминов их количество составляет определенную часть изучаемой в статье выборки.

Ключевые слова: *термин, ядро, периферия, стандартизация, унификация, перевод, стилистические и грамматические признаки, аффиксация, конверсия, сокращение, усложнение, односоставное, двусоставное, многосоставное.*

STRUCTURAL-SEMANTIC ANALYSIS OF COMPONENT PARTS OF SOFTWARE TERMS IN THE ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

This article is devoted to the composition of software terms and includes two special groups: monolexemes and polylexemes. Monolexemes include words consisting of one root and simple in structure. Polylexical terms contain two or more roots and have a complex composition. The article also discusses the process of changing the meaning of terms, which occurs through metonymy and metaphor, they lose their primary meaning.

In the article, in the process of structural analysis, several models and formulas are classified, most of which have a nominal and qualitative root. Based on the results of the analysis and interpretation of the collected materials in Tajik and English, it became clear that the two-suffix method R + s1 + s2 is ineffective in the studied languages, and a limited number of models are created depending on the conditions of computer software. It should be said that the number of suffixes in modern English is very large, so it is impossible to list them all, and there is no need for this. These suffixes serve to form nouns, adjectives, verbs and adverbs. In the article, the terminological system of computer technologies is dominated by terminological expressions created according to the AN and NN models, since at the present stage of the development of terms, their number is a certain part of the sample studied in the article.

Keywords: *term, core, periphery, standardization, unification, translation, stylistic and grammatical features, affixation, conversion, abbreviation, composition, one-part, two-part, multi-part.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич - Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, декани факултети забони англисӣ. Суроғa: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мухаммадиева 17/6. E-mail: zubaidullo@gmail.com Тел: (99237) 2325000; (+992) 985140587.*

Сведения об авторе: *Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич – Таджикский государственный институт языков им. Сотима Улугзода, кандидат филологических наук, декан факультета английского языка. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева. 17/6. Электронная почта: zubaidullo@gmail.com Тел: (99237) 2325000; (+992) 985140587.*

Information about the author: *Musoyamov Zubaidullo Muminshoevich – Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, candidate of philological sciencies, dean of English Language Faculty. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 17/6 Muhammadiev str. E-mail: zubaidullo@gmail.com Phone: (99237) 2325000; (+992) 985140587.*

ТДУ 809.155.0

МУНОСИБАТИ СИНОНИМИИ ИСМҲОИ МОДДӢ ДАР РОМАНИ «РИЗО»-И ҲАБИБУЛЛО НАЗАРОВ

Усмонова М.Х.

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Қабатҳои маъмули луғати ҳар як забонро калимаҳои синонимӣ ташкил медиҳанд, ки тобишҳои маъноиву услубӣ ва сарчашмаҳои пайдоишу афзоиши худ аз дигар категорияҳои луғавӣ ҷудо шуда меистанд. Маҳз ҳамин паҳлуи масъала сабаб гардидааст, ки аҳли қалам дар асари бадеӣ ин қабати луғавии вожаҳоро фаровон мавриди истифода қарор медиҳанд.

Чунонки аз сарчашмаҳои илмӣ бармеояд, синоним аз калимаи юнонии sinonimos гирифта шуда, маъноиш ҳамном мебошад [10, с. 91].

Доир ба синонимҳо чун категорияи махсуси забон дар луғатҳои таърихии забони тоҷикӣ сухан рафтааст. Чунончи, Муҳаммад Ғиёсиддин Ромпурӣ дар «Ғиёс-ул-луғот» зикр кардааст, ки: «Муродиф дар поёни касе шинанда ва лафзе, ки ба лафзи дигар дар маънӣ шарик бошад» [12, с. 257].

Зимни дастрас намудани мавод барои мо мушкилие пеш наомад, чунки Ҳабибулло Назаров аз муассирӣ ва образнокии синонимҳо бо як маҳорати хоси нависандагӣ истифода карда, барои роҳ надодан ба такрори андеша ва табииву воқеӣ ба тасвир гирифтани ҳодисаҳои тасвиршаванда дар асарҳои худ аз воҳидҳои луғавии ҳаммаъно дуруст ва бамаврид кор гирифтааст. Бояд гуфт, ки ҳар яке аз калимаҳои синонимӣ дар таълифоти ин адиби номвар хусусияти махсуси услубӣ зоҳир намуда, барои босароҳат баён намудани иддао хизмат кардаанд. Воқеан, синонимҳо дар бобати таъмини обуранги бадеӣ, ба вуҷуд овардани тобишҳои гуногуни эмотсионаливу экспрессивӣ ва дилкаш ба тасвир гирифтани ҳодисаву воқеаҳои олами воқеӣ дар асарҳои бадеӣ аз воситаҳои муҳимтарини забон ба ҳисоб мераванд.

Синонимҳо ҳамчун воситаи образнок дар таркиби луғавии забон барои равшану возеҳ баён кардани андешаи адиб дар асарҳои бадеӣ кӯмак менамоянд. Ба таври дигар, имконияти аз ҳама беҳтар ва ҳамаҷониба ифода кардани фикр дар калимаҳои синонимӣ нисбат ба дигар қабатҳои луғавӣ бештар аст. Аз ин лиҳоз, дуруст истифода бурдан ва бамавқеъ истифода кардани калимаҳои зарурӣ аз малакаву маҳорати нависанда ва ё худ гӯянда вобастагии зиёде дорад. Маҳз интихоби дурусту бамавриди яке аз калимаҳои ҳаммаъно аз силсилаҳои синонимӣ ба эҷодкор имконият медиҳад, ки хусусиятҳои хос ва фарқкунандаи ин ё он ашё ва рӯйдодҳои олами воқеиро ба риштаи тасвир кашад.

Теъдоди бисёр доштани синонимҳо дар тасвироти адиб аз имконоти васеи таркиби луғавии забони тоҷикӣ шаҳодат медиҳад. Синонимҳо барои бемаврид такрор накардани вожаҳои алоҳида дар таълифоти асар аз омилҳои хубанд. Бояд қайд намуд, ки захираи бойи луғавии адиб ба сифати забони асарҳои ӯ ва хусусан романи “Ризо” таъсири мусбат расондааст. Забоншинос М. Муҳаммадиев дар ин бора чунин мегӯяд: «Агар кас таркиби луғавии забони худро хуб донад, аз он ба хубӣ истифода бурда тавонад, забони ӯ равон, сода ва ифоданок мешавад» [11, с. 20-21].

Ба ақидаи Қ.Тоҳирова, дар забони адабии муосири тоҷик се роҳи ба вуҷуд омадани вожаҳои синонимӣ ба назар мерасанд: а) калимасозӣ; б) қабули вожаҳо аз шеваҳои маҳаллии забони тоҷикӣ; в) иқтибоси калимаҳо аз забонҳои дигар [13, с. 17-18]. Аз нигоришоти Ҳабибулло Назаров чунин ба мушоҳида мерасад, ки ӯ аз ин се навъи унсурҳои синонимӣ дар асарҳои худ васеъ истифода кардааст. Маълум гардид, ки дар силсилаҳои синонимии исмҳои моддӣ, ки аз романи “Ризо” ба даст овардем, бештар калимаҳои сода синоним шудаанд ва калимаи мураккаби **сарманзил** бо вожаҳои «**гӯр», «лаҳад» ва «қабр»** хусусияти синонимӣ дорад.

Дар забоншиносии рус низ оид ба таърифу тавзеҳи синонимҳо ақидаҳо мухталиф мебошанд, ки дар ин бора дар «Луғати синонимҳо»-и забони русӣ ишора шудааст: «Дар тафсилоти забоншиносон доир ба синонимҳо ихтилоф дида мешавад: як гурӯҳ он

калимаҳоеро синоним медонанд, ки аз рӯйи маъно ба ҳамдигар наздиканд. Мафҳуми «наздикии маъно» вусъат ёфта, ба гурӯҳи синонимҳо на танҳо калимаҳои дорои як маъно, балки калимаҳоеро дохил месозанд, ки дар маъно бо якдигар наздикӣ доранду тобишҳои маънои гуногунро ифода мекунанд» [14, с. 31].

Дар мавриди омӯзиши синонимҳои забони тоҷикӣ ду луғати мавҷудаи синонимҳо, ки ба қалами М. Муҳаммадиев тааллуқ доранд, хеле кам мебошад. Аз ин лиҳоз, бино бар фаровонии маводи осори Ҳабибулло Назаров қабати синонимии луғати он ба мо шароит фароҳам овард, ки вожаҳои синонимиро дар шакли силсилаи синонимӣ оварда, ба тадқиқ гирем ва ба ҳамин восита хусусиятҳои лексикию услубии онҳоро мавриди баррасӣ қарор диҳем. Дар бобати силсилаҳои синонимие, ки аз осори адиб пайдо намудем, ҳаминро мебояд қайд кард, ки дар истеъмоли баъзе маъниҳо Ҳабибулло Назаров тавонманд аст ва тавонистааст, ки дар ифодаи як маънӣ вожаҳои зиёдеро корбаст намояд. Аз қабили ***рӯӣ, қиёфа, ситора, чеҳра, шаклу шамоил, афту андом, симо***, ***рухсора*** ва ғайра. Вале дар мавриди дигар, ӯ танҳо аз ду калимаи синонимӣ истифода мекунад, ки ин ҳодиса ба мавридҳои услубии вожаҳо вобаста аст. Ба монанди ***ятим*** ва ***саґира***. Забоншиноси рус Б.Н. Маслов ҳамин масъаларо дар асоси маводи забони русӣ ба тадқиқ гирифта, доир ба ҷузъҳои таркиби силсилаҳои синонимӣ чунин менигорад: «Онҳо ҳамеша дар таркиби силсила аз ду калимаи синонимӣ ва зиёда аз он меоянд, ки шумораашон то даҳ калима мерасад [15, с. 98-99].

Ҳабибулло Назаров яке аз симоҳои барҷастаи адабиёти навини тоҷик дар асри ХХ ба шумор меравад. Ӯ дар баробари фаъолияти сиёсиву ҳизбии хеш ба кори эҷодӣ даст зада, тавонистааст, ки насли ояндаро аз ганҷинаи мероси адабӣ бархӯрдор намояд. Мероси ғаноманди адиб, ки то имрӯз мавриди таваҷҷуҳи аҳли назар қарор дорад, инҳо мебошанд: романи «Мирзо Ризо», повести «Дар ҷустуҷӯйи Карим-Девона», «Шарораи дил», очерки «Йӯлдош-командир», қиссаи «Дар баландии 144» , ҳикояи «Ало ва Тарғел» ва дигарҳо.

Романи “Ризо” яке аз асарҳои ҳаҷман калони Ҳабибулло Назаров маҳсуб меёбад, ки аз ҷиҳати забон, услуби нигориш ва обуранги бадеӣ дар пояи баланди эҷодӣ қарор дорад. Дар рафти омӯзиши масъала дар бобати пайдо намудани мавод мушкилие пеш наомад, зеро адиб воситаҳои муассир ва образнок- синонимҳоро ба таври хосса истифода карда, ба такрори андеша роҳ надодааст ва кӯшиш намудааст, ки калимаҳои марбут ба исмҳои мушаххасро, ки бо ҳам ҳаммаъно ё аз лиҳози маънӣ наздиканд, дуруст ва бамаврид интихоб намояд. Калимаҳои синонимӣ, ки дар зоҳир намудани хусусияти услубӣ ҳамто надоранд ва барои босароҳат баён намудани иддаои муаллиф хизмат менамоянд, дар осори адиб зиёд ба назар мерасанд.

Ҳар як асари адиб аз лиҳози забон ва тарзи нигориш яке аз дигаре ба андозае диққатҷалбкунандатар мебошад, ки хонанда мутолиаи онҳоро оғоз намуда, ба олами ҷустуҷӯ ва дарёфти муддао ворид шуда, ҳам аз ҳодисаҳои шавқовари шахсони воқеӣ ва қисмати онҳо воқиф мегардаду ҳам дар баробари он воситаҳои гуногуни таъминкунандаи обуранги бадеии осори адибро мушоҳида менамояд. Дар тасвири адиб ҳам калимаҳои аслии тоҷикӣ ва ҳам калимаҳои иқтибосӣ ба риштаи тасвир кашида шудааанд, ки барои расидан ба мақсади ниҳоӣ ба адиб калимаҳои синонимӣ хизмат намудаанд.

Синонимҳо дар бобати таъмини обуранги бадеӣ, ба вуҷуд овардани тобишҳои гуногуни услубӣ ва дилкаш ба тасвир гирифтани ҳодисаву воқеаҳои олами воқеӣ дар асарҳои бадеӣ аз воситаҳои муҳимтарини забон ба ҳисоб мераванд. Мавҷудияти шумораи зиёди синонимҳо дар захираи луғавии забони тоҷикӣ аз нишонаҳои ғановатманд ва мукаммал будани худи синонимҳо ва имконоти васеи таркиби луғавии забони тоҷикӣ дар ин бобат шаҳодат медиҳад. Истеъмоли синонимҳо барои бемаврид такрор накардани вожаҳои алдоҳида омили хубест. Бояд қайд намуд, ки захираи бойи луғавӣ ба сифати забони инсон таъсири мусбат хоҳад расонд. Муҳаммадиев М. дар ин бора чунин мегӯяд: «Агар кас таркиби луғавии забони худро хуб донад, аз он ба хубӣ истифода бурда тавонад, забони ӯ равон, сода ва ифоданок мешавад» [11, с. 17-18].

Муқоисаву муқобилаи маводи андӯхта собит месозад, ки нисбат ба антоним ва омонимҳо шумораи синонимҳо дар осори адиб сершуморанд. Сабаб дар он аст, ки имконияти калимаҳои синонимӣ дар бобати ба тасвир кашидани ҳодисаву воқеаҳои тасвиршаванда нисбат ба омониму антонимҳо хело зиёданд.

Аз таснифи мавод бармеояд, ки Ҳабибулло Назаров дар баробари синонимҳои идеографӣ ва услубӣ синонимҳои иктибосиро зиёдтар истифода намудааст.

Агар ба моҳияти калимаҳои синонимии асар вобаста ба категорияҳои нутқ, дар маҷмуъ, назар афканем, метавон зикр кард, ки онҳо аз рӯйи муносибат ба ҳиссаи нутқ аз якдигар фарқ доранд. Масалан, агар силсилаи синонимии калимаҳои **айб, нуқсон, норасоӣ, камбудӣ, саҳву хато ва ғалат**, ки дар асар мавриди истифода қарор гирифтаанд, ба исм тааллуқ дошта бошанд, пас гурӯҳи калимаҳои синонимии дигар, аз қабили **бахил, зихна, чашмгурусна, ҳарис, тангчашму нотавонбин** ба сифат мансубанд ва хислатҳои номатлуби инсонро мефаҳмонанд. Ё худ муодилҳои **бисёр, бениҳоят, зиёд, сершумор ва хеле** аз корбасти бамавриди синонимҳои зарфӣ дарак медиҳанд.

Агар аз рӯйи сохтор синонимҳои исмро ба тадқиқ гирем, маълум мешавад, ки онҳо дорои сохти гуногуни грамматикӣ мебошанд. Яъне, мо дар асар шумораи фаровони синонимҳоеро вомехӯрем, ки шакли сода, сохта ва мураккабу таркибиро доранд. Аммо дар романи “Ризо” исмҳои моддӣ, ки силсилаи синонимиро ташкил додаанд, аз лиҳози сохт бештар содаанд, танҳо калимаи **сарманзил** аз рӯйи сохти грамматикӣ мураккаб мебошад**.**

Мавқеи синонимҳои исмӣ дар осори Ҳабибулло Назаров хеле назаррас мебошад ва дар навбати худ, ба гурӯҳҳои исмҳои моддӣ, исмҳои маънӣ ва исмҳои шахс тақсим мешаванд. Аммо дар мақолаи мазкур диққати моро бештар исмҳои моддӣ ҷалб намуданд.

Бояд гуфт, ки аз силсилаи калимаҳои синонимӣ исмҳои моддӣ дар асар як гурӯҳи муайянро ташкил медиҳанд. Бинобар ин, алҳол сухани мо вобаста ба ҳамин навъи синонимҳо идома хоҳад ёфт.

Чунонки маълум аст, исмҳои моддӣ яке аз гурӯҳҳои калони лексикӣ-грамматикии исм буда, ашёи мушаххасро ифода ва номбар мекунанд. Маҳз зимни омӯзиши ана ҳамин навъи калимаҳо ва ҳам дар такя ба маводи бадастомада то ҷое муяссар шуд, муайян намоем, ки силсилаҳои синонимии исмҳои мушаххас дар асар аз ҷиҳати муносибати забонӣ гуногунанд, вале миёни онҳо калимаҳои синонимие, ки ба маводи забони тоҷикӣ мансубанд, мавқеи алоҳида доранд. Таваҷҷуҳ менамоем ба калимаҳои зерин: **гӯр, лаҳад, қабр, сарманзил; ҷӯра, дӯст, рафиқ; рӯй, қиёфа, чеҳра, симо; навда, шоха; нур, шуъла; курта, пероҳан.**

Калимаҳои ҳаммаънои **рафиқ, дӯст, ҷӯра ва ошно** бо ҳам хусусияти синонимӣ доранд, ки онҳоро адиб дар романи худ “Ризо” чунин ба кор бурдааст:

«Ҳаракату ҷасорати **рафиқонаш** ва якдилона ба кори пахта часпидани колхозчиён Мирзоро хурсанд мекард» [9, с. 387).

«Мӯйсафед, ҳатто бо **дӯстони н**аздикаш Зокирдарозу Юнуссақов ҳам тоқати рӯ ба рӯ шудан надошт, аз ҳама паноҳ меҷуст» [9, с. 388].

Се вожаи ҳаммаъно дар забони асар ба кор рафтаанд, ки аз нигоҳи услуб, вожаи «**дӯст**» ва «**рафиқ**» адабии китобӣ мебошанд ва дар нутқи адабии китобию адабии гуфтугӯйӣ ба кор мераванд. Дар муоширати ҳаррӯзаи гуфтугӯйи вожаи ҳамноми онҳо «**ҷӯра**» хеле фаровон ба кор меравад.

Бояд зикр намуд, ки вожаи «**рафиқ**» ҷуз ифодаи маънои **дӯст** ва **ошно** бо маънои муроҷиат ба шахсони дорандаи рутбаи ҳарбӣ ва умуман ҳарбиён ва ё муошират миёни ҳамкасбон ба кор меравад, ки дар истеъмоли ин вожа риояи ҳурмат ва ба инобат гирифтани мавқеи касбии нафаре дар ҷомеа мебошад. Ба мисли:

«Имрӯз **рафиқ** Ортиқов ва прокурор Султонбеков панҷ сентнер пундонаи тухмиро аз ҷоп гӯрондағиашон ёфта гирифтанд» [9, с. 439].

«Аммо **рафиқ** Шарафов худсарона бо муовини ман гап як карда ӯро ба ин кор таъйин карданд» [9, с. 390].

— «**Рафиқ** Шарафов, номардӣ мешавад,— бо тамасхур гуфт котиб» [9, с. 421].

— «Гапҳои чаккиро монед! Ман кӯдак не, **рафиқ** Алибоев» [9, с. 421].

Аммо калимаи синонимии «**чӯра**» дар услуби гуфтугӯйӣ серистеъмол буда, ба маънои шахси наздику, ҳамнишаст ба кор бурда мешавад.

Калимаи дигари ҳаммаънои ин вожаҳо **ошно** мебошад, ки дар асар мушоҳида карда натавонистем, вале адиб дар мавриди чӯрадорӣ сухан карда исми маънии **ошноиро** ба кор мебарад, ки аз вожаи «**ошно**» ба миён омадааст.

Аз ин бармеояд, ки зимни баргардондани вожаи «**чӯра**» ба услуби китобии адабӣ онро бо калимаи «**дӯст**» ва «**рафиқ**» иваз кардан мумкин аст, аммо на ҳамеша калимаи «**рафиқ**»-ро бо вожаи «**чӯра**» иваз кардан мумкин аст.

Калимаҳои ҳаммаънои дигар дар осори адиб ин **чашм ва дида** мебошанд.

«Онҳо аз доғи дили модари бадбахт пай намебурданд, намедонистанд, ки чӣ рӯзе ба сари кампир афтодааст, фарзанди азизаш чанд рӯз аст, ки ба назди вай барнамегардад, аз раҳпоӣ **дидагон**аш хира гаштааст» [9, с. 387].

«**Чашмон**и мӯйсафед Давлатгизаларо оташи хашм фаро гирифта буд, ашку нолаи кампири Раҳима ӯро бештар ғамгин мекард, вай сухане намеёфт, ки кампирро тасаллӣ диҳад» [9, с. 387].

Вожаҳои «**чашм**» ва «**дида**» низ ба гурӯҳи исмҳои мушаххас мансуб буда, **чашм** дар ҳар маврид метавонад ба кор равад, аммо калимаи «**дида**» бо вуҷуди ҳаммаъной бо калимаи «**чашм**» дар истеъмоли нутқи гуфтугӯйӣ зиёд ба кор намеравад.

Дар романи “Ризо”, ки то андозае интиҳои ғамангез дорад ва қаҳрамони асосии асар аз дасти ҷосусону бадхоҳон кушта мешавад, калимаи **қабр, гӯр, лаҳад** ва **сарманзил** ба кор рафтаанд, ки ин исмҳои макон ҷойро ифода мекунанд, ки дар баробари фавтидан ҳар як инсонро интизор аст.

«Вақто ки тобути Мирзоро дар лаби гӯр гузошта, ҷасади ӯро ба оғӯши замин супурданӣ мешуданд, ҳама одамон хотири афсурда, дидаи ашкбор доштанд» [9, с. 450].

«Дар рӯзҳои гармии моҳи июн кампир шолчаеро дар рӯйи **қабр**и писар соябон мекунад ва дарахти дӯлонаеро шинонида обдорию парвариш менамояд» [9, с. 452].

«Тобутро гулпӯш карда, дӯстонаш рӯйи китф гузошта, ба сӯи **сарманзил**и абадии Мирзо мешитофтанд» [9, с. 450].

«Сари ман барин аҳмақи маслиҳатчӣ дар **лаҳад**и танг мерафт, беҳтар буд»,—бобои Давлат худро гунаҳгори калон медонист» [9, с. 388].

Ин вожаҳо як силсилаи синонимии романи “Ризо”-ро ташкил менамоянд, ки ҳар кадоме дар услубҳои гуногуни нутқ ба кор мераванд ва дар истеъмоли онҳо маҳдудияте ба назар намерасад. Вожаҳои «**қабр**» ва «**гӯр**» аз лиҳози истеъмол фаъолтаранд.

Лаҳад, ки дар ин ҷумла ба маънои ҳамон **қабру гӯр** ба кор рафтааст, аслан як ҷузъи **қабр ва ё гӯр** мебошад, ки аз лиҳози ҷойгиршавӣ дорои сифати васеъ ё танг шуда метавонад. Дар ин ҷумла хусусияти гуфтугӯйӣ касб кардани вожа ба назар мерасад.

Бино бар фаровонии маводи осори Ҳабибулло Назаров қабати синонимии луғати он ба мо имкон дод, ки вожаҳои синонимиро дар шакли силсилаи синонимӣ оварда, ба таҳқиқ гирем ва ба ҳамин восита хусусиятҳои лексикию услубии онҳоро мавриди баррасӣ қарор диҳем. Дар бобати силсилаҳои синонимие, ки аз осори адиб пайдо намудем, ҳаминро мебояд қайд кард, ки дар истеъмоли баъзе маъниҳо Ҳабибулло Назаров тавонманд аст ва тавонистааст, ки дар ифодаи як маънӣ вожаҳои зиёдеро корбаст намояд. Аз қабили ***рӯӣ, қиёфа, ситора, чеҳра, шаклу шамоил, афту андом, симо***, ***рухсора*** ва ғайра. Вале дар мавриди дигар, ӯ танҳо аз ду калимаи синонимӣ истифода мекунад, ки ин ҳодиса ба мавридҳои услубии вожаҳо вобаста аст. Ба монанди ***ятим*** ва ***сагира***. Аммо дар романи “Ризо” аз силсилаи синонимии ифодакунандаи вожаи «**рӯ**», ки дар боло овардем, танҳо синонимҳои ҷуфти **афту андом** ва **шаклу шамоил** ба кор нарафтаанд.

Дар ҷараёни таҳқиқ мушоҳида намудем, ки дар мавриди синонимшавии исмҳо синонимияи вожаи ***«рӯй»*** дар осори адиб нисбатан зиёд мебошад ва «ҳар қадаре ки фарқияти тобишҳои маъноии синонимҳо зиёд шуда, хусусияти иловагӣ пайдо намоянд, ҳамон қадар имконияти ҷойивазкунии онҳо маҳдудтар мешавад» [6, с. 40].

«... остинҳои куртаатро барзада, аз рӯйи меҳр бо завқи дилу лабони пурханда ба **рӯ**ям об пошидӣ, аз дараи Чанористон гузашта, бо роҳчаи борики бари кӯҳ зуд-зуд қадам мезанӣ, ман ҳам аз паси ту метозам» [9, с. 411].

Ин вожа, яъне «**рӯ**» дар миёни калимаҳои ҳаммаъно сарсилсила маҳсуб меёбад.

«Гулбаргҳои тару тоза, ки дар рӯйи тобути Мирзо гузошта буданд, ба **рухсора**и хазонгаштааш сояафкан шуда» [9, с.450].

Бо вучуди ҳаммаъно будани калимаҳои синонимии «***рӯй***» ва «***рухсора***» онҳо бо тобиши нозуки маъноӣ онҳоро фарқ карда меистад. Албатта, калимаи «***рухсора***» танҳо як бари ***рӯй***ро ифода мекунад, ки пасванди –**ҳо** аз ҷониби адиб барои ҳар ду бари ***рӯй***ро ифода кардани калима корбаст шудааст. Дар мавриди истифодаи вожаи «***рӯй***» бошад, умуман, қисми пеши сар дар назар дошта мешавад.

«Мефаҳмам, ситораи Мирзо ба ситораи шумо дуруст наомадааст» [9, с. 405].

— «Гапи болохонадоратонро монед, раис, ин кори органи тафтишот,— **рӯй** турш карда гуфт прокурор» [9, с. 416].

— «Хоинон сохти хоҷагии коллективии навро фақат дар **симо**и Мирзо медиданд» [9, с. 412].

Калимаи «***қиёфа***» дар ин ҷумла умуман тарҳи ***рӯй***ро мефаҳмонад ва калимаи мазкур аз нигоҳи услуб аз калимаи «***рӯ***», ки сарсилсилаи калимаҳои муродифмаънои дар боло зикршуда ба ҳисоб меравад, фарқ дорад.

Вожаи серистеъмоли «***рӯй***» дар услубҳои гуногун корбаст мешавад, аммо калимаи «***қиёфа***» бошад, дар муқобили вожаи «***рӯй***» танҳо дар услуби бадеӣ истифода мешавад.

«Абрӯ каме ба ҳам кашида, **қиёфааш** тағйир ёфт, табассум аз лабонаш нопадид шуд» [9, с. 425].

Аслан, вожаи «**чеҳра**», ки дар ин силсилаи синонимӣ ҳаммаънои вожаи «**рӯй**» аст, бо ҷузъҳои **афрӯхта, гарм, гулгун, гулнор, кушода, хандон** ибораро ташкил медиҳад ва дар калимаҳои мураккаби **чеҳраафрӯз, чеҳрагарм, чеҳрагулгун, чеҳрагулнор, чеҳракушода, чеҳраоро, чеҳрапардоз ва чеҳрахандон** оҳанги мусбат дорад. Дар ҷумлаи поён калимаи «**чеҳра**» дар тасвири ҳолати ҳузновар ба кор рафтааст:

«Гурӯҳи одамон бо **чеҳра**ҳои пурғам ба он тараф мешитофтанд» (9, с. 448).

Калимаҳои синонимии дигар, ки дар роман ба кор рафтаанд, аз нигоҳи баромади онҳо фарқ дида мешавад. Зеро ин вожаҳо калимаи «**нур**»-и тоҷикӣ ва «**шуъла**«-и арабӣ мебошанд, ки ҳар ду вожа бо вучуди як маъноро ифода кардан бо тобиши нозуки маъноӣ метавонанд аз ҳам фарқ намоянд, вале дар романи “Ризо” ҳар ду калима барои тасвири офтоб ба кор рафтаанд. Пас адиб барои гурез аз такрори як калима ин роҳи истифодаи вожаҳоро афзалтар донистааст.

«Шамоли мулоим мевазид, баргони дарахтон дар хаёли кас ғамгинона меларзиданд, **нури** офтоб дар назар хира менамуд» [9, с. 448].

«Саёҳати лаби дарёи пурмавҷи Сир, ки дар вақти ғуруб **шуъла**и офтоб чун шамъ дар дили об месӯхт ва мо дервақт ба ӯ нигоҳ мекардем, вазиши шамоли мулоиму форам, ки торҳои зулфатро парешон намуда, дар ларза меовард, дар назарам намуда истодааст» [9, с. 411].

Калимаҳои ҳаммаънои «**шох**» ва «**навда**» бошанд, ҳар ду ба забони тоҷикӣ мансубанд ва дар баъзе мавридҳо чун синоними ҷуфт ба кор мераванд:

«**Шоху навда**ҳои сербарги дарахтон аз шамоли сахт печутоб меҳӯрданд» [9, с. 390].

Дар алоҳидагӣ ба кор рафтани ин вожаҳо дар романи “Ризо” ба назар расид, ки ҳам вожаи «**навда**» ва ҳам «**шох**»-ро мушоҳида намудем:

«Дар вақти аз кӯчабоғи танг, аз таги дарахтони шукуфон гузаштан, ногоҳ навдаи себе, ки дар ин айём гулдастаҳо ба шохсорон зада буд, ба сари кампир мерасид» [9, с. 452].

Д«арахтон ғунчаҳо ба сар карда, кӯҳу саҳро сабзазору гулзор шудааст, булбулон дар **шох**ҳои дарахтон тараннум мекунанд, чаро ба тамошои баҳор барнамехезӣ?» [9, с. 452].

Чӣ тавре ки қайд намудем, вожаҳои «**навда» ва «шох»** аз ҳам бо тобиши нозуки маъноӣ фарқ менамоянд, зеро **навда** нисбат ба **шох** ҷавонтар буда метавонад ва дар луғатҳо низ ифодаи маънои онро “шохчаи навраси дарахт” гӯянд.

Лексикаи асари Ҳабибулло Назаров «Ризо» аз силсилаҳои синонимӣ бой аст, вале он

силсилаҳои синонимие, ки танҳо аз унсурҳои тоҷикӣ иборат бошанд, нисбатан кам ба назар мерасанд. Ин падида дар мисоли исмҳои моддӣ низ эхсос мегардад.

Ҳамин тариқ, калимаҳои синонимии тоҷикӣ ва иқтибосӣ, ки дар ифодаи исмҳои моддӣ меоянд, дар асари нависандаи маҳбуби тоҷик Ҳабибулло Назаров «Ризо» як миқдори муайянро ташкил дода, ба мақсади тасвири ҳолати персонажҳо, нишон додани лавҳаҳои ҳаёти онҳо ва кушодани ҳодисаҳои дигар истифода шудаанд.

Рӯйхати адабиёт:

1. Абдуқодиров, А. Забон ва услуби назми Мирзо Турсунзода / А. Абдуқодиров. – Душанбе, 1988. - 125 с.
2. Алламуродова, М. Омонимҳо / М. Алламуродова // Масъалаҳои забони тоҷикӣ. -Душанбе, 1991. - С. 45-54
3. Аминов, С. Баёни фасеҳу равон / С.Аминов // Омӯзгор, 1997.- 23 окт.
4. Аҳмадова, М. Н. Масъалаи корбурди омонимҳо дар «Маснавии Маънавӣ»-и Румӣ / М.Н. Аҳмадова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2009. –№4. – С.77-89
5. Аҳмадова, М.Н. Хусусиятҳои луғавию семантикии омонимҳои забони форсӣ»: Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ / М.Н. Аҳмадова. - Душанбе, 2010. -157 с.
6. Бланк, Л. Д. Вопросы языкознания / Л.Д.Бланк . – М.,1962. – С. 40-51
7. Ғаффоров, Р. Вазифаҳои услубии калимаҳои омонимӣ ва сермаъно / Р. Ғаффоров // Мактаби советӣ. –1990.- №8. – С.18-28
8. Каримова, М. Роҳҳои пайдоиши омонимҳои забони тоҷикӣ ва таснифоти семантикии онҳо: Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ / М. Каримова. – Душанбе, 2013. –-158 с.
9. Назаров, Ҳ. Осори мунтахаб, ҷилди 2 / Ҳ. Назаров. –Душанбе, 1981. – 456 с.
10. Реформатскиӣ, А. А. Введение в языкознание / А.А. Реформатскиӣ. – М., 1967. –397 с.
11. Муҳаммадиев, М. Синонимҳои забони адабии ҳозираи тоҷик / М.Муҳаммадиев. – Душанбе, 1967. – С.17-18
12. Муҳаммад, Ғиёсуддин Ромпурӣ «Ғиёс-ул-луғот», Ҷ.1 / Ромпурӣ Ғиёсуддин Муҳаммад. – 1988. – С. 257
13. Тоҳирова, К. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / К.Тоҳирова. – Душанбе, 1967. – 79 с.
14. Словарь синонимов. Справочное пособие. –Л. Наука.-1975. – 618 с.
15. Маслов, Ю.С.. Введение в языкознание. Изд. 3-е испр. Учеб. пособие для филолог. специальностей ун-тов и пед. ин-тов / Ю.С. Маслов. – М.: Высш. школа, 1977. – 311 с.

МУНОСИБАТҲОИ СИНОНИМИИ ИСМҲОИ МОДДӢ ДАР РОМАНИ “РИЗО”-И ҲАБИБУЛЛО НАЗАРОВ

Дар мақола сухан дар бораи хусусиятҳои услубӣ ва роҳҳои ифодаёбии он дар романи «Ризо»-и Ҳабибулло Назаров меравад. Асосан масъалаи истифодаи вожаҳо ва муносибатҳои синонимии онҳо, ки дар осори адиб мавқеи муҳимро ишғол менамоянд, дар мақола матраҳ гардидааст.

Қайд гардидааст, ки мавқеи синонимҳои исмӣ дар осори Ҳабибулло Назаров хеле назаррас мебошад ва дар навбати худ, ба гурӯҳҳои исмҳои моддӣ, исмҳои маънӣ ва исмҳои шахс тақсим мешаванд. Дар мақолаи мазкур бештар исмҳои моддӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Муаллифи дар заминаи омӯзиш хусусиятҳои фардии забони осори адибро таҳлил намуда, маҳорату малакаи баёни фикрро дар мисоли вожаҳои исмии романи “Ризо”-и нависанда ва муносибати синонимии онҳо нишон додааст.

Калидвожаҳо: *забоншиносӣ, забони тоҷикӣ, Ҳабибулло Назаров, исмҳои моддӣ, исмҳои маънӣ, исмҳои шахс, синоним, захираи луғавӣ.*

СИНОНИМИЧЕСКИЕ ОТНОШЕНИЯ ВЕЩЕСТВЕННЫХ СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ В РОМАНЕ ХАБИБУЛЛО НАЗАРОВА «РИЗО»

В статье речь идет о языке романа Х. Назарова «Ризо» в контексте художественного стиля и выражения. В особенности, затрагивается проблема словоупотребления на уровне синонимических связей, которая занимает особое место в творчестве писателя.

Отмечается, что позиция именных синонимов в творчестве Хабибулло Назарова весьма показательна и, в свою очередь, они делятся на группы вещественных, абстрактных и личных существительных. Данная статья посвящена изучению вещественных существительных.

В контексте исследования автор проанализировал индивидуальные особенности языка произведений писателя и показал навыки выражения мыслей на примере имен существительных романа писателя «Ризо» и их синонимических отношений.

Ключевые слова: *языкознание, таджикский язык, Хабибулла Назаров, вещественные существительные, абстрактные существительные, личные существительные, синонимы, лексика.*

SINONIM'S RELATIONS CONCRETS SINONIMS IN THE H.NAZAROV'S ROMAN

In article it is a question of language in the H. Nazarov's roman “Rizo” a context of art style and expression means. In particular, the word usage problem at level of sinonimic communications which takes a special place in creativity of the writer is mentioned.

It is noted that the position of nominal synonyms in the works of Khabibullo Nazarov is very indicative and, in turn, they are divided into groups of real, abstract and personal nouns. This article is devoted to the study of real nouns.

In the context of the study, the author analyzed the individual features of the language of the writer's works and showed the skills of expressing thoughts on the example of the nouns of the writer's novel "Riso" and their synonymous relations.

Keywords: *linguistics, Tajik language, Khabibulla Nazarov, real nouns, abstract nouns, personal nouns, synonyms, vocabulary.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Усмонова Мунаввара Холиқовна *– Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илми филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикӣ Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: (+992) 918 68 83 85.*

Сведения об авторе: Усмонова Мунаввара Холиқовна *– Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, кандидат филологических наук, заведующий кафедрой таджикского языка Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева 17/6, тел.: (+992) 918 68 83 85.*

Information about the author: Usmonova Munavvara Kholiqovna – *Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, candidate of historical sciences, the associate professor of Department of History and the Intercultural relations. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: (+992) 918 68 83 85.*

ТДУ: 809.155.0

ВИЖАГИҲОИ ЗАБОНИИ ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛ ВА ҲИКМАТҲОИ ОСОРИ УБАЙДИ ЗОКОНӢ

Насруллоев М.Н.

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Мусаллам аст, ки зарбулмасалу мақол ва панду ҳикматҳо осори адибонро зебу оро дода, таъсири каломи бадеъ ва ба забони халқ наздик будани онро нишон медиҳанд. Зарбулмасалу мақол аз зумраи унсурҳои забон мебошанд, ки фикрро ба таври мушаххасу муъҷаз ва бо фасоҳату балоғати баланд ифода менамоянд. Албатта, асоси бойигарии забони адабӣ ва забони асари бадеӣ забони халқ ва эҷодиёти шифоҳии он ба шумор меравад.

Яке аз тадқиқотчиёни машҳури рус, асосгузори илми паремиология Г.Л. Пермяков бар хилофи амали олимоне, ки ба зарбулмасалу мақол танҳо аз ягон ҷиҳат, ё забон, ё мантиқ, ё бадеият наздик мешуданд, дуруст масъала мегузорад ва қайд мекунад, ки «… зарбулмасалу мақол ҳам ҳодисаи забон, ҳам мантиқу фалсафа ва ҳам фолклору адабиёт аст. Аз ин рӯ, ба ин жанр аз се ҷиҳат: забон, мантиқу фалсафа ва фолклору адабиёт ба таври яклухт назар андохтан зарур аст» [12, с. 48].

“Зарбулмасал - менигорад, забоншиноси рус З.К.Тарланов - ин мафҳуми мустақил ва яклухти бадеист” [8, с. 47].

Бояд тазаккур дод, ки зарбулмасалу мақолҳо бештар дар осори адибон такмил ёфтаанд. Дар назм вобаста ба мутобиқати вазни шеър баъзе тағйирот ба назар мерасад.

Аз зарбулмасалу мақол ва ифодаҳои маҷозӣ фаровон истифода бурдан далели дигари ба забони омма наздик ва содаю фаҳмо будани асари адибонро инъикос мекунад. Зарбулмасалу мақолҳо ба асари адибон дохил гардида, асари онро аз ҷиҳати шакли бадеӣ ва ҳам аз ҷиҳати мундарича ба дараҷаи ҳақиқатан халқӣ боло мебардоранд. Аз рӯйи мутолиаву мушоҳидаҳо маълум мегардад, ки зарбулмасалу мақолҳо ифодаҳои дар шароитҳои гуногуни зиндагӣ пайдошудае ҳастанд, ки тамоми таҷрибаи ҳаётӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва маънавиро ба таври намунавӣ сермазмуну умумӣ инъикос менамоянд. Онҳо ба асари бадеӣ симои халқӣ, кӯтоҳбаёнӣ, ҷоннокӣ ва пуробурангии ба худ хоси бадеӣ мебахшанд.

Забони осори Убайди Зоконӣ хеле ғанӣ, рангоранг, гӯшнавоз ва дилчасп мебошад. Убайди Зоконӣ ҳам дар осораш аз ин дурдонаҳои забони зиндаи халқ фаровон истифода намудааст. Зарбулмасалу мақол ва панду ҳикматҳои Убайди Зоконӣ бо равониву хушоҳангӣ, мазмуну ғояи баланд дар хотираҳо зуд нақш мебандад. Ӯ зарбулмасалу мақолро ҳамчун воситаи муҳимми тасвири бадеӣ истифода кардааст. Зарбулмасалу мақол ва пандномаҳои Убайди Зоконӣ аз бойигарии маънавӣ, ақлу заковати беҳамто, аз ҳикматофарини моҳирона ва назари хеле ҷолиб ва танзомез доштани ӯ дарак медиҳад. Адиб зарбулмасалу мақолҳоро дар мавридҳои зарурӣ, барои фасоҳату бадеияти матн, вобаста ба муносибате барои тақвияти фикр ифода менамояд.

Забоншинос М.Н.Қосимова дар мақолааш оид ба хусусиятҳои забонии зарбулмасалу мақол ва ҳикматҳои осори Камоли Хуҷандӣ [ниг. 6] онҳоро аз рӯйи истифода ба чунин гурӯҳҳо – таркиби луғавӣ, вижагиҳои синтаксисӣ, категорияҳои грамматикии тасдиқу инкор (бо шаклҳо) ва хусусиятҳои коммуникативӣ ҷудо намудааст. Мавсуф қайд менамояд, ки “зарбулмасалу мақол ва ҳикматро Хоҷа Камол дар осораш хеле зиёд корбаст кардааст. Масалан, баъзе аз ғазалҳояш батамом панду ҳикматанд. Аксари ҷумлаҳо содаанд (65% бар 35%). Ин исботи он аст, ки, дар ҳақиқат, зарбулмасалу мақол ва ҳикмат муъҷаз, рехта, кӯтоҳ буда, маъноянашон хеле фароху васеъ аст. Онҳоро Хоҷа Камол дар мавридҳои зарурӣ барои фасоҳату назокати нутқ, пуробурангӣ, пуртаъсир кардани матн бо завқи ниҳоят баланд истифода кардааст” [6, с. 321].

Бояд тазаккур дод, ки аксари донишмадоне, ки доир ба зарбулмасалу мақолҳои забони асари бадеӣ тадқиқот анҷом додаанд, ба чанд зовия таваҷҷуҳ намудаанд: забони худи адиб, нутқи қаҳрамони асар, ономастика ва маънои зарбулмасалу мақол.

Раззоқ Ғаффоров дар китоби “Нависанда ва забон” [ниг. 3] бештар ба вижагиҳои маъноии зарбулмасалу мақолҳои асарҳои устод С.Айнӣ ва М.Турсунзода таваҷҷуҳ намудааст.

Забоншинос Н.Маъсумӣ қайд менамояд, ки “як хусусияти характерноки забони повести “Марги судхӯр” дар масъалаи истеъмоли элементҳои забони зинда ва фолклорӣ ин аст, ки Айнӣ бештарини ибораҳои идиомӣ ва фразеологиро дар забони тасвири худ дохил карда чун воситаи характеристика ва баҳодиҳии муаллиф ба ҳодисаҳо, одамон ва чизҳо истифода мебарад, ба ин восита сухани тасвириро ҷоннок ва пурқувват мекунад” [7, с. 161].

Ба қавли Х. Ҳусейнов: “С.Айнӣ дар забони “Одина” дар ҳақиқат, ҳамин хусусияти халқи меҳнатиро хеле хуб ба ҳисоб гирифтааст. На фақат дар забони худи нависанда, инчунин дар забони худи персонажҳои асар ҳам истифода бурда шудани ибора ва ифодаҳои халқӣ, аз ҷумла мақолу зарбулмасалҳо шоҳиди чунин даъвои мо мебошад” [11, с. 63].

Зарбулмасалу мақол ва панду ҳикматҳои осори Убайди Зокониро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, баррасӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст.

1. Як қатор зарбулмасалу мақолҳоро Убайди Зоконӣ **бе тағйироти ҷиддӣ бар кор бурдааст**. Зарбулмасалҳои зерин дар забони имрӯзи халқ низ бо ҳамин шаклу маъно истеъмол меёбанд:

*Мефармоянд, ки “**мол дар баробари ҷон аст”** ва чун дар талаби он умри азиз харҷ мебояд кард* [9, с. 331].

***

Умре, ки хуш намегузарад, дар ҳисоб нест [9, с. 253].

***

*Бузургон аз ин ҷиҳат гуфтаанд: “**Дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез**”* (341).

2. Бо баъзе тағйирот (вобаста ба вазну қофия).

Моҳирона ва эҷодкорона истифода бурдани воситаҳои забонӣ аз ҷониби Убайди Зоконӣ боз дар он зоҳир мегардад, ки адиб маънои зарбулмасалҳои машҳури халқиро дар мавридҳои зарурӣ ба тарзи дигар ва хеле хуб моҳиронаву самимӣ ифода мекунанд. Бояд гуфт, ки дар назм мутобиқи вазни шеър баъзе тағйироти шаклӣ ба назар мерасад. Масалан, дар шакли пасу пеш омадани калимаҳои таркиби зарбулмасалу мақол мушоҳида гардид:

Аз навкиссагон вом маситонед [9, с. 385].

***

Хуш кун ба бода вақти ҳарифон, ки пеши мо,
Умре, ки хуш намегузарад, дар ҳисоб нест [9, с. 253].

***

Дурӯғе, ки ҳоли дилат х(в)аш кунад,
Беҳ аз росте, к-ат мушавваш кунад [9, с. 341].

***

Мардон дар майдон ҷаҳанд, мо дар каҳдон [9, с. 324].

***

Аз имрӯз коре ба фардо мамон,
Чӣ донӣ, ки фардо чӣ гардад замон [9, с. 326]. Дар забони адабии муосир дар шакли «кори имрӯзаро ба фардо магузор» серистеъмол мебошад.

Зарбулмасалу мақол воҳидҳои забонзадшудаи вирди забон мебошанд, онҳо дар шакли тайёр мавҷуданд. Аммо қонуниятҳои дохилӣ мавҷуданд, ки ҳангоми иваз намудани ҷузъи сохтори онҳо, маънои умумии онҳо тағйир намеёбад.

3. **Муродифоти зарбулмасалу мақол, ки дар осори адиб мушоҳида гардид.**

Дар ин қисми мақола мо зарбулмасалу мақолҳоеро, ки Убайди Зоконӣ дар осораш дар шакли муродиф истифода кардааст, ҷой додем. Убайди Зоконӣ дар рисолаи “Сад панд” сад панди дархӯри рӯзгорашро ба қалам додааст, ки бештари он то имрӯз дар байни халқ маъмулу машҳуранд. Масалан, «вақтро ғанимат донед» ва ё муродифи он - «кори имрӯзаро ба фардо магузор» дар осори Убайди Зоконӣ ба тарзи дигар ба назар мерасад:

Эй азизон, умр ғанимат шумаред [9, с. 380].

***

Вақт аз даст надиҳед [9, с. 380].

***

Ҳозири вақт бошед, ки умри дубора нахоҳад шуд [9, с. 380].

***

Айши имрӯз ба фардо магузоред [9, с. 380].

Сабр кардан яке аз масъалаи мубрами замон мебошад, ки самари нек дорад. Дар осори адиб бо чанде аз зарбулмасалу мақол мушоҳида мегардад, ки инсонро ба таҳаммулпазирӣ ва сабр кардан раҳнамоӣ мекунад. Аз ҷумла:

***Чора сабр аст**, зи Саъдӣ бишунав ин панд, Убайд,*
*«Саъдӣ, **имрӯз таҳаммул куну** фардои дигар»* [9, с. 264].

***

***Ба сабр ком тавон ёфтан**, валек чӣ суд,*
Чу сабр дар дили мо ҷо наметавонад кард [9, с. 255].

***

Мард бояд, ки дар кашокаши даҳр,
Санги зерини осиё бошад [9, с. 335].

Зарбулмасали маъруфи “дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез”, ки дар забони адабии муосир серистеъмол мебошад, бо муродифҳо дар осори адиб низ ба назар расид:

*Бузургон аз ин ҷиҳат гуфтаанд: “**Дурӯғи маслиҳатомез, беҳ аз рости фитнаангез**”* [9, с. 341].

***

Дурӯғе, ки ҳоли дилат х(в)аш кунад,
Беҳ аз росте, к-ат мушавваш кунад [9, с. 341].

***

То тавонед сухани ҳақ магӯед, то бар дилҳо гарон нашавед ва мардум бесабаб аз Шумо наранҷанд [9, с. 381].

Муродифи мақоли машҳури “*Аз дӯсти нодон душмани донон беҳтар*”-ро дар дар осори Убайди Зоконӣ метавон мушоҳида намуд.

Малакулмавтам аз лиқои ту беҳ [9, с. 339].

Бо:

Гар туро дар биҳишт бошад ҷой,
Дигарон дӯзах ихтиёр кунанд [9, с. 336].

Муродифи дигари он:

Гарам бо солеҳон бе дӯст фардо дар биҳишт оранд,
Ҳамон беҳтар, ки дар дӯзах кашандам бо гунаҳкорон [9, с. 337].

4. **Истифодаи зарбулмасалу мақол дар нутқи қаҳрамони асар.**

Зарбулмасал ва мақолҳо маводи асосии нутқи қаҳрамони асар мебошанд. Қаҳрамони асар бештар ба воситаи зарбулмасалу мақолҳо ва гоҳо ба воситаи ифодаҳои фразеологӣ муҳокима меронад, мулоҳиза ва ҷаҳонбинии худро оид ба зиндагӣ, ҳодиса ва муносибатҳои ҷамъиятӣ баён мекунад, хулосаҳо мебарорад. Н.Маъсумӣ дуруст қайд мекунад, ки “зарбулмасалҳои ба таври муҳокимаи одӣ, аз ҷиҳати муътадил, низ ҳастанд. Аммо бештарини онҳо дар забони персонажҳо ифодакунандаи моҳияти гуфтор ва кирдор воситаҳои характеристикаи бевоситаи характер ва муайянкунандаи моҳияти орзуҳо мебошанд” [7, с.161-162].

«Ғуломбораеро гуфтанд: Чун аст, ки рози дузду зинокор ниҳон монаду ту расво гардӣ? Гуфт: касеро ки роз бо кӯдакон афтад чун расво нагардад?» [9, с. 416].

***

Дар сухани гӯянда зарбулмасалу мақолҳо воситаи муҳокима ва шарҳи ҳодиса мебошанд. Чунончи:

То кори ту бо «ло» (на – Н.М.) бошад, кори ту боло бошад ва то лафзи ту бо «наам» (бале- Н.М.) бошад, дил ту ба ғам бошад [9, с. 332]. Дар ин ҷо адиб мехоҳад бигӯяд, ки "намедонам кори осон" аст.

***

*Гуфтӣ: «**Ба сабр кор муяссар шавад**, Убайд»*
Тадбир чист? Ҷони бародар, намешавад [9, с. 245].

***

***Чора сабр аст**, зи Саъдӣ бишунав ин панд, Убайд,*
*«Саъдӣ, **имрӯз таҳаммул куну** фардои дигар»* [9, с. 264].

Ш.Ғаффорзода дуруст таъкид менамояд, ки "Убайд истифода аз суханони мардум намуда, баъзе аз суханони вай низ, дар мавриди худ, миёни мардум ба сифати мақол даромадаанд" [2, с. 248]. Ба монанди:

Эй ҷони худовандгор, "ҳез зӣ, дер зӣ" [9, с. 324].

Як хусусияти дигари услубӣ ин аст, ки нависанда гоҳе зарбулмасалро бо ҷараёни фикри гӯянда чунон омезиш медиҳад, ки аз нутқ ҷудо гирифтани он душвор мегардад... *Ҳамеша таассуф намуда, каллаашро меҷунбонду "**баъд пушаймон мехӯрӣ, аммо суд намекунад"** мегуфт ва дигар гап намезад* [4, с. 79-80].

Дигар аз хусусиятҳое, ки забони осори Убайди Зокониро диққатҷалбкунанда ва хотирмон гардондааст, ин устокорона истифода намудани зарбулмасалу мақол мебошад. Адиб ба воситаи зарбулмасалу мақолҳо, аз як сӯ, забони осорашро малеҳу сода гардонда бошад, аз ҷониби дигар, хулосаҳои худро ба сурати муъҷаз баён кардааст. Мақсаднок истифода бурдани зарбулмасал ва мақолҳо нутқи қаҳрамони асарро фасеҳу балиғ гардонда, ба он рангу бӯйи дигар мебахшад.

5. Дар охири нутқи сухан омадани зарбулмасалу мақол.

Мусаллам аст, ки зарбулмасалу мақол берун аз нутқу хориҷ аз матн корбаст намешаванд, зеро онҳо барои тақвият, тасдиқ ё радди фикр, барои панду насиҳат, маҳкуми амали ношоиста оварда мешавад. Хусусан дар охири сухани гӯянда омадани зарбулмасал ва мақол аҳамияти хулосакунандагӣ дорад. Ин қабил зарбулмасалу мақоларо дар осори Убайди Зоконӣ низ ба назар расид. Аз ҷумла:

Ҳамчун Убайд хонаи ҳастӣ хароб кун,
*Зеро ки **ҷойи ганҷ ҷуз хароб нест*** [9, с. 253].

***

*Убайд ҳоҷат аз он дарталаб, ки **раҳмати Ӯ**,*
Агар бибандад як дар, ҳазор бикшояд [9, с. 219].

***

Ба сӯйи бодаву най майл кун, ки мегӯянд:
*«**Ҷаҳон бар об ниҳодасту одамӣ бар бод**»* [9, с. 232].

6. Бо ҷумлаҳои сода.

Зарбулмасалу мақол дар осори Убайди Зоконӣ хусусиятҳои наҳвии ҷолиб доранд. Ба қавли М.Қосимова "Барои зарбулмасалу мақол ҳамнишиниву ҳамоҳангии калимаву ибораҳо, сохти муъҷази синтаксисӣ ва услуби муайян хос аст" [5, с. 57].

Зарбулмасалу мақол ва панду андарзҳои осори Убайди Зокониро аз рӯйи хусусиятҳои коммуникативии худ ба ҷумлаҳои ҳикоягӣ ва амрӣ ҷудо намудан мувофиқи матлаб аст. Ба монанди дигар ҷумлаҳо зарбулмасалу мақол дар осори адиб категорияҳои грамматикии тасдиқ/инкорро доро мебошанд.

а) ҷумлаҳои ҳикоягӣ:

*Гуфтӣ: «**Ба сабр кор муяссар шавад**, Убайд»* [9, с. 245].

***

*... ва яқин шиносанд, ки "**аз ҳар деге наволае хуш бошад"*** [9, с. 339].

***

Заношӣ аввал ҳаловат аст ва ба охир адоват [9, с. 426].

***

*Бузургон аз ин ҷиҳат гуфтаанд: "**Дурӯги маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез**"* (341).

б) ҷумлаҳои амрӣ:

Маълум аст, ки ҷумлаҳои амрӣ на ба як шахс, балки ба умум равона карда мешавад.

Ҷон фидои ёри мувофиқ кунед [9, с. 380].

***

Муҷаррадӣ ва қаландариро мояи шодмонӣ ва асли зиндагонӣ донед [9, с. 381].

****

Ростиву инсоф ва мусулмонӣ аз бозориён маталабед [9, с. 384].

***

Гар ҳоли мо напурсад, айбаш макун, ки ҳаргиз,
Савдои подшоҳӣ ҳадди гадо набошад [9, с. 256].

***

Бар худписандон салом мадиҳед [9, с. 380].

***

Ҷон медеҳу доди тамау ҳирс мадеҳ,
Ғам мехӯру нони миннатолуда махӯр [9, с. 278].

***

Дар пирӣ аз зани ҷавон меҳрубонӣ чашм мадоред [9, с. 382].

***

*Эй дил, пас аз ин **андуҳи беҳуда махӯр**.*
*З-ин беш **ғами будаву нобуда махӯр*** [9, с. 278].

***

Подшоҳӣ ва неъмату ганимат дар тандурустӣ донед [9, с. 380].

***

*Маро гӯянд: "**Пинҳон дор розаш**",*
Ғами ишқ аст, пинҳон чун тавон кард? [9, с. 259].

***

Ҷон медеҳу доди тамау ҳирс мадеҳ,
Ғам мехӯру нони миннатолуда махӯр [9, с. 278].

***

Ғуломи нармдаст харед, на сахтмушт [9, с. 382].

7. Бо ҷумлаҳои мураккаб.

Дар зарбулмасалу мақолҳо – беҳтарин ҳикмату андарзҳои халқӣ, ки ҳазорсолаҳо боз гирдоварӣ шудаанд, тамоми паҳлуҳои зиндагӣ таҷассум мегарданд. Зарбулмасалу мақолҳо мавзуъҳои зиёдеро дар бар мегиранд. Масъалаи муносибати инсон ба меҳнат дар зарбулмасалу мақолҳо мақоми хоссае дорад. Меҳнатро, ки шарафи инсонӣ меноманд ва танҳо ба воситаи он метавон луқмаи ҳалоли худро ёфт, дар зарбулмасалҳою мақолҳои тамоми халқиятҳою миллатҳо ифодаи худро дорад [1, с. 16].

Дар осори Убайди Зоконӣ бештари зарбулмасалу мақолро, ки бо ҷумлаи мураккаб ифода ёфтаанд, мушоҳида гардид. Аз ҷумлаҳои мураккаб маъмултаринаш ҷумлаҳои мураккаби тобеъ мебошад.

Ҷумлаи мураккаби пайваст.

"Зарбулмасал ва мақолҳои дар ҳаққи типҳои манфӣ кор фармудашуда ё аз забони типҳои манфӣ дар бораи худашон ва дигар касон гуфташуда аз ҷиҳати эмотсионалӣ ва мундариҷаи худ хеле пуркувват мебошанд, қувваи фошкунандаашон ниҳоят зиёд аст" [7, с. 163].

Саг гурусна, зоғ кар, буз лоғар беҳ [9, с. 341].

Ҷумлаи мураккаби тобеъ.

а) ба воситаи пайвандаки <u>ки</u>:

Хулқеро, ки самара ин бошад, тарк авло [9, с. 340].

***

Нест кӯре, ки ба кӯрӣ набувад арзонӣ [9, с. 341].

***

Дар хонаи марде, ки ду зан ё бештар дорад, ҷамъият ва хушдилӣ маталабед (382).

***

Эй писараки ман, туро чӣ шудааст, айберо, ки дар пайкари дигарон намеписандӣ, бар забони худ меписандӣ? [9, с. 324].

***

Хулқеро, ки самара ин бошад, тарк авло [9, с. 340].

***

Чу хира шавад мардро рӯзгор,
Ҳама он кунад, к-аш наёяд ба кор [9, с. 330].

Убайди Зоконӣ хусусияти ҷаззобият ва таъсирнокии зарбулмасал ва мақолҳоро ба инобат гирифта, онҳоро дар ҳама ҷо бомуваффақият кор мефармояд.

б) ба воситаи пайвандаки <u>то</u>:

То тавонед, сухани ҳақ магӯед, то бар дилҳо гарон нашавед ва мардум бесабаб аз Шумо наранҷанд [9, с. 381].

***

Духтари хатибро дар никоҳ маёред, то ногоҳ харкурра назояд [9, с. 381].

***

Занонро сахт бизанед, то аз Шумо битарсанд ва ... [9, с. 384].

в) ба воситаи пайвандаки <u>агар (гар</u>):

Агар боғайратӣ, бо дард бошӣ,
В-агар беғайратӣ, номард бошӣ [9, с. 336].

***

Гар туро дар биҳишт бошад ҷой,
Дигарон дӯзах ихтиёр кунанд [9, с. 336].

***

Гарам бо солеҳон бе дӯст фардо дар биҳишт оранд,
Ҳамон беҳтар, ки дар дӯзах кашандам бо гунаҳкорон [9, с. 337].

Донишманди эронӣ Сайид Нафисӣ чунин иброз медорад: «Яке аз хусусиёти бориз ва қобили таваҷҷуҳи шоҳкори Абулфазли Байҳақӣ, ҳамроҳ сохтани таърих бо шавоҳиду амсоли шеърӣ ва ҳикоёту қасас берун аз ҳодисаи таърихӣ, барои ширин сохтани таърих ва афзунии панду андарз аст ва ҳамин хусусият аст, ки насри Байҳақиро ба сурати шоҳкории ҷовидон дароварда ва хонандаро масҳур (шефта) мекунад» [13, с. 268].

Ҳамин тавр, дар зарбулмасалу мақолҳо масоили мухталифи рӯзгор таҷассум ёфта, дар мавридҳои зарурӣ истифода гардида, суханро ба таври муъҷаз ва нишонрасу хотирнишин ва намакин бар маснади воло менишонанд. Дар ташаккул ва мустаҳкам гардидани ин хусусияти забони осори бадеии тоҷику форс эҷодиёти Убайди Зоконӣ низ нақши калон бозидааст.

Убайди Зоконӣ бо овардани зарбулмасалу мақол барои нишонрас баромадани ҳадафаш, неруи зеҳнии хешро мӯшикофона ва жарфбинона истифода кардааст. Зарбулмасалу мақол осори Убайди Зокониро басе ҷаззоб ва ба забони зинда наздик намудаанд.

Устодона ва моҳирона истифода намудани воситаҳои забонӣ аз тарафи адиб боз дар он зоҳир мегардад, ки ӯ зарбулмасалҳои машҳури халқиро дар мавридҳои зарурӣ ба тарзи дигар хеле хуб ва самимӣ ифода мекунад.

Ҳамчунин, аз тарафи адиб дар истеъмоли зарбулмасалу мақол аз нутқи қаҳрамонони асар ба мавқеъ ва нишонрас баромадааст. Бояд тазаккур дод, ки корбурди зарбулмасалу мақол дар нутқи қаҳрамони асари бадеӣ тири нишонрас мебошад. Бо истифода аз зарбулмасалу мақол Убайди Зоконӣ тавонистааст, барои барҷаста ва таъсирбахш ифода ёфтани фикр хидмати намоёне кардааст.

Ҳамин тавр, Убайди Зоконӣ на танҳо шаклҳои машҳури зарбулмасал ва мақолро хеле устокорона ба кор мебарад, балки бо роҳи кор фармудани таъбирҳои номашҳур ва сохтани ибораҳои мувофиқ низ забони форсӣ –тоҷикиро ғанӣ намудааст.

Ниҳоят, тавре ки адиб дар охири рисолаи “Сад панд” мефармояд:

Насиҳат некбахтон ёд гиранд,
Ҳакимон панди дарвешон пазиранд.

Рӯйхати адабиёт

1. Абдулозода, Р. Зарбулмасал ва мақолҳо дар асари Садриддин Айнӣ/ Р. Абдуллозода. - Сталинобод, 1958. -102 с.
2. Ғаффорзода, Ш. Аҳамияти таърихӣ ва халқии осори насрии Убайди Зоконӣ / Ш.Ғаффорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- 2020.- №8. – С.244-249.
3. Ғаффоров, Р. Нависанда ва забон / Р.Ғаффоров. –Душанбе: Ирфон, 1977. – 208 с.
4. Қосимова, М.Н. Хусусиятҳои лексикӣ-грамматикии зарбулмасал ва мақолҳои ҳамгуни забонҳои тоҷикӣ ва русӣ / М.Н.Қосимова // Забон –рукни тоат.– Душанбе, 2002. – С. 56-66.
5. Қосимова, М.Н. Зарбулмасалу мақол дар ғазалиёти Камол / М.Н.Қосимова // Ганҷи сухан.– Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. - С.308-322.
6. Маъсумӣ, Н., Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик/ Н.Маъсумӣ.– Сталинобод, 1959. - 296 с.
7. Тарланов, З.К. Русские пословицы: синтаксис и поэтика/ З.К.Тарланов.– Петрозаводск: Петр. гос. унт., 1999. – 448 с.
8. Тилавов, Б. Омилҳои инкишофи зарбулмасалҳо / Б.Тилавов // Садои Шарқ. – 1976. - №8. – С. 125-134.
9. Убайди Зоконӣ. Куллиёт. - Теҳрон: Заввор, 1343. -548с.
10. Ҳусейнов, Х. Забон ва услуби «Одина» -и устод С.Айнӣ. –Душанбе, 1973. - 140 с.
11. Permyakov, G.I. From proverb to Folk-Tale / G.I.Permyakov. -Moskow: Nauka, 1979. - 211 p.
12. سعید نفیسی. تأریخ نظم و نثر در ایران و زبان فارسی (تا پایان قرن 10 هجری). - تهران: سروش، 1344. 664 ص.
13. محمّد فتوحی. فارسی عمومی (درسنامه‌ی دانشگاهی). - تهران: سخن، 1384. 352 ص.

ВИЖАГИҲОИ ЗАБОНИИ ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛ ВА ҲИКМАТҲОИ ОСОРИ УБАЙДИ ЗОКОНӢ

Дар мақола вижагиҳои забонии зарбулмасалу мақоли осори Убайди Зоконӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Зикр гардидааст, ки зарбулмасал ва мақолҳо ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги мардумӣ буда, дар шакли бисёр муҷаз ва фарогири таҷрибаи ғании ҳаётии ниёгон то ба мо омада расидаанд. Зарбулмасалҳо роҳнамои зиндагӣ буда, ҳатто дар душвортарин лаҳзаҳои ҳаёт метавон аз онҳо истифода бурд.

Ба андешаи муаллифи мақола, зарбулмасалу мақол барои таҳвият, тасдиқ ё радди фикр, барои панду насиҳат, маҳкуми амали ношоистае оварда мешавад. Бештари зарбулмасалу мақоле, ки дар осори адиб мушоҳида гардид, дар замони муосир низ мавриди корбурд қарор дорад. Муаллиф дар осори адиб ҳамчунин зарбулмасалу мақолро бо баъзе тағйирот (вобаста ба вазну қофия) мушоҳида кардааст.

Муаллиф зикр намудааст, ки дар осори Убайди Зоконӣ як қатор зарбулмасалу мақол муродифҳои худро дошта, дар осори назмии адиб онҳо дар бештари маврид дар мисраи дуюм ҷой мегиранд. Зарбулмасалу мақол, ки аз нутқи қаҳрамони асари бадеӣ бармеояд, дар осори адиб кам нестанд. Аксари зарбулмасалу мақоле, ки дар осори адиб ба назар мерасанд, бо ҷумлаи содаи амрӣ ифода ёфтаанд.

Ба ақидаи муаллифи мақола Убайди Зоконӣ на танҳо шаклҳои машҳури зарбулмасал ва мақолро хеле устокорона ба кор бурдааст, балки бо роҳи кор фармудани таъбирҳои номашҳур ва сохтани ибораҳои мувофиқ забони форсӣ-тоҷикиро ғанӣ гардонидааст.

Калидвожаҳо: *Убайди Зоконӣ, зарбулмасалу мақол, забон, муродиф, нутқ, ҷумлаи сода, ҷумлаи мураккаб, фарҳанги мардумӣ.*

ЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ПОСЛОВИЦ, ПОГОВОРОК И МУДРОСТИ ПРОИЗВЕДЕНИЙ УБАЙДА ЗАКОНИ

В статье изучены лингвистические особенности пословиц и поговорок произведений Убайда Закани. Отмечается, что пословицы и поговорки являются неотъемлемой частью народной культуры и дошли до нас в очень интересной и всеобъемлющей форме богатого жизненного опыта наших предков. Пословицы являются путеводителями по жизни и могут быть использованы даже в самые трудные моменты жизни.

По мнению автора статьи, пословицы и поговороки используются для поддержания, подтверждения или опровержения мнения, совета, осуждения неуместного поступка.

Автор отмечает, что большинство пословиц и поговорок, которые встречаются в произведениях писателя, используются и в наше время. Также пословицы и поговорки наблюдались в литературных произведениях с некоторыми изменениями (в зависимости от правил ритмики и рифмовки). В произведениях Убайда Закони встречается ряд пословиц и поговорок, имеющих свои эквиваленты.

В поэтических произведениях Убайда Закани они часто помещаются во вторую строку. Пословицы и поговорки, исходящие из речи героя художественного произведения, нередки в произведениях писателя. Большинство пословиц и поговорок, бытующих в литературных произведениях, выражены простыми повелительными предложениями.

По мнению автора статьи, Убайд Зокони не только очень умело использовал известные формы пословиц и поговорок, но и обогатил персидско-таджикский язык, используя неизвестные толкования и создавая подходящие словосочетания.

Ключевые слова: *Убайд Закони, пословицы и поговорки, язык, синонимы, речь, простое предложение, сложное предложение, народная культура.*

LINGUISTIC FEATURES OF PROVERBS AND SAYINGS AND WISDOM OF THE WORKS OF UBAYD ZAKONI

Proverbs and sayings are an inseparable part of folk culture and have come down to us in the form of many wonderful and comprehensive experiences of our ancestors. Proverbs are life guides and can be used even in the most difficult moments of life.

It is permissible to use proverbs and sayings strengthen, confirm or reject an opinion, to advise, to condemn an inappropriate act. The article, considers the linguistic features of proverbs and sayings of Ubaid Zakani's works.

It should be noted that most of the proverbs and sayings that were observed in the literary works are also used in modern times. Also proverbs and sayings were observed in literary works with some changes (depending on weight and rhyme). In the works of Ubaid Zakoni, a number of proverbs and sayings appeared, which have their equivalents.

In the poetic works of Ubaid Zakani, proverbs are often placed in the second stanza. Proverbs and sayings, which come from the speech of the hero work of art, are not rare in literary works. Most of the proverbs and sayings that appeared in the literary works are expressed in simple sentences.

Thus, Ubaid Zakoni not only skillfully uses famous forms of proverbs and sayings, but also enriches the Persian-Tajik language by using unknown interpretations and creating suitable phrases.

Keywords: *Ubaid Zakoni, proverbs and sayings, language, synonyms, speech, simple sentence, compound sentence, folk culture.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Насруллоев М.Н. *– Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ. Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. E.mail: n.muhammad@mail.ru. Телефон: (+992) 93-405-52-55.*

Сведения об авторе: Насруллоев М.Н. *– Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка. Адресс: 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул.Мухаммадиева, 17/6. E.mail: n.muhammad@mail.ru. Телефон: (+992) 93-405-52-55.*

Information about the author: Nasrulloev M.N. *–Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, candidate of Pilology, associate Professor of the Department of Tajik language. Address: 17/6 Muhammadiev str., Dushanbe, Republic of Tajikistan, 734019. E.mail: n.muhammad@mail.ru. Phone number: (+992)93-425-52-55*

ТДУ 81'44

ТАҲЛИЛИ ЛИНГВОФАРҲАНГИИ КАЛИМАВУ ИСТИЛОҲОТИ ИФОДАКУНАНДАИ НОМГӮЙИ ДАРАХТОНИ БЕМЕВА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Абдуллоева Г.З., Қаюмова С.Ҷ.

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Халқи тоҷик ва олмон аз қадим дорои фарҳангу тамаддуни бою ғанӣ буда, дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун халқҳои пешрафта муаррифӣ шудаанд. Фарҳангу тамаддуни бою ғании ин ду аҳвом таъсирашонро на танҳо ба пешрафти зисту зиндагонии онҳо гузошта тавонистааст, инчунин ба рушду такомули забони онҳо низ бетаъсир намондааст Миллати тоҷик аз нуктаи назари ирсияти забонӣ марбут ба шохаи қавмҳои ҳинду олмон (ҳинду герман) ва ё ба истилоҳи дигар, марбути ҳиндуаврупоӣ аст [18, с. 26].

Бояд зикр намоем, ки мардуми тоҷик ҳамчун як қавми пешрафтаи ориёӣ аз гузашта барои бунёди фарҳангу тамаддуни оламшумул кӯшишҳои зиёдеро ба харҷ дода, дар таърихи башарият номи худро бо ҳарфҳои заррин сабт намудааст. Сарнавишти ориёҳо, ки мо тоҷикон дар қатори чандин тамаддуни олам яке аз меросдорони асили он ҳастем, аз ҷумлаи саҳифаҳои басо рангину шигифтангези таърихи башар аст. Ин тамаддун бо ҳама бурду бохташ барои миллати мо як рукни асосии таърихӣ, сарнавишт, арсаи буду бош, пайдоишу ташаккули нахустин оинҳои давлатдорӣ, ҷавлонгоҳи дину оини яктопарастӣ, ташаккули фарҳангу арзишҳои миллӣ, арсаи худшиносию ҷаҳоншиносӣ гардидааст [20, с. 47].

Таркиби луғавии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ бениҳоят бою ғанӣ буда, ин ғановатмандӣ аз ҳисоби лексикаи соҳаҳои гуногун ба вуҷуд омадааст. Боғдорӣ низ пешаи дӯстдоштаи ин ду аҳвом ба ҳисоб рафта, калимаву истилоҳоти зиёдеро дар бар мегирад, ки барои ғановатманд шудани таркиби луғавии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ бетаъсир намондааст. Гарчанде барои пешрафти зисту зиндагонӣ ва хуб шудани сатҳи зиндагонӣ мардум дарахтони мевадорро парвариш намоянд ҳам, аммо парвариши дарахтони бемева низ аз аҳимият холӣ набуда, барои он мардуми тоҷик ва олмон кӯшиш менамоянд.

Дар забоншиносӣ оид ба калимаву истилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои дарахтони бемева маълумоти муфассал ба назар намерасад. Гарчанде таҳлили ин мавзуъ дар доираи лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикӣ аз мадди назари донишмандон дур намонда бошад ҳам, аммо ин фарогири тамоми мавзуи мазкур буда наметавонад. Тавассути номгузории дарахтони бемева дар забонҳои гуногун на танҳо имконияти бо мафҳумҳои онҳо аз наздик ошно шуданро пайдо менамоем, инчунин бо тасвири забонии халқу миллатҳо огаҳ мегардем. Масалан, агар воҳиди луғавии «*маҷнунбед*»- ро бо забони олмонӣ тарҷумаи таҳтулафзӣ намоем «*Baum verliebt*» тарҷума шуда, яъне маънои «*дарахти ошиқ*»-ро ифода мекунад, ки дар ин маврид майдони маъноии он аз маънои аслиаш, ки танҳо ба намояндагони забони тоҷикӣ маълум аст, каме дур мешавад.

Инчунин, миёни мардуми тоҷик ва олмонӣ боварҳо ва хурофоти диние низ ба назар мерасанд, ки бевосита бо дарахтон иртибот дошта, бо рӯзгор ва бо фаъолияти ин ду аҳвом моро аз наздик ошно менамоянд. Масалан, мардуми тоҷик чунин мепиндоранд, ки *ҳангоми ба зери дарахти сабз мағзоба рехтан дарахт хушк мешавад*. Инчунин, *ҳангоми бо шохчаи дарахти сабз рӯйи арӯсро кушодан, арӯс тез фарзанддор мешавад. Ҳангоми бемории тифл, агар ӯро аз таги дарахти сабз гузаронем, тез шифо меёбад.* Ҳамаи ин боварҳо аз гузашта то ба имрӯз дар забони мардуми тоҷик ҳифз шуда, бе ягон тағйирот то ба мо омада расидаанд. Танҳо забон аст, ки дар ҳама давру замон таърихи воқеӣ ва ростии миллатро дар ҳофизаи худ нигоҳ медорад [19, с. 3].

Дар байни мардуми олмон чунин бовар мавҷуд аст, ки дар ин маврид зикри онро лозим шуморидем: «Агар дар моҳи октябр ҳанӯз барги дарахтон сабз ва устувор бошанд, зимистони сахт меояд- *Wenn das Laub im Oktober noch fest auf den Baeumen sitzt, so gibt es einen strengen Winter*».

Мавҷуд будани зарбулмасалу мақолҳои зиёд дар забони олмонӣ аз боғдору боғпарвар будани ин мардум гувоҳӣ медиҳад: «*Er ist stark wie ein Baum.*- мисли дарахт боқувват будан» ва «*Die Baeume wachsen nicht in den Himmel* .- дарахт дар ҷойи хушк намесабзад» [3, с. 252]. «*Der Raupe wegen muss man den Baum nicht umlegen* - ба хотири кирмак дарахт буридан лозим нест»; «*Den Baum erkennt man an den Fruechten* -дарахтро аз рӯи меваash мешиносанд»; «*Man ehrt den Baum des Schattens wegen* - дарахтро барои сояаш иззату эҳтиром мекунанд»; «*Je hoeher der Baum, je schwerer seid Fall* - дарахт ҳар қадар баланд бошад, афтидани он ҳамон қадар душвортар мешавад"; «*Es faellt kein Baum auf einen Hieb*.-ягон дарахт дар як зарба намеафтад»*;* «*Baeume pflanzen im Fruehling* -дар баҳор дарахт мешинонад"; «*Es dauert zehn Jahre, einen Baum, aber hundert Jahre, einen Menschen grosszuziehen*.- барои парвариши дарахт даҳ сол лозим аст, аммо барои парвариши одам сад сол»; «*Gerade Baeume werden zuerst gefaellt* -. аввал дарахтони ростро мебуранд» [7, с. 143] аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки миёни мардуми олмон низ «*дарахт*» на танҳо ифодакунандаи мафҳуми организми зинда мебошад, балки ба дарахт ҳамчун чизи муқаддас, қувватбахшанда, ғайриодӣ ба шумор рафта, мардум ба он эътиқоди хосса зоҳир менамоянд.

Албатта, бояд ёдовар шуд, ки ҳангоми тарҷумаи баъзе аз ин зарбулмасалу мақолҳо бо дигар забонҳо, маънои заруриро гирифта наметавонем. Масалан, зарбулмасали «*Man sieht den Wald vor lauter Baeumen nicht*», гарчанде ҳангоми тарҷума бо забони русӣ «*за деревьями леса не видеть*» [5, с. 166]. айнан маънои асосиаш ҳифз гашта бошад ҳам, аммо ҳангоми тарҷума он бо забони тоҷикӣ ин зарбулмасалро маънои аслиаш каме дур рафтааст, ки чунин аст: «*ба майда-чуйда андармон шуда, чизи асосиро пайхас накардан*» [9, с. 70]. Агар ба тафсири истилоҳи «*дарахт*» дар забони тоҷикӣ амиқтару жарфтар назар афканем, дарк менамоем, ки ин калима аз ҷониби муҳаққиқон ба тарзҳои гуногун тафсир карда шудааст. Масалан, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ин вожа чунин тафсири худро ёфтааст: «Рустании дарозумри дорои тана ва шоху барг, шоҷар; ниҳол» [12, с. 326].

Этимологияи ин калима дар «Луғати этимологии забонҳои эронӣ» чунин дода шудааст: daraxta чизи устувор истода, сахт, мустаҳкам оварда шудааст. Шояд ба забони форсии қадим аз забони юнонӣ иқтибос шуда бошад, зеро дар забони юнонӣ шакли «doro»-ро дошта, ба якчанд забонҳо ба ҳамин шакл иқтибос шудааст [14, с. 501].

Гарчанде дар забони тоҷикӣ дар аксар мавридҳо ба ҷойи калимаи «дарахт» калимаи «ниҳол»-ро мавриди истифода қарор диҳанд ҳам, аммо дар «Луғати мухтасари синонимҳои забони тоҷикӣ» оварда шудааст, ки: калимаи дарахт аз ниҳол фарқ дорад. Дарахт маънои умумӣ дорад, ки маънои ниҳолро ҳам дар бар мегирад. Ин калима баъзан нисбат ба дигар намудҳои растанӣ низ ба кор бурда мешавад: дарахт (ниҳол) шинондан: дарахти райҳон, дарахти гул. Калимаи ниҳол низ ба маъноҳои гуногун меояд: ниҳоли пахта, ниҳоли гул, ниҳоли карам. Калимаи ниҳол ва дарахт аз ҷиҳати мавқеи истеъмол низ фарқ дорад: ниҳоли пахта; дарахти себ. «Ниҳоли себ» гуфтан дуруст аст, аммо «Дарахти пахта» гуфтан аз ҷиҳати мавқеи истеъмоли калима ва услуби баён нодуруст менамояд. Акнун ягог-ягон дарахтони писта, чормағз, арча (бурс) ва дигар растаниҳои кӯҳиро мебинем (С.А).Ҳоло ин навъ ниҳолҳо фақат аҳён-аҳён рӯйида мемонанд (С.У.) [10, с. 64].

Боиси зикр аст, ки гарчанде калимаи «*дарахт» д*ар забони олмонӣ низ айнан чунин маъниро ифода мекунад, аммо шакли он, тамоман, дигар аст. Дар луғати «DUDEN» муаллифон тафсири ин калимаро хеле бамаврид овардаанд: *Baum, der Baeume grosses Gewaechs mit einem Stamm aus Holz, aus dem Aeste wachsen, die sich in Zweige (mit Laub oder Nadeln) teilen: die Baeume schlagen aus, mluehen, lassen ihre Blaetterfallen: einen Baum faellen, pflanzen*-дарахт– растании калон бо танаи чӯб, ки аз он шохаҳо меруянд, ба навдаҳо (бо барг ё шохаҳо) ҷудо мешаванд: дарахтон табдил меёбанд: дарахтон сабзида мешукуфанд, баргҳояшон мерезанд, дарахтро мешинонанд, мебуранд) [1, с. 271].

Дар луғати дигари забони олмонӣ тафсири ин калима каме дигар оварда шудааст: *Zwischen Baeume und Borke sitzen, stecken/stehen (nicht wissen, wie man sich zwischen zwei Moeglichkeiten entscheiden soll)* - –дарахт, инчунин дарахтон растание мебошанд, ки аз тана,

навдаҳои чӯбин иборат аст, шохчаҳо ё барг доранд (байни ду имконият (интихоб) қарор қабул карда натавонистан) [6, с. 105].

Мусаллам аст, ки калимаи «*дарахт*» дар забони олмонӣ ба мисли забони тоҷикӣ таърихи пайдоиши хеле куҳан дошта, дар шаклҳои гуногун арзи вуҷуд доштааст. Масалан, ин калима дар забони олмонии қадим дар шакли «*boum*», дар давраи забони олмонии миёна (асри VIII) низ дар шакли «*boum*» ва дар айни замон бошад, ба худ артикли нишондиҳандаи ҷинсият гирифта, дар шакли «*der Baum*» мавриди истифода қарор дорад. Аммо аз рӯйи маълумотҳое, ки ба даст дорем, дар гузашта синоними калимаи дарахт «der *Baum*» калимаи куҳнашудаи «*Tree*» ба шумор мерафтааст.

Зиёдии мавод дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ моро водор сохт, ки онҳоро ба таври зерин гурӯҳбандӣ намоем:

1.Калимаҳои ифодакунандаи мафҳуми дарахти сӯзанбарг дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ: *сӯзанбарг, арч*а, *ҳамешасабз, ҳамешабаҳор;сарв, сияҳсарв* [11, с. 136].

Der Nordmanntanne, die Fichte -дарахти арчаи нордман, *die Blaufichte* - арчаи кабуд, die Gemeine Fichte - арчаи муқаррарӣ, *der Pazifische Edeltanne* - арчаи нуқрагии уқёнуси Ором, die *Serbische Fichte* - арчаи сербӣ, *die Coloradotanne* - арчаи колорадогӣ, *die Felsengebiergstanne* - арчаи кӯҳӣ, *die Orientfichte* - арчаи шарқӣ, *die Koreatanne* - арчаи кореягӣ [8, с. 97].

Чи тавре ки маълум аст, сабаби истифодабарии калимаву ибораҳои зиёд дар ифодаи мафҳуми арча дар забони олмонӣ дар он аст, ки дарахти арча нишонаи асосии ҷашн «*Weihnachten*» (Мавлуди Исои Масеҳ) ба шумор рафта ва маросими «***Adventszen*t**» (вақти рӯйдод) низ маҳз бо ин дарахт иртиботи зич дорад.

Инчунин, майдони маъноҳои калимаву ибораҳои арча - *die Tanne, der Tannenbaum, die Fichte, der Fichtebaum,* арчаи кабуд - *die Blautanne- арчаи идона/дарахти соли нав* der *Neujahrsbaum, die Neujahrstanne*, (арчаи солинавӣ) *der Weihnachtsbaum, der Kristbaum* [4, с. 161] аз ҳудуди олмонизабониҳо дур нарафта, барои мардуми мо бегона мебошанд.

Чи тавре ки маълум аст, ин калима дар забони русӣ шакли «ёлка»- ро дошта, мувофиқи пешгӯйии донишманд М. Фасмер, забони русӣ аз забони армании қадим дар шакли eleven «кедр», «ел» ва «пихта» омада расидааст [13, с. 16].

Мусаллам аст, ки меваи онро чалғӯза меноманд, ки дар забони олмонӣ шакли «Tannenzapfen»- ро дошта, бо калимаи «шишка»- и русӣ, ки баромади хеле қадима дорад ягон, иртибот надорад [16, с. 445]. Илова бар ин, бояд ҳаминро зикр намоем, ки калимаи «чалғӯза» дар забони тоҷикӣ ифодакунандаи мафҳуми дарахт низ буда, дар забони олмонӣ дар шакли «*die Zeder*» мавриди истифода қарор дошта, дорои намудҳои зиёд мебошад, ки боиси пайдо гардидани калимаву ибораҳои зерин гардидааст: *Die Libanon Zeder* –чалғӯзаи Лубнон, *die Atlaszeder* - чалғӯзаи атласӣ, *die Himalaya-Zeder* - чалғӯзаи Ҳимолой, *die Zypern Zeder* - чалғӯзаи Кипр ва ғайра [2, с. 34].

2. Калимаву ибораҳои ифодакунадаи дарахти бед дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ: *беди курашакл , беди ракита, беди сферикӣ, беди моҳӣ, беди карлик, беди булата”.*

Бояд тазаккур дод, ки ҳама навъҳои дарахти бед нигоҳубини одиро талаб менамоянд. Интихоб намудан макони дуруст ва обёрии мунтазамро талаб мекунанд. Ин дарахт, ҳатто дар шароити иқлими сахт ва дар ҳама гуна хок рӯйида, навъҳояш дар Олмон зиёдтар ба назар мерасанд, ки боиси пайдоиши калимаву истилоҳоти ба он марбути зиёд гаштаанд, *аз қабили die Weide* - дарахти бед, *die Trauerweide* - беди мувалляҳ, *die Silberweide*- беди нуқрагин, *die Purpurweide* - беди бунафш, *die Japanische Drachenweide*- бедаждаҳои ҷопонӣ, *die Stumpfblaettrige Weide* - бедкундабарг, die *Schweizer Weide* - беди швейтсарӣ, *die Bienenweide* –беди занбӯри асал, *die Harlekinweide* - беди арлекин, *die Ohrchenweide* - беди хокистардор, *die kopfweide* - дарахти бедсарӣ, *die Bruchweide* - беди шикаста, *die Sahelweide*- беди даштӣ.

Калимаи «бед» дар забони тоҷикӣ баромади қадима дошта, дар луғатҳои пешин айнан дар ҳамин шакл дарҷ ёфтааст: **бед** номи дарахтест машҳур ва онро ба арабӣ сафсоф хонанд. **Беди табарӣ** навъе аз бед бошад; ва баъзе бедмушкро **беди табарӣ** ва баъзе беди

муваллеҳро гӯянд, ки беди маҷнун бошад. **Бедмушк** навъе аз бед аст, ки баҳори он, яъне шукуфаи он бағоят хушбӯй мебошад. Ва арақи онро ба ҷиҳати тафреҳи дил ва табрид биёшоманд [9, с. 205].

3 Калимаву истилоҳоти ифодакунандаи дарахти чинор дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ: *чинори таҳҷойӣ, чинори паҳнбарг, чинори майдабарг, die Platane* - чинор, *die Keps Platane* – чинори кеп, *die Platanus Lindeniana* - чинори линдениана, *die Mexikanische Platane* - чинори мексикой, *die Amerikanische Platane* - чинори америкой, *die Morgenlaendische Platane* - чинори шарқӣ, *die Kalifornische Platane* - чинори калифорниягӣ, *die Platanus rzedowski Platane* - чинори платанус рзедовский, *die Arizona Platane* - чинори аризонӣ.

4. Калимаву истилоҳоти ифодакунандаи номи дарахти булут дар забони олмонӣ:

Die Eiche – булут, die Bluechereiche – булути гулдор, *die Braeutigamseiche* - булути домодӣ, *die Dicke Eiche* - булути ғафс, *die Stieeiche* - булути маъмулӣ, *die Chelmonski Eiche* - булути челманӣ, *die Donareiche* - дарахти донабулут, *die Sieben-Brueder Eiche* - булути ҳафтбародарон, *die Grafeneiche* - булути графӣ, *die Grenzwalleiche* - булути сарҳадӣ, *die Keisereichen* - булути империалистӣ, *die Linden-Eiche* - булути зерфун, die *Luthereichen* - булути Лютеран, *die Olympia Eichen* - булути олимпиягӣ, *die Pommerische Grenzmal-Eiche* - булути помераниягӣ, *die Russeneichen* - булути русӣ, *die Sokal Eiche* - булути соколӣ, *die Stiftsgerichtseiche* - булути сарвмонанд, *die Stundeneiche* - булути соатмонанд, die Korkeiche – булути пукдиҳанда ва ғайра.

4. Калимаву истилоҳоти ифодакунандаи мафҳуми дарахти сафедор дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ: ***сафедори баргаш*** *дилшакл, сафедори байзашакл, сафедори баргаш гурдашакл, сафедори баргаш паррашакл ва сафедори гулаш майдаи якҷинса , сафедори гулаш майдаи дуҷинса, сафедори баргаш гӯшворак, Die Schwarze Pappel* –сафедори сиёҳ, *die Silber Pappel* - сафедори нуқрагӣ, *die zittern Pappel* - сафедори ларзон, *die Hybride Grau-Pappel* - сафедори гибридии хокистарранг , *die Balsam Pappel* – сафедор барои тайёр кардани маводи косметикӣ .

5 Калимаву истилоҳоти ифодакунандаи мафҳуми дарахти нахл дар забони олмонӣ*: –* *Die Palme* – нахл, die *Rote Latanpalme*- нахли сурхбарги юнонӣ, *die Chinesische Hanfpalme*- нахли багдонаи чинӣ, *die Zwergpalme*- нахли садамонанд, *die Blaue Hesperamidenpalme* - нахли пирамидамонанд , *die Bismark – Palme* - нахли арчамонанд, *der Maya Palme* - нахли майӣ, *die Spindelpalme* - нахли печида, *die Nadelpalme*- нахли сӯзанбарг, die *Honigpalmebaum* - нахли ширадор, *die Felsenpalmebaum* - нахли буттамонанд, *die Betelpalme* - нахли тропикӣ, *die Saegepalme*- нахли пиллагӣ, *dшу Blau Zwergpalme*- нахли садаи кабуд, *die Goldfruchtpalme* - нахли ситрусӣ, *der Elefantesfusspalme* - нахли баргаш пойи филмонанд, *die Flaschenpalme*- нахли шишамонанд, *die Florida Dreizackpalme* - нахли соскани флоридагӣ, *die Carnavon Palme* - нахли карнавон, *die Zwergpalmetto-Palme*- нахли паканаи палметогӣ, *die Meksikanische Sabalpalme*- нахли сабали мексикой, *die Kokospalme*- нахли кокосӣ, *die Serdang-Schirmpalme*- нахли тӯдагули Сердангӣ, die *Hillebrands Faecherpalme* - нахли бодбезакшакл, die Schraubenpalme - нахли печдор, die Bangalowpalme - нахли бангалов, *die Caranday Palme* - нахли карандай, *die Hawaii Palmebaum* - нахли гавайӣ, *die Teddypalme* - нахли хирсакмонанд, *die Blau Nadelpalme* - нахли сӯзанбарги кабуд, *die Zwerg Zuckerpalme* - нахли печдори форам, *die Bergpalme* - нахли кӯҳӣ, *die Madagaskarpalme* - нахли Мадагаскар, *die Mazaripalme* – - нахли мартарӣ, *die Zuckerrohrpalme* - нахли қамиш, *die Yucca Palme* - нахли юкка, *die Fuchsschwanzpalme* - нахли куноқак, *die Rotblattpalme* - нахли сурхбарг, *die Kentia Palme* - нахли кентиягӣ, *die Geleepalme* - нахли марғуладор, *die Petticoat-Palme* - нахли оҳардор, *die Yatay palme* - нахли Ятай, *die Dreieckspalmebaum* - нахли секунҷа.

Ватани дарахти нахл Олмон аст, аз ин лиҳоз, дар луғат нишон дода шудааст, ки Палма- palme баромади олмонӣ дошта, маънои “кафи даст” (ладонь)-ро дорост [15, с. 194].

Ҳангоми таҳлили мавод чунин натиҷагирӣ намудем:

1. Калимаву истилоҳоти ифодакунанда номи дарахтони бемева дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ вобаста ба тасвири забонии ҷаҳони тоҷикон ва олмонизабониҳо номгузорӣ карда шудаанд, ки майдони маънои онҳо аз ҳудуди ин ду минтақа начандон дур паҳн шудааст.

2.Дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ бо истилоҳи дарахт боварҳое мавҷуданд, ки аз давраҳои аввали рушди забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ маншаъ мегиранд .

3. Вобаста ба иқлим ва ҷойгиршавии ҷуғрофии ин ду минтақа навъҳои гуногуни дарахтон парвариш карда мешаванд, аз ин лиҳоз, номи онҳо низ гуногун буда, маъною муҳтавои онҳо танҳо ба соҳибзабонон ошно мебошанд.

Калимаву истилоҳоти ифодакунандаи дарахтони бемева як қисми асосии лексикаи забонҳои тоҷикӣ ва олмониро ташкил дода, аз лиҳози лингвокултурологӣ як таҳқиқоти муккамал ва ҷиддиро тақозо менамояд

Адабиёт

1. DUDEN, /Das Bedeutungswoerterbuch, Dudenverlag, Mannheim – Leipzig. Wien.Zurich. – 2012. - 1151 с.
2. Dagmar Kwech, Edmund Daum, Werner Schenk /Bild woerterbuch, Veb Verlag Enzyklopadie Leipzig, 1961 – 754 с.
3. DUDEN, /Deutsches Universalwoerterbuch 6. Auflage, Dudenverlag, Mannheim –Leipzig. Wien.Zurich – 2012 – 2016 с.
4. Ленинг Е. И., Строховой Н.П., Лейла К., Эккерта Р. / Русско немецкий словарь. – М.: Русский язык, 1978 - 847 с.
5. Grosswoerterbuch Russisch-Deutsch /под ред. К. Лейна, -М.: Русский язык- медиа,- 2006 - 36 с.
6. Gruenter Kempeke, Woerterbuch Deutsch als Fremdsprache, /Walter de Gruyter-Berlin. - New York, 2000 – 1329 с,
7. KLUGE Etymologische Woerterbuch der Deutschen Sprache 25.Auflage, / De Gruyter, 1021 с.
8. Lutz Rzehak, Chairullo Saifulloew, / Woerterbuch Deutsch-Tadschikisch, 645 с.
9. Муҳаммадҳусайни Бурҳон, /Бурҳони Қотеъ, Ҷилди 1.- Душанбе: Адиб, 1992 – 280 с.
10. Муҳаммадиев, М. Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ/ М. Муҳаммадиев – Душанбе, 1993. – 178 с.
11. Сироҷиддин Алихони Орзу, /Чароғи ҳидоят.- Душанбе:Ирфон, 1992 - 288 с.
12. Фарҳанги забони тоҷикӣ, Ҷ. 2. - М., 1969 - 950 с.
13. Фасмер, М. Этимологический словарь русского языка. Том 1. – М.: Прогресс, 1986. – 573 с.
14. Фасмер, М. Этимологический словарь русского языка / М. Фасмер. Том 2. – М.: Прогресс, 1986. – 871 с.
15. Фасмер, М. Этимологический словарь русского языка / М. Фасмер. Том 3. - М.: Прогресс, 1987. – 830 с.
16. Фасмер М. Этимологический словарь русского языка / М. Фасмер. Том 4. – М.: Прогресс, 1987. – 860 с.
17. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат - ҳастии миллат / Э. Раҳмон. - Душанбе, 2016. – 516 с.
18. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат - ҳастии миллат / Э. Раҳмон. - Душанбе, 2016. – 516 с.

20.Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм. Аз Ориён то Сомониён / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 228 с.

ТАҲЛИЛИ ЛИНГВОФАРҲАНГИИ КАЛИМАВУ ИСТИЛОҲОТИ ИФОДАКУНАНДАИ НОМГӮЙИ ДАРАХТОНИ БЕМЕВА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Дар мақола дарҷ гардидааст, ки мардуми тоҷик ва олмонӣ яке аз халқҳои қадимаи ориёӣ буда, дорои таъриху тамаддуни ғанӣ мебошанд. Мардуми тоҷик ва олмон аз гузашта ба боғдорӣ шуғл меварзанд, аз ин лиҳоз, забони онҳо дорои калимаву истилоҳоти зиёди марбут ба дарахтон мебошад.

Муаллифон қайд намудаанд, ки бо истилоҳи дарахт боварҳое вуҷуд доранд, ки тасвири забонии ҷаҳонфаҳмии ин ду ақвомро нишон дода метавонанд. Дар мақола оварда шудааст, баъзеи номи ин дарахтонро, агар тарҷумаи таҳтуллафзӣ намоем, маънои лозимиро дода наметавонанд, зеро вобаста ба шуури миллии халқи тоҷик ва олмон номгузорӣ шудаанд. Ҳангоми таҳлили мавод муаллиф ошкор намудааст, ки дар забони олмонӣ теъдоди

зиёди калимаҳои ифодакунандаи номи арча ба назар мерасанд, зеро дар аксари ҷашну маросимҳои ин аҳвом арча атрибути асосӣ ба ҳисоб меравад.

Муаллифон натиҷагирӣ намудаанд, калимаву истилоҳоти ифодакунандаи номи дарахтони бемева дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ вобаста ба тасвири забонии ҷаҳонфаҳмии тоҷикон ва олмонизабониҳо номгузорӣ карда шудаанд, ки майдони маъноии онҳо аз ҳудуди ин ду минтаҚа начандон дур паҳн шудааст. Аксари ин калимаву истилоҳот аз давраҳои ҚадИм дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ маншаъ гирифта, дар луғатҳо низ дар ҳамин шакл оварда шудаанд. Дар аксари онҳо шабоҳати маъноӣ ба назар мерасад, ки аз хешигарии онҳо, яъне ба як оилаи забонҳо шомил будани онҳо дарак медиҳад.

Калимаву истилоҳоти ифодакунандаи дарахтони бемева як ҚисмАти асосии лексикаи забонҳои тоҷикӣ ва олмониро ташкил дода, аз лиҳози лингвокултурологӣ як таҳҚиҚоти мукаммал ва ҷиддиро таҚозо менамояд.

Калидвожаҳо: *лексика, калима, истилоҳот: дарахт, дарахтони бемева,боғдорӣ, забони тоҷикӣ, забони олмонӣ, муҚоиса, тасвири забонии ҷаҳон, лингвокултуралогия.*

ЛИНГВОКУЛЬТУРОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ СЛОВ И ТЕРМИНОВ, ВЫРАЖАЮЩИХ НАЗВАНИЯ НЕПЛОДОВЫХ ДЕРЕВЬЕВ, В ТАДЖИКСКОМ И НЕМЕЦКОМ ЯЗЫКАХ

В статье утверждается, что таджикский и германский народы являются одним из древних арийских народов и имеют богатую историю и цивилизацию. Таджикский и немецкий народы издревле занимались садоводством, что привело к появлению множества слов и терминов в этих двух языках.

Авторы отмечают, что существуют поверья с термином «дерево», способные показать языковой образ миропонимания этих двух народов. В статье утверждается, что некоторые названия этих деревьев при дословном переводе не могут дать необходимого смысла, потому что они названы согласно национальному самосознанию таджикского и немецкого народов. В ходе анализа материала авторы выявили, что в немецком языке имеется большое количество слов, выражающих название ели, поскольку в большинстве торжеств и обрядов этого народа ель занимает место главного атрибута.

Авторы пришли к выводу, что слова и термины, выражающие названия бесплодных деревьев в таджикском и немецком языках, названы в соответствии с языковой картиной мира таджиков и немецкоязычных народов, чьё семантическое поле находится недалеко от границ этих двух регионов. Большинство этих слов и терминов берут свое начало с древних времен в таджикском и немецком языках и в одинаковом виде представлены в словарях. В большинстве из них имеется семантическое сходство, что свидетельствует об их родстве, то есть принадлежности к одной семье языков.

Слова и термины, обозначающие бесплодные деревья, составляют большую часть лексики таджикского и немецкого языков и требуют тщательного и серьезного изучения с лингвокультурологической точки зрения.

Ключевые слова*: лексика, слова, термины: дерево, бесплодные деревья, садоводство, таджикский язык, немецкий язык, сравнение, языковая картина мира, лингвокультурология.*

LINGUO-CULTUROLOGICAL ANALYSIS OF WORDS AND TERMS EXPRESSING THE NAMES OF NON-FRUIT TREES IN THE TAJIK AND GERMAN LANGUAGES

The article states that the Tajik and German peoples are one of the ancient Aryan peoples and have a rich history and civilization. The Tajik and German peoples have been engaged in gardening since ancient times, which led to the emergence of many words and terms in these two languages.

The authors also note that there are beliefs with the term tree, which can only show the linguistic picture of these two peoples. The article argues that some of the names of these trees, when translated literally, cannot give the necessary meaning, because they are named according to the national self-consciousness of the Tajik and German peoples. During the analysis of the

material, the author revealed that in the German language there are a large number of words expressing the name of the spruce, since in most celebrations and ceremonies of this people the spruce is considered the main attribute.

The authors came to the conclusion that the words and terms expressing the names of barren trees in the Tajik and German languages are named in accordance with the linguistic picture of the world of Tajiks and German-speaking peoples, whose semantic field is not far from the borders of these two regions. Most of these words and terms originate from ancient times in the Tajik and German languages and are presented in the same form in dictionaries. Most of them have a semantic similarity, which indicates their relationship, that is, belonging to the same family of languages.

Words and terms denoting barren trees make up a large part of the vocabulary of the Tajik and German languages and require careful and serious study from a linguocultural point of view.

Keywords: *vocabulary, words, terms: tree, barren trees, horticulture, Tajik language, German language, comparison, language picture of the world, linguoculturology.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна *– Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ.* ***Нишонӣ:*** *734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: 917116426*

Қаюмова Сафармо Ҷумахоновна *– Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, уновнҷӯйи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума. Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: 985778860*

Сведения об авторах: Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна *– Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка.* ***Адрес:*** *734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел.: 917116426*

Каюмова Сафармо Джумахоновна *– Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, соискатель кафедры сопоставительного языкознания и теории перевода. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6, тел.: 985778860*

Information about the authors: Abdulloeva Gulrukhsor Ziyodulloevna *– Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, candidate of Philology, associate Professor of* ***Address:*** *734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. Phone: (+992)917116426*

Kayumova Safarmo Jumakhonovna - *– Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, Applicant of the Department of Comparative Linguistics and Translation Theory Tajik language. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. Phone: 985778860*

УДК: 809.155.0

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ТЕРМИНООБРАЗОВАНИЯ ОТРАСЛИ ТУРИЗМА И ГОСТЕПРИИМСТВА

Махмадалиев Ф. М., Мухторов З. М.
Дангаринский государственный университет

В настоящее время, когда развиваются различные сферы общественной жизни, появляются новые категории, понятия и термины, требующие научного понимания и научно обоснованной интерпретации. Поэтому всестороннее изучение терминов отрасли туризма и гостеприимства является одной из важнейших задач развития как самой отрасли, так и науки о языке. Необходимо подчеркнуть, что детальная интерпретация терминологии отрасли туризма важна для понимания сущности событий и явлений, происходящих в сфере туризма и формирования принципов их регулирования и успешной реализации.

Туризм возник, когда у человека появилась возможность задуматься не только об удовлетворении насущных потребностей, но и об отдыхе. Хотя люди всегда путешествовали, только на определенной стадии экономического развития общества появился особый вид товаров – туристические услуги. Кроме того, туризм превратился в отдельный сектор национальной экономики, что потребовало формирования соответствующей отрасли, наличия квалифицированных кадров и высокого качества сервисов. Индустрия туризма включает в себя отели, предприятия общественного питания, бюро путешествий и экскурсий, туристические фирмы, автотранспортные предприятия, экскурсионные фирмы, музейный бизнес, а также бытовые услуги, развлекательные и спортивные центры, оздоровительные центры, строительные фирмы [7, с. 45].

Поэтому мы считаем, что рассмотрение терминов и терминологии туристического и гостиничного бизнеса с лингвистической точки зрения, сравнение терминов этой отрасли в английском и таджикском языках является научно значимым и своевременным.

По нашему мнению, для понимания и рассмотрения терминов отрасли туризма необходимо, прежде всего, раскрыть сущность и особенности самого слова «термин» как особого типа лексической единицы. Мы считаем, что для определения точного значения понятия «термин» необходимо обратиться к различным словарям или энциклопедиям. Большой словарь дает следующую интерпретацию: «Термин – это единица языка (слово, фраза, аббревиатура, символ, комбинация слов и цифр – символов), которая имеет особое терминологическое значение, выраженное в различных формах и отражающее основные особенности соответствующей концепции в рамках существующего уровня развития науки и техники» [2, с. 174].

Необходимо подчеркнуть, что помимо этого существуют различные интерпретации «термина», предлагаемые различными лингвистами. Мы считаем, что для конкретного определения сущности и особенностей «термина» необходимо подробно рассмотреть некоторые из этих определений.

«Термин, точно соответствующий обозначенному понятию, является устойчивым, моносемичным, то есть однозначным по своему значению и соотнесенным с другими терминами в рамках этой ветви терминологии, словом или фразой, характеризующимися единым употреблением в этой ветви терминологии» [1, с. 38].

Таким образом, можно констатировать, что термин как особый языковой знак, имеет точное соотношение с соответствующим понятием в целой системе понятий конкретной области науки и знаний. Особенность терминов как лексической единицы заключается в том, что они лишены эмоциональной окраски, объективны, строги, устойчивы и не употребляются в переносном значении [11, с. 153]. Термин является стилистически нейтральным словом, словесным комплексом, аббревиатурой, которое имеет четкую сферу, логическую и объективную направленность, является однозначным и в котором нет выразительности. Следует подчеркнуть, что между термином и словом есть некоторая разница. Термин – более узкое выражение, которое обозначает то или иное понятие. Он

нацелен на ясное отображение реальности. Однозначно то, что термин является словом или комплексом слов, но не каждое слово может быть термином.

Таким образом, термин является более точным, напрямую соотносится с обозначенным понятием. Не каждое слово может быть термином, но только те, которые имеют лингвистические предпосылки и способны выполнять функцию обозначения особой концепции.

Таким образом, можно утверждать, что термин являет собой «сложное трехслойное образование, которое включает звуковой или графический компонент структуры термина, а также идеальный семантический компонент этой структуры, который определяется принадлежностью термина к лексической системе естественного языка; логический суперстрат, то есть значимые признаки, которые позволяют термину обозначать общее – абстрактное или конкретное – понятие в системе понятий; терминологическая сущность, то есть значимые и функциональные признаки, которые позволяют термину выполнять функции элемента теории, описывающего определенную специальную область человеческого знания или деятельности» [6, с. 7].

Известный лингвист, доктор филологических наук, профессор Б.Н. Головин предлагает другую интерпретацию термина, согласно которой «термин – это слово или фраза, которые были сформированы на основе субординационных связей, которые имеют профессиональное значение, выражая и формируя профессиональную концепцию, которая используется в процессе» изучения и освоения определенного количества предметов и отношений между ними – с точки зрения определенной профессии» [4, с. 45].

На основе развития науки и техники, распространения культуры, развития общественного сознания людей, в последнее десятилетие стали широко известны некоторые термины, используемые в повседневном общении людей, хотя их использование было свойственно только профессионалам. Но это не значит, что все термины стали общеупотребительными. Например, такие слова, как «диагноз», «измерение температуры», стали широко использоваться, хотя они представляют собой медицинские термины. Но большинство терминов остаются узкоспециализированными в области терминологии, например, фрикативные и назальные фонетические термины не используются вне фонетической терминологии [3, с. 125].

Набор терминов, которые используются в определенной области науки, техники и искусства, называется терминологией этой области. Каждая сфера деятельности имеет свою терминологию, которая свойственна этой области. В этой связи Д. С. Лотте подчеркивает, что «термины должны строиться в большинстве случаев на основе строго разработанной системы соответствующих понятий и научно обоснованной классификации» [7, с. 84]. Необходимо подчеркнуть, что для рассмотрения и анализа термина важно обратить внимание на связь термина с системой терминов, его место в терминологии, поскольку этот термин существует только как элемент системы или определенной профессиональной сферы. Специфика термина как системной единицы, которая называется специальной концепцией определенного концептуального поля, подчеркивается в некоторых определениях.

Основываясь на этих интерпретациях, мы можем определить, что «термин» – это единица определенного языка, которая в различных формах обозначает концепцию, имеет специальные терминологические значения и является однозначной, систематической, стилистически нейтральной. Мы думаем, что с помощью терминов выражаются специальные понятия, называются конкретные объекты, явления, процессы. В отличие от обычных слов, термин является узким обозначением реальности и его использование не допускает двусмысленности. Термины являются объективными, строгими, стабильными, не используются в переносном смысле, имеют конкретную и понятную область применения. Они формируются в рамках подчиненных связей, имеющих профессиональное значение и используются в процессе обучения и освоения определенного круга предметов.

Исходя из приведенных выше определений, можно утверждать, что термин должен соответствовать определенным требованиям, которые к нему относятся. Но, по нашему

мнению, этот термин является динамическим элементом языка, который постоянно меняется, поэтому основные характеристики этого термина также могут быть изменены. Поэтому мы считаем, что предъявление определенных требований к условиям не логично. Но, с другой стороны, для понимания и рассмотрения терминов, отличающих их от числа часто используемых слов, целесообразно выдвигать такие требования.

Необходимо подчеркнуть, что концептуальность является признаком термина, который показывает его принадлежность к определенной области знаний. Таким образом, мы можем предположить, что любое слово является термином, который получил четкую интерпретацию, определяющую концепцию и жестко ограничивающую концептуальную сферу, обеспечивающую изоляцию от узколобых значений одноименного слова из общего словаря. Искусственно созданное слово может быть термином.

В процессе изучения терминов, широко используется слово «система». Мы встречаем понятие «система терминов» и «терминологическая система». Это понятия тождественные. Таким образом, система терминов представляет собой организованный набор терминологических слов в указанной области знаний.

Это знаковая модель конкретной теории в особой области знаний или деятельности. В качестве его элементов выступают лексические единицы и в целом структура соответствует структуре системы этой теории. Таким образом, термин и система сознательно конструируются в процессе формирования определенной теории.

Заимствуя из других языков международный фонд, семантические способы формирования новых терминов являются основными источниками формирования системы терминов.

Термины, используемые в определенной области человеческой деятельности, объединены в систему и отражают систему знаний в этой области. Такая система действует как иерархическая классификация, то есть группы понятий, которые связаны семейными отношениями [5, с. 25].

Необходимо подчеркнуть, что для данного термина как сочетания языкового знака и интерпретации характерны изменения в определении. Это основано на эволюции самого термина, развитии научных знаний. «Необходимо учитывать известную позицию диалектики о подвижной, изменчивой, природе явлений реальности. Следовательно, система научных понятий любой специальной науки не является непоколебимой и постоянной и по мере развития этой науки она должна меняться и пересматриваться. Теория диалектического материализма исходит из того, что вещи и их взаимоотношения не остаются постоянными, а находятся в процессе изменения. Следовательно, их ментальные размышления, концепции тоже подвержены изменениям и трансформации; их нельзя втиснуть в рамки окостеневших определений, но необходимо учитывать процессы их исторического и логического движения» [14, с. 103].

Многие термины появляются на основе научно-технических коммуникаций, из простого разговора профессионалов на местном языке и только затем записываются как научные термины. В различных областях знаний происходит постепенное обновление лексической структуры, которая опережает развитие общей лексики. Термины, созданные в конкретной предметной области, называются оригинальными терминами. Некоторые термины появляются в рамках деятельности учителей языка, переводчиков и тех, кто передает информацию, но непосредственно не участвует в процессе создания самих терминов.

Лексико-семантические особенности термина считаются важной проблемой в процессе терминологии. Многие лингвисты подчеркивают, что можно сравнить термин и концепцию и существует некоторая условная связь между формой и значением конкретного слова. Ряд авторов подчеркивают, что связь между формой и значением слова очень обширна и именно эта форма слова обеспечивает прямые и косвенные предпосылки для определения значения данного слова. В этом случае мы считаем необходимым рассмотреть понятие «стоимость». «Прямое или косвенное отражение предметов и явлений реальной

жизни в сознании людей, обозначаемое звуковой формой слова, называется значением. Набор значений, который может выразить слово, является его содержанием. Содержание слова состоит из различных видов лексических значений, их оттенков и грамматических значений» [9, с. 17].

Таким образом, можно утверждать, что форма обеспечивает необходимые предпосылки для определения значения слова.

Терминология, как часть общей лексики, имеет свои особенности. Термины связаны с конкретной научной концепцией и в этом аспекте они противопоставляются общему словарному запасу. Термины появляются в рамках различных исследований и отражают их научные результаты и теоретическое понимание.

Любое слово или фраза могут быть термином, для которого предлагается четкая и конкретная интерпретация, которая определяет это понятие и ограничивает концептуальную сферу. Таким образом, обеспечивается изоляция от значений одноименного слова в общем словаре. Кроме того, искусственно созданное слово, также являющееся термином, определение которого дает общее представление об объекте, устраняет возможную неоднозначность, характерную для общего языка с тем же именем.

В целом, по нашему мнению, в определенных областях знаний проблема формирования термина заключается в том, что удачный термин определяется не всегда сразу, а через некоторое время. Поэтому для обозначения конкретного процесса, явления или объекта, во-первых, используются различные термины и вместе с ним обязательно используется краткое определение. Только через определенное время формируется термин, который принимается и утверждается различными школами и отдельными авторами. Таким образом, появляются термины научного языка.

В результате развития и процветания определенной науки начинается отражение ее достижений на страницах периодической печати и средствах массовой информации, облегчающее переход определенных терминов от специального использования к общему.

В этом случае, обращаясь к общему употреблению, термины теряют научную точность, происходит их детерминизм. В научном использовании термины, как и прежде, занимают соответствующее место в системе терминов, но, как правило, уходят их близнецы, которые не имеют точности и последовательности.

В терминологии основным требованием является ясность, которая не должна зависеть от конкретного опыта исследователя. Наука ищет ясности с помощью терминологии. Она всегда отражает определенные объекты или их взаимодействие и отношения.

В последнее время на основе развития технологий и науки активизировались информационные и коммуникационные процессы, что привело к увеличению количества терминов в различных областях деятельности и знаний. Анализ научной литературы показывает, что причины количественного роста терминов заключаются в следующих моментах:

– появление новых научно-технических объектов и концепций, которые потребуют создания новых терминов для обозначения;

– проблемы двусмысленности и неопределенности терминов, сложности семантической и грамматической структуры терминов, затрудняющих применение терминологии в различных областях знаний и деятельности;

– развитие информационно-технологических систем, обуславливающих необходимость их терминологического обеспечения;

– потребность в словарях для перевода в сферах деятельности;

– появление новых явлений в развитии общественных отношений, открытие новых технологий в науке и деятельности в различных сферах общественных отношений.

А именно, на основе такого развития происходит переориентация исследований в области терминологии, которая направлена на изучение терминов в специальных областях знаний. В этом направлении проводятся специальные исследования терминов, их

Но, с другой стороны, ошибки оцениваются как приобретение опыта в трудовой деятельности. Значение **«право в труде на ошибку»** реализуется в следующих пословицах**:**

He who makes no mistakes makes nothing */ То хато накунӣ, ислоҳ намешавӣ* [7, с. 129].

По-русски: Не *ошибается тот, кто ничего не делает.*

При этом английскому народу свойственно более внимательное отношение к труду, точность, аккуратность и тщательность в работе. Значение «Точность в работе» реализуется в следующих английских пословицах:

Score twice before you cut once.

Ҳафт бор чен кун, як бор бур [10, с. 29].

Отмерь дважды и отрежь один раз.

Measure the cloth ten times, though can cut it but once.

Аввал андеша, баъд гуфтор [10, с. 27].

Отмерь ткань десять раз, прежде чем отрезать.

Семь раз отмерь, один раз отрежь

Так же это значение прослеживается в такой пословице как:

Jack-of-all-trades is a master of none [7, с.79].

Холаи ҳамакора, ҳама кораш нимкола.

Джек, называющий себя мастером разных ремесел, не знает ничего.

То есть важным для англичан является то, что труд требует сосредоточенности на чём-то конкретным.

В английском языке много образов животных, выражающих трудолюбие и добросовестное отношение к труду - пчела, птичка. Англичане выделяют такие качества пчелы, как бережливость, аккуратность, неутомимость в трудовой деятельности, например,

As busy as a bee.

Меҳнаткаш мисли занбур.

Трудолюбивый как пчела.

No bees, no honey.

Без пчёл не получишь мёда.

A busy bee has no time for sorrow.

Одами серкор вақти зиқшавӣ надорад.

Трудолюбивой пчёлке некогда грустить.

The early bird catches the worm.

Файзи саҳар дигар аст.

Ранняя птичка червячка тут же ловит.

Барвақт кору барвақт бардор [9, с. 21].

Похожие значения реализуют английские поговорки, представляющие образ бобра, например, ***an eager beaver; To be as busy as a beaver*** */ Трудолюбивый, как бобр.*

У народов, связанных многовековыми контактами, а в дальнейшем влившихся в многонациональную семью социалистического государства, взаимопроникновение различных элементов культуры, не только материальной, но и духовной — процесс закономерный. Это явление отмечено в отношении пословиц и изречений.

Так, «Есть изречения, вошедшие в народ из различных книг, а некоторые вошли в русские паремии от других народов в процессе экономического и культурного общения», паремии таджиков и русских сходны не только по содержанию, но очень часто имеют буквальное сходство и по структуре, и по лексическому составу, что, конечно, объясняется тесными многовековыми связями этих народов.

Сходство таджикских пословиц и русских может быть объяснено постоянными контактами в прошлом, а за годы советской власти совместным участием в построении нового социалистического общества и государства, в учебных заведениях и т. д. Здесь имеет место, конечно, и типологическое сходство.

Литература

1. Даль, В. И. Толковый словарь живого великорусского языка. – М.: ГИС, 1955.
2. Каменецкайте, Н. А. Синонимы в английской фразеологии. - М., 1971. – 367 с.
3. Кунин, А. В. Русский фразеологический словарь / А. В. Кунин. (Гос. изд. иностр. словарей). – М.: Высш. школа, 1970. – 344 с.
4. Кунин, А. В. Англо-русский фразеологический словарь / А. В. Кунин. (Гос. изд. иностр. словарей). – М.: 1956. – 1456 с.
5. Кунин, А. В. Англо-русский фразеологический словарь. М.: Русский язык, 1984. – 944 с.
6. Леонович, О. А. В мире английских имен. М.: АСТ: Астрель, 2002.160 с. Наука, 1981. – 176 с.
7. Дубровин, М. И. Английские пословицы и поговорки в иллюстрациях. – М.: – Просвещение, 1993. – 330 с.
8. Жуков, В. П. Пословица / В. П. Жуков // Лингвистический энциклопедический словарь / гл. ред. В. Н. Ярцева. - М., 1990. – 389 с.
9. Калонтаров, Я. Таджикские пословицы и поговорки по аналогии с русскими. – Душанбе: Ирфон, 1965. – 125 с.
10. Карасик, В. И. Языковой круг: личность, концепты, дискурс. – Волгоград: Перемена, 2002. – 477 с.
11. Снегирев, И. М. Обзор пословиц и поговорок. Русское устное народное творчество: учебник по фольклору / Отв. автор Ю. Г. Круглов. – М.: Высш. школа, 2003. – С. 133-140.
12. Хайям, О. Рубоиёт. – Душанбе: Маориф ва фарханг, 2010. – 235 с.

КОНЦЕПТ «ЛЕНЬ» В ПАРЕМИЯХ АНГЛИЙСКОГО, ТАДЖИКСКОГО И РУССГОГО ЯЗЫКОВ

В статье анализируются паремии в таджикском, русском и английском языках. Паремии считаются отблеском интеллектуально-эмоционального метода изучения мира, где фиксируется мнение человека о мире.

По мнению авторов статьи, монотонность паремий аргументировано открытостью закрепленного в их семантике, в характере социального навыка, скопленного в процессе познания действительности практически целыми поколениями разноязычных народов. Отмечается, сто сопоставительное рассмотрение пословиц и поговорок народов, тесно связанных многовековым соседством, общими линиями этнической и политической истории, общностью исторически сложившихся типов хозяйства, быта и культуры освещает многие стороны взаимодействия и взаимовлияния национальных культур.

Таким образом, можно считать, что в целом таджикские, английские и русские отражая быт и мировоззрение определённой социальной группы общества, паремии воспроизводят в своём лексическом составе слова и выражения, тесно связанные с трудовой деятельностью людей.

Ключевые слова: *концепт, русский язык, таджикский язык, культура, национальный, английский язык, таджикская культура, быт.*

КОНСЕПТИ «ТАНБАЛӢ» ДАР ПАРЕМИЯҲОИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ, ТОҶИКӢ ВА РУСӢ

Дар мақола зарбулмасалҳо ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ таҳлил шудаанд. Паремияҳо инъикоси усули зеҳнӣ-эмотсионалии омӯзиши ҷаҳон ба шумор рафта, дар он ақидаи шахс дар бораи ҷаҳон устувор аст.

Ба андешаи муаллифони мақола, якрангии зарбулмасал бо далели ошкороии семантикаи онҳо, хусусияти маҳорати иҷтимоӣ, ки дар раванди дарки воқеият қариб тамоми наслҳои халқҳои гуногунзабон андухта шудааст, ифода меёбад.

Зикр гардидааст, ки баррасии мукоисавии зарбулмасалу мақолҳои халқҳое, ки бо ҳамсоягии чандинасра ба ҳам зич алоқаманданд, якхела будани таърихи этникию сиёсӣ,

умумияти навъхои таърихан муқарраршудаи иқтисодиёт, маишат ва маданият бисёр ҷиҳатҳои таъсири мутақобила ва байниҳамдигарии маданиятҳои миллиро нишон медиҳад.

Ҳамин тариқ, метавон ба хулосае расид, ки умуман зарбулмасалҳои тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ, ки ҳаёт ва ҷаҳонбинии гурӯҳи муайяни иҷтимоии ҷамъиятро инъикос мекунанд, дар таркиби луғавии худ калимаю ибораҳоеро такрор мекунанд, ки ба фаъолияти меҳнатии одамон зич алоқаманданд.

Калидвожаҳо: *мафҳум, забони русӣ, забони тоҷикӣ, фарҳанг, миллӣ, забони англисӣ, фарҳанги тоҷикӣ, тарзи зиндагӣ.*

THE CONCEPT "LAZINESS" IN PAREMIA OF THE ENGLISH, TAJIK AND RUSSIAN LANGUAGES

Paroemias are considered a reflection of the intellectual-emotional method of studying the world, where a person's opinion about the world is fixed. The monotony of proverbs is argued by the openness of the social skill fixed in their semantics in the nature, accumulated in the process of knowledge of reality by almost entire generations of multilingual peoples, and disagreements reflect national and cultural specifics. Comparative consideration of proverbs and sayings of peoples closely connected by centuries-old neighborhood, common lines of ethnic and political history, commonality of historically established types of economy, life and culture, illuminates many aspects of the interaction and mutual influence of national cultures. The article analyzes proverbs in Tajik and English.

Thus, it can be considered that, in general, Tajik, English and Russian proverbs, reflecting the life and worldview of a certain social group of society, reproduce in their lexical composition words and expressions that are closely related to the labor activity of people.

Keywords*: concept, Russian language, culture, national, English language, Tajik culture, way of life.*

Маълумот дар бораи муаллифон*:* ***Шоназарова Дилора Субҳонназаровна*** *– Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, унвонҷӯйи кафедраи забонҳои хориҷӣ. Нишонӣ: ш. Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков, 1. Тел.: 551002707*

Хоҷаева Сурайё Очиловна *–* ***Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон****, доктори илмҳои филологӣ, сардори шуъбаи илм ва инноватсия. Нишонӣ: н. Данғара, кӯчаи Исмат Шариф-3. Тел.: 919291120*

Сведение об авторах*:* ***Шоназарова Дилора Субхонназаровна*** *- Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова, соискатель кафедры иностранных языков. Адрес: Город Худжанд, улица Мавлонбекова, 1. Тел.: 551002707*

Ходжаева Сурайё Очиловна *– Хатлонский государственный медицинский университет, доктор филологических наук, начальник отдела науки и инновации. Адрес: Дангаринский район, ул. Исмат Шариф-3. Тел.: 919291120*

Information about the authors: Shonazarova Dilora Subhonnazarovna *- Khujand State University named after Academician Bobojon Gafurov, applicant for the Department of Foreign Languages. Address: Khujand city, Mavlonbekov street, 1. Phone: 551002707*

Khojaeva Surayo Ochilovna *- Khatlon State Medical University, Doctor of Philology, Head of the Department of Science and Innovation. Address: Dangara district, st. Ismat Sharif-3. Phone.: 919291120*

ТДУ 81' 37

МЕТАФОРА ВА МЕТОНИМИЯ АСОСИ БАРРАСИИ «ТАСВИРИ ҶАҲОН» ДАР ЗАБОНШИНОСИИ ШИНОХТӢ (КОГНИТИВӢ)

Матробиён С. Қ., Бобоев М.М.

Донишкадаи давлати забонҳои Тоҷикикистон ба номи Сотим Улуғзода

Солҳои охир забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ) худро ҳамчун як самти алоҳидаи забоншиносӣ дар робита бо илмҳои маърифатӣ ҳарчӣ бештар муаррифӣ намуда, асосан бо роҳи таҳқиқоти таҷрибавӣ ғанитар ва пурра мегардад. Ҳадафи забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ) ин омӯзиши ҳодисаҳо ва дастовардҳои забон ҳамчун вазифаҳои маърифатӣ дар асоси таҳқиқоти таҷрибавӣ мебошад [2, с. 5]. Мафҳуми «тасвири ҷаҳон» ва дар робита бо он истилоҳҳои метафора ва метонимия дар забоншиносии шинохтӣ яке аз мавзуъҳои баҳсталабу доманадор ба ҳисоб меравад ва тасмим гирифтем то ҳадди имкон баъзе аз тарафҳои онро дар мақолаи мазкур баррасӣ намоем.

Дар инкишофи забону ҷамъият нишонаҳое мавҷуданд, ки дар онҳо инкишофи муносибатҳои инсон ба олам, ба ашёҳо ва ба дигарон маҳфуз аст [9, с. 11]. Хело мароқангез аст, ки чӣ гуна тасвирҳо дар майнаи сари мо нақши муҳимро мебозанд. Мо бо ёрии тасвирҳо консептҳои абстрактиро барои худ дастрас карда, ҷаҳонро дар тафаккури худ мувофиқи таҷрибаҳои ҳаёт дарк менамоем, ба низом медарорем ва ба категорияҳо ҷудо мекунем [10, с. 93]. Масалан, мо доимо тулуъ ва ғуруби хуршедро мебинем, ҳол он ки дар асл ин тавр нест. Садҳо сол аст, ки мо тавассути машҳулиятҳо дар мактаб медонем, на хуршед, балки замин дар гирди хуршед давр мезанад [9, с. 75]. Ғайр аз ин инсонҳо на ҳамеша фикрашонро мустақим баён мекунанд, яъне ин маънои онро дорад, ки онҳо калимаҳоро бевосита бо маънии аслиашон истифода намебаранд. Мо метавонем ба касе гӯем, ки ӯ хело ҳушёру зирак аст ва танҳо ба манфиати худ кор мекунад, аммо ба ҷои ин мо мегӯем, ки ӯ рӯбоҳ аст. Аз ин бармеояд, ки мо дар майнаи сари худ тасвирҳои зиёде дорем, ки барои баёни фикрамон истифода мебарем. Тасвири рӯбоҳ яке аз он тасвирҳо дар майнаи сари мо аст [10, с. 94]. Мисоли дигар ин ибораи «дилро шикастан» мебошад, ки аз як тараф дил зарф нест, ки шиканад ва аз тарафи дигар ҳеҷ кас барои шикастани дил ба назди ҷарроҳ намеравад. Ё ин ки масалан, ибораи «хуни дил хӯрдан». Дар ин ҷо низ хӯрдани хуни дил номумкин аст ва ин маънои ғам хӯрдану азобу шиканҷа кашиданро дорад. Ин тасвирҳо дар забонамон дар шакли ибораҳои устувор мустаҳкам шудаанд. Ин гуна тасвирҳо дар майнаи сари инсон зиёданд. Масалан ҷое Лоиқ гуфтааст:

Хуни дил хур, хуни дил хур, хуни дил,
Маҷлиси май нест майдони сухан.

Вобаста ба мисолҳои боло метавон гуфт, ки тасвирҳо ҳамчун падидаи забон дар забоншиносии шинохтӣ мушоҳида мешаванд. Истифодаи калимаҳо бо маъноҳои ғайриаслӣ дар замони қадим санъати сухан ба ҳисоб мерафт. Бо ҳамин усул дар Рими қадим нуткро обу ранг медоданд. Бо санъати баланд суханварӣ кардан дар он давра маънои таъсирбахш сухан карданро дошт. Соҳаи дигаре, ки дар он тасвирҳо бештар мавриди истифода қарор доранд, ин шеър ва адабиёт аст [10, с. 94]. Барои он, ки сухан зебову таъсирбахш шавад аз тасвирҳо, яъне калимаҳо бо маъноҳои ғайриаслӣ истифода бурда мешавад.

Дар низоми семантикии забон маъноҳо назар ба миқдори калимаҳо бисёранд, яъне калимаҳо сермаъноянд. Дар сермаъноии калима мо ҷиҳатҳои аслӣ ва маҷозии вожаҳоро мебинем, ки дар луғатҳои тафсирӣ одатан маънои маҷозӣ махсус ишора карда мешавад [1, с. 21]. Аз ин рӯ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дилхоҳ калимаи забон вобаста ба макону замон ва ҳолат метавонад маъноишро иваз кунад.

Дар гуфтори ҳамешагии инсонҳо тобишҳои гуногуни калимаҳо мавҷуданд, ки дар забоншиносӣ онҳоро бо вожаҳои *метафора* ва *метонимия* ифода мекунанд. Зери мафҳуми *метафора* маънои маҷозии калима фаҳмида мешавад. Бо маъноҳои маҷозӣ калимаҳо маъноҳои нав қабул мекунанд, яъне сермаъно мешаванд. Аз ҳамин сабаб, *метафора* асосан дар робита бо полисемия таҳқиқ карда мешавад. Метафора ва метонимия дар забоншиносии

шинохтӣ мавқеи устувор доранд. Муҳаққиқи забоншиносии қавмии рус Перехвалская Е.В. ба мавқеи метафора ва метонимия дар илми когнитивӣ таваҷҷуҳ намуда, бар он ақида аст, ки «метафора ва метонимия бар асоси сермаъноӣ, яъне бисёрмаъноии вожаҳо бунёд ёфтаанд ва тавассути онҳо маъной маҷозӣ ва ғайриаслии калимаҳо ташаккул меёбанд. Бо ин хусусият онҳо аз навъҳои дигар: гипербола, муқоиса ва ғ. фарқ мекунанд. Метафора ва метонимия имкон медиҳанд, ки дар бораи ин ё он ашё, падидаҳо ва тасаввурот, ки барояшон калимаи алоҳида дар забон вуҷуд надорад, чизе гӯем (ё фарқ кунем) [2, с. 262]» Мусаллам аст, ки дар табиат чизҳои бо ҳам монанд вуҷуд доранд ва мувофиқи меъёрҳои забон дорои маъноҳои гуногун мебошанд [10, с. 96]. Масъалаи диди соҳибзабонон нисбат ба ашёҳое, ки атрофи онҳоро фаро гирифтаанд, барои забоншиносон хеле муҳим арзёбӣ мешавад [10, с. 97]. Албатта, соҳибони забонҳои гуногун, ки фарҳангҳои гуногун доранд, на ҳамеша ба ашёҳо баҳои якхела медиҳанд. Яке аз сабабҳои фарқияти забонҳо низ дар ҳамин аст. Аз ин бармеояд, ки соҳибони забонҳои гуногун дорои ҷаҳонбинии ба худ хос мебошанд, ки аз ҳамдигар фарқ мекунад.

Монандӣ ва тавофути забонҳо дар истифодаи хусусиятҳои ҳайвонот ҳамчун метафора равшан маълум мегардад [10, с. 98]. Натиҷаи муқоисаи забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ нишон медиҳад, ки ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони олмонӣ тасвири рӯбоҳ маъной одами ҳушёру зиракро дошта, вале ҳамеша аз ҷониби манфӣ баён мегардад. Нафаре, ки нафратомез асту тартиботро риоя намекунад ва рафторҳои баду ғайриинсонӣ дорад, дар забонҳои муқоисашаванда, яъне ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони олмонӣ бо «хук» қиёс карда мешавад. Мисолҳои мазкур нишон медиҳанд, ки намояндагони забонҳои муқоисашаванда дар тафаккурашон нисбати «рӯбоҳ» ва «хук» тасвирҳои бо ҳам монанд доранд.

Дар забонҳои муқоисашаванда тасвирҳои фарққунанда низ мавҷуданд. Масалан, дар забони олмонӣ одами худписандро ба «товус» монанд мекунанд [10, с. 98]. Чунин тасвир дар забони тоҷикӣ ба назар намерасад. Дар тасаввури тоҷикон «товус» ҳамчун парандаи зебо ва хушхиром тасвир шуда, дар симои ӯ зебоӣ ва хушхиромӣ таҷассум меёбад ва ба маъной маҷозӣ онро нисбат ба духтарон истифода мекунанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки дар андешаи тоҷикзабонону олмонизабонҳо тасвири «товус» мувофиқат намекунад. Чунин тафовут нисбати ҳайвонотро мо дар дигар забонҳо низ баръало дида метавонем. Масалан, тасвири ***гов***, агар дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ маъной маҷозии *одами гарангу нодон ва беақл*ро дошта бошад, дар забонҳои ҳиндӣ, баръакс гов, нишонаи эҳтироми баланд аст.

Забонро чашми ақл меноманд, яъне «чашми халқ», ки ҷаҳонро мебинад. Воқеан, дар баррасиҳои забоншиносии шинохтӣ ҳаминро бештар метавон дарк намуд, зеро дар он таҳлилҳои ба воқеият наздик мавҷуд мебошанд. Дар забоншиносии анъанавӣ сабаби истифодаи калимаҳо бо маъноҳои маҷозиро сарфи овозии забон меноманд [10, с. 98].

Ҳар як чиз ва ё ашё дар забон нишонаҳои гуногун дорад. Масалан, танҳо яке аз узвҳои бадани инсон – «сар» чӣ қадар номгузорию нишонаҳои монандро доро аст: «сар» дар забони тоҷикӣ: каду, харбуза, мош, дег, халтаи чаккаи турушшуда; дар забони олмонӣ: каду, шалғам, нахӯд, пуффак, лонаи паранда; дар забони русӣ: харбуза, чойник, лонаи паранда, шоҳкоса ва ғайраҳо. Дар ин маврид истифодаи метафора, яъне калимаҳо бо маъноҳои маҷозиашон ба мақсад ва ҳолати эҳсосии соҳибзабонон вобастагӣ дорад [10, с. 99].

Мутафаккирони бузург забонро оинаи халқ номидаанд, ки воқеан ҳам рафтору кирдор ва ҳам пиндори ҳар як халқ дар забони ӯ инъикос меёбад. Ҳама он тафсирҳое, ки дар забони ин ё он халқ дида мешаванд, дар рафтору кирдори ӯ низ то дараҷае ҳувайдо аст.

Намуди дигари тасвири забонӣ ин метономия мебошад. Масалан, узвҳои тани инсон ҳамчун тасвир ба монанди даст, пой, даҳон, лаб, сар ва дар дигар ашёҳои рӯзгор истифода мешаванд. Ба ин иборанои дастаи фишанг, дастаи дар, дастаи бел, дастаи каланд, дастаи табар, дастаи корд, дастаи шамшер, пои курсӣ, пои миз, даҳони дег, даҳони ғор, даҳони чоҳ, лаби бом, лаби ҷӯй, лаби об, сари об, сари дастархон, сари кӯча ва ғайраҳо мисол шуда метавонанд.

Агар мо дар навбат, яъне дар қатор истода бошем, барои мисол гуфтан мумкин аст, ки ман дар паси ҷомаи сурх ва ё паси кулоҳи кабуд истодаам. Ба ҷои он гуфтан мумкин аст, ки

ман паси марди *ҷомасурх* ва ё марди *кулоҳкабуд* истодаам. Дар ин ҷо мавҷудияти метономия ва амали асосии ӯ бараъло ба назар мерасад [10, с. 100]. Метономия истифодаи калимаю мафҳумҳоро дар нутқ ва баёни фикр осон мегардонад.

Метономия низ айнан ба монанди метафора аз рӯйи системаю танзим маъноҳои маҷозии предмету ашёҳоро ба вуҷуд меорад. Маъмулан калимаҳо бо маъноҳои маҷозӣ дар забон ба қайд гирифта мешаванд ва бисёрмаъногии калимаҳо ба вуҷуд меояд. Масалан, консепти «нок»-ро мисол меорем: 1. Меваи дарахти нок: Нокҳо ҳоло напухтаанд. 2. Дарахти мева: Нокҳо аллакай гул мекунанд. 3. Чӯби дарахти нок ҳамчун маводи сохтмон: Ҷевоне аз ноки африкоӣ [10, с. 100]. Калимаҳои мева, дарахт ва чӯб ба як соҳа дахл доранд ва бо ҳам дар муносибатанд, вале муносибати онҳо қисман дар як муддати муайян давом мекунад. Масалан, мева дар дарахт мешавад ва чӯб бошад аз дарахт баъди афтондан ва коркарди он ба даст оварда мешавад. Метафора ва метономия хусусияти мунтазам ва оддӣ доранд ва дар забон ҷорӣ шуда, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти мо ба назар мерасанд. Инчунин, дар забони марбут ба касбу кор ва илм метафораву метономия зиёд ба назар мерасанд [10, с. 101]. Муҳимтарин намудҳои тасвири забонӣ ин метафора ва метономия мебошанд. Намуди мушоҳидаҳои метафора дар забоншиносии шинохтӣ аз забоншиносии анъанавӣ ва адабиётшиносӣ фарқ дорад. Барои фаҳмидани метафора на танҳо донистани забон кофӣ аст, балки донистани фарҳанг, таърих, урфу одатҳо ва ғайраҳо зарур аст [10, с. 106]. Метафора на танҳо масъалаҳои услубии забон, балки раванди шинохтиро низ ифода мекунад. Гуфтан мумкин аст, ки дар забоншиносӣ рӯйдоди маърифатӣ дар натиҷаи таҳқиқи метафора ва нақши ӯ дар шинохти инсон ба вуҷуд омадааст. Дар ин миён, дар забоншиносии шинохтӣ метафорҳои забонӣ дигар дар сатҳи забон маҳдуд намешавад, балки ҳамчун инъикоси фаъолияти шинохтӣ мушоҳида карда мешавад. Забон дигар бо таври куллӣ ҳамчун шакли мустақил, худмухтор ва маҳдудшуда новобаста аз дигар қобилиятҳои маърифатӣ мушоҳида карда намешавад, балки ҳамчун инъикоскунандаи маърифати инсон зери таҳлилу муқоиса қарор мегирад [10, с. 104]. Аз ҳамин нуқтаи назар забони метафорӣ инъикоси худкори табии тафаккури инсонӣ ва фарҳанг дида мешавад [10, с. 111].

Мо инсонҳо мавҷудоти ҷамъиятӣ ҳастем. Мехоҳем ба ҳамдигар дар бораи он чизҳое, ки медонем, фикр мекунем, мебинем, эҳсос мекунем, бовар дорем ва ѓайра хабар диҳем. Аммо мо иннъоро тамоман бо роҳу усулҳои гуногун ичро карда метавонем [11, с. 1]. Масалан, мо метавонем ҳайратамонро бо баланд бардоштани абрӯҳо изҳор кунем. Бо дастҳои худ метавонем шаклу қолабҳо ва рақамҳоро пешниҳод кунем, ба монанди он ки шакли даврaро дар ҳаво бо ангушти ишора нишон медиҳем. Ин имкониятҳои гуногуни баёни фикр барои мо ҳамчун сухангӯ ва ё шунаванда аҳамияти муҳим доранд, зеро мо онҳоро ҳамчун «аломат барои ифодаи чизе» фаҳмида метавонем. Ба воситаи аломат шаклро бо маъно ё ба ибораи дигар маъно бо ягон шакли муайян алоқаманд карда мешавад. Масалан, агар касе абрӯвони худро баланд кунад, онро ҳамчун аломати дар ҳайрат будани ӯ фаҳмидан мумкин аст [11, с. 2]. Бо ақидаи Чарлз Дарвин акси рӯй, ки барои ифодакунии ҳиссиётҳои гуногун хизмат мекунад, дар ҳама халқиятҳо новобаста аз муҳити фарҳангӣ як хел аст. Аз рӯи нуқтаи назари мутафаккирон ва натиҷаи таҳқиқоти онҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки мағзи сари инсон тавре барномарезӣ шудааст, ки ҳангоми ҳисси хушҳолӣ кунҳъо лаб ба боло бардошта мешаванд ва ҳангоми ғамгинӣ ба поён. Яъне акси рӯй аз ҳиссиёти дар мағзи сар ҳосилшаванда вобастагӣ дорад.

Системаи мураккабтарини аломатҳо, ки бо он аломатшиносӣ машғул аст, ин забони инсон мебошад. Аммо аломатшиносӣ на танҳо нишонаҳои забонро меомӯзад, балки ба дигар шаклҳои рафтори муошират одамон, ба мисли имову ишора, сару либос ва ғайра низ машғул аст. Таълимоти аломатҳо ва системаҳои онҳоро дар шаклҳои мухталиф семиотика меомӯзад [1111, с. 3]. Ҳар гуна новобаста аз шакли он ба аломатҳо такя мекунад. Ашёҳо дорои аломатҳо ва аломатҳо дорои маъно мебошанд. Аломатҳои забонӣ як қисми ҷаҳонбинии инсон мебошанд. Нисбат ба аломатҳои забонӣ дар тафаккури одамон консептҳо бештар мебошанд. Аммо тамоми мафҳумҳое, ки мо ба забон ворид мешаванд маъноии аломатҳои алоҳидаи забониро ифода медиҳанд. Ҷаҳони тасаввурот ва мафҳумҳои мо аз рӯи

категорияҳои консептуалӣ сохта шудаанд, яъне ба воситаи мафҳумҳое, ки маҷмуи унсурҳои маъноии алоҳидаро дар умум муттаҳид мекунанд. Категорияҳои консептуалӣ метавонанд баёни нутқро ҳамчун категорияҳои забонӣ нишон диҳанд [11, с. 22]. Аз ин рӯ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки аломатҳои забонӣ, мафҳумҳо ва тасаввурот як қисми ҷаҳонбинии инсон буда, «тасвири ҷаҳон»-ро ташкил медиҳанд.

Ҳамин тавр, яке аз масъалаҳои асосие, ки имрӯзҳо диққати забоншиносонро ба худ ҷалб кардааст, ин мафҳуми «тасвири ҷаҳон» мебошад. Инсон ҷаҳонро мушоҳида ва дарк намуда, дар бораи он фикр мекунад. Ҳар як инсон дар тӯли зиндагию фаъолияти худ воқеаҳои зиёдро дарк мекунад ва дар натиҷа лексикаи забони ӯ устувор мегардад. Маҳз тавассути забон тасаввуроти мардум доир ба муҳити атроф ифшо мегардад. Донишҳое, ки инсон дар тӯли ҳаёти худ ба даст овардааст, дар шуури инсон дар шакли «тасвири ҷаҳон» нақш мебанданд. Яъне ҷамъи донишҳое, ки дар забон инъикос ва устувор гардидаанд «тасвири ҷаҳон»-ро дар шуури инсон ташкил медиҳанд. Мафҳуми «тасвири ҷаҳон» яке аз шаклҳои батартибдарории дониши олами воқеӣ мебошад. Дар умум, зери мафҳуми «тасвири ҷаҳон» ҳама он донишҳое фаҳмида мешавад, ки дар шуури ҷамъиятӣ инъикос ёфтааст.

Дар илми забоншиносӣ баҳсҳои зиёде ба вуҷуд омадаанд, ки ҷанбаи асосии онҳо тасвири дунёи ботинию зоҳирӣ ва хусусиятҳои рафтори инсон мебошад. Дунёи ботинию зоҳирӣ ва рафтори инсон дар забони ӯ тасвир мегарданд. Аз рӯйи далелҳои забоншиносии зеҳнӣ ва забоншиносии шинохтӣ, забон аз механизими умумии маърифатии инсон сарчашма гирифтааст. Масалан, ба консепти «бибӣ» дар забони тоҷикӣ, ки дар он нишонаи хешутаборӣ дида мешавад, таваҷҷуҳ менамоем. Ҳангоме ки вожаи тоҷикии «бибӣ»-ро ба забон меорем, ба шунаванда ё мусоҳиби мо маълум нест, ки сухан дар бораи кадом бибӣ: бибии модарӣ ва ё бибии падарӣ меравад. Мисоли мазкур нишон медиҳад, ки калимаҳо на ҳамеша маънои худро пурра ифода мекунанд ва аз маълумоти онҳо соҳибзабон, шунаванда ва ё хонанда қаноатбаш аст. Ин ҳодисаи консептуалӣ метавонад дар забони забони олмонӣ ҳам ба чашм расад.

Воқеан забон оинаест, ки фарҳангро инъикос менамояд. Ҳам забон ва ҳам фарҳанг шаклҳои шуур мебошанд, ки хусусиятҳои ҷаҳонбинии инсонро инъикос мекунанд. Аз ин рӯ, таркиби луғавии забон мунтазам тағйир меёбад, баъзе калимаҳо аз байн мераванд, ҳамзамон, калимаҳои нав дар забон пайдо мешаванд ва бо ин роҳ бунёди луғавиро ғанӣ мегардонанд. Ҷараёни тағйирёбии калима, аз байн рафтан, пайдоиши калимаҳои нав, ғанишавии бунёди луғавии забон доимоамалкунанда аст ва ин хоси забон мебошад. Таркиби луғавии забон бо таърих, тарзи ҳаёт ва шароити зиндагии халқ сахт алоқаманд аст ва ҳамаи калимаҳои забон ба таркиби луғавии он дохил мешаванд.

Рӯйхати адабиётҳои истифодашуда

1. Забони адабии ҳозираи тоҷик (лексикология, фонетика ва морфология) кисми 1. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 451 с.
2. Перехвальская, Е.В. Этнолингвистика: учебник для академического бакалавриата / Е.В.Перехвальская. – М.: Юрайт, 2019. – 351 с.
3. Геляева, А. И. Человек в языковой картине мира. / А. И. Геляева. – Нальчик, 2002. – 177с.
4. Ивитская, О.Д. К вопросу о национальной языковой личности и различиях в номинативных картинах мира (на примере Великобритании) // Юбилейный сборник статей. / О.Д. Ивитская – М.: Научно-образов. центр. Школа Китайгородской, 2000. – С.122-142.
5. Колшанский, Г.В. Объективная картина мира в познании и языке / Г.В. Колшанский. – М.: Наука, 1990. – 108 с.
6. Корнилов, О.А. Языковые картины мира как производные национальных менталитетов. / Корнилов О.А. – М., 2003. – 349 с.
7. Попова, З. Д., Стернин, И. А. Язык и национальная картина мира / З.Д. Попова, И.А. Стернин. – Воронеж, 2003. – 59 с.
8. Gert Rickheit; Sabine Weiss; Hans-Jürgen Eikmeyer Kognitive Linguistik Theorien, Methoden, Modelle, Tübingen: Francke, 2010 – 347 S.

9. Fritz Tschirch, Erkenntnis und Glaube, Weltbild, Denkform und Sprachgestalt, Verlag Herbert Renner – Berlin, 1954. – 104 S.
10. Moiken Jessen/Johan Blomberg/Jörg Roche (Hg.) Kognitive Linguistik, Narr Francke Attempto Verlag GmbH + Co. KG. Dischingerweg 5. D – 72070 – Tübingen, 2018. – 353 S.
11. Ralf Pörings/Ulrich Schmitz (Hrsg.), Sprache und Sprachwissenschaft, Eine kognitiv orientierte Einführung, Gunter Narr Verlag – Tübingen, 1999. – 290 S.

МЕТАФОРА ВА МЕТОНИМИЯ АСОСИ БАРРАСИИ «ТАСВИРИ ҶАҲОН» ДАР ЗАБОНШИНОСИИ ШИНОХТӢ (КОГНИТИВӢ)

Дар мақола баъзе масъалаҳои мубрами забоншиносии муосир мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Оид ба омӯзиши назариявии мафҳуми «тасвири ҷаҳон» ва истилоҳи «метафора» ва «метонимия» дар забоншиносии зеҳнӣ ва забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ) маълумоти зарурӣ пешниҳод гардидааст. Мувофиқи талаботи рӯзафзуни ҳаёт имрӯз дар илми забоншиносӣ якчанд самтҳои нав пайдо шудаанд, ки аз ҷумлаи онҳо забоншиносии зеҳнӣ (психолингвистика) ва забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ) мебошанд. Забоншиносии зеҳнӣ ва забоншиносии шинохтӣ самтҳои нави забоншиносӣ буда, мавзуи омӯзиши онҳо шуури инсон ба шумор меравад. Ҳадафи асосии забоншиносии зеҳнӣ ва забоншиносии шинохтӣ ин омӯзиши раванди дарк, қабули нутқ, баёни фикр, азхудкунии забон ва дигар вазифаҳои маърифат мебошанд. Дар ҷараёни таҳқиқот яке аз воҳидҳои забонӣ, яъне мафҳуми «тасвири ҷаҳон» дар иртибот бо метафора ва метонимия аз нуқтаи назари забоншиносии зеҳнӣ ва забоншиносии шинохтӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

***Калидвожаҳо**: тасвири ҷаҳон, забоншиносии зеҳнӣ (психолингвистика), забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ), метафора, метонимия, дарк, андеша, шуур, тафаккур.*

МЕТАФОРА И МЕТОНИМИЯ КАК ОСНОВА РАССМОТРЕНИЯ «КАРТИНА МИРА» В КОГНИТИВНОЙ ЛИНГВИСТИКЕ

В данной статье исследуются некоторые важные вопросы современного языкознания. Приводятся необходимые сведения о теоретическом изучении понятия «картина мира» и терминов «метафора» и «метонимия» в психолингвистике и когнитивной лингвистике. В соответствии с растущими запросами повседневной жизни в языкознании появилось несколько новых направлений, в том числе психолингвистика и когнитивная лингвистика. Психолингвистика и когнитивная лингвистика являются новыми направлениями языкознания, а предметом их изучения является человеческое сознание. Основной целью психолингвистики и когнитивной лингвистики является изучение восприятия, рецепции речи, выражения мыслей, овладения языком и других задач познания. В ходе исследования обсуждалась одна из языковых единиц, а именно понятие «картина мира» в связи с метафорой и метонимией с точки зрения психолингвистики и когнитивной лингвистики.

***Ключевые слова:** картина мира, психолингвистика, когнитивная лингвистика, метафора, метонимия, восприятие, мысль, сознание, мышление.*

METAPHOR AND METONYMY, THE BASIS OF REVIEWING THE "IMAGE OF THE WORLD" IN COGNITIVE LINGUISTICS

In this article, some important issues of modern linguistics are studied. First of all, necessary information is provided about the theoretical study of the concept of "world image" and the terms metaphor and metonymy in intellectual linguistics and cognitive linguistics. In accordance with the growing demands of life in modern times, several new directions have appeared in the science of linguistics, including intellectual linguistics (psycholinguistics) and cognitive linguistics. Intellectual linguistics and cognitive linguistics are new areas of linguistics, and the subject of their study is human consciousness. First of all, the main goal of cognitive linguistics and cognitive linguistics is the study of perception, speech reception, and expression of thoughts, language acquisition and other tasks of cognition. In the course of research, one of the linguistic units, that is,

the concept of "image of the world" in connection with metaphor and metonymy, from the point of view of intellectual linguistics and cognitive linguistics, was discussed.

Keywords: *world image, intellectual linguistics (psycholinguistics), cognitive linguistics (cognitive), metaphor, metonymy, perception, thought, consciousness, thinking.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Матробиён Саодатшо Қосимзода *– Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ. Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: (+992) 935087138, mail: s.matrobov@mail.ru*

Бобоев Мирзомурод Мирзоолимович *– Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, унвонҷӯйи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума. Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: (+992) 928400941*

Сведения об авторах: Матробиен Саодатшо Косимзода *– Таджикский государственный институт языков им. С. Улугзода, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел.: (+992) 935087138, E-mail: s.matrobov@mail.ru*

Бобоев Мирзомурод Мирзоолимович *– соискатель кафедры сопоставительного языкознания и теории перевода Таджикского государственного института языков им. С. Улугзода. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6, тел.: 928400941*

Information about the authors: Matrobiyon Saodatsho Qosimzoda - *Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, candidate of Philology, associate Professor of the Department of Tajik language.* ***Address:*** *734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., Phone: (+992) 935087138, E-mail: s.matrobov@mail.ru*

Boboev Mirzomurod Mirzoolimovich *- Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, applicant of the Department of Comparative Linguistics and Translation Theory. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6, Muhammadiev str., Phone: (+992)928400941, E-mail: mirso80@mail.ru*

ТДУ: 891.550

ТАБИАТ АЗ ЧАШМАНДОЗИ АДИМИ ШУҒНОНӢ

Давлатбеков Л. М.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Тасвири табиат аз мавзуъҳои суннатии адабиёти форсии тоҷикӣ буда, ба ин мавзуъ аз Рӯдакӣ сар карда, то шоирони муосир даст задаанд. Муҳаққиқон дар асарҳои таҳқиқотӣ ҷилоҳои ҷолиби манзараҳои табиатро дар ғазал ва қасида қайд намудаанд [1; 2; 3; 4; 9]

“Рӯдакӣ, махсусан, дар тавсифи баҳор ва манзараҳои зебои табиат дар ин фасли сол маҳорати баланди суханварӣ нишон додааст ва тасвирҳои ҷаззобу дилкаш, рангину мунаққаш офаридааст, ки на танҳо дар адабиёти он замон, балки дар қарнҳои баъд низ беҳамтоянд” [5, с. 114].

Қобили ёдоварист, ки шоирони гузашта ба тасвири табиат аз жанри қасида истифода мекарданд, ё ин ки қисми тағаззули қасидаро, махсусан, ба тавсифи фасли баҳор бахшидаанд ва падидаҳои нотакрори ин фаслро ба қалам додаанд. Ба завқи шоирони Шарқ, махсусан, форсу тоҷик аз тамоми фаслҳои сол баҳор мутобиқ афтодааст ва ин фасли дӯстдоштаи шоирон мебошад. Муҳаққиқони суханшинос роҷеъ ба тасвири фаслҳои дигари сол дар ашъори шоирон каму беш андешаҳо баён намудаанд. Масалан, Мирзо Муллоаҳмад дар мақолае бо номи “Тасвири табиат” аз ашъори Рӯдакӣ ва Дақиқӣ ба тавсифи ҷашни Меҳргон ва тирамоҳ намунаҳо овардааст.

Дар адабиёти гузаштаи мо ба фасли зимистон як навъ муносибати манфӣ зоҳир намудаанд. Устод Рӯдакӣ дар як порчаи шеърӣ фасли зимистонро бо баҳор қиёс намуда, бо тасвирҳои ҷозиби шоирона сардии онро ба дами гург ё паланг, ки ҳар ду ҳайвони дарранда ва мардум ба ҳар дуи онҳо муносибати манфӣ доранд, монанд кардааст:

Он саҳни чаман, ки аз дами дай,
Гуфти дами гург ё паланг аст.
Акнун зи баҳори Монавитабъ,
Пурнақшу нигор ҳамчу Жанг аст [7, с. 23].

Муаллифи китоби «Ҳусни табиат дар шеъри сабки Хуросонӣ» роҷеъ ба назари Кисоии Марвазӣ нисбат ба фасли зимистон сухан ронда, ду байти ин шоирро овардааст ва қайд намудааст: «… Шоир аз омадани ин фасл хушнуд нест ва афсӯс меҳӯрад, ки мурдзораш туъмаи барф зиёд (ваҒиш) шудааст. Ин ҷо тафаккури шоир аз боридани барф ба ҳолати рӯҳии ӯ амиқан пайванд гаштааст, зеро барф маҳз неъмату зебоии шахсии ӯро, ки ҳар рӯз медиду лаззат мебурд, фурӯ бурдааст:

Эй дареғо, ки мурдзори маро,
Ногаҳон боз хӯрд барфи ваҒиш» [4, с. 123].

Сайид Замониддини Адими Шуғнонӣ чун суханварони гузашта дар чашмандоз ба ҷилоҳои рангину тароватҳои фасли баҳор, аз як тараф ва сардии табиат аз тарафи дигар, аз мавқеи қиёс муносибат дорад. Ин шоир дар тавсифи табиат на танҳо аз жанри қасида, балки баъзе аз ғазалиёташро барои ин мавзуъ ихтисос додааст. Адим (тахаллуси шоирияш - Л. Д.) дар як ғазали даҳбайта, ки ба мавзуи суннатии ин жанр - ишқу муҳаббат, комилан, муносибат надорад, саъй намудааст, ки фасли зимистон ва унсурҳои марбутаи онро ба меҳвари тасвири шоирона ворид намояд. Дар ду байти оғози ғазал қаҳрамони лирикӣ аз хуррамии фасли баҳор, гармии хуршед, боди насими он, аз тобистони самарбахш бо як навъи ҳасрат сухан меронад. Аз ду байти оғоз мусаллам аст, ки шоир аз сардшавии айёми хазону омадани фасли зимистон ношод аст.

Ку фасли баҳоре, ки ҷаҳон хуррам аз он аст,
Ку гармии хуршед, ки аз ӯ роҳати ҷон аст.

Ку фасли тарабхезу чӣ шуд боди насимаш,
Ку сайфи самарбахш, ки хайри ҳамагон аст…[8, с. 71].

Қаҳрамони лирикӣ дар ду байти оянда ҳолати рӯҳии худро аз хазон шудани табиат ва оғози сардии фасли зимистону хунукиҳои он, ки ҳамвора дар ранҷу азоб аст, ба ваҷҳи ҷолибтаре баён мекунад. Акнун сухани шоир тадриҷан ҷанбаи балоғӣ пайдо намуда, донишҳои аз илми нуҷум ҳосилнамудаи хешро дар робита ба бурҷҳои дувоздаҳгонаи осмонӣ ва ҳаракати аҷроми самовӣ ба муомилоти тасвиркорӣ шомил менамояд. Тибқи солшумории шамсӣ акраб ва қавс пайи ҳам меоянд ва табиат сард мешавад, бинобар ин, шоир бурҷи акрабро, ки аз 23 - уми октябр то 21-уми ноябр идома меёбад ва сипас қавсро, ки мутобиқ ба 22 ноябр то 21 декабри таҚвими григорианӣ мебошад, дар байт хеле ҷолиб истифода намуда, амали ҳар дуи онҳоро аёнӣ тасвир мекунад.

Афтода ба дил воҳимае аз яху барфаш,
К-оғози зимистон шуду айёми хазон аст.
Акраб думи худ дод гирех, заҳр фурӯ рехт,
Қавс аз пайи ӯ боз ба тиру ба камон аст [8, с. 71]

Дар китобчаи шоир Ҷ. Шанбезода, ки ҳамзамони Адими Шуғнонӣ асту ашъор ба забони шуғнонӣ гирд оварда шудааст, шоир аз сардии зимистон азоб кашидани мардумро хеле табиӣ тасвир кардааст ва ҳар ду шоир як муҳити ҷуғрофиро мавриди тасвир қарор додаанд [10].

Хунукиҳои табиати Бадахшон дар охири моҳҳои октябру ноябр ва декабр, ки аз рӯйи солшумории офтобӣ ба бурҷи акраб ва қавс рост меояд, неши акрабу захми тирро мемонад. Аз корбурди вожаҳои *акраб, заҳр ва неш* пайдост, ки шоир ба фаслҳои хазону зимистон муносибати манфӣ дорад ва бесаброна интизори расидани фасли баҳор аст. Байтҳои ояндаи ғазал, ки хитоби соқиро ба қаҳрамони лирикӣ ифода мекунанд, ин навъи эҳсосро ифода мекунанд:

…Кун сайри гулистону дар атрофи чаман бин,
К-аз ғунча асар нест, на аз лола нишон аст.
Шуд барги дарахтон ҳамагӣ зард, фурӯ рехт,
Гӯё, ки зи ғам наъразанон, ҷомадарон аст.

Ҷуз зоғу заган нест чи дар боғу чи дар роғ,
Аз сӯйи чаман мурғи чаман мӯякунон аст.
Ҳам чоки гиребон заду ҳам хок ба сар рехт,
Дар мотами гул ҳамчу мусибатзадагон аст… [5, с. 71].

Шоир ба тасвири табиат ва ҷилоҳои гуногуну падидаҳои нотакрори он завқ ва майли тамом дорад. Тавре ки дар боло қайд намудем, дар ғазалиёти шоир табиат бо фаслҳои гуногун акс ёфтааст, вале аз ғазали дар боло оварда аён аст, ки шоир ба тасвири фасли зимистон ва сардиҳои қаҳратуни он муносибати хуб надорад. Баръакс, қалам ва андешаи ӯ барои тасвири фасли баҳор ва ҷилоҳои рангини он аз қабили рангу бӯйи чаман, эътидоли ҳаво, насими боди баҳор, сабзаҳои навхез ва дамидани онҳо, навои нағмаи ку-куи фохтагон ва амсоли инҳо чун тасвири шоирони гузаштаи мо қавитар аст. Шоир метавонад як ғазали комилро барои мунаққаш намудани ин гуна зебоиҳои фасли баҳор ҷудо намояд, ҳол он ки барои тасвири фаслҳои табиат жанри муҳташами лирикӣ – қасида дар адабиёти пурғановати мо ихтисос дода шудааст [6, с. 176].

Донишманди тоҷик М. Муллоаҳмадов дар китоби «Суннатҳои пойдори даврони пурбори адабиёт» роҷеъ ба тасвири табиат дар асри Х ва аввали асри ХІ андешаронӣ намуда, нигориши устод Рӯдакиро дар тасвири табиат куллӣ ва тасвирҳои шоирон – Кисоии Марвазӣ ва Тоҳири Чағониро тасвири ҷузъӣ номидааст, зеро ин шоирон яке аз падидаҳои зебои табиатро ба меҳвари тасвир ҷо дода, чун наққоши моҳир бо рангҳои гуногун корбаст намудаанд. Муаллифи номбурда дар асоси таҳқиқоти донишмандон ин гуна тарзи тасвири табиатро “васфҳои холис” номидааст ва дар асрҳои баъд аз ривоҷ мондани ин гуна

тасвирҳоро таъкид намудааст, зеро онҳо ба рамзҳои адабӣ табдил ёфта, ҷанбаи воқеии худро аз даст додаанд [5, с. 121].

Агар аз чашмандози андешаҳои донишманди тоҷик М. Муллоаҳмадов дар робита ба ашъори шоирони классикиамон аз мавқеи қиёс ба ғазали дар васфи баҳор эҷодшудаи Адими Шуғнонӣ назар афканем, яқин мегардад, ки ғазали дар зимн овардаи Адим ба гурӯҳи аввал, яъне ба тасвирҳои куллӣ шомил мешавад, зеро шоир ба тасвири як падидаи табиати фасли баҳор маҳдуд нашуда, тамоми зуҳуроти фасли баҳорро ба риштаи назм ворид намудааст:

Зи рангу бӯйи чаман боз гуфтугӯ ин ҷост,
К-аз эътидоли ҳаво мавсими наку ин ҷост.
Насими боди баҳор омаду ба рӯям гуфт:
«Дамида сабзаи навхез, обрӯ ин ҷост».
Ғубори сардии гетӣ, аё саҳоби карам,
Бишӯ ба оби сафо, ҳини шустушӯ ин ҷост.
Навои нағмаи ку-ку зи фохта ояд,
Суроғи боғу гулу лола кӯ ба кӯ ин ҷост.
Сабо, ба мурғи чаман ин навои рӯҳангез,
Бидеҳ навид, ки гулҳои орзу ин ҷост.
Варақ-варақ зи гулу лолаҳои оташранг,
Ҳазор дафтари девони тоблу ин ҷост.

Нишони боғи биҳишту баҳору ангораш,
Мисоли сурати оина рӯ ба рӯ ин ҷост.
Аз ин биҳишт, Адимо, ки ҷои умед аст,
Ба чашми аҳли хирад олами накӯ ин ҷост [8, с. 78].

Аз матлаи ғазал аён аст, ки шоир тамоми нафосати фасли баҳорро ба таври куллӣ ба маърази тасвир ворид намудааст. Корбурди ибораҳои «рангу бӯйи чаман», «эътидоли ҳаво», «мавсими наку», «насими боди ҳаво» ва дар байти дуюм «дамидани сабзаи навхез» равиши минбаъдаи тасвиркории шоирро дар ин ғазал собит сохтааст, ки ӯ ба тасвири ҷузъӣ таваҷҷуҳ надорад. Дар идомаи абёти ғазал ба маърази тасвир ворид намудани ибораҳои «сардии гетӣ», «саҳоби карам», «нағмаи ку-ку», «боғу гули лола», «мурғи чаман», «навои рӯҳангез», «гулу лолаҳои оташранг», «боғи биҳишту баҳор» ва амсоли инҳо, ки тамоми нафосату ороишоти фасли баҳорро дар ғазал гунҷоиш додаанд, аз тасвири куллии фасли зебои табиат дар осори Адими Шуғнонӣ гувоҳӣ медиҳанд ва истифодаи ин навъи равиши тасвир моро ба хулосае меоварад, ки шоир бештар ба услуби пешгирифтаи шоирони марҳилаи аввали инкишофи адабиёти форсии тоҷикӣ таваҷҷуҳ дорад.

Дар баъзе ғазалҳое, ки ба тасвири фасли баҳор бахшида шудаанд, шоир барои дилнишинтар кардани манзараи ин фасл аз образҳои мутадовили назми классикӣ – Лайливу Маҷнун, Масеҳо, Вомиқу Узро ва амсоли инҳо бо камоли маҳорат фоида бурдааст. Ґазале, ки дар саҳ.125 девон омада, аз 27 байт иборат аст, табиат, воқеан, ба тақозои авзои рӯҳии қаҳрамони лирикӣ тавъам аст ва ин ҳолат аз байти аввал ба чашм мерасад:

Баҳор аз замин барфу сармо гирифта,
Зи табъи ман андуҳу савдо гирифта…[8, с. 125].

Аз байти дуюм ба меҳвари тасвирот калимаву ибораҳои марбут ба табиати фасли баҳор мисли нафҳа, атрбез, соқии симсоқ, бодаи рӯҳафзо, ғизоли Хутан, мушки бӯё, забзаи нилфом, лавни хазро, испарғами сабз, рӯйи дилоро ва амсоли инҳо ворид гардида, тадричан навбат ба образҳои машҳури афсонавӣ мерасад:

Замони тараб соқии симсоқ,
Ба каф бодаи рӯҳафзо гирифта.
Гумон бурдам, ай дил, магар ин тараф,
Ғизоли Хутан рӯ ба саҳро гирифта.
Ки аз нафҳааш шуд ҳаво атрбез,
Чаман з-он ҳаво мушки бӯё гирифта.

Ки аз сабзии забзаи нилфом,
Замин чун замон лавни хазро гирифта.
Ба руҳнамоии набот ин ҳаёт,
Зи эъҷози файзи Масеҳо гирифта...
Табиат чу Маҷнун ҷунунӣ кунад,
Чаман филмасал рӯйи Лайло гирифта…
Чу Вомиқ бувад рӯзу шаб беқарор,
Магар рӯйи гулранги Узро гирифта… [8, с. 126].

Қобил ба ёдоварист, ки симоҳои машҳури ошиқонаи ашъори суханварони гузаштаи мо, ки талмеҳан дар абёти боло бо ибораҳои «эъҷози Масеҳо», «ҷунунии Маҷнун», «рӯйи Лайло», «беқарории Вомиқ» ва «рӯйи гулранги Лайло» мавриди корбурд қарор гирифтаанд ва то андозае бо таровату тобишҳои ошиқонаи худ ҳусни тасвирро рангинтар намуда, ба аҷзои табиати фасли баҳор ҳусни дигар бахшидаанд. Аз равиши баёни андешаю эҳсоси суханвар дар абёти боло пайдост, ки қаҳрамони лирикӣ чун мушоҳидакунандаи бетараф ва ғайрифаъол ба таҳаввулоти фасли баҳор гӯё бетараф аст ва ин ҳолат дар чанд байти дигар идома меёбад:

Ки дар саҳни гулшан ба ҳар шохсор,
Зи шаб то саҳар шӯру ғавғо гирифта.
Зи абри карам қатраи дурфишон,
Садаф низ луълуи лоло гирифта… [8, с. 126].

Вале дар асл ин тавр нест, зеро эҳсос ва андешаи шоир бо таҳаввулоту зуҳуроти гуногуни фасли баҳор тавъам мебошад, зеро абёте, ки баъд омадаанд, ин нуқтаи назари моро собит менамоянд.

Баъд аз ин абёт самти мулоҳизаҳои қаҳрамони лирикӣ ба тағйирот мувоҷеҳ мешавад ва шоир аз ҷилоҳо ва дигаргуниҳои фасли баҳор чашм канда, ангезаҳои рӯҳонии худ - хурсандиву шодмонии хешро дар ин фасли зебои табиат ва дар робита ба он баён мекунад. Ба таври дигар, дар ғазал тасвири ҷилоҳои рангини табиат поён меёбад, вале эҳсоси хурсандии шоир, ки дар абёти боло ноаён ва гӯё номаълум сурат гирифта буд, поён намеёбад ва баҳори дигар падид меояд, ки он дар вуҷуди шоир оғоз мешавад. Шоир зуҳури ин навъи баҳорро ба тариқи зайл шарҳ медиҳад ва дар абёти минбаъдаи ин ғазал баёни эҳсосу андешаи лирикӣ ҷойи худро ба тасвири ҳамосӣ медиҳад:

Баҳори дигар омад андар баҳор,
Маро шодмонӣ саропо гирифта.
Зи торикии чашм будам ҳазин,
Ки анвори биниш зи маъво гирифта.
Сухан мухтасар, дидаам дар назар,
Шифохонаи «Ибни Сино» гирифта.
Навобӣ дар ин роҳ шуд раҳнамо,
Маро аз ҷамеи аҳбо гирифта.
Ба як модари мушфиқи дилнавоз,
Ишорат шуду лутф маъво гирифта.
Ба имову иршодашон сартабиб,
Карам карду таҳти мудово гирифта…
Равони дигар омад андар танам,
Танам з-ин равон тоза эҳё гирифта… [8, с. 126]

Ҳамин тариқ, матлабро ба таври зерин ҷамъбаст мекунем

1. Табиат ва манзараҳои гуногуни он дар адабиёти тоҷик аз оғози шеъри форсии тоҷикӣ аз мавзуъҳои муҳим маҳсуб мешуд.

2. Шоирони гузаштаи адабиёти мо бештар ба тасвир ва тавсифи фасли баҳор таваҷҷуҳ доштаанд.

3. Адими Шуғнонӣ дар жанри ғазал фаслҳои гуногуни солро ба риштаи тавир кашидааст, вале ба фаслҳои тирамоҳу зимистон назари манфӣ дорад.

4. Фасли баҳор ва ҷилоҳои он дар ғазалиёти Адими Шуғнонӣ бо рӯҳияи шодмонии қаҳрамони лирикӣ тавъам аст.

Рӯйхати адабиёт:

1. Абдуллоев, А. Адиб Собири Тирмизӣ. – Душанбе: Дониш, 1969. – 197 с.
2. Давлатбеков, Л. Фарҳанги дузабонаи шеъри Бадахщон. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 288 с.
3. Маниёзов, А., Шарифов Х. Ҳакими суханвар. – Душанбе: Деваштич, 2003. – 234 с.
4. Мирзоҳасанов, Л. Ҳусни табиат дар шеъри сабки хуросонӣ. – Душанбе, 2010. – 234 с.
5. Муллоаҳмад, М. Тасвири табиат / Сунннатҳои пойдори даврони пурбори адабиёт. - Душанбе 2008. - 320 с.
6. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт. – Душанбе: Маориф, 1990. – 334 с.
7. Осори Рудакӣ. - Сталинобод, 1958. – 440 с.
8. Сайид, Замониддини Адими Шуғнонӣ. Ашки ҳасрат. – Содиқобод, Роулпандӣ, Покистон, 2001. -258 с.
9. Тоиров, У. Меъёр ва андозаҳои шеър. – Душанбе: Адиб, 2013. – 240 с.
10. Шанбезода Ҷ. Гулғунча. (Ашъор ба забони шуғнӣ). – Хоруғ: Помир, 1998. – 111 с.

ТАБИАТ АЗ ЧАШМАНДОЗИ АДИМИ ШУҒНОНӢ

Дар мақола сухан роҷеъ ба неруи тахайюли шоир Адими Шуғнонӣ дар масъалаи инъикос ва тасвири ҷилоҳои рангини табиат ва таъсири он ба рӯҳияи инсон меравад Табиат ва тасвири он дар санъати сухан собиқаи дерина дорад ва шоирони тоҷик ҳанӯз аз оғози пайдоиши шеъри форсии тоҷикӣ майли табиатгароии хешро буруз намуда буданд. Аз андешарониҳои муаллиф бармеояд, ки муҳаббат ба табиат ва падидаҳои ҷолиби он дар коргоҳи эҷодии аҳли сухан гуногунранг ва қобили дидан ва шунидан мебошад.

Инсон дар шеъри форсии тоҷикӣ фарзанди табиат аст ва дар оинаи пурҷилои он нафосати хешро хуб дарк мекунад. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки симои ҳунарии шоирро дар эҷод намудани аксҳои рангини табиати кӯҳистони тоҷик ва пайванди маънавии завқи ӯро бо эҷодкорони сухани бадеъ аз мавқеи қиёс ба доираи таҳқиқ ворид намояд.

Қобили зикр аст, ки суханварони гузаштаи мо ҷилоҳои рангини табиатро на фақат ба таври умумӣ, балки ҷузъиёти онро то ҳадди охирин нуқта ба риштаи тасвир кашанд. Аз мақола бармеояд, ки шоир ба фасли сармои табиат чандон рабте надорад, ё ки муносибати ӯ ба фаслҳои тирамоҳ ва зимистон манфӣ арзёбӣ мешавад. Ин ҳолат шояд аз он сабаб бошад, ки дар ин айём мардум ба ранҷу азоби сармо мувоҷеҳ мешаванд ва дар интизори фаро расидани фаслҳои баҳору тобистонанд. Шоир, махсусан, ба фасли баҳор ва тасвири ҷилваҳои рангини он майли тамом дорад ва ҳунари суханварии хешро дар ин ҷода хуб сарф намудааст.

Муҳокимарониҳо ва хулосаҳои муаллиф ҷиддӣ ва илмӣ буда, дар заминаи далоилу аснод асос ёфтаанд.

Калидвожаҳо: *мавзуъ, жанр, тасвир, табиат, қасида, тағаззул, ғазал, мавзуъҳои суннатӣ, фасли баҳор, муҳаққиқони суханшинос, шоирони Шарқ, ҷашни Меҳргон.*

ПРИРОДА ГЛАЗАМИ АДИМИ ШУГНОНИ

В статье рассматривается сила воображения поэта Адими Шугнони в отражении и изображении красочных красок природы и ее влияние на психику человека. Его характер и изображение в искусстве речи имеют давнюю историю, и таджикские поэты с самого начала возникновения таджикско-персидской поэзии проявляли склонность к натурализму. Из размышлений автора следует, что любовь к природе и ее завораживающим явлениям в творчестве литераторов разнообразна и может быть видна и услышана.

В таджикско-персидской поэзии человек – дитя природы, и в ее светлом зеркале он чувствует свое дыхание. Автор попытался изучить художественный образ поэта в создании красочных фотографий таджикской горной природы и духовную связь его интереса с творцами художественного выражения с точки зрения сравнения.

Стоит отметить, что наши прошлые литераторы описали пестрые краски природы не только в общих чертах, но и подробно, до мельчайших деталей. Из статьи следует, что поэт мало связан с холодным временем года в природе, либо его отношение к осеннему и зимнему временам года считается негативным. Это может быть связано с тем, что в эти дни люди страдают от холода и ждут прихода весны и лета. Поэт особенно любит весеннее время года и его красочные образы, и он хорошо использовал свои ораторские способности.

Рассуждения и выводы автора серьезны, научны и основаны на доказательствах.

***Ключевые слова**: тема, жанр, образ, природа, касыда, лирический стих, газель, традиционные темы, весна, исследователи риторики, поэты Востока, праздник Мехргон.*

NATURE FROM THE PERSPECTIVE OF ADIMI SHUGNONI

Its nature and depiction in the art of speech have a long history, and Tajik poets from the very beginning of the emergence of Tajik Persian poetry have shown a tendency to naturalism. From the author's thoughts it follows that the love for nature and its fascinating phenomena in the creative work of the speakers is diverse and can be seen and heard.

The article discusses the power of the poet Adimi Shugnoni's imagination in the reflection and depiction of the colorful colors of nature and its impact on the human psyche. In Tajik Persian poetry, man is a child of nature, and in its bright mirror he can feel his breath. The author has tried to study the artistic image of the poet in the creation of colorful photographs of the Tajik mountain nature and the spiritual connection of his interest with the creators of artistic expression from the point of view of comparison.

It is worth noting that our past speakers have described the colorful colors of nature not only in general, but also in detail to the last detail. It is clear from the article that the poet in question has little to do with the cold season of nature, or his attitude to the autumn and winter seasons is negative. This may be due to the fact that these days people are suffering from the cold and are waiting for the arrival of spring and summer. The poet is especially interested in the spring season and the depiction of its colorful splendors, and has mastered the art of public speaking in this direction.

The author's discussions and conclusions are serious and scientific and are based on evidence.

***Keywords:** theme, genre, description, nature, poem, hymn, ghazal, traditional themes, spring, oratorical scholars, poets of the East, Mehrgan holiday.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:** Давлатбеков Лоло Мирзоевич – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёт. Суроғa: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: (+992) 931924884.*

***Сведения об авторе:** Давлатбеков Лоло Мирзоевич - Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, доктор филологических наук, профессор кафедры теории и истории литературы. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиев, 17/6. Тел.: (+992) 931924884.*

***Information about the author:** Davlatbekov Lolo Mirzoevich - Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and History of Literature. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., Phone: (+992) 931924884.*

ТДУ 398.82

НАЗАРЕ БА ВАЗНИ СУРУДҲОИ ХАЛҚИИ ТОҶИКӢ

Саъдӣ Қосимӣ Абдулқодир
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Сохтори сурудро бидуни вазн тасаввур кардан номумкин аст. Сурудҳое дар асоси байт, дубайтӣ, рубоӣ, ғазал, мураббаъ ва ғайра эҷод шудаанд, то ҳадде баъзе мисраъ ва байтҳои онҳо ба вазни ин жанрҳо мувофиқ мебошанд. Бахши зиёди сурудҳо аз ҷиҳати сохтор ва вазн ба жанрҳои классики суннатӣ мувофиқ нестанд, чунки ҳангоми сурудан вазни матн дигар мешавад.

Масъалаи вазни осори манзуми халқӣ, бахусус, сурудҳои тоҷикӣ ҳанӯз ба таври бояду шояд мавриди омӯзиши амиқ қарор нагирифтааст. Вале оид ба вазни шеъри омиёнаи ҳамзабонон дар Эрон назарҳо мухталифанд.Он дар рисолаи Тақӣ Ваҳидиёни Комёр «Баррасии вазни шеъри омиёна» ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Комёр тарафдори вазни арӯз будани ашъори омиёна аст, ки дар ин бора гуфтааст: «Ба ҳар ҳол, мо зимни баҳс аз назароти мухталиф ба ин натиҷа расидем, ки вазни шеъри омиёна бар бунёди мастадил ва на аз рӯйи ҳадс ва гумон, наметавонад вазне ҷуз арӯзӣ бошад» [2, с. 64]

Аммо ягона асаре, ки ба масъалаи вазни осори назми халқии тоҷикӣ бахшида шудааст, рисолаи У.Тоиров «Анвоъ ва авзони шеъри халқии тоҷикӣ» (2007) мебошад. Муаллиф дар ин асар оид ба вазни байт, дубайтӣ, рубоӣ, себайтӣ, маснавӣ, ғазал, қитъа, мусаммат, таркиббанд, тарҷеъбанд, мустазод, ки намунаҳои онҳо дар маҷмуаҳои фолклорӣ чоп шудаанд, сухан гуфтааст. Бо мисолҳо намунаҳои матнҳоро дар қолаби вазни арӯз санҷидааст. Вале ба таври ҷудогона дар бораи вазни сурудҳои халқӣ чизе нагуфтааст, ҳол он ки ҳангоми сароидан, вазни сурудҳои халқӣ дигар мешавад.

Дар асл, доир ба вазни назми халқӣ ӯ дуруст қайд мекунад: «Омӯзиши таърихи инкишофи адабиёти шифоҳӣ нишон медиҳад, ки дар шеъри халқӣ ду вазн мавриди истифода қарор гирифтааст – яке вазни арӯз, ки хеле серистеъмол аст ва дигаре вазни ҳиҷо» [6, с. 3].

Муҳаққиқ У.Тоиров дар ҳамин рисола роҷеъ ба вазн «суруди балхиён» гуфтааст, ки таронаи «Аз Хуталон омадед» дар вазни арӯз аст. Вале Р.Раҳмонӣ дар бораи рисолаи У.Тоиров изҳори назар карда, мегӯяд, ки ин шеър арӯзӣ нест: «Чунки «40 сол пеш аз арӯзи ихтирои Халил ибни Аҳмад» суруда шудааст. Охир, 40 сол пеш дар адабиёти навиштӣ ва гуфтории форсии дарии тоҷикӣ истилоҳи «арӯз» ба кор намерафт. Шояд ба гуфти устод Айнӣ мегуфтем, ки «Суруди балхиён»-ро бо «**терминҳо ва сангу тарозу – фоил»** бисанҷем ба арӯз мувофиқ меояд, дуруст бошад. Ба назари банда, агар шеърҳои мардуми дигари оламро низ бо ин «**терминҳо ва сангу тарозу – фоил»** санҷем, баъзе мувофиқ меоянд» [4, с. 102].

Ба гуфти устод Айнӣ, «тоҷикон дар вазни шеъри араб фақат терминҳо ва сангу тарозу – фоилро гирифтаанд» [4, с. 102]. Дар ин мақола Р.Раҳмонӣ гуфтаи С.Айниро овардааст, ки устод бо мисолҳо дар асоси назми халқӣ мефаҳмонанд, ки вазни шеъру сурудҳои халқӣ бо вазни арӯз иртибот надоранд. Ба гуфти устод С.Айнӣ, «вазни ҳамаи ин шеърҳои халқӣ вазни арӯзи шеъри тоҷикист» [4, с. 103].

Дар идомаи мақола Р.Раҳмонӣ ёдовар мешавад, ки ҳамин фикрро Р.Ваҳҳобзода низ баён намудааст: «Тавре ки гуфта шуд, он вазне, ки имрӯз мо бо номи «арӯз» мешиносему ба кор мебарем, комилан, аз сиришти овоии забони мо бармеояд. Як далели барҷаста, агар ин бошад, ки дар адабиёти гуфтории мо (фолклор) рубоиёт, дубайтиҳо, ғазалҳо, таронаҳо ва дигар анвои шеъриии дар вазни арӯз сурудашуда аз тарафи ашхосе, ки мусалламан аз илми арӯз огоҳӣ надоштанд, фаровон аст, далели дигари барои ҳар нафаре дастрас ин аст, ки дар навиштаҳои мансур, ҳатто, ғайрибадеӣ, гуфтори рӯзмарраи мардум диққат кунад ва ибороту ҷумлаҳоро ба вазни арӯз бисанҷад, он гоҳ дармеёбад, ки дар ин навиштор ва гуфтор бештаре аз ибороту ҷумлаҳо ба таври табиӣ ба яке аз вазнҳои арӯз рост меояд» [1, с. 70-71; 3, с. 104].

Фолклоршиноси тоҷик Р. Раҳмонӣ дар мақолаи худ баъди иқтибосҳо аз устод С.Айнӣ, Т.Зеҳнӣ, У.Тоиров, Р.Ваҳҳобзода чунин назар дорад, ки вазни сурудҳои халқӣ таҳқиқи бештар мехоҳад.

Бояд гуфт, ки дар рисолаи У.Тоиров маҳз дар бораи авзони суруд фасли алоҳида нест, балки сухан роҷеъ ба навъҳои шеърӣ аст. Ҳатто, У.Тоиров вазни сурудҳоеро, ки дар асоси жанрҳои шеърӣ ба вуҷуд омадааст, ба таври ҷудогона нишон надодааст. Тавре ки худи эшон ишора карда, ӯ дар асоси маҷмуаҳои нашршуда вазни назми халқиро муайян намудааст.

Соли 1963 рисолаи илмии Баҳром Сирус зери унвони «Арӯзи тоҷикӣ» чоп шуда буд, ки У.Тоиров дар бораи ин навиштаи эшон иттилоъ надодааст. Ва ҳол он ки дар боби панҷуми ин китоб таҳти унвони «Оид ба алоқаи зичи мусиқӣ бо ритмикаи ашъори (сурудҳои) халқӣ ва ашъори дар вазни арӯз сохташудаи мо», асосан, роҷеъ ба вазни сурудҳои халқӣ сухан рафтааст. Хуб аст, ки Б.Сирус дар бораи вазни сурудҳои халқӣ баҳс кардааст. Ӯ дар оғози таҳқиқи худ ба ин масъала ба таври мантиқӣ изҳори назар менамояд: «Дар вақти гузаронидани мутолиоти лозим дар атрофи арӯз, ки аз замони истилои арабҳо то имрӯз, асосан, муайянкунандаи вазни ашъори мо мебошад, наметавонем ба он диққат накунем, ки дар хусуси вазни ашъори мо, махсусан, вазни сурудҳои халқии мо фикрҳои дигаре низ мавҷуданд, ки бешубҳа, қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Бинобар он, зарур донистем, ки дар болои ин гуна фикрҳо, агарчи бисёр мухтасар ҳам бошад, истода гузарем» [5, с. 186].

Баъдан, Б.Сирус оид ба таҳқиқи сурудҳои қадимӣ ва халқҳои дигар ёд менамояд. Аз муҳаққиқони сурудҳои халқҳои дигар иқтибосҳо оварда, назари худро мегӯяд. Бо мусиқӣ пайвастагӣ доштани сурудро таъкид мекунад ва дар асоси омӯхтаҳо ва мушоҳидаҳо назари худро нисбат ба он ашъоре, ки аз ҷониби сарояндагон суруда мешаванд, мегӯяд: «… дар замонҳои аз мо дур шеърҳо, каломи аз ҷиҳати ритмикӣ каму беш мунтазам, ки дар авойил барои ибрози эҳсоси баланди рӯҳӣ хизмат мекарданд, аксаран бо оҳанги овози ҳанҷараи инсонӣ ва баъдҳо ҳам бо рақс ва ҳам бо ҳамроҳии ягон асбоби мусиқӣ (агарчи бо такти ба ҳамдигар задани ду даст, ду санг, ду чӯби хушк буда бошад) гузаронида мешудааст. Бинобар он, шоирони замонҳои аввал аксаран дар айни замон ҳофиз, сурудхон, навозанда ва рақскунанда ҳам будаанд. Мо ин гуна ҳолатро дар ҳаёти шоирони халқии худ низ тамоман равшан мушоҳида карда метавонем. Масалан, шоири халқии мо – Ҳикмат Ризо дар айни замон, ки шеър эҷод менамояд, онро месарояд ва ҳам бо дутор менавозад» [5, с. 190].

Барои ҳамин, ҳангоми таҳқиқи вазни суруд, ки маҳз бо сароидан вобаста аст, бояд аҳамият дод. Агар мо ба ин нукта, ба сароидани суруд таваҷҷуҳ накунем, сурудро хуб дарк наменамоем. Сароидан ба ҳамон оҳанг вобаста аст, ки Б.Сирус ҳамчун арӯзшинос вазни сурудро бо мусиқии он дар якҷоягӣ таҳқиқ менамояд.

Тавре ки дар боло ишора намудем, вазни сурудҳои халқиро ба гуфти устод Айнӣ, бо «**терминҳо ва сангу тарозу – фоил»** санҷем, баъзе аз онҳо ба вазни арӯз мувофиқ меоянд, ки У.Тоиров дар рисолаи худ «Анвоъ ва авзони шеъри халқии тоҷикӣ» ҳамин корро кардааст. Аммо эшон ҳамчун жанри мустақил сурудҳои халқиро ба таври алоҳида аз назар нагузаронида, балки матнҳои аз маҷмуаҳои фолклорӣ иқтибоснамудаи худро дар қолаби жанрҳои адабиёти навишторӣ санҷидааст. Масалан, У.Тоиров вазни жанрҳои байт (гуфторӣ ва навишторӣ), дубайтӣ (гуфторӣ ва навишторӣ), рубоӣ (гуфторӣ ва навишторӣ), себайтӣ (гуфторӣ), маснавӣ (навишторӣ), ғазал (навишторӣ), қасида (навишторӣ), қитъа (навишторӣ), мусаммат (навишторӣ), таркиббанд (навишторӣ), тарҷеъбанд (навишторӣ), мустазод (навишторӣ)-ро бо нигоҳи адабиёти расмӣ аз назар гузаронидааст. Дар натиҷа, ашъори зиёдеро пайдо намудааст, ки ба «**терминҳо ва сангу тарозу – фоил»** (Айнӣ) мувофиқ аст [6].

Ҳоло барои дарки бештари вазни сурудҳои халқӣ мехоҳем бо чанд намуна дар бораи он назари худро гӯем. Барои он ки ақидаи мо ба воқеият наздик бошад, мисолҳоро аз ҳамон маҷмуаи «Фолклори тоҷик» (1954; 1957) меорем. Дар ин маҷмуа суруди машҳуре зери унвони «Зулфи сиёҳи ҷинҷут» оварда шудааст, ки дар қавс вазни онро низ мувофиқи қоидаи арӯз нишон медиҳем:

Зулфи сиёҳи ҷинҷут, (– V V – V– –)

Бӯса бидеҳ, ай лунҷут, (– V V – V– – –)
Пештар биё бозӣ кун, (– V – V – – – –)
Наздик биё ҷилва кун. (– – V – – V –)

Дар гарданут муҳра нест, (– – V – – V ~)
Холи лабут ҷӯра нест, (– V V – – V ~)
Пештар биё бозӣ кун, (– V – V – – – –)
Наздик биё ҷилва кун. (– – V – – V –)
[7, с. 350].

Ин матн ҳамагӣ аз 7 банд ва 28 мисраъ иборат аст. Ин ду мисраъ нақароти суруд аст:

Пештар биё бозӣ кун, (– V – V – – – –)
Наздик биё ҷилва кун. (– – V – – V –)
[7, с. 350].

Як варианти ҳамин сурудро (иборат аз 15 мисраъ) У.Тоиров оварда, матнро «тарҷеъбанд» гуфта, вазни онро «рачази мураббаи матвии мақтъ» (муфтаъилун / мафъулун – V V – / – – –) донистааст. Маъхази матнро, ки аз кадом маҷмуа гирифтааст, нишон надодааст. Панҷ мисраи аввали онро мо бодиққат дар тарозуи арӯз санҷидем, ки чунин аст:

Зулфи сиёҳи зоғут, (– V V – V– –)
Раҳ гаштаной ба нозут, (– – V – V V – –)
Кушта шудам дар боғут, (– V V – – – –)
Э духтари оҳангар, (– – V V – – –)
Ҷон, саъваи бозингар. (– – V V – – –)
[6, с. 104].

Ин суруд дар гузаштаҳо ва ҳоло низ сароида мешавад. Вариантҳои зиёд дорад, ки ҳар кадоме то ҳадде фарқ дошта, гоҳе ҳангоми сароидан, мувофиқи завқу салиқаи сароянда, оҳанги суруд низ дигар мешавад. Вазни он низ ҳангоми сурудан тағйир меёбад.

Барои он ки вазни сурудро хубтар дарк намоем, боз як матне меорем, ки он мувофиқи талаботи илмӣ сабт шудааст. Ин суруди «Ман доғ» буда, дар гузаштаҳо ҳангоми дарави ғалла ба таври гурӯҳӣ суруда мешуд. Агарчи мо дар боло як варианти ин сурудро оварда, аз он ёдовар шудем, вале ҳоло барои таҳқиқи сохтор ва вазн дубора ба он муроҷиат менамоем. Ин вариант соли 1956 ва баъд соли 1963 чоп шуда, айнан оварда шудааст. Суруд дар кадом ҳолат суруда мешавад ва мисраъҳои такрории он (нақарот) дар кадом ҳолат ва аз ҷониб кӣ ё киҳо такрор мешавад, дар матн омадааст. Дар чунин ҳолат ба таври пурра маълум мегардад, ки сохтор ва вазни суруд агар дар қолаби арӯз мувофиқ ояд ҳам тафовут дорад. Ба мисраи аввали ин суруд назар намоед. Он аз ҷониби ду гурӯҳи сароянда гон такроран чор маротиба сароида мешавад, ки вазни он чунин аст:

Сармандоггӯйҳо:
Ҳе алло, ҳе алло, ёре, ман доғам, ё дуст.
(– – –/– – –/– – – – –/– ~)
Дастаи мандоггӯйҳо:
Ҳе алло, ҳе алло, ёре, ман доғам, ё дуст!
(– – –/– – –/– – – – –/– ~)
Сармандоггӯйҳо:
Ҳе алло, ҳе алло, ёре, ман доғам, ё дуст.
(– – –/– – –/– – – – –/– ~)
Дастаи мандоггӯйҳо:
Ҳе алло, ҳе алло, ёре, ман доғам, ё дуст!

(– – –/– – –/– – – – –/– ~)
Сармандоғгӯйҳо:
Фарёд занум сари зувонум сузаде, ман доғам, ё *Д У С Т*.
(– – V V – / V V V –/– – V – /– – –/– ~)
Дастаи мандоғгӯйҳо:
Ҳе алло, ҳе алло, ёре, ман доғам, ё дуст!
(– – –/– – –/– – – – –/– ~)
Сармандоғгӯйҳо:
Ман сабр кунум, тамоми ҷонум сузаде, ман *Д О Ғ А М* ***ё дуст.***

(– – V V – / V – V –/– – V – /– – –/– ~)

Дастаи мандоғгӯйҳо:

Ҳе алло, ҳе алло, ёре, ман доғам, ё дуст!

(– – –/– – –/– – – – –/– ~)

Сармандоғгӯйҳо:

Ман сабр кунум, худо, ки саврум натия, ман доғам ё дуст.

(– – V V – / V – V –/– V V V /– – –/– ~)

Дастаи мандоғгӯйҳо:

Ҳе алло, ҳе алло, ёре, ман доғам, ё дуст!

(– – –/– – –/– – – – –/– ~)
Сармандоғгӯйҳо:
Ай лолаю лолазор, дил маҳрумае, ман доғам, ё дуст,
(– – V V – / V – V –/– V V – /– – –/– ~)

Дастаи мандоғгӯйҳо:
Ҳе алло, ҳе алло, ёре, ман доғам, ё дуст!
(– – –/– – –/– – – – –/– ~)
Сармандоғгӯйҳо:
Ай бахти бадум, толеи ман шумае, ман доғам, ё дуст!
(– – V V – /– – V –/ V V – /– – –/– ~)

Дастаи мандоғгӯйҳо:
Ҳе алло, ҳе алло, ёре, ман доғам, ё дуст!
(– – –/– – –/– – – – –/– ~)
Сармандоғгӯйҳо:
То кас намура, номи кас гум нашавае, ман доғам ё дуст!
(– – V V V /– V – –/ V V V – /– – –/– ~)
Дастаи мандоғгӯйҳо:
Ҳе алло, ҳе алло, ёре, ман доғум, ё дуст!
(– – –/– – –/– – – – –/– ~)
Сармандоғгӯйҳо:
То зинда манум, мудом номум гумае, ман доғум ё дуст!
(– – V V – / V – V – –/ V V – /– – –/– ~)
Дастаи мандоғгӯйҳо:
Ҳе алло, ҳе алло, ёре, ман доғум, ё дуст!
(– – –/– – –/– – – – –/– ~)

Сармандоғгӯйҳо:
Гандумаки худруида дарав мекардуме, ман доғам, ё дуст!
(– V V V /– V V V V –/– – V – /– – –/– ~)

Дастаи мандоғгӯйҳо:
Ҳе алло, ҳе алло, ёре, ман доғум, ё дуст!
(– – – / – – – / – – – – – / – ~)
Сармандоғгӯйҳо:
Ба холи сиёҳи ёр ҳавас мекардуме, ман доғум, ё дуст!
(V – V V / – V – V V – / – – – – / – – – / – ~)
Дастаи мандоғгӯйҳо:
Ҳе алло, ҳе алло, ёре, ман доғум, ё дуст…
(– – – / – – – / – – – – – / – ~)
[8, с. 171-173]

Агар ба вазни ин матн бодиққат назар намоем, мебинем, ки вазни мисраҳои аслии шеър, ки аз ҷониби «Сармандоғгӯйҳо» суруда шудааст, тамоман тафовут дорад. Барои ҳамин, таҳқиқи ин масъала заҳмат мехоҳад.

Бо таассуф дар аксари маҷмуаҳо сурудҳои халқӣ дар муҳити иҷро нашр нашудаанд. Дар бораи тарзи иҷрои онҳо иттилои муфассал оварда нашудааст. Хушбахтона, суруди «Ман доғ» яке аз матнҳое аст, ки то ҳадди имкон бо тарзи сароиши сабт гардида ва нашр шудааст. Маҳз барои ҳамин ҳамчун матни илмӣ ин сурудро чун намуна овардем, чунки онро метавон аз ҷиҳати мазмун, сохтор, вазн, тарзи иҷро, муҳити истифода ва амсоли ин таҳқиқ кард. Айнан ҳамин пешниҳодро метавон нисбат ба сурудҳои ҳамзабонони Эрон ва Афғонистон низ гуфт. Муҳаққиқи эронӣ Т.В.Комёр кӯшиш намудааст, ки шеърҳои омиёна ва сурудҳои халқии эрониро бо мисолҳо ба тарозуи вазни арӯз санҷад, вале ин масъала ба гуфтаи устод Айнӣ, таҳқиқи муфассалро тақозо менамояд.

Мумкин аст оид ба гуногунии вазни сурудҳо мисолҳои зиёд овард, чунки ин масъала ҳанӯз таҳқиқи ҷиддӣ нашудааст. Дар оянда ба ин масъала метавон ба таври алоҳида дар як рисолаи ҷудогона баргашт. Аз ин мисолҳо маълум мешавад, ки устод Айнӣ комилан дигар будани вазни арӯзи тоҷикро эҳсос намудааст. Барои ҳамин дар он навиштаи худ ба М.Турсунзода асосан аз ашъоре намуна оварда, ки онҳо суруди халқӣ мебошанд.

Ҳамин гуна вазни сурудҳои халқӣ гуногун аст. Агар баъзе ноогоҳона дар қолаби вазни арӯз мувофиқ ояд, бархе мувофиқи вазни ҳиҷоӣ аст, вале аксари сурудҳо дар натиҷаи сароиш дар пайвастагии мусиқӣ вазни махсусеро доранд, ки онро бояд мусиқишиносон мавриди таҳқиқ қарор диҳанд. Агар дар оянда касе фақат он сурудҳоеро, ки суруда шудаанд ба нота гардонда ва баъд оид ба вазни онҳо сухан гӯяд, бисёр масъалаҳои нозуки авзони сурудҳои тоҷикӣ ҳал хоҳад шуд.

АДАБИЁТ:

1. Ваҳҳобзода, Р. Шеър ва дониш (рисола илмӣ-омӯзишӣ) / Р. Ваҳҳобзода. – Душанбе: Адиб, 2017. – 188 с.
2. Комёр, Тақӣ Ваҳидиён. Баррасии вазни шеъри омиёна / Т.В.Комёр. – Теҳрон: Муассисаи интишороти Огоҳ, 1357. – 204 с.
3. Раҳмонӣ, Р. Мусиқӣ ва назми шифоҳии даризабонони Афғонистон / Р. Раҳмонӣ // Саҳми тоҷикон ва форсизабонон дар тамаддуни ҷаҳонӣ: дирӯз ва имрӯз. (Маводи симпозиуми байналмилалӣ ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). – Душанбе: АИ ҶТ, 2002. – С. 229-231.
4. Раҳмонӣ, Р. Профессор У.Тоиров ва пажӯҳиши вазни назми гуфторӣ / Р.Раҳмонӣ // Мизони каломи манзум (Мақолаҳо аз ҳамоиши байналмилалии таҳти унвони «Вазни арӯз ва таҳаввули он дар шеъри форсии тоҷикӣ” бахшида ба 80-солагии доктори илми филология, профессор Урватулло Тоиров. – Душанбе: МТБТ-и ДМТ, 2022. – С. 99-105.
5. Сирус, Б. Арӯзи тоҷикӣ (таҳқиқи интиқодӣ) / Б. Сирус. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – 288 с.

6. Тоиров, У. Анвоъ ва авзони шеъри халқии тоҷикӣ / У. Тоиров. – Душанбе: Пайванд, 2007. – 140 с.
7. Фолклори тоҷик / Тартибдиҳандагон: М.Турсунзода ва А.Н.Болдирев. Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1957. – 453 с
8. Эҷодиёти даҳанакии аҳолии Кӯлоб / Тартибдиҳанда: Р.Амонов / Нашри дуюм бо ислоҳ ва иловаҳои Ф.Муродов. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – 252 с.

НАЗАРЕ БА ВАЗНИ СУРУДҲОИ ХАЛҚИИ ТОҶИКӢ

Муаллифи мақола нахуст дар хусуси масъалаи вазни осори манзуми халқӣ, бахусус, сурудҳои тоҷикӣ андешаронӣ карда, сипас пажӯҳишҳои дар ин самт ба анҷомрасидаро таҳлил намудааст.

Муаллиф барои дарки бештари вазни сурудҳои халқӣ чанд намунаро аз маҷмуаҳои «Фолклори тоҷик» (суруди «Зулфи сиёҳи ҷинҷут»), “Эҷодиёти даҳанакии аҳолии Кӯлоб” (суруди «Ман доғ») нишон дода, зикр мекунад, ки хушбахтона, суруди «Ман доғ» яке аз матнҳое аст, ки то ҳадди имкон бо тарзи сароишӣ сабт гардида ва нашр шудааст. Маҳз барои ҳамин ҳамчун матни илмӣ ин сурудро чун намуна овардааст, чунки онро метавон аз ҷиҳати мазмун, сохтор, вазн, тарзи иҷро, муҳити истифода ва амсоли ин таҳқиқ кард.

Ба андешаи муаллиф, оид ба гуногунии вазни сурудҳо мисолҳои зиёд овардан мумкин аст, чунки ин масъала ҳанӯз таҳқиқи ҷиддӣ нашудааст.

Ахиран, муаллифи мақола андешаҳои худро хулосабарорӣ намуда, зикр менамояд, ки устод Айнӣ комилан дигар будани вазни арӯзи тоҷикро эҳсос намудааст. Барои ҳамин дар он навиштаи худ ба М.Турсунзода асосан аз ашъоре намуна овардааст, ки онҳо суруди халқӣ мебошанд. Ба ақидаи муаллифи мақола, вазни сурудҳои халқӣ гуногун аст. Агар баъзе ноогоҳона дар қолаби вазни арӯз мувофиқ ояд, бархе мувофиқи вазни ҳиҷоӣ аст, вале аксари сурудҳо дар натиҷаи сароиш дар пайвастагии мусиқӣ вазни махсусеро доранд, ки онро бояд мусиқишиносон мавриди таҳқиқ қарор диҳанд. Агар дар оянда касе танҳо он сурудҳоеро, ки суруда шудаанд ба нота гардонда ва баъд оид ба вазни онҳо сухан гӯяд, бисёр масъалаҳои нозуки авзони сурудҳои тоҷикӣ ҳал хоҳад шуд.

Калидвожаҳо: *вазн, осори манзум, шеър, суруд, таснифот, сурудҳои халқии тоҷикӣ, вазни ҳиҷо, вазни арӯз, фолклор, адабиёти гуфторӣ, таҳқиқ, навъ, жанр, бахш, нота, маҷмуа.*

ВЗГЛЯД НА РИТМ ТАДЖИКСКИХ НАРОДНЫХ ПЕСЕН

Автор статьи, высказывает свое мнение о ритме народных песен, особенно таджикских, а также исследования, проведенные в этом направлении.

Далее автор показывает некоторые примеры из сборников «Таджикский фольклор» (песня «Зулфи сиёхи джинджут»), «Устное творчество народа Куляба» (песня «Ман дог») для того, чтобы лучше понять ритм народных песен и отмечает, что, к счастью, песня «Ман дог» входит в число текстов, которые были записаны и изданы по мере возможности в стиле композиции. Именно поэтому в качестве научного текста он привел в пример эту песню, потому что ее можно изучать с точки зрения содержания, структуры, ритма, исполнения, среды использования и так далее.

По мнению автора статьи, можно привести много примеров о различных ритмах песен, потому что этот вопрос еще серьезно не изучался.

Наконец, автор статьи делает вывод, что эти примеры показывают, что Устод Айни осознавал, что таджикская система аруза была совершенно иной. По этой причине в своих сочинениях М.Турсунзаде приводил примеры стихотворений, являющихся народными песнями. Автор отмечает, что ритм народных песен разный. Если часть из них неосознанно вписывается в структуру современного ритма, часть вписывается в силлабический ритм, то большая часть песен имеет особый ритм в результате пения в музыкальной связи, что и должно быть изучено музыковедами. Если в будущем кто-то будет только отмечать спетые песни, было бы лучше сначала преобразовать их на ноты, а затем рассуждать об их ритме и в результате чего многие тонкие вопросы ритма таджикских песен будут решены.

Ключевые слова: *ритм, поэтические произведения, поэзия, песня, классификация, таджикские народные песни, ритм слога, система аруза, фольклор, устная литература, анализ, тип, жанр, раздел, нота, сборник.*

A VIEW TO THE RHYTHM OF TAJIK FOLK SONGS

The author of the article, first of all, expressed his opinion about the rhythm of folk songs, especially Tajik ones, and then noted the research carried out in this direction.

Further, the author shows some examples from the collections “Tajik folklore” (song of “Zulfi siyohi jinjut”), “Oral tradition of the people of Kulyab” (song of “Man dog”) in order to better understand the rhythm of folk songs and notes that, fortunately, “Man Dogh” song is among the texts that have been recorded and published as far as possible in the style of the composition. It is for this reason that we have included this song as an example of a scientific text, because it can be studied in terms of content, structure, rhythm, performance, usage environment, and so on. Many examples can be given about the different rhythms of songs, because this issue has not yet been seriously studied.

Finally, the author of the article concludes that these examples show that Ustod Ayni realized that the Tajik Aruz system was completely different. For this reason, in his writings, M. Tursunzade gave examples of poems that are folk songs. Of course, the rhythm of folk songs is different. If some of them unconsciously fit into the structure of the modern rhythm, some fit into the syllabic rhythm, then most of the songs have a special rhythm as a result of singing in a musical connection, which should be studied by musicologists. If in the future someone will only mark the sung songs, it would be better to first put them on the notes, and then talk about their rhythm, and as a result, many delicate problems of the rhythm of Tajik songs will be resolved.

Keywords: *rhythm, poetic works, poetry, song, classification, Tajik folk songs, syllable rhythm, aruz system, folklore, oral literature, analysis, type, genre, section, note, collection.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир *– Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷик. Нишонӣ: 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Тел.: (+992)918456693*

Сведение об авторе: Косими Саади Абдулкадир *– Таджикский государственный педагогический университет имена Садриддина Айни, кандидат филологических наук, доцент кафедры теории и истории литературы факультета таджикской филологии. Адрес: 734003, город Душанбе, проспект Рудаки 121. Тел.: (+992)918456693*

Information about the author: Qosimi Saadi Abdulqodir *- Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Theory and History of Literature, Faculty of Tajik Philology. Address: 734003, Dushanbe city, Rudaki avenue 121. Phone: (+992) 918456693*

ТДУ: 891.550(091)

ИФОДАИ ЭҲТИРОМУ ДИЛБАСТАГӢ НИСБАТ БА АДИБОНИ ШИНОХТА ДАР АШЪОРИ СОИБИ ТАБРЕЗӢ

Маҳмадшоев М. М.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Соиб ҳамчун суханвари хушбаён миёни маъруфтарин шоирони ғазалсарои гузашта ва давраҳои минбаъда мисоли пайвандгаре хидмат намуда, аз файзи андешаҳои арзишманди шуарои мутасаввуф, амсоли Саноии Марвазӣ, Аттори Нишопурӣ, Амир Хусрав, Саъдӣ, Мавлавӣ, Ҳофиз баҳраёб гардида, дар интиқоли афкори эшон ба муосиронаш ва адибони давраҳои минбаъда мусоидат намуда, дар рушди ғазал ва ҳатто, ҳунари сухангустарӣ таъсири муассир расонида тавонистааст.

Адабиётшинос Зоҳир Аҳрорӣ дар сарсухани “Мунтахабот”-и шоир навиштааст: “Таъсири Соиб на танҳо ба суханварони асри XVII ва қарнҳои минбаъдаи Эрон, Ҳиндустон ва Туркия, балки ба як қатор намояндагони адабиёти асрҳои XVII-XIX тоҷик низ калон мебошад”[11, с.6]. Зимнан, гуфтан ба маврид аст, ки таъсири Соибро дар ашъори шоирони муосири тоҷик низ пай бурдан мумкин аст, ки “ман аз Соиб баҳра бурдаам” гуфтани шоири зиндаёд Лоиқ Шералӣ далели ин гуфтаҳо мебошад [2, с. 12].

Тибқи хулосаҳои муҳаққиқон Соиб шоири маънигарову мазмунофарин, яке аз намояндагони мумтози “шеъри тарз” ба шумор меравад[1; 3; 5; 8;10; 11;12;13]. Аз ҳамин ҷост, ки пас аз Хоқонии Шервониву Калими Кошонӣ ӯро низ “халлоқ-ул-мазомин” ном ниҳодаанд. Худи шоир ҳам ба ҳамин маънӣ ишорате дорад:

Соиб аз тарзи наве, к-андар миён андохтӣ,
Дудмони шеърро додӣ бақои тозае [16, с. 657].

***

Миёни аҳли сухан имтиёзи ман, Соиб
Ҳамин бас аст, ки бо тарз ошно шудаам [16, с. 189].

Ҳамин маъниро Забеҳуллоҳи Сафо тасдиқ намуда, менависад: “Ҳақиқати амр он аст, ки шеваи нав дар суханварӣ, ки бунёдаш дар шеъри Хоҷа Ҳусайни Саноӣ ниҳода шуда ва сипас гӯяндагони дигар то ба аҳди шоирии Соиб дар тақвияти он кӯшидаанд, дар сухани Соиб ба камол расид. Ӯ возеъ ва мубтакири ин шева нест, балки такмилкунандаи он аст”[1, с. 8].

Дар ашъори Соиб зикр ёфтани номи адибони маъруфи гузаштаву муосиронаш аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ӯ аз эҷодиёти шуарои мутазаккир огоҳии комил дорад. Соиб дар ашъораш номи Саноиро чор маротиба, Атторро нуҳ маротиба, Мавлавиро чилу шаш маротиба, Саъдиро даҳ маротиба, Ҳофизро сиву се маротиба Фиғониро шаш маротиба, Амир Хусравро панҷ маротиба Толиби Омулиро ҳафт маротиба зикр намудааст. Соиб дар ин мавридҳо ба ашъори онҳо татаббуъ гуфта, ё мисрае аз шеъри эшонро тазмин кардааст ва ё дар байтҳои алоҳида ҳисси эҳтирому эътиқоди хешро нисбат ба онҳо баён намуда, пайрави мактаби ин бузургон буданашро таъкид намудааст.

Маълум аст, Саноиву Аттор ҳамчун бунёдгузорони адабиёти ирфонӣ, дар таърихи адабиёти тоҷику форс саҳифаи наверо боз намуданд. Бидуни тардид, хешро пайрави Саноиву Аттор эълон намудани Ҷалолиддини Балхӣ эшонро абадан ба курсии шукуҳу шаҳомату бузургӣ нишонд, ки воқеан, арзанда ҳам ҳаст, ҳарчанд Мавлоно аз пирони хеш дар олами маънигустариву сароидани ашъори ирфонӣ фаротар рафта, мақому шуҳрати бештареро соҳиб шудааст. Андешаҳои арзишманди онҳо ба суханварони минбаъда, аз ҷумла ба Соиби Табрезӣ ҳам таъсири амиқ гузоштааст.

Ба андешаи шоир Масеҳо, ки муъҷизааш шифо бахшидани дарди бедаво буд, дар илоҷи дарди сараш оҷиз аст, аз ин рӯ чораи дарди худро аз Аттор мехоҳад:

Дар илоҷи дарди ман Соиб, Масеҳо оҷизаст,
Чораи дарди худ аз Аттор мехоҳад дилам [16, с. 539].

Ё ҷойи дигар:

Донистаам шифову мараз аз дӯкони кист
Соиб зи нусхабанди Аттор фориғам[16, с. 814].

Ба андешаи Соиб, ҳар касе пайравию муридии Атторро пазируфта, тибқи ҳидояти ӯ амал кунад, аз дарди сари ҳар ду ҷаҳон раҳоӣ хоҳад ёфт:

Соиб аз дарди сари ҳар ду ҷаҳон боз раҳӣ,
Сар агар дар сари Аттори Нишопур кунӣ[16, с. 683].

Суханвари табрезӣ шефтаи офаридаҳои пири Нишопур буда, ба шевогиву хушбаёнии ашъори Аттор ишорат мекунад:

Соиб зи ҳамзабонии Аттори хушзабон,
Минқори худ чу баста ба шакар гирифтаам[16, с. 584].

***

Нофаи оҳуи шабро шикофад гесӯи меҳр,
Осмонҳо таблаи Аттор бошад субҳдам[16, с. 535].

Мусаллам аст, ки Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ бо таълифи “Девони кабир”, “Маснавии маънавӣ” дар олами илму ирфону адаб табаддулоти азиме ба вучуд оварда, барои бештар нуфуз пайдо намудани андешаҳои олии инсонгароӣ, ки аз ҳудуди минтақа берун рафтаву аҳамияти умумибашарӣ касб кардаанд ва аҳвоми шарқиву ғарбиро шайдову мафтун, мадҳушу шефта ва ихлосманду парастишгари ҳамин арзишҳо гардонидаанд, на танҳо ба интишори андешаҳои ирфонӣ мусоидат намуд, балки дар рушди адабиёт низ таъсири амиқу судманд расонида тавонист. Дар шакли басо марғубу дилкаш, равону рӯҳафзо баён намудани андешаҳои олии ирфонӣ боис шуд, ки аксар адибони номдори даврахои минбаъда худро муриду пайрав ва ихлосмандони Мавлоно ҳисобида, аз ин амал ифтихор ҳам кардаанд. Яке аз ҳамин гуна адибони нуктасанҷу мумтоз Соиб ба шумор меравад, ки фармудааст:

Аз он таронаи мо ҳуш мебарад Соиб,
Ки пайрави сухани Мавлавию Атторем[16, с. 57].

***

Фитод то ба роҳи тарзи Мавлавӣ Соиб,
Сипанди шуълаи фикраш шудаст кавкабҳо[16, с. 667].

Аз нигоҳи Соиб, сатҳи Мавлоно хело баланд аст ва ӯ пайваста кӯшиш менамояд, ки пайрави арзандаи орифи румӣ бошад. Инъикоси таъсири рӯшани ашъори ирфонии Мавлоноро дар навиштаҳои хеш таъкид намудааст:

Иқтидо то ба Мавлавӣ карда аст
Шеъри Соиб тамом ирфон аст[16, с. 213].

Бо он ки Соиб дар аҳди хеш аз шумори нодирагуфтортарин сухансароён маҳсуб мешуд ва нуфузу эътибораш миёни аҳли сухани замон побарҷо буд, бо ихлосу эътимоди қавӣ баён менамояд, ки дар назди манзалати орифи балхӣ мисли хоки сари роҳ аст:

Метавонам хоки пойи орифи румӣ шудан,
Дар сухан ҳарчанд Аттору Саноӣ нестам[16, с. 533].

Ифтихор аз он мекунад, ки чун сархати афкораш ғазали Мавлавист, замзамаи фикраш вақду самоъ мекунад:

Замзамаи фикри ман вақду самоъ оварад,
То ғазали Мавлавист сархати афкори ман[16, с. 441].

Ба андешаи Соиб, бо тарзи Мавлоно сухан гуфтан, кори саҳлу сода нест, барои ба ин дараҷа расидан, роҳи басо дарозу пурмашаққтро бояд тай намуд ва мисли худи шоир ба шеваю гуфтори баландмазмун, андешаи бикр ошно бояд буд:

Солҳо аҳли сухан бояд, ки хуни дил хӯранд,
То чу Соиб ошнои тарзи Мавлоно шаванд[16, с. 260].

Дар баробари адиби соҳибном будан, каломи мавзуну равон сурудан тавозуъ ва одамгариро аз даст надода, сухани хешро дар баробари ашъори Мавлавӣ беарзишу беқадр шуморидааст:

Соиб ту аз куҷо, равиши Мавлавӣ куҷо?
Чун пардаи ҳаё зи миён баргирӣ? [16, с. 689].

Шоири дигаре, ки бо ашъори шӯрангези худ марзҳои ақидавию забонӣ, минтақавию мазҳабиро убур намуда, сар то сари олам сайри маънавӣ карда, бузургтарин адибони оламро шефтаю мафтун сохта, ба руҳу равони эшон таъсири бесобиқа гузоштааст, Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ мебошад, ки аксари аҳли адаби дунё пайраву шогирди ӯ буданашонро орзу менамоянд. Соиб дар баробари нобиғагоне, ки исмашонро боло зикр доштем, бо қаноатмандии тамом аз муриди Хоҷа Ҳофизи бузург буданаш ифтихор менамояд:

Зи бубулони хушилҳони ин чаман Соиб,
Муриди замзамаи Ҳафизи хушилҳон бош[16, с. 90].

Аз нигоҳи Соиб, ашъори "лиссон-ул-ғайб" саропо равону мавзун буда, интихоб надорад. Яъне, ғазалҳои вай яке аз дигаре комилтару шевотар суруда шудаанд:

Ҳалоки ҳусни худододи ӯ шавам, ки саропо,
Чу шеъри Ҳофизи Шероз интихоб надорад[16, с. 482]

Ба андешаи Соиб, сабаби муҳаббати мардумон ва шавқи бештари онҳо ба нигоштаҳои суханвар ба он далолат мекунад, ки бо тарзи Хоҷаи Шероз гуфта шудааст:

Ба фикри Соиб аз он мекунад рағбат халқ,
Ки ёд медиҳад аз тарзи Ҳофизи Шероз [16, с. 478].

Сухани Соиб аз миён намеравад, бо гузашти солҳову асрҳо дилбастагии худро гум намекунад, мисли шамъе дар анҷумани дӯстдорони каломи ноб боқӣ мемонад, зеро тарзи гуфтори суханвари шерозӣ дар миён аст. Тарзи зебои маъниофарӣ, баёни муъҷазу зебо ва рамздору нишонрас муҷиби боло рафтани арзиши сухан мегардад:

Ба килки Соиб шикастагӣ марасад,
Ки тарзи Ҳофизи Шероз дар миён афтод[16, с. 164].

Ё дар байти дигар:

Лутфи нозук, ҳусни маъниро дуболо мекунад
Шишаи Шероз мебояд майи Шерозро[16, с. 71].

Соиб дар баробари он ки аз шоирони мумтози мутақаддим ёд кардаву ба онҳо дилбастагӣ, ихлос ва иродати хешро баён доштааст, аз суханвари хушқареҳа - Бобо Фиғонӣ ҳам ба некӣ ёдоварӣ намудааст. Тибқи маълумоти муҳаққиқону адабиётшиносон, ин суханвар аз аввалин гӯяндагони "шеъри тарз" маҳсуб меёфтааст, ки навиштаҳояш на ҳамавақт ҳаводириву дастгирӣ ёфтаанд. Аммо Соиб таъкид менамояд, омода аст ба гуфтаҳои Бобо Фиғонӣ пайравию татаббуъ намояд:

Соиб,аз ин ғазал, ки чароғи дили ман аст,
Афрӯхтаам ба хоки Фиғонӣ чароғҳо [16, с. 796].

ё

Аз оташиндамон ба Фиғонӣ иқтидо,
Соиб, агар татаббуи девони кас кунӣ[16, с. 493].

Соиб, ки худ низ аз шумори шоирони мактаби "шеъри тарз" ба шумор меравад, аз чанд нафар суханварони ин равия ба некӣ ёд намуда, ба ашъори онҳо ихлосмандиву дилбастагиашро таъкид сохтааст. Яке аз ҳамин гуна нафарон Толиби Омулӣ, мебошад, ки дар сароидани " шеъри тарз" комёб буда, борҳо мавриди ишораҳои қадршиносонаи Соиб қарор гирифтааст:

Ҳар кӣ чун Соиб ба тарзи тоза дерин ошност,
Дам ба завқи андалеби Толиби Омул занад[16, с. 250].

Таҳлилу баррасии яке аз мавзуъҳои ашъори рангини шоири ширинкалом Соиби Табрезӣ нишон дод, ки вай дар баробари сурудани ғазалҳои ноб, офаридани маонии бикр, корбасти бомавқеи саноати бадеӣ, риояи мавзуни таносуби сухан нисбати осори гузаштагони худ эҳтирому ихлоси зиёд дошта, онҳор бо муҳаббату садоқат ва эътиқоду ихлос ёдоварӣ намудааст.

Дар баробари он ки Аттори Нишопуриву Саноӣ, Мавлони Рум ва Хоҷаи Ҳофизро пирони маънавии хеш хондаву ба навиштаҳояшон арҷ гузоштааст, таъкид намудааст, ки яке аз сабабҳои ба суханварӣ майл намудану офаридани ҳамин гуна ашъори дилчасп аз таъсири суханони баландпояи ҳамин бузургон мебошад. Инчунин, аз суханварони равияи "шеъри

тарз” Бобо Фиғонӣ ва Толиби Омулӣ бо дилбастагиву шефтагии зиёд ёд карда, нисбати ашъори онҳо ва шахсияташон ҳисси эҳтирому ихлосмандии худро иброз намудааст.

Адабиёт

1. Ахтарони адаб, (Силсила) иборат аз 50 ҷилд, ҷилди 34 // Соиби Табрезӣ. Девон. - Душанбе: Адиб, 2017. - 462 с.
2. Лоиқ, Ш. Куллиёт. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1. Ашъор. - Душанбе, Адиб, 2008. – 560 с.
3. Маонӣ, А. Гулчин. Фарҳанги ашъори Соиб / Аҳмад Гулчини Маонӣ. Иборат аз се ҷилд. - Теҳрон: Муассисаи мутолиот ва таҳқиқот, 1365. - 1652 с.
4. Муҳаммадзода, С. Шарҳи ғазалҳои Соиби Табрезӣ / Сиддиқӣ Муҳаммадзода. - Теҳрон, 1370. - 456 с.
5. Насриддинов, А. Сеҳри мубин / Абдуманнон Насриддинов. - Хуҷанд, 1996. -196 с.
6. Нуруллоева, М. Соиби Табрезӣ, (пажӯҳише дар ҳунари шоир.) / М. Нуруллоева. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2005. - 78 с.
7. Саъдиев, С. Адабиёти тоҷик дар асри ХУII / Садр. Саъдиев. -Душанбе: Дониш, 1985. - 284 с.
8. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон Ҷ.5/1. / Забеҳуллои Сафо. – Теҳрон: Фирдавс, 1386. – 635 с.
9. Сафо, З. Таърихи адабиёт дар Эрон Ҷ.5/2. / Забеҳуллои Сафо. – Теҳрон: Фирдавс, 1386.–С.635 -.1420.
10. Соиб ва сабки ҳиндӣ дар густураи таҳқиқоти адабӣ // Бо кӯшиш ва эҳтимоми Муҳммад Расули Дарёгашт.- Теҳрон,1371.- 456 с.
11. Соиб. Мунтахабот/ Соиби Табрезӣ -Душане: Ирфон, 1980. – 703 с.
12. Табрезӣ, С. Девон // Девони Соиби Табрезӣ Бо эҳтимоми Ҷаҳонгири Мансур. Иборат аз ду ҷилд. -Теҳрон: Муассисаи интишороти Нигоҳ 1384.-1896 с.
13. Ӯрунова, М. Килки гаҳарбор / М.Ӯрунова. -Хуҷанд:Андеша, 2012.-110 с.
14. Ӯрунова М. Соиби Табрезӣ-шоири ғазалсаро//Номаи донишгоҳ, Илмҳои ҷомеашиносӣ, №2(67) 2021с 60- 66
15. Ҳодизода, Р. Каримов У., Саъдиев С. Адабиёти тоҷик. Асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри бист / Расул Ҳодизода...– Душанбе: Маориф, 1988.–416 с.
16. http//bit.ly /SaebNebesht//1399صائب تبریزی نسخه 401 تهیه و برناه نویس:حسین مقیمی تابستان

ИФОДАИ ЭҲТИРОМУ ДИЛБАСТАГӢ НИСБАТ БА АДИБОНИ ШИНОХТА ДАР АШЪОРИ СОИБИ ТАБРЕЗӢ

Дар мақҷола мавзуи эҳтирому пайравӣ, ихлосу иродатмандии шоири мумтоз Соиби Табрезӣ нисбат ба адибони номии адабиёти тоҷику форс ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Муаллифи мақола зикр менамояд, ки Соиб ҳамчун шоири тавоно миёни маъруфтарин шоирони ғазалсарои гузашта ва давраҳои минбаъда мисоли пайвандгаре хидмат намудааст. Вай аз афкори баландмазмуни суханварони мутасаввуф, монанди Саноӣ, Аттори Нишопурӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Хоҷа Ҳофиз баҳра бардошта, таъкид намудааст, ки таъсири ашъори онҳо барои рушди минбаъдаи шеър ва адабиёт заминаи мусоид фароҳам овардааст.

Таъкид гардидааст, ки якчанд олимону донишмандони ватаниву хориҷӣ ба ашъори Соиб баҳои баланд дода, вайро дар қатори суханварони маъруфи адабиёти тоҷику форс ҷой додаанд. Андешаҳои адабиётшиносон Зоҳир Аҳрорӣ ва Забеҳулло Сафо ҳамчун далел оварда шудааст.

Муҳимияти мақола дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф тавонистааст бобати андешаҳои ихлосмандона ва боэътимоди Соиб нисбати бузургони шеъри форсӣ, монанди Саноӣ, Аттор, Мавлавӣ, Ҳофиз мулоҳизаронӣ намуда, ба ҳайси шоҳид абёти зиёдеро намуна оварад.

Инчунин, муаллифи мақола дар баробари ин нишон медиҳад, ки Соиб ба шеъри суханварони даврони худаш низ дилбастагӣ дошта, ба навиштаҳои Толиби Омулӣ баҳои арзанда додааст.

***Калидвожаҳо**: шоирон, Соиб, Аттор, Саноӣ, Мавлоно, Ҳофизи Шерозӣ, пайравӣ, ашъор, тарзи шеър, адабиёт.*

ВЫРАЖЕНИЕ УВАЖЕНИЯ И ПРИВЯЗАННОСТИ К ИЗВЕСТНЫМ ПИСАТЕЛЯМ В ПОЭЗИИ СОИБА ТАБРЕЗИ

Предметом исследования является уважение, подражание, вера и пристрастие выдающегося поэта Соиба Табрези к известным писателям таджикской и персидской литературы.

Автор статьи отмечает, что Соиб как умелый поэт послужил связующим звеном между наиболее известными поэтами прошлого и последующих периодов. Вдохновившись высокими идеями известных поэтов, таких как Сано, Аттори Нишопури, Хусрав Дехлави, Саади Шерози, Джалолиддин Балхи, Ходжа Хафиз, подчеркнул, что влияние их стихов создало благоприятную среду для дальнейшего развития поэзии и литературы.

Отмечается, что отечественных и зарубежных ученых высоко оценили поэзию Соиба и поставили его в число самых известных поэтов таджикской и персидской литературы. В качестве доказательства приводятся мнения литературоведов Захира Арори и Забехулло Сафо.

Важность статьи выражается в том, что автор смог отразить искренние и достоверные взгляды Соиба на таких великих персидских поэтов, как Санои, Аттор, Мавлави, Хафиз, и в качестве доказательства привел множество стихов.

В то же время автор статьи показывает, что Соиб также интересовался творчеством поэтов своего времени и высоко оценил сочинения Толиба Омули.

Ключевые слова*: поэты, Соиб, Аттор, Санои, Мавлоно, Хофиз Шерози, подражане, творчество, стиль поэзии, литература.*

EXPRESSION OF RESPECT AND ATTITUDE TO FAMOUS WRITERS IN THE POETRY OF SOIB TABREZI

The subject of the research is the respect, imitation, faith and addiction of the outstanding poet Soib Tabrezi to famous writers of Tajik and Persian literature.

The author of the article notes that Soib, as a skilled poet, served as a link between the most famous poets of the past and subsequent periods. Inspired by the high ideas of famous poets such as Sano, Attori Nishopuri, Khusrav Dehlavi, Saadi Sherozi, Jaloliddin Balkhi, Khoja Hafiz, he stressed that the influence of their poems created a favorable environment for the further development of poetry and literature.

It was noted that a number of domestic and foreign scientists highly appreciated the poetry of Soib and put him among the most famous poets of Tajik and Persian literature. The opinions of literary critics Zahir Arori and Zabekhullo Safo are given as evidence.

The importance of the article is expressed in the fact that the author was able to reflect Soib's sincere and reliable views on such great Persian poets as Sanoi, Attor, Mavlavi, Hafiz, and cited many verses as evidence.

At the same time, the author of the article shows that Soib was also interested in the work of poets of his time and highly appreciated the works of Tolib Omuli.

Keywords*: poets, Soib, Attor, Sanoi, Mavlono, Khofiz Sherozi, imitators, creativity, style of poetry, literature.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Маҳмадшоев Маҳмадшо Мирзошоевич *- Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти классикӣ. Нишонӣ: Шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков, 1. Тел.: 93 874 80 00. E-mail: komron74@mail.ru*

Сведения об авторе: Махмадшоев Махмадшо Мирзошоевич *- Худжандский государственный университет имени академика Бабаджана Гафурова, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской классической литературы.* ***Адрес:*** *Город Худжанд, улица Мавлонбекова, 1. Телефон: 93 874 80 00. E-mail: komron74@mail.ru*

Information about the author: Mahmadshoev Mahmadsho Mirzoshoevich *- Khujand State University named after academician Babadjan Gafurov, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor at Department of Tajik Classical Literature. Address: Khujand city, st. Mavlonbekov 1. Mobile phone: 93 874 80 00. E-mail: komron74@mail.ru*

ТДУ: 891.550

БОЗТОБИ АДАБИИ НАМОДИ РАНГ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ЗУҲУРИИ ТУРШЕЗӢ

Шарипов Ш.Р.

Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Яке аз авомили бунёдӣ ва ё арзиши шоистаи пойгоҳии шеър ва пояи падидоии офаринишҳои адабӣ корбурди намоди ранг дар тасовир ва тахайюли адабист. Ранг дар тасовири адабӣ аз оғози аввалин жанрҳои шеърӣ то ба имрӯз ба унвони барҷастатарин унсур дар ҳавзаи офариниши тахайюл ва тасвир маъруфият дошта, гоҳ пинҳон ва аксаран равшан тазоҳур кардааст. Ҳатто, метавон дар аввалин байти ҳавзаи адабии мо, ки ба Абулҳавси Суғдӣ мунтасиб аст, намоди шоиронаи “ранги пинҳон”-ро дарёфт:

Оҳуи кӯҳӣ дар дашт чӣ гуна давадо?
Он надорад ёр, бе ёр чӣ гуна равадо?

Дар тасвири байти боло, вақте ки хонанда ба мафоҳими оҳуи кӯҳӣ, дашт ва ёр мувоҷеҳ мешавад, намоди “ранги пинҳон” дар зеҳни ӯ ҳаракат мекунад ва ранги даштро ба сиёҳии замин, яъне сиёҳӣ, ранги оҳуи кӯҳиро ба хокистарӣ ва ё ҷигарӣ ва ранги гунаҳои ёрро сафеду сурх мепиндорад, ки ин гуна маҳаки шинохт дар зеҳни ӯ қаблан дар масири шинохти онҳо дар тӯли зиндагӣ маърифат шудааст. Раванди маърифати намоди “ранги пинҳон” дар абёти зерини Рӯдакӣ боризтар бармало мешавад:

Бихандад лола бар саҳро,
Ба сони чеҳраи Лайло.
Бигиряд абр бар гардун,
Ба сони дидаи Маҷнун[7, с. 416].

Дар байти аввал намоди “ранги пинҳон” дар ҳамоҳангии ранги лола ва ранги чеҳраи Лайло, ки ҳарду муртабити қирмизианд, мунъакис шуда, дар байти сонӣ ҷараёни ҳамоҳангии ранги абр ба ранги дидаи Маҷнун, ки ҳарду сиёҳанд, дар маҳаки тасвир бозгӯ шудаанд.

Ҳадаф аз баррасии масъалаи намоди ранг дар ин фасл бозгӯй ва ташреҳи се нукот: рангҳои пинҳон (тадоии ранг), равшани интизой-маснуӣ ва равшани табиӣ (гӯё) дар ҳавзаи тахайюл ва тасовири Зуҳурӣ буда, ҳамчунин, таассури ранги ашё ба ҳавзаи тахайюли шоир, муқоисаи корбурдии ранг дар ғазалиёти шоир бо шуарои дигарро мавриди омӯзиш қарор додаем.

Дар масири таърих байни халқу миллатҳои мухталиф ранг бо мазмунҳои гуногун маърифат шуда, ҷойгоҳи шоиста дорад ва ҳатто, орзуҳои дарунӣ, эҳсос ва авотифи мардумро дар мисоли парчамҳою нишонаҳои миллӣ таҷассум менамоянд. Чунончи, дар парчамҳои давлатҳои мусулмон бар мабнои зеботарин ранг дар Қуръон - сабз инъикос шудааст.

Мафҳуми ранг то ба ҷое дар зеҳни инсон мавқеъ гирифта, ки бидуни он рӯзгори худро тасаввур намекунад. Ранг ба боварҳою эътимодот, дину оин, гурӯҳбандии синнусолӣ, ишқ, эҳсос ва дарку маърифат ва ҳатто ба худшиносию худошиносии инсон омезиши куллӣ ёфта, дар бурузи халлоқиятҳои ҳунарӣ, ки эҷоди зеҳни ӯянд, таасури амиқ дорад.

Ҳатто, халқу миллатҳои олам рангҳои ба худ хос ва ё мутанаффирӣ доранд, ки ин равиши тафаккур ба тарзи зиндагонӣ ва урфу одатҳояшон асари бориз гузоштааст. Масалан, «араби ҷоҳилӣ ранги сабзро, ки ёдовари баҳор ва муротеи хуррам ва чарогоҳҳои хуб аст, беш аз ҳар ранги дигаре дӯст доштаанд, зеро масъалаи чарогоҳ барои эшон муҳимтарин амри зиндагӣ будааст ва беҷо нест, агар мебинем зеботарин рангҳо дар Қуръон низ сабз аст»[10, с. 270]. Ва ё ҷопонию чиниҳо баръакси мусулмонҳо ранги сурхро рамзи хушбахтию саодат медонанд ва занҳои ҷопонӣ дар ҷашни милоди куҳанашон либоси сурх пӯшида, биринҷро низ сурх мекунанд[3, с. 94]. “Дар Чин ранги зардро мухтаси импротур қарор додаанд ва ҳеҷ кас ғайр аз ӯ ҳақ надошт, либоси зард ба тан кунад” [1, с. 61].

Инсон дар ибтидо аввалин маърифати худро нисбат ба ранг аз сафедии рӯзу сиёҳии шаб ҳосил мекард ва аввалин рангҳои намодӣ низ маҳз ҳамин сафеду сиёҳ буданд, ки имрӯз низ аз корбурдатарин намоди адабиёти форсии тоҷикӣ маҳсубанд ва ҳатто, башар аз рӯзи

нахусти эътиқодмандӣ халлоқи худро дар нури бузург, яъне омезиши рангҳои сапеду сурху зард мешинохт ва имрӯз низ дар пиндорҳои ормонияш – расидан ба зиндагии ҷовидона ва хурраму хушбахт рангҳоро ба кор мегирад. Ранг аломати мушаххасаи ашё буда, мояи таваҷҷуҳи инсон ба шайъ ва забони идроки мавҷудоти табиат гардидааст. Чунончи, гул ва ё меваи расида маҳз тавассути ранг аз дур ҷолиб аст ва ё ранги кабуди осмон дилро мекушояд ва ё бӯғзи абр иллати дилгирӣ мешавад.

Имрӯз дар боварҳои мо ранг то ба ҷое тобиши маъноӣ гирифтааст, ки дар корбурди он ҳамсонию ҳамсӯии ормонҳои мо таҷассум ёфтааст. Чунончи, дар маросими сур либоси сиёҳ ва баръакс, дар сӯгу азо ранги сурху сафедро ба бар намекунанд.

Рангро “мояи оромиш ва ҳастаи ороиш” номидаанд[3, с. 91-122] ва имрӯз инсон ҷиҳати оромиш дар манзили зист ва ҷойи кор аз рангҳои оромибахш: сабз, кабуд, хокистарӣ истифода менамояд.

Ҳамаи падида ва ҳаводиси рӯзгор, аз ҷумла тобишҳои маънои рангҳо дар рӯзгори инсонӣ заминаи рангорангии сувари хаёли адибанд, ки отифа ва эҳсоси ӯро баён менамоянд. Аз ин ҷо, яке аз барҷастатарин ҷанбаи тасовири адабӣ дар шеър, аз ҷумла дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ корбурди ранг аст. Ба пиндори Ризо Рафеирод, “ранг ба унвони яке аз аносири басарӣ на танҳо аз ҷанбаҳои физикӣ барои инсонҳо мавриди таваҷҷуҳ буда, балки барои баёни эҳсосот, тавсифот, тахайюлот, рамзҳо ва намодҳо ва дигар шууноти инсонӣ низ коркард доштааст” [6, с. 39].

Зуҳурӣ дар ғазалиёти худ рангро ба тавре мавриди баҳрабардорӣ қарор додааст, ки он на танҳо василаи пайванди шоир бо ашё, ҳаводис, воқеа, дар маҷмуъ, бо иҷтимоъ ва ё маъно шудааст, балки боиси кашфи вежагии онҳо гардидааст. Чунончи, дар байти зер таркиби “ранги тарбият” вежагии дигари мафҳуми тарбиятро инъикос намудааст:

Аз обу **ранги тарбияти боғбон** магӯ,
Аз мағзи хулд ин гули худрӯ баромадаст[9, с. 126].

Намунаи рангҳои пинҳон (тадоии ранг) дар тасовири Зуҳурӣ:

Дар байти зер доғ аз рангии сиёҳ, боғ аз ранги сабз, гул аз рангҳои равшани табиӣ, бар амсоли сурху зард, кабуду бунафш тадоӣ доранд.

Ғарқаи доғам маро ба боғ чӣ кор аст?
Акси ту гул карда, сина оиназор аст[9, с. 126].

Дар байти зер гул аз рангҳои равшани табиӣ, бар амсоли сурху зард, кабуду бунафш, рух аз рангҳои сафеду сурх ва гиря аз сиёҳии чашм тадоӣ доранд.

Он қадар қадр надорем, ки бар мо ханданд,
Ҷуз гули гиряи мо кас ба рухи мо нашукуфт[9, с. 128].

Дар байти зер рӯй аз рангҳои сафеду сурх, субҳ аз ранги сафеди рӯз ва кабуди осмон, шом ва мӯй аз ранги сиёҳ тадоӣ доранд.

Зи рӯяш субҳи ман субҳ аст то шом,
Зи мӯяш шоми ман то субҳ шом аст[9, с. 129].

Намунаи рангҳои равшани интизоӣ-маснуӣ дар тасовири Зуҳурӣ.

Дар абёти зер рангҳо (ранги доман, ранги айш, ғам, карашма, арғувон, ҳино, чеҳра, зар, лола, бегона, ту, шикаста, раъноӣ, ҳавас, гулнор ва лаъл) аз дохили ашё ахз шуда, интизоӣ ва маснуиянд, ки Зуҳурӣ бо корбасти онҳо маънии тоза офарида, паҳлуҳои дигари ашёро бозгӯ намудааст:

Лоғариҳои бахт бин, ки надошт
Хуни мо **ранги доман**и қассоб[9, с. 45].

Муҳаббат ба ранг аз ҷониби ашхоси мухталиф мутавофит буда, ба эҳсос, иртибот, авотиф ва тааммули дарунии инсон муртабит аст. Ба қавли муҳаққиқони эронӣ «дар шеъри Саъдӣ рангҳо аглаб барои тавсифоти маҳсус ва моддӣ ба кор рафта ва ба табиати перомуни шоир маҳдуд мешаванд» [1, с. 80].

Барги дарахтони сабз пеши худованди ҳуш
Ҳар вараке дафтарест маърифати кирдгор[8, с. 202].

Дар ғазалиёти Зуҳурӣ низ рангҳо дар тавсифоти моддӣ ва маҳсус ба кор мераванд. Чунончи:

Рӯю мӯйи дигар аз боғу баҳорам кард сар,
Боз **ранги арғувон**у бӯйи райҳон кам шудаст.

Сарпанҷаи гулгуни ту қурбонкуни сад ид,
Ин **ранги ҳино** нест, ба хуни кӣ хизоб аст [9, с. 144].

Ба **ранги чеҳра**и мо бардамид лолаи мо,
Тавон қиёси хазон кард, навбаҳор ин аст [9, с. 168].

Ба зар агарчи ҳама кор барканад ранге,
Зи кори хеш нагӯям, ки **ранги зар** пазад[9, с. 191].

Ба гулшане, ки гузори ту навбаҳор афтад,
Нигоҳ бӯи гулу **ранги лола** мегирад [9, с. 216].

Боғбон рангу бӯ, агар ин аст,
Ранги гулнору бӯи сунбул ку [9, с. 613]?

Равад бӯйи мушку парад **ранги лаъл**,
Зуҳурӣ, муҳол аст тағйири мо[9, с. 6].

Аммо рангҳои мавриди алоқаи Зуҳурӣ бештар дар рангҳои интизоӣ зуҳур намудаанд, ки тасовири номаҳсус ва ғайримоддӣ эҷод кардаанд. Шоир на танҳо аз корбурди ин рангҳо лаззат мебарад, ё хонандаро ба ҷаҳони рӯҳангези пуробуранг интиқол медиҳад, балки ҷаҳони авотифи худро густурдатар менамояд, рангҳоро ба сифати тоблуи рангин ва хаёлангези ифодаи маънӣ ба кор мегирад, ки тарсими табиат ва ашёи онанд. Чунончи, рангҳои интизоии ихтисосии Зуҳурӣ «ранги раъноӣ», «ранги ҳавас», «ранги шикаста», «ранги ғам», «ранги бегона», «ранги табассум», «ранги карашма», «ранги айш» ва амсоли инҳоянд, ки на танҳо ҳолати рӯҳию фардии шоирро таҷассум менамоянд, балки завқи эстетикии хонандаро ба маротиб афзоиш медиҳанд:

Моҳ **ранги шикаста**е дорад,
Кӣ кулаҳгӯша баршикаст? Бипурс[9, с. 413].

Хушо тозарӯе, ки аз ашки олаш,
Бувад **ранги раъноиі**и моҳу солаш [9, с. 417].

Ишқ дар оинаи ҳусни ту идрок кунам,
Тира гардида дил аз **ранги ҳавас,** пок кунам [9, с. 485].

Бар ғамза бод ковиши сарчашмаи ҷигар,
Рангинии табассумат аз гиряҳои кист [9, с. 163]?

Сухан дар **ранги** ҳар **бегонае** мегӯӣ, мефаҳмам,
Ки бӯйи ошноиҳо аз ин овоз меояд [9, с. 272].

Бар хеш гарчи баста ҳино **ранге аз ғамат**,
Хун дар дилаш зи рашки рухи рангбасти мост [9, с. 60].

Ба хок рехта хунам **карашмарангинӣ**,
Ки ид аз гили қурбонгаҳаш ҳино бардошт [9, с. 66].

Умр ширин аст, лабрез аст ком аз заҳри ғам,
Айш рангин аст, аз хуни ҷигар соғар пур аст [9, с. 58].

Манзури шоир аз таркиби «ранги ту» ҳамон «ранги раъной»-ст, ки «лола бо сурхияш, агар тавонад, ки раъноии туро шукуфад, пас суман, ки хушбӯй аст, метавонад, ки хушбӯйии туро ба машом барад». Дар мутаваҷҷеҳии аввал бо байт фикр мекунем, ки «ранги ту» ба маънои «мисли ту», «шакли ту», «ба монанди ту» аст, аммо «бӯйи ту»-и мисраи дувум намегузорад, ки мо ба ҷуз ранг ба маънои отифа, тасвири раъной биандешем. Ҳоло он ки таркиби шартии шоир - «агар тавонад» бештар ба феъли «наметавонад» ва ё «чаро тавонад?» моил аст:

Тавонад, агар лола **ранги ту** гаштан,
Суман ҳам тавонад, ки бӯйи ту бошад [9, с. 293].

Ҳамин минвол, таркибҳои «ранги раъной», «ранги ҳавас», «ранги шикаста», «ранги ғам», «ранги бегона», «ранги табассум», «ранги карашма», «ранги айш» ва амсоли инҳо намудортарин корбурди ранг ва халлоқияти маънӣ тавассути ранг аз ҷониби Зуҳурӣ дар ҳавзаи эҳсоси инсон буда, шоир дар ҷавҳари сувари хаёли худ рангро намодин кардааст, ба ин васила аҷзои тасовири шеъриро равобити адабӣ бахшида, мафоҳими баённошудании фазои намодини ғазалиёти худро табйин ва талқин намудааст.

Мубрамтарин ва барҷастатарин намоди ранг дар адабиёти форсии тоҷикӣ тобишҳои мухталифи рангии ҷилваи маъшуқ аст, ки аз зоҳири ӯ тарсим ёфта, иқтидори образофаринӣ ва тасвирсозии адибро инъикос менамоянд.

Аз гули бӯстони сабзхатон,
Ғунчаи дил шукуфтатар хандад [9, с. 341].

Шавад эмин дил аз бими халосӣ, муфти худ донам,
Агар аз сабзазори хат сари чоҳи зақан бандад [9, с. 274].

Алфирор, эй ақл, султони ҷунун лашкар кашид,
Алвидоъ, эй сабз, ғурури ҳусн ханҷар кашид [9, с. 358].

Намунаи рангҳои равшани табиӣ (гӯё) дар ҳавзаи тахайюли Зуҳурӣ.

Дар байти зерин Зуҳурӣ якбора се ранги равшани табиӣ (гӯё): сурх, сияҳу зард ва як ранги пинҳон: май – тадоӣ аз ранги сурхро истифода намудааст.

Ба **май** хоҳад, ки созад булҳавас аз **сурх**рӯёнат,
Сияхрӯ бод, зоҳир кард охир **зард**гӯширо [9, с. 21].

Ба барги **сабз**е, агар баҳри туҳфа ҳоҷатам афтад,
Муяссарам нашавад, ранге аз баҳор надорам [9, с. 463].

Корбурдатарин ранги равшани табиӣ (гӯё) дар сувари хаёли Зуҳурӣ сиёҳ(сияҳ) ва ҳамгурӯҳи он тира 122 маротиба дар “Девони ғазалиёт”-и ӯ ба чашм мерасад. Ранги сиёҳ ба назари Масъуди Рӯҳонӣ, Муҳаммад ИноятиҚодиклоӣ “намоди шаб, зулмат, ғам, ваҳшат, андуҳ ва марг аст” [2]. Басомади вожагоне, ки андуҳро таҷассум мекунанд, аз қабили дил, ки тавлидгоҳи ғам аст, 1830 маротиба, ишқ, ки ҳамеша дар ғами маъшуқ аст, 859 маротиба, ғам 717 маротиба, чашм (чашми хунбор, пурхун, пурнам, тар ва гирён) 696 маротиба, доғ 574 маротиба ва ранги сиёҳ (сияҳ ва тира) 122 маротиба дар ғазалиёти Зуҳурӣ муҳтавои ғазалиёти шоирро бештар ба мазмуни ғамноманависӣ, марсия ва ё мӯясароӣ шабоҳат медиҳад, ки бидуни тардид, як навъ таҷассуми авзои руҳии шоир дар мулки ғарибист. Шафеи Кадканӣ мегӯяд, ки «баъзе шоирон рангҳои хосеро бештар дар сувари хаёли хеш ба кор бурдаанд ва аз баъзе рангҳои дигар ғофил мондаанд, шояд решаҳои равонӣ дар ин кор вуҷуд дошта бошад»[10, с. 267].

Заминаи намоди ранг ба эътиқодот, фарҳанг, ҷуғрофиё, ҳолати равонӣ ва кайфияти ҳолати шоир бастагии комил дошта, гоҳо мешавад, ки шоир рангеро дӯст медорад ва баръакс, аз ранге мутанаффир аст. Дар ин маврид, пиндори муҳаққиқони эронӣ Комрон Пошойӣ, Тайиба Ҳайдарҷӯ, Парвона Одилзода ба ёд мерасад, ки гуфтаанд: “Василий

Кандитский, наққоши машҳури русӣ ваҳшате аз ин ранг (зард - Ш.Ш.) дошт ва онро ранги девонагон мепиндошт” [1, с. 61]. Ба назари ин ҷониб, ранги писандидаи Зуҳурӣ бо назардошти басомади он дар ғазалиёташ шояд сиёҳ бошад, аммо шоир низ ранги зарду кабудро хуш надоштааст. Зеро дар ғазалиёти шоир ранги кабуд (нилгун, нилобӣ, ахзар) ягон маротиба корбурд надорад ва рангҳои зарду (11 маротиба) заъфарон (4 маротиба) низ ҳамвора дар мавриди дарду хазон ва фироқ истифода шудааст:

Маълум мешавад, ки ба **дард**и кӣ мубталост?
З-ин **зард**ие, ки рӯйи **хазон**ро фурӯ гирифт [9, с. 168].

Шоир дар ғазалиёти худ (1302-то) дар ҳаҷми умумии 12233 байт ранги сурхро 17 маротиба, сафедро 15 маротиба, зардро 11 маротиба ва сабзро 3 маротиба истифода карда, ягон маротиба дар мавриди офариниши мазмуни адабӣ аз ранги кабуд суд наҷустааст. Аз ранги арғувонӣ, ки равшани табиӣ нест, ҳамагӣ 2 маротиба, дурангӣ 1 маротиба баҳра ҷустааст.

Мекунад зулфи **сиёҳ**и ту маро нома**сапе**д,
Сурхрӯ он, ки ба шамшери ту дар хун гардад[9, с. 307].

Зуҳурӣ дар ғазалиёти худ мисли шуарои дигар бар пояи рангҳо киноя сохтааст, ки нишони дигар аз аҳамияти ранг: расонидани паём ва илқои ҳадафманди эҳсос дар ҳавзаи хаёли шоир буда, ин гуна киноясозӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ собиқаи тӯлонӣ дорад. Чунончи,

Гардида **бахти тира** ҳумоюн зи фарри ишқ,
Гирад ҳумой фол ба гулбонги зоғи мо[9, с. 13].

Бахти сафед сохта шоми саҳар маро,
Рӯзам **сиёҳ**кардаи зулфи чу қири туст[9, с. 51].

Алфирор, эй ақл, султони ҷунун лашкар кашид,
Алвидоъ, эй **сабз**, ғурури ҳусн ханҷар кашид[9, с. 358].

Чашми умед, агар ба дият **сурх** кардаӣ,
Ранге туро зи марҳамати қотили ту нест [9, с. 54].

Ба рӯйи **зард** гарав бурдан аз хазон, назр аст,
Ба ашки **сурх** хиҷил кардан арғувон назр аст [9, с. 101].

«Дар тӯли қарнҳо ранг барои ашхоси гуногун маонии мухталифе доштааст. Масалан, ранг барои Синат Августин кайфияти афлотунии Худо буд ва барои Нютон инержии нурӣ, барои Гёте як идроки зеҳнӣ ва барои Ҷон Лок кайфияте аз ашёе, ки мебинем» [3, с. 93]. Корбурди намод дар адабиёти форсии тоҷикӣ ҷанбаҳои гуногун дошта, адибон тавассути он маонии мухталифро баён намуда, рангро яке аз муҳимтарин воситаи тасовир дониста, дар сувари хаёли худ ба ранг мақоми шоиста бахшидаанд. Зуҳурӣ низ дар ин замина, ба корбурди ранг дар ҳавзаи тахайюли хеш таваҷҷуҳи хоса дода, нигоҳи фардию тахассусии маърифати рангро дар ғазалиёти худ инъикос намудааст. Ранг барои Зуҳурӣ кайфияти тасвирсозӣ ва образофаринӣ ва пулест миёни тафаккури ӯ ва хонанда, миёни ӯ ва ашёю падида ва ҳодисаю воқеоти ҷаҳони номакшуф, ки онҳоро иртибот мебахшад ва наҳваҳои тафаккури шоирро бозтобӣ намуда, таҷрибаҳои завқию адабии шоирро дар қолаби баён мукаммалтар менамоянд. Сурхрӯй будани инсон далели бообрӯйии ӯст ва шоир дар тасвири интизоии хеш дар савдо далели обрӯмандии суди худро дар намоди ранги сурх иброз доштааст:

Сурхрӯйи суди ин **савдо**ст, бозоре бизан,
Захмҳои корӣ аз теғи ситамгоре бихар [9, с. 399].

Дар байти зер наҳваи тафаккури мардум рочеъ ба рухи зард – рангзардӣ, нотавонӣ, бетобӣ, заҳирию хиҷолат ва наҳваи тафаккури шоир дар таркиби «ашки сурх» – ашки хунбор, ғаму андуҳ ба ҳам омезиш ёфта, маънои тоза, образи ҷадид эҷод кардааст. Ин

маънои тоза дар он нукта зуҳур кардааст, ки вақте ранги зард бо сурх омезиш меёбанд, як навъ ранги сурхи моил ба ҷигарӣ падид меояд, ки бештар ба ранги хуни шахшаванда моил аст. Шоир дар ин ҷо гуфтанист, ки «ҷилва кардани ашки сурх дар рухи зард» маънои шахшавии хуни ман – ба ҳалокат наздик шуданамро дорад.

Бар **рухи зард** ҷилвагар кардаст,
Ашки сурхе Зуҳурии зарроқ.

Дар байти зер маънои тозаи дар боло дарҷшуда боризтар тазоҳур дорад. Шоир дар ин ҷо рангҳои сурх ва сабз, ки ранги сабз вежагии сабза аст, ба ҳам омехтааст. Аз омезиши рангҳои сурху сабз як навъ ранги моил ба хок (хокистарӣ) ба вуҷуд меояд, ки дар ҳавзаи маънои байти мазкур ба ҷуз маъниҳои дигар, маъное тавассути омезиши рангҳоро ба вуҷуд овардааст. Хок дар ғазалиёти Зуҳурӣ ба маънои инсон (худи ӯ) низ меояд.

Оби марг оташам фурӯ нанишонд,
Рафт **хокам**, агар ба бод, чӣ ғам [9, с. 547].

Аз ин ҷо, дар байти зер мафҳуми қурбониёнро, ки кушташудаанд, омезиши ду ранг: сурху сабз, ки ранги хок (хокистарӣ)-ро моиланд, ҳамроҳӣ намуда, шоир дар образи тозаи худ иброз медорад, ки «сабзае, ки аз обу гили қурбониён руста, кимёи сурхрӯйӣ шудааст», рагу бӯйи хок дорад:

Кимиёи **сурх**рӯйӣ кардаанд,
Сабзаи обу гили қурбониён [9, с. 581].

Ба пиндори Комрон Пошойӣ, Тайиба Ҳайдарҷӯ, Парвона Одилзода дар ғазалиёти Саъдии Шерозӣ «ранги сиёҳ ғолибан танҳо ба кор намеравад ва шоир тариқи тақобули ранги сиёҳ бо сафед зебоӣ меофаринад» [1, с. 80].

Ман на ба вақти хештан пиру шикаста будаам,
Мӯй **сафед** мекунад чашми **сиёҳ**и акдашон [8, с. 306].

Зуҳурӣ низ дар ҳамин тақобули рангҳои аввалини намодӣ: сапеду сиёҳ маънои бикру зебо меофарад:

Бахти **сафед** сохта шоми саҳар маро,
Рӯзам **сиёҳ**кардаи зулфи чу қири туст [9, с. 51].

Аммо коргирии Зуҳурӣ аз рангҳои сапеду сиёҳ як навъ мустақилияти том ёфта, ин рангҳо гоҳо дар алоҳидагӣ бо рангҳои дигар ҳамнишинии хос пайдо мекунанд:

Пири майхона бину якрангиш,
Сурхрӯён сафедмӯёнанд [9, с. 208].

Насиби давлатиён ин **сиёҳбахт**ии ман,
Кунам зи сояи хешаш ҳумой, зоғ куҷост [9, с. 54]?

Бахти сиёҳ сайқале аз мавҷи гиря сохт,
Хуршед акси ойинаи равшани ман аст [9, с. 55].

Шафеи Кадканӣ гуфтааст, ки «бисёре рангҳо дар забони роиҷи мардум ҳаст, ки дар адаб мавриди истифода қарор нагирифтааст. Аммо шоирони порсизабон ҳамвора кӯшидаанд, ки ин маҳдудияти доираи рангҳоро аз раҳгузори истиорахо ва таъбироти хосе, ки халқ кардаанд, ҷуброн кунанд»[10, с. 267]. Зуҳурӣ аз рангҳо истиорахои пӯшидаи «баҳори нахли сарсабзӣ», «кимиёи сурхрӯйӣ», «муҳайёи сафедӣ», «рахти сияхрӯзӣ», «занги тирагӣ» ва амсоли инҳоро офаридааст:

Баҳори нахли сарсабзӣ ҳамон дар соя рӯёнад,
Ба ҳар барги ниҳоли орзу гар сад хазон чинам [9, с. 455].

Кимиёи сурхрӯйӣ кардаанд,
Сабзаи обу гили қурбониён [9, с. 581].

Дида аз гиря **муҳайёи сафеди**ст магар,
Сурма аз хоки раҳи чашм сиёҳӣ гирад [9, с. 338].

То Зуҳурӣ афканад **рахти сияҳрӯзӣ** бурун,
Партави хуршеди рухсораш дари кошона бод [9, с. 383]!

То раҳам аз **тирарӯзиҳои зуҳд**,
Партави хуршеди ҷом овардаам [9, с. 562].

Чунон нагрифта **занги тирагӣ** оинаи субҳам,
Ки аз хуршеди сайқалгар пазиро ҷило ояд [9, с. 251].

Ба пиндори Масъуди Рӯҳонӣ ва Муҳаммад Иноятӣ Қодиклоӣ "ҳузури ранг дар шеър аз ду манзар қобили баррасист. Якум, ба унвони як вожа – яке аз созҳои кучактари матн, ки шинохти он муҳимтарин нақшро дар шинохт ва тафсири шеър дорад, дувум, ба унвони як унсури равонпажӯҳона, ки метавонад моро дар кашфи биниш ва ҷаҳоннигарии як шоир ёрӣ диҳад" [2].

Дар ин замина, корбурди намоди ранг ҳамчун вожа дар ашъори шуаро ба муҳити ҷуғрофии онҳо низ таасури амиқ дошта, интиқоли ранги ашёи асотир ва ё асбоби динию мазҳабӣ низ ҳамчун унусури равонпажӯҳона дар тасвирисозиҳои онҳо чашмгир аст. «Масалан, дар асотир худоёнро бо рангҳои дурахшон тавсиф мекарданд ва ҳиндувон ранги буддоро зард ва тиллоӣ медонистанд» [3, с. 94].

Ранги ҳино, ки, аслан, аз фарҳанги ҳиндуён обишхӯр дорад ва яке аз унсурҳои қадимии оинҳои ҳиндӣ маҳсуб аст, ба завқу қареҳаи адабии Зуҳурӣ, ки аксари умри худро дар ин минтақаи ҷуғрофӣ сипарӣ намудааст, бетаъсир намондааст. Ранги ҳино сурхи ҷигарӣ буда, ба ранги хун шабоҳати зиёд дорад ва шоир низ дар аксари мавриди тасовири адабӣ ин рангро дар ҳамрадифӣ бо хун, ашки хунбор (ашки ҳиноӣ), қурбонӣ (хунрезӣ) ба қалам додааст:

Бар хеш гарчи баста **ҳино ранг**е аз ғамат,
Хун дар дилаш зи рашки рухи рангбасти мост [9, с. 60].

Ҳайф, мижгон панҷае дар панҷаи марҷон накард,
Чашми тар **ашки ҳиноӣ** аз нигоре барнадошт [9, с. 109].

Шуд аз хуни қурбониён ид **ранг**ин,
Бинозам, марезод **дасти ҳино**ят [9, с. 128].

Сарпанҷаи гулгуни ту қурбонкуни сад ид,
Ин **ранги ҳино** нест, ба хуни кӣ хизоб аст [9, с. 144].

Ид аст, боз хуни ҷаҳон дар ҳино мадузд,
Хунҳо ҳама ба **ранги ҳино** зери по мадузд [9, с. 281].

Ҳамаи ашёи олам дар ду мафҳум: сурат(form) ва ранг (colore), ки ба ҳам лозим ва малзуманд[3,92; 2], таҷассуми шаклӣ доранд ва пеш аз он ки дар зеҳни шоир боиси падид омадани сувари хаёл ва ё маънитирозӣ гарданд, аз ҳамин ду нигоҳ дар идроки инсон маърифат мешаванд. Зуҳурӣ низ бар он пиндор аст, ки сурат – форми ашё боиси пайдоиши ранг ва мазмуни он мегардад:

Чаро маънӣ наболад ҳар дам аз ҳамдӯшии сурат,
Раҳини ҳамраҳӣ дорад маҷози мо ҳақиқатро[9, с. 41].

Маънии сураташ афганда ба бутхона назар,
Аз санам ҳар тарафе барҳамане сохтаанд [9, с. 264].

Зуҳурӣ низ дар ғазалиёти худ ба форм ва ранги ашё таваҷҷуҳ намуда, дар заминаи хасоси табии он маънии тоза дар сувари хаёли худ мебандад ва дар байти зер низ шоир ба ранги рӯзу шаб: сафеду сиёҳ, яъне дурангӣ таваҷҷуҳ кардааст:

Аз дурангӣ нашавад рӯзу шабам кулфатзой,

Ба сафо синаи шому саҳарам лабрез аст [9, с. 98].

Хулоса, баррасии масъалаи намоди ранг: рангҳои пинҳон, равшани интизоӣ-маснуӣ ва равшани табиӣ дар ҳавзаи тахайюл ва тасовири Зуҳурӣ нишон доданд, ки шоир дар ғазалиёти худ рангро ба тавре мавриди баҳрабардорӣ қарор додааст, ки он на танҳо василаи пайванди шоир бо ашё, ҳаводис, воқеа, дар маҷмуъ, бо иҷтимоъ ва ё маъно шудааст, балки боиси кашфи вежагии онҳо гардидааст. Дар ғазалиёти Зуҳурӣ низ рангҳо дар тавсифоти моддӣ ва маҳсус ба кор мераванд. Аммо рангҳои мавриди алоқаи Зуҳурӣ бештар дар рангҳои интизоӣ зуҳур намудаанд, ки тасовири номаҳсус ва ғайримоддӣ эҷод кардаанд. Таркибҳои «ранги раъноӣ», «ранги ҳавас», «ранги шикаста», «ранги ғам» ва амсоли инҳо намудортарин корбурди ранг ва халлоқияти маънӣ тавассути ранг аз ҷониби Зуҳурӣ дар ҳавзаи эҳсоси инсон буда, шоир дар ҷавҳари сувари хаёли худ рангро намодин кардааст, ба ин васила аҷзои тасовири шеъриро равобити адабӣ бахшида, мафоҳими баённошудании фазои намодини ғазалиёти худро табйин ва талқин намудааст. Корбурдатарин ранги равшани табиӣ дар сувари хаёли Зуҳурӣ сиёҳ аст. Шоир ранги зарду кабудро хуш надоштааст. Зеро дар ғазалиёти шоир ранги кабуд ва гунаҳои он ягон маротиба корбурд надорад. Зуҳурӣ дар ғазалиёти худ мисли шуарои дигар бар пояи рангҳо киноя сохтааст, ки нишони дигар аз аҳамияти ранг: расонидани паём ва илқои ҳадафманди эҳсос дар ҳавзаи хаёли шоир буда, ин гуна киноясозӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ собиқаи тӯлонӣ дорад.

АДАБИЁТ

1. Комрон Пошойӣ, Тайиба Ҳайдарҷӯ, Парвона Одилзода. Баррасии намоди ранг дар осори Саъдӣ // Баҳористони сухан. Фаслномаи илмӣ-пажуҳишии адабиёти форсӣ. – Теҳрон, 1394. - №29. – С.61-82.
2. Масъуди Руҳонӣ. Нигоҳи таҳлилӣ ба корбурди ранг дар шеъри М.Сиришк // Нашрияи адаб ва забони Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Донишгоҳи шаҳиди боҳунари Кирмон. – 1390. - №29. (Диҷитолӣ).
3. Насрин Беронванд, Ҳусайни Ориён, Носир Козими Хонлу. Намоди ранг ва ҳисомезии он дар тасвирсозиҳои Ахавони Солис // Фаслномаи тахассусии таҳлил ва нақди мутуни забон ва адабиёти форсӣ. – Теҳрон, 1395. - №27. – С.91-122.
4. Носири Некубахт, Саидалӣ Қосимзода. Самбулизми нуру ранг дар ирфони эронӣ-исломӣ // Мутолеоти ирфонӣ. – Теҳрон, 1387. - №8. – С.183-212.
5. Носири Некубахт, Саидалӣ Қосимзода.Нисбати корбурди ранги вожаҳо бо равоншиносии шахсият дар шеъри Шомлу // Парниёни сухан - маҷмуи мақолоти ҳамоиши панҷумини пажӯҳишҳои забон ва адабиёти форсӣ. – С.2218-2239.
6. Ризо Рафеизод. Таҳлили далолатҳои киноии унсури басарии ранг дар ашъори Ҳофиз // Маҷаллаи «Ҳунар ва тамаддуни шарқ». – 1400. - №31. – С. 31-40.
7. Рӯдакӣ. Ашъор. — Душанбе: Адиб, 2007. - 416 с.
8. Саъдии Шерозӣ. Ғазалиёт. – Душанбе: Адиб, 2014. – 480 с.
9. Туршезӣ, Зуҳурӣ. Девони ғазалиёт. Бо таҳқиқ ва тасҳеҳи дуктур Асғари Бобосолор / Зуҳурии Туршезӣ. – Теҳрон: Китобхона, музей ва маркази асноди маҷлиси Шӯрои исломӣ, 1390. – 1622 с.
10. Шафеи Кадканӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ. – Теҳрон: Сухан, 1363. - 712 с.

БОЗТОБИ АДАБИИ НАМОДИ РАНГ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ЗУҲУРИИ ТУРШЕЗӢ

Дар мақола муайян карда шудааст, ки Зуҳурӣ се навъи ранг: рангҳои пинҳон, равшани интизоӣ-маснуӣ ва равшани табииро дар ғазалиёташ истифода кардааст.

Муҳаққиқ ошкор намудааст, ки яке аз барҷастатарин ҷанбаи тасвирҳои адабӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ истифодаи ранг аст. Зуҳурӣ дар ғазалиёти худ рангро ба тавре мавриди баҳрабардорӣ қарор додааст, ки он на танҳо василаи пайванди шоир бо ашё, ҳаводис, воқеа, дар маҷмуъ, бо иҷтимоъ ва ё маъно шудааст, балки боиси кашфи хусусиятҳои онҳо гардидааст. Дар ғазалиёти Зуҳурӣ низ рангҳо дар тавсифҳои моддӣ ва маҳсус ба кор

мераванд. Аммо дар ғазалиёти Зуҳурӣ бештар рангҳо интизоӣ ва ғайримоддианд. Шоир на танҳо аз истифодаи ин рангҳо лаззат мебарад, ё хонандаро ба ҷаҳони руҳангези пуробуранг мекашонад, балки ҷаҳони эстетикии худро густурдатар менамояд, рангҳоро ба сифати оинаи рангин ва хаёлангези ифодаи маънӣ ба кор мегирад, ки таъсири табиат ва ашёи онанд.

Муаллиф бар он ақидааст, ки таркибҳои «ранги раъноӣ», «ранги ҳавас», «ранги шикаста», «ранги ғам» ва амсоли инҳо истифодаи назарраси ранг ва халқи маънӣ тавассути ранг аз ҷониби Зуҳурӣ дар эҳсоси инсон будааст.

Муаллиф муайян кардааст, ки шоир дар ғазалиёти худ (1302-то) дар ҳаҷми умумии 12233 байт ранги сурхро 17 маротиба, сафедро 15 маротиба, зардро 11 маротиба ва сабзро 3 маротиба истифода карда, ягон маротиба дар мавриди офариниши мазмуни адабӣ ранги кабудро истифода накардааст. Аз ранги арғувонӣ, ки равшани табиӣ нест, ҳамагӣ 2 маротиба, дурангӣ 1 маротиба баҳра ҷустааст. Зуҳурӣ дар муқобили рангҳои аввалини рамзӣ: сапеду сиёҳ маънои бикру зебо меофарад.

Калидвожаҳо: *Зуҳурии Туршезӣ, ранг, шеър, ғазал, байт, маънӣ, тасвир, сувари хаёл, моддӣ, ғайримоддӣ, сиёҳ, сафед, намод, тахайюл.*

ХУДОЖЕСТВЕННЫЙ ОБРАЗ ЦВЕТА В ГАЗЕЛЯХ ЗУХУРИ ТУРШЕЗИ

В статье установлено, что Зухури использовал в своей поэзии три вида цветов: скрытые, искусственно яркие и естественные яркие цвета.

Исследователь установил, что одним из наиболее ярких аспектов литературной образности газелей Зухури Туршези является использование цвета. Зухури Туршези в своих газелях использовал цвет таким образом, что он был не только средством связи поэта с предметами, событиями, вообще с обществом или смыслом, но и приводил к раскрытию их характеристик. В газелях Зухури цвета также используются в материалах и специальных описаниях. Однако в газелях Зухури цвета в основном осязаемые и неосязаемые. Поэт не только получает удовольствие от использования этих красок или переносит читателя в красочный духовный мир, но и расширяет свой эстетический мир, использует цвета как красочное и образное зеркало смысла, являющегося следствием природы и предметов.

Автор придерживается мнения, что сочетание «цвета», «цвета желания», «сломанные цвета», «цвета печали» и т. д. являются значительным использованием цвета в ощущениях человека.

Автор обнаруживает, что Зухури в своих газелях (1302 штук) общим объемом 12 233 байта он использовал красный цвет 17 раз, белый 15 раз, желтый 11 раз и зеленый 3 раза и ни разу не использовал синий цвет при создании литературного содержания. Фиолетовый цвет, который не является светлым от природы, использовался только дважды. Зухури на фоне первых символических цветов, то есть черного и белого, создает прекрасный образ.

Ключевые слова: *Зухури Туршези, цвет, стихотворение, газель, стих, смысл, образ, предмет воображения, неосязаемое, черное, белое, образ, воображение.*

ARTISTIC COLOR IN THE GAZELLES OF ZUKHURI TURSHEZI

The article shows that Zukhuri used three types of colors in his ghazals: hidden colors, artificial light and natural light.

The researcher found that one of the most striking aspects of the literary imagery of Zukhuri Turshezi's gazelles is the use of color. Zukhuri Turshezi used color in her ghazals in such a way that it was not only a means of connecting the poet with objects, events, in general with society or meaning, but also led to the disclosure of their characteristics. In Zukhuri ghazals, colors are also used in materials and special descriptions. However, in Zukhuri's ghazals, the colors are mostly tangible and intangible. The poet not only enjoys the use of these colors or draws the reader into the colorful world of color, but also expands his aesthetic world by using colors as a colorful and imaginative mirror to express the meaning, influence of nature and their objects.

The author is of the opinion that the combination of "color", "color of desire", "broken color", "color of sadness", etc. is a significant use of color in human sensations.

The author discovers that Zukhuri in his ghazals (1302 pieces) with a total volume of 12,233 bytes, he used red color 17 times, white 15 times, yellow 11 times and green 3 times and never used blue color when creating literary content. Purple, which is not naturally light, was only used twice. The poet's manifestation against the background of the first symbolic colors: white and black creates a wonderful meaning.

Keywords: *Zukhuri Turshezi, color, poem, ghazal, verse, meaning, image, object of imagination, intangible, black, white, image, imagination.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Шарипов Шариф Раҳмонович – Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, унвонҷӯйи шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздик. Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел.: (+992) 92 757 32 28; E-mail: ssssharif@mail.ru*

Сведения об авторе: *Шарипов Шариф Рахмонович - Институт Азиатских и Европейских исследований Национальной академии наук Таджикистана, соискатель отдела Среднего и Ближнего Востока. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33. Тел.: (+992)92 757 32 28; E-mail: ssssharif@mail.ru*

Information about the author: *Sharipov Sharif Rahmonovich - Institute of Asian and European Studies of the National Academy of Sciences of Tajikistan, applicant of the Department of the Middle and Near East. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 Rudaki Ave. Phone: (+992)92 757 32 28; E-mail: ssssharif@mail.ru*

ТДУ: 891.550

НИГОҲЕ ЧАНД БА АФКОРИ БАДЕИИ АҲМАДИ ДОНИШ

Иброҳимов Файзалӣ

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Таҳқиқи осор ва таълимоти гуногунҷанбаи мутафаккири маорифпарвари тоҷик Аҳмад махдуми Дониш аз ҷониби таърихшиносон (В.В. Бартолд, Зариф Раҷабов, Бобоҷон Ғафуров, Шариф Ҷабборов ва дигарон), файласуфон (А. Баҳоваддинов, Мусо Диноршоев, Рустам Комилов ва ғайра), адабиётшиносон (С. Айнӣ, Е. Бертелс, С. Улуғзода, Расул Ҳодизода ва дигарон) баррасӣ шуда, паҳлуҳои гуногуни осори маорифпарварона таҳқиқ гардидааст. Дар замони Шуравӣ муҳаққиқон кӯшиш кардаанд, ки таълимоти Донишро бо маданияти аврупоӣ ҳамоҳанг созанд ва дар ин бобат сафарҳои ба Русия кардаи мутафаккирро пажӯҳиш намудаанд. Дар замони муосир, муҳаққиқон ҷаҳд менамоянд, то ҳамоҳангии андешаҳои мутафаккирро бо таълимоти мавсуф ошкор созанд, аммо новобаста аз замони пажуҳиш майли дунявӣ доштани аксар дидгоҳи мутафаккир мушоҳида мешавад. Сатҳи омӯзиш ва мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор додани афкори сиёсӣ–иҷтимоии Аҳмади Дониш аз зумраи он масъалаҳое мебошанд, ки ҷомеашиносон дар замони Шуравӣ ва дар давраи соҳибистиқлолӣ ба он таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Масалан, доктори илмҳои таърих, профессор Зариф Шарипович Раҷабов ҷиҳати баҳогузорӣ ва таҳқиқи сатҳи ҷаҳонбинии Аҳмади Дониш чун маорифпарвар аҳамияти хосса зоҳир намуда, дар китоби “Маорифпарвар Аҳмади Дониш” ҳатто чунин масъалагузорӣ низ кардааст: “Аҳмади Дониш магар ҷадид ҳам буд?” Ва дар посух ба суоли зикргардида чунин мегӯяд: “Пеш аз ҳама ин ақидаро, ки ҷадидизм дар Осиёи Миёна дар аввали асри ХХ не, балки дар миёнаҳои асри XIX ба вуҷуд омадааст, қатъиян рад кардан лозим меояд. Худи таърихи ҳаракати ҷадидии Осиёи Миёна нодуруст будани ин фикрро тасдиқ мекунад. Ҷадидизм ҳамчун ҷараёни мафкуравии буржуазии маҳаллии Осиёи Миёна бо пайдоиши худ мадюни инқилоби якуми солҳои 1905-1907 Россия мебошад” [3, с.258].

Ба ақидаи З.Ш. Раҷабов, маорифпарвариро бо ҷадидизм ҳамоҳанг карда, ҳар дуро бо унвони як ҳаракат муаррифӣ кардан аз дидгоҳи қонунҳои ҷамъият мусоид нест, чунки ҳаракати аввалӣ бо номи маорифпарварӣ дар ҳеҷ сурат маҷмуаи андешаҳои таҳмилӣ намебошад ва онро баробар бо ҷадидизм, ки аксар намояндагонаш дар чаҳорсӯи афкори аҷнабӣ қарор доштанд, дар як мизон санҷидан хатост. Аз ҳамин хотир, мавсуф ба фикри олимоне, ки мегуфтанд: ҷадидизм дар аввали садаи ХХ не, балки дар миёнаҳои қарни XIX пайдо шудааст, сахт муқобил буда, исбот мекунад, ки Аҳмади Дониш чун ҷадидон мавриди суйиистифода қарор нагирифтааст. Ҳатто, сафарҳои ӯ ба Русияи подшоҳӣ фикри ӯро нисбат ба пазируфтани фарҳанги аҷнабӣ тағйир надода, фақат ҳаминро метавон гуфт, ки инчунин сафарҳо ба кишвари мутараққии он замон ҷаҳонбинии мутафаккирро васеъ сохтаанд. Муаллиф дар ин бора менависад: “Сафарҳои Аҳмади Дониш ба Россия ҳудуди танги ҷаҳонбинии ин маорифпарвари тоҷикро васеъ намуд, ба ӯ имконияти муқоиса кардан дод ва ба зиёиёни пешқадами Россия шинос кард. Шакку шубҳае нест, ки Аҳмади Дониш бе ин сафарҳо он Дониши ҳақиқӣ намешуд. Аввалин натиҷаи маънавии сафарҳои Дониш ҳамин шуд, ки вай лоиҳаҳои муфассали ислоҳоти аморатро тартиб дод” [3, с. 96].

Муаррихи тоҷик З.Ш. Раҷабов бидуни шубҳа омили аслии бедории фикрии Аҳмади Донишро дар сафарҳояш ва дар натиҷаи он ошноӣ бо фарҳанги рушдкардаи аврупоӣ баррасӣ мекунад. Номбурда шакке надорад, ки шояд чунин баҳогузорӣ иштибоҳ бошад, чунки агар воқеан, сафарҳои ба Русияи подшоҳӣ кардаи мутафаккири маорифпарвар ба бедории фикрии ӯ сабаб мегардид, вай то андозае аз фарҳанги хоси мардумони ин кишвар ва импературӣ пайравӣ менамуд, аммо чунонки мо медонем, Аҳмади Дониш тамаддуни Аврупоро дар мисоли Русия интиқод намуда, бо дарназардошти баъзе аз аркони мусбати он тамаддун боз паҳлуҳои манфии фарҳанги масеҳиро зери тозиёнаи танқид гирифтааст. Дар мунозираи Ҳоҷии бухорӣ ва марди фарангӣ мутафаккир сатҳи пасти донишҳои сиёсии мардуми аморатро ошкор мекунад ва маҳз дар ин мунозира фарангӣ аз ҳоҷии бухорӣ суол мекунад, ки он об, ки менӯшед, аз

кучост? Махсусан, назари марди фарангӣ ба сиёсати кишвардории Бухоро ва шоҳидии сайёҳи бухорой дар ин маврид таҳлили амиқи нависанда нисбат ба муҳити номатлуб ва аҳволи буҳронии аморати Бухоро дида мешавад. Маълум аст, ки ҳадаф аз Ҳиндустон ин наздик ба Бадахшон омадани ғосибони англис мебошад ва ба қавли фарангӣ «… Бадахшон мулкест, ки манзари назари офтобии рахшон аст (ва маъдани ҷавҳари дурахшон)… ва дар он чаҳор маъдан аст аз (табдил ва таъсири аркон) тилло ва лоҷувард ва лаълу ёқут… Ба ғарази мо аз тасаллут дар замини Ҳиндустон ва ин ҳама ихроҷот кардан, пое ба он замин бурдан аст ва дар он роҳ кушодан. Ва моро ба давлати Росӣ бар сари ин кон гуфтугӯст» [1, с.149].

Ба андешаи Х. Олимӣ, “Ҳадафи воқеанигор низ, пеш аз ҳама, таҳлили воқеии раванди фазо ва вақт дар асар мебошад ва тасвири замону макон дар “Наводир-ул-вақоеъ” ҳам дар шакли бадеӣ ва ҳам дар шакли воқеӣ ҷараён гирифтааст. Масалан, тасвири сафари Яҳёҳоҷа, ё ин ки симои ҳоҷӣ хеле фосиладор буда, манотиқи Ҳиндустон, Пешовар, Кобул, Миср, биёбонҳои Қазоқистон ва Тошкандро дар бар мегирад. Ин заминаи андешаҳои адиб хусусияти бадеӣ мегирад ва Аҳмади Дониш ҳамчун шунаванда муҳаққиқи сафари Яҳёҳоҷа, ки шахси реалӣ буд, гардида, ҳамзамон фазо ва вақтро дар як давр таҳлил намудааст” [2, с.258].

Вақте ки аз Самарқанд омадани он обро мефаҳмад, боз ба баҳс ворид гардида, суол мекунад, ки агар аҳли Самарқанд саргаҳи обро банданд, аҳволи Бухоро чӣ хоҳад буд? Яъне, Аҳмади Дониш мисли соири ҷадидон танҳо мубаллиғ, ё худ дифокунандаи аркони ҷомеаи исломӣ набуд. Ӯ дар барҷомондагӣ ва рӯ ба инҳитот ниҳодани аҳолии минтақа фақат шоҳони Манғитияро гунаҳгор медонист ва дар ин бовар буд, ки агар дар сурати ба корҳои давлатӣ ҷалб шудани қишри донои ҷомеаи Бухоро ва рафъи ришватситонии гӯшношуниди ин мамлакат аморат метавонист дар андак муддат рушд карда, бар дигарон ғолиб ояд. Аммо чунонки Зариф Рачабов мегӯяд: “Ба Музаффар ислоҳотчӣ ва маорифпарвар не, балки бандаи дарбор ва фолбин даркор буд, ғайр аз ин худи амир ҳам дар мошинаи мураккаби зулми феодалӣ ва мустамликавӣ як дастгоҳи иҷрокунанда буд. Илтимосу маслиҳатҳои Дониш, рисолаи сиёсии ӯ фақат дар рӯйи коғаз монд ва иҷрои онҳо амри маҳол буд” [3, с.98]. Гузашта аз ин, Зариф Шарипович ихтилофи байни амир Музаффар ва Аҳмади Донишро таҳқиқ намуда, ба чунин хулосае меояд, ки дувумӣ ҳамчун маорифпарвар манфиатҳои амирро роҳандозӣ карда наметавонист, чунки ӯ инсони ватандӯсте буд, ки зимни мулоқот бо масъудини сиёсати кишваркушоии Русия дар ҳеҷ сурат алайҳи манофеи миллӣ ва мардумони аморати Бухоро масъалаҳоро баррасӣ намекард. Муаллиф дар ин маврид менависад: “Амир хеле ҳаракат кард, ки Дониш аз дарбор наравад. Мо дар ёд дорем, ки дар хоки аморат шӯру ошӯб бисёр шуда буд ва истибдоди аморати Бухоро ба пардаи маорифпарварӣ, ба вазирони маҳбуби райият муҳтоҷ шуда монд. Вале Аҳмади Дониш аз гапаш нагашт; вай ҳеҷ намехост, ки бо обрӯю эътибори худ ҷиноятҳои дарбори амирро рӯйпӯш кунад. Зимнан, зиддияти амир Музаффар ва Аҳмади Дониш боз як ҷиҳат дошт. Дониш ба амир ҳамчун сиёсатчии “руспараст” лозим буд, ки ба ёрдами ӯ бо Россия гуфтушунид кардан осонтар мебошад. Вале ҳама гап дар ин буд, ки Аҳмади Дониш умуман руспараст набуд, вай тоҷики ҳақиқатан ватандӯст буд ва то охир аз ин ақидааш нагашт” [3, с. 98].

Ба андешаи Зариф Рачабов, ислоҳоти Аҳмади Донишро таърихи Бухоро надида буд ва маҳз лоиҳаи ӯ қариб ҳамаи аркони давлатдориро фаро мегирифт. Дониш маҳз барои таъмини рушди кишвари худ дар номаи ахири хеш ба амир гуфта буд, ки дар сурати напазируфтани ислоҳот ӯ истеъфо медиҳад. Дар ин маврид муҳаққиқ З. Ш. Рачабав чунин мегӯяд: “Дониш таклиф мекунад, ки вазоратҳои масъул дар соҳаи харҷу дахл, молия, аскария барпо шуда, вазифаи ҳар яки онҳо муайян карда шавад. Чунин тартиботи идораи давлатро Бухоро дар таърихи худ надида буд. Аҳмади Дониш қатъиян талаб мекунад, ки ходимони нобакори давлат аз кор ронда шуда, ба ҷойи онҳо одамони кордон монда шавад. Вай навишта буд, ки “банданро, ки дар амал тақсир карда бошад ва шарти хизмат ба ҷой наёварад, чун муддате молиши азл хӯрад, амал фармояд. Мардуми сахтикашида ва қурбатдидаро хизмат фармояд, ки ҷон дар ростӣ кӯшанд аз бими бенавоӣ”. Сипас, Дониш таклиф мекунад, ки султон бо машварати омма ва савобдиди аозим ва аъёни давлат ду вазир мансуб гардонад – комилақл ва соҳиброй” [3, с. 115].

Аҳмади Дониш дар “Наводир-ул-вақоеъ” аз панҷ шарти асосӣ ҳарф мезанад, ки Зариф Рачабов онҳоро Конституцсияи ӯ ном бурдааст. Дар ин маҷмуъ, аввал подшоҳи одилу қоҳир меистад, сипас, уммоли мутадайин, саввум, табибони ҳозиқ, чаҳорум, қишри ҷомеа, ки аз сафар манзилу маош мураттаб месозанд ва панҷум, обҳои ҷорӣ чун дарёву наҳрҳову чашмасорҳо, аммо муаллиф махсусан, дар шарти панҷум таваққуф намуда, чунин ишора мекунад: “Аҳмади Дониш аз набудани об азоб кашидани аҳли Бухороро дида, борҳо ба амир таклиф карда буд, ки аз Ому ҷӯй баровардан даркор аст. Чӣ тавре медонем, ба Бухоро ба андозаи кофӣ оби зарурӣ намерасид. Аҳмади Дониш ин вазъиятро ба назар гирифта, бо амир таклиф мекунад, ки ҷӯй канда, аз Ому об баровардан даркор аст. Аҳмади Дониш ин ақидаи худро дар мусоҳибаи расули Ҳинд ва як бухороӣ изҳор мекунад” [3, с. 115].

Ба андешаи Зариф Шарипович, Аҳмади Дониш ба ҳайси маорифпарвар таманно мекард, ки райияти мамлакат бояд сер бошанд ва иқтисод дар чунин ҷомеа равнақ ёфта, масъулини давлатӣ конҳои навро истихроҷ намоянд. Барои татбиқи чунин ҳадафҳо дар кишвар илму фан омӯхтан аз вазифаҳои асосӣ мебошад. Соҳае нест, ки аз назари маорифпарвар мавриди баррасӣ қарор нагирифта бошад. Махсусан, Зариф Рачабов ҷиҳати муаррифии ислоҳоти Аҳмади Дониш дар соҳаи ҳарб таваққуф кардааст: “Аҳмади Дониш қушуни аморатро нағз медонист. Вай аз дуздон иборат буд ва дар сари он саркардагони ношоям меистоданд, ки аксарашон қаллоб, ҷоҳил ва бадлафз буданд. Бинобар ин, Дониш талаб мекард, ки дар қушуни шоҳи одил ҳамаи ононе ки ба хизмати ҳарбӣ омадаанд, санъати ҳарбиро мукаммал донанд. Аҳмади Дониш мегуфт, ки санъати ҳарбӣ ба илм ва ҳунар асос ёфтааст. Шахсе, ки илм ва ҳунар надорад, дар қушун набояд саркарда шавад” [3, с.125].

Зариф Рачабов мутафаккири маорифпарварро мунаққиди аморат гуфта, бо далелу аснод исбот мекунад, ки Аҳмади Дониш дар инҳитоту инқирози аморати Бухоро амирону коршиносони ҷоҳили онҳоро гунаҳкор медонад. Аҳмади Дониш хуб дарк карда буд, ки низоми амирӣ дар ғорату ришваситонӣ ва бедодии амиқе ғутида ва ҳеҷ омиле ҷиҳати беҳбудии вазъи райият намондааст. Бинобар ин, ҳам қозӣ, ҳам мулло, ҳам табиб ва дигар тоифа дар дуздӣ машғуланд ва ҳеҷ намедонанд, ки омилҳои рушди ҷомеа кадомҳоянд? Муаллиф зимни таҳқиқи осори мутафаккир аз таърихе мисол меорад, ки Аҳмади Дониш қариб ҳамаи намояндагони силсилаи Манғитро пажӯҳиш намудааст. Дар қиёс бо таърихнависони сулолаи Манғития Зариф Рачабов Аҳмади Донишро бартар дониста, чунин менигорад, ки номбурда ба ҳеҷ кадом аз амирон нигоҳи мусбат надоштааст. Шояд бо ҳамин мақсад, Аҳмади Дониш диққати мутолеакунандаро ба хориҷ аз кишвар кашида, мехоҳад сатҳи ҷаҳонбинии онҳоро каме болотар барад. Дар ин маврид, Зариф Рачабов менависад: “Дониш дар “Наводир-ул-вақоеъ” як қатор ҳикояҳо ҷой додааст. Қаҳрамони ин ҳикоя бо зиндагонии аҳолии Париж ва Фаронса шинос мешавад, ба Лондон ва Петербург сафар мекунад. Муаллиф дар шакли як ҳикояи мароқангез ба хонанда аз нуфуси шаҳрҳои калони Европа, дарачаи тиҷорат ва маданияти онҳо ва аз тарзи зиндагонии аҳолии мамлакатҳои Европа ва Африка маълумот медиҳад. Баъд аз ин, муаллиф қаҳрамони худро маҷбур мекунад сафарҳои дарёӣ карда, ба тӯфонҳо дучор шавад, киштие ки ин қаҳрамон дар он сафар мекунад, ғарқ мешавад. Дониш ба ҳамин муносибат бисёр маълумоти илмӣ дода, мардуми Бухороро ба илмомӯзӣ ташвиқ намуда, доираи ҳаёти маҳдуд ва шахшудамондаи мусалмониро пора-пора мекунад”. Сабаб чист, ки маорифпарвари тоҷик ғарбиёнро ва тавассути онҳо илмро ташвиқ менамояд? Зеро чунин мепиндорад, ки ягона роҳи рафъи чунин ҷомеаи мушкилзо бо низоми амирии сахт бехабар ва ғуттавар дар ҷаҳлу торикӣ фақат илми муосир аст. Бинобар ин, Ғарбро бо Шарқ муқоиса мекунад ва тавассути қиёс хонандаро водор мекунад, ки танҳо аҳкоми дин роҳи рушди давлат нест, аммо дар аморат аксар одамон чунин мепиндоштанд, ки инсон фақат барои ибодат халқ шудааст ва чунин андеша ғайри хурофот дигар чизе нест. Зариф Рачабов ба Аврупо рӯ ниҳодани мутафаккирро чунин баррасӣ мекунад: “Аҳмади Дониш ҳасад мебарад, ки Европа ба олам бисёр одамони машҳур додааст ва мепурсад: “Сабаб чист, ки ҳамаи дониш ва фарҳанг махсуси ҳукамои фаранг шуда, иллат чӣ ки ҳамаи доноёни мо гарангу даванг? Мо сиёҳбахтон магар фарзанди Одам нестем?”[3, с.164]. Дониш дар Европа ва аз ҷумла дар Россия мавҷуд будани роҳи оҳан, киштиҳо ва дигар навиҳоро қайд намуда мепурсад, ки чаро онҳо дар мо нестанд ва дар ҷавоб

мегӯяд, ки “онҳо тараддуд ва талаб намуданд, ёфтанд ва мо накардему нарасидем”. Дониш аз бисёр навиҳои илми химия, аграномия, техника ва ғайра бо завқи тамом ҳикоят карда, ба ин хел ихтироъҳо ҳайрон мешавад. Ӯ мегӯяд, ки европоиён дар назди худ як қатор проблемаҳои илмӣ гузоштаанд, аз ҷумла чаро одам ба осмон парида наметавонад ва ӯ бояд ба кавокиби сайёр барояд, чаро барги дарахтон хазон мешавад ва барои хазон нашудани он чӣ бояд кард, сабаби гармсел, хунукӣ, касалиҳо чистанд? Дониш мегӯяд, ки европоиён ситораҳоро меомӯзанд, бо ёрии илми химия металлҳои қиматбаҳо ҳосил карда метавонанд, медонанд, ки сароби кадом дарё дар куҷост ва резишгоҳаш дар куҷо ва ғайра” [3, с.166]. Чунин қиёс ва беҳтар муаррифӣ намудани сатҳи тафаккури аврупоиён барои Дониш он нест, ки аз мардуми дар ғафлат қарордоштаи аморати Бухоро даъват ба амал орад то илм омӯзанд ва бо роҳи касби ҳунар ҳаёти худро беҳтар созанд. Ҳадафи Дониш ин аст, ки муосиронаш бидонанду пай бибаранд, ки омили асосии рушди инсон ва ҷомеа фақат илм аст, аммо илм ба ҳифзи осору китобҳои осмонӣ асос наёфтааст. Илм донистан аст ва инсон чун доност, ҳар мушкилро бидуни дахолати дигарон ҳал менамояд. Гузашта аз ин, бидуни таҳқиқ илми башар нолозим аст ва чун ихтирооту навовариҳо дар ҷомеа роҳандозӣ мешаванд, тарзи зист ва сатҳи тафаккур низ тағйир меёбад ва нашояд, ки башар бо як фармудаи раднопазир умри гаронмояро сипарӣ кунад бидуни воқиф шудану нақш гузоштан дар рушди фарҳангу тамаддуне, ки аҷдоди ӯ офаридааст. Яъне, дигарон чӣ сохтанд, чӣ офариданд, бояд донем, аммо чӣ корро анҷом диҳем ва кадом ихтирооте дар ҷомеаи муосир баррасӣ кунем, маҷмуи фаъолияте маҳсуб мешавад, ки хоси мост ва танҳо бар мо тааллуқ мепазирад.

Пажӯҳиши муҳаққиқ Зариф Рачабов оид ба сатҳи ҷаҳонбинӣ ва андешаҳои маорифпарваронаи Аҳмади Дониш дар китоби дигаре бо унвони “Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX ва аввали асри XX” мавриди инъикос ва баррасӣ қарор гирифтааст. Мусаннифи ин рисола майли Аҳмади Донишро ба маданияти дунявӣ таъкид намуда, иқрор мекунад, ки аз диди мутафаккири маорифпарвар омили асосии рукуд ва дар ҳоли инҳитот қарор доштани аморати Бухоро набудани пажӯҳишҳои дунявӣ ва қаноат ба афкори динии фарсаҳҳо аз ҳақиқат дурмонда маҳсуб мешавад. Номбурда дар китоби зикргардида дар ин бора менависад: “Ба назари Аҳмади Дониш, фалокати асосии ҳаёти Бухоро нодонӣ, беқонунӣ ва ҷаҳолат мебошад ва идеали асосии вай – маориф, ҳукмфармони пурра доштани қонун ва барҳам дода шудани худсарии амир ва амалдорони вай мебошад” [6, с.175].

Воқеан, пажӯҳишгар исбот мекунад, ки чаро Аҳмади Дониш имрӯз ба ҳайси яке аз афроди неруманде дар самти маорифпарварии Шарқ пазируфта мешавад. Агар дуруст ва саҳеҳтар ба ин вожа мутаваҷҷеҳ шавем, пас хулоса пайдо хоҳад шуд, ки шахси маорифпарвар маорифро самти асосии таъмин намудани рушди минтақа медонад, аммо чунонки аз муколамаҳову мунозираҳои Аҳмади Дониш бармеояд, Дониш аз набудани ҷаҳонбинии динии солим ва мусоид ба ислом дар аморат шиква карда, аз он дар хавотир буд, ки донишмандони исломии аморат ҳатто мавқеи дилхоҳ кишвареро дар харитаи сиёсии ҷаҳон намедонанд. Бинобар ин, ба қавли мутафаккир, фақат мактабу мадраса кифоя нахоҳад буд, ки илмҳои дунявӣ тадрис шуда, иллатҳои мактабҳову мударрисони ҷоҳил ошкор гардад. Яъне, бояд низоми муайяни фарҳанги дунявӣ таҳия шуда, андешаи хурофотӣ ва муаллақ ба осмонро аз байн бурд. Дар ин маврид, Зариф Рачабов ҳадафи аслии маорифпарварро аз тасвири сафарҳои ба Русия доштааш баён карда, дар тақвияти онҳо чунин менигорад: “Мақсади асосии Аҳмади Дониш аз тасвир намудани сафарҳои худ ба Россия шиносондани бухороиён бо корҳои дунявӣ ва маданияти рус, дар онҳо нисбат ба ҳаёти озодона ва ободу осудаи русҳо мароқ ба вуҷуд овардан аст. Аммо Дониш илова бар ин ба чуқуртар омӯхтани маданияти рус низ мекӯшад. Ӯ аз Петербург кураи муҷассамаро оварда, хаёл доштааст, ки дар бораи куравӣ будани шакли замин асари махсусе нависад. Ин дар шароити онвақтаи Бухоро кори қаҳрамононае буд... Аҳмади Дониш илм ва дониши дунявиро ба системаи илмомӯзии динии схоластикӣ муқобил мегузорад. Дониш дар ин асари худ иллату нуқсонҳои мактаб ва мадрасаҳои Бухороро хеле бо тундию тезӣ тасвир мекунад” [6, с.189].

Бинобар ҷаҳонбинии динӣ дар аморати Бухоро ҳама гуна аносири дунявии илму фарҳанги исломӣ лағв гардида, амр ба маъруфи хушку холӣ ва дар макотибу мадорис фақат қуръонхонии кур-курона боқӣ монда буд. Бинобар ин, роҳи наҷот аз нуқсонҳову иллатҳои мавҷудбуда гироиш ба тафаккури дунявӣ ва ташвиқи ҷаҳонбинии илмӣ буду бас. Шояд ҳамин омил буд, ки мутафаккир зимни баррасии истилои Русия ба иллатҳои кул таваққуф менамояд ва муаррихи номовар Зариф Раҷабов низ ин нуқтаро тазаккур дода, ҷиҳати ғасб шудани минтақа аз ҷониби асокираи рус чунин андешаро баён мекунад: “Дониш таърихи истилои русро пурра наменависад. Ӯ бисёртар диққати худро ба сабабҳои ба зудӣ маҳву нобуд карда шудани қувваҳои яроқноки амир нигаронидааст. Ба осонӣ ғалаба кардани русҳо Аҳмади Донишро ба фикру андешаи ҷиддӣ маҷбур мекунад. Манбаи қувваи онҳо дар куҷост? Сабаби ин хел ба осонӣ ғалаба кардани рус чист? Масъала дар ин ҷост, ки яроқи онҳо дигар ва ташкилоти аскарии онҳо дигаргун мебошад. Сабаб дар баланд будани дараҷаи маданӣ ва таъминоти моддии онҳост. Ҳамаи инҳоро ҳаматарафа муҳокима намуда, нуқта ба нуқта фаҳмидан лозим аст. Неруи Россия Донишро ҳам ба худ ҷалб мекард ва ҳам ба тарсу воҳима меандохт. Тасодуф ба зудӣ ба Аҳмади Дониш имконият дод, ки аз наздик ба Россия шинос шавад. Аз он рӯз сар карда, ғояҳои маорифпарваронаи Дониш ранги нав мегиранд” [6, с.181].

Зариф Раҷабов чун муҳаққиқ дар мисоли истилои рус хеле хуб масъалаи дунявӣ ва ба он мутаваҷҷеҳ шудани Аҳмади Донишро зикр мекунад ва дар ин андеша аст, ки дар тамоми самтҳо ғалабаи нодонӣ тавассути хурофот ва таассуби динӣ мушоҳида мешавад. Ҷоиз ба ёдоварист, ки дилхоҳ кишваре агар самтҳои дунявии фаъолиятро боздорад ва фақат ба иқрор андешаи ғайридунявии рӯзи охират қаноат кунад, дер ё зуд ба коми нестӣ мерасад, чунки инкори ҷаҳонбинии дунявӣ инкори ҳастии хеш аст ва хоҳ-нохоҳ моро ба барҳамхурӣ мерасонад. Аммо чунонки муҳаққиқи шӯравӣ изҳор намудааст, омили аслии ҳастии амир раият аст ва чун раият аз кори амру наздиконаш қонеъ набошанд, пас ба идомаи аморати онҳо суд нест. Ин масъаларо муҳаққиқ аз забони Аҳмади Дониш чунин менависад: “Аҳмади Дониш зиндагонии дарбори амирро хеле сахт, равшан ва ғазабомезона тасвир намуда, муносибати халқро нисбат ба амир хеле муайян баён менамояд. Мардум аз дарбори амир норозӣ буданд ва ҳамеша аз тақдири худ шикоят мекарданд, аммо илоҷ ва чораи дигаре надоштанд” [6, с.172]. Гузашта аз ин, муҳаққиқи мутафаккири маорифпарвари тоҷик маорифпарвариро дар минтақа натиҷаи амалияи самарабахши дутарафа бо фарҳанги рус дониста, кӯшиш ба харҷ додааст, ки меъёрҳои баҳогузории шуравиро дар мадди аввал гузорад, аммо дар замони муосир он меъёрҳо чандон ба инобат гирифта намешаванд ва тарзи таҳқиқи Зариф Раҷабов аз бисёр ҷиҳат дорои аҳамият аст, чунки баррасиҳои номбурда воқеият буда, сабки муқоисавии пажӯҳиши илмӣ таҳқиқоти ӯро ҷолиб мегардонад. Аз андешаи дунявӣ маҳрум мондани мактабу мадориси аморати Бухоро дар нимаи дувуми садаи XIX ғасби онро аз ҷониби артиши имперотурии Русия ногузир мекард ва таҳлилҳою тадқиқоти Аҳмади Дониш дар ин бобат бештар ҷанбаи илмӣ дошта, ҷиҳатҳои маорифпарваронаи ӯро аз дигар андешамандони маорифпарвар мутафовит месозад. Воқеан, дидгоҳи иҷтимоии Аҳмади Дониш ва нигоҳи ӯ ба фасодории дини исломи аморат бо тафаккури раҳбонӣ исбот мекунад, ки чунин ҷомеае сахт ба фарҳанги дунявӣ ниёз дорад ва фақат маданияти дунявӣ метавонад ин кишвари дар рукуд оғӯштаро аз доми пасравӣ ва инҳитот боздорад. Вақте ки дар кишваре рушду тараққӣ мушоҳида намешавад, бегумон, андешаи раҳбонӣ тарвиҷ ёфта, аксар шаҳрвандонаш бинобар фақру тиҳидастӣ гушанишиниро ихтиёр карда, онро роҳи наҷот медонанд, дар ҳоле ки фақр нишонаи беамалӣ ва надоштани тахассус аст, на сарнавишт. Аҳмади Дониш ин ҳарфи хурофотиро бавижа зимни баррасии хусумати зан ва модаршӯ таъкид мекунад ва ин таҳқиқ дар “Наводир-ул-вақоеъ” хеле назаррас мебошад.

Дигар паҳлуи таҳқиқотии Зариф Раҷабовро нақши пайравону шогирдони Аҳмади Дониш ташкил дода, асосан дар ин бахш танқиди низоми мутаассибонаи аморати Бухоро бештар баррасӣ ёфтааст. Шогирдонаш пайравони Аҳмади Дониш дар мисоли Савдо, Шоҳин, Ҳайрат, Асирӣ ва Возеҳ дар китоби Зариф Раҷабов бештар мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд. Масалан, ҷиҳати ҳамоҳангии ақидавии Шамсуддини Шоҳин бо Аҳмади Дониш чунин менависад: “Шоҳин дар таҳти таъсири Аҳмади Дониш дар навиштаҳои худ исбот

менамояд, ки амир ва мансабдорони вай бояд муносиби мақом ва вазифаи худ илму дониш дошта бошанд, то ин ки лавлатро сиришта карда тавонанд. Аммо бино ба гуфтаи Шоҳин амирҳо чунин донише надоранд. Онҳо фосиқ, ҳарза ва ҳайвонҳое ҳастанд, ки либоси инсонӣ пушидаанд. Онҳо гарчанд нодон ва аз илму ҳунар бехабар бошанд ҳам, фақат ба туфайли аслу насаби худмансабҳои давлатиро ба даст даровардаанд" [6, с.217].

Зариф Рачабов теъдоди муайяни афроде, ки шахсан бо Аҳмади Дониш шинос набуда, ба муҳити маънавии ӯ шомил нагардидаанд, аммо аз лиҳози афкор бо андешаҳои мутафаккир ҳамоҳангӣ доштаанд, пайравони Аҳмади Дониш меномад. Масалан, шоир Асириро. Номбурда дар ин маврид мегӯяд: "Асирӣ шоири маорифпарвар буд. Ӯ тарафдори ғояи ба маданияти дунявӣ наздик шудани халқ, душмани схоластикаи динӣ ва мактаби схоластикӣ мебошад. Асирӣ яке аз танқидкунандагони ҷиддии муллоёни мутаассиби мусулмон аст. Орзуи Асирӣ ин буд, ки мардуми мамлакаташ хушбахт, бомаълумот ва сер бошанд. Аммо як "дард", ки аксарияти маорифпарварони охири асри XIX ва аввали асри XX доштанд, дар Асирӣ ҳам буд. Асирӣ ҳам ба қувваи маориф, ба қувваи сухан эътиқоди аз ҳад зиёде дошт, ӯ ҳам дар чунин эътиқод буд, ки маориф метавонад подшоҳони худсарро тарбия карда, дигаргун намояд" [6, с.242].

Дигар пайрави андешаи дунявии Аҳмади Дониш, ба қавли Зариф Рачабов, шоир Ҳайрат аст, ки уламои ҷоҳилу тамаъҷуро чун "микроб" тасвир мекунад. Аммо омили асосии маълум гардидани шоир устод Айнӣ аст, ки дар "Намунаи адабиёти тоҷик"-ашон дар мавриди Ҳайрат таваққуф намуда, шарҳи ҳол ва намунаи ашъорашро муаррифӣ сохтаанд. Тавассути Айнӣ аксар пайравону шогирдони Аҳмади Дониш шинохта шуда, омилҳои пайравӣ намудани онҳо аз мутафаккири маорифпарвар баррасӣ шудааст. Албатта, чунин пайравӣ вижагиҳои маънавӣ дорад ва ҳатто худи Айнӣ ҳам хешро пайрави маънавии Аҳмади Дониш гуфтааст. Аммо ба бахши ҷудогона иттихос додани шогирдону пайравони Аҳмади Дониш ҳақиқатан муаррифӣ кардани онҳо нест, балки тасвири ин ақида аст, ки афкори дунявии маорифпарвари тоҷик минбаъд пайгирӣ шудаанд ва бо мурури замон тақвият ёфтаанд ва ҳатто метавон гуфт, ки ҷомеаи Тоҷикистон дар замони муосир низ ба андешаҳои дунявии Аҳмади Дониш сахт ниёз дошта, бояд ҷиҳати рушди тафаккури дунявӣ аз осори нодири мутафаккир истифода кунад. Шояд ҳамин паҳлуҳои осор ва афкори ҷамъиятӣ-сиёсии донишмандро ба назар гирифта, устод Айнӣ худро шогирди ӯ меномад ва дастрасии нахустин китоби Донишро бинобар мутолеаи он нодиртарин воқеа дар ҳаёти шахсиаш ном мебарад. Дар воқеъ, ҳар кӣ бо муҳтавои "Наводир-уд-вақоеъ" ва дигар рисолаҳои мутафаккир ошност, дер ё зуд дарк хоҳад кард, ки мусаннифи онҳо донишманди асил ва нависандаи нотакроре мебошад. Агар гӯем, ки Аҳмади Дониш поягузори мактаби миллии маорифпарварӣ будааст, иштибоҳ нахоҳем кард. Ормонҳои миллии ӯ имрӯз низ таблиғ мешаванд ва маҳз инқилоби маънавии ӯ буд, ки тавассути пайравону шогирдонаш то кунун роҳандозӣ мешаванд ва ба рушди миллӣ мусоидат мекунанд.

АДАБИЁТ

1. Дониш, Аҳмад. Наводирулвақоеъ. Китоби 1. / Аҳмади Дониш. – Душанбе: Дониш, 1988. - 288 с.
2. Олимӣ, Х.Ҳ.Аҳмади Дониш ва истиқлоли фикрӣ. - Душанбе, 2021.- 256 с.
3. Рачабов, З.Ш. Маорифпарвар Аҳмади Дониш. – Душанбе: Ирфон, 1964. - 258 с.
4. Раджабов, З. Ш. Выдающийся просветитель таджикского народа Ахмад Дониш /З. Ш. Раджабов. – Сталинабад: 1961.
5. Раджабов, З. Ш. Из истории общественно-политической мысли таджикского народа во второй половине XIX — начале XX в. /З. Ш. Раджабов. – Сталинабад: 1957. - 460 с.
6. Рачабов, З. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX ва аввали асри XX. – Сталинобод: Нашр давл. Тоҷ., 1959. - 448 с.
7. Ҳодизода, Р. Шоҳин. Тадқиқоти нав дар ҳаёту эҷодиёти шоир. - Душанбе: Дониш, 1974.
8. Ҳодизода, Р. Источники к изучению таджикской литературы второй половины XIX в. - Сталинабад, 1956.
9. Ҳодизода, Р. Аз гузашта ва ҳозираи адабиёти тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1974. - 144 с.
10. Ҳусейнзода, Ш. Баҳс ва андеша / Ш. Ҳусейнзода. – Душанбе: Ирфон, 1964. - 264 с.

11. Ҳодизода, Р. Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик. Анъана ва навоварӣ (саҳ.100-111) / Р. Ҳодизода. –Душанбе: Ирфон, 1970. - 416 с.
12. Шукуров, М. Паҳлуҳои тадқиқи бадеӣ. Баъзе масъалаҳои адабиёти ҳозираи тоҷик / М.Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 273 с.
13. Шукуров, М. Пайванди замонҳо ва халқҳо (Маҷмуи мақолаҳо). / М.Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 224 с.

НИГОҲЕ ЧАНД БА АФКОРИ БАДЕИИ АҲМАДИ ДОНИШ

Масъалаи омӯхтан ва таҳқиқи мероси адабию фарҳангӣ дар замони Истиқлолият, ки бо диди нав ва пажӯҳишҳои тоза бидуни ҳар гуна идеология ва мамониат ба роҳ монда шудааст, яке аз масъалаҳои муҳимми адабиёшиносӣ ба шумор меравад. Чунки таърихи адабиёти тоҷик дар доираи таърихи миллат ва суннатҳои миллӣ бояд баррасӣ гардад, вагарна аз идеологияи коммунистӣ, ончуноне ки гурӯҳе аз муҳаққиқон ҳарф мезананд, ба идеологияи дигари аҷнабӣ ворид хоҳем гашт. Ба ҳар сурат, мо наметавонем аз ақидаҳои нахустин муҳаққиқони адабиёти тоҷик дур биравем.

Дар ин мақола муаллиф, асосан андешаҳои Раҷабов Зарифро роҷеъ ба намояндаи барҷастаи раванди маорифпарварӣ Аҳмади Дониш мавриди тадқиқ қарор додааст. Дониш дар ҷамъияти тираву тори Бухорои манғитӣ зиндагӣ намуда, вазъи ногувори иқтисодиву иҷтимоӣ ва маърифати пасти исломии мардуми Бухороро таҳлил кардааст. Ба қавли ҳамасрони Дониш «Наводир-ул-вақоеъ» асарест, ки дар он дигаргунӣ ҳам дар мазмун ва ҳам дар услуб дида мешавад. Муаллиф инчунин аҳамияти афкори пешрафтаи адибони охири аср Х1Х-ро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Калидвожаҳо: *қиёс, муаррифӣ, тафаккур, аврупоиён, олим, аморати Бухоро, маорифпарварӣ, муосирон, рушд, осор, дахолат, навоварӣ, пажӯҳиш, ҷаҳонбинӣ, муаллиф.*

НЕКОТОРЫЕ ВЗГЛЯДЫ НА ХУДОЖЕСТВЕННЫЕ МЫСЛИ АХМАДА ДОНИША

Вопрос изучения и исследования литературного и культурного наследия периода Независимости, который велся с новым видением и свежими исследованиями без какой-либо идеологии и препятствий, является одним из важнейших вопросов литературоведения. Потому что история таджикской литературы должна обсуждаться в рамках истории нации и национальных традиций, иначе из коммунистической идеологии мы войдем в другую иноземную идеологию. В любом случае, мы не можем отойти от идей первых исследователей таджикской литературы.

В данной статье автор в основном рассматривает мнения Раджабова Зарифа о выдающемся представителе образовательного процесса Ахмаде Донише. По мнению современников А. Дониша, «Навадир-уль-Вакоэ» — произведение, в котором видны изменения как в содержании, так и в стиле. Автор также обсудил важность передовых идей писателей конца XI века.

Ключевые слова*: сравнение, изложение, мышление, европейцы, ученый, Бухарский эмират, просветительство, модернисты, развитие, артефакты, интервенция, новаторство, исследование, мировоззрение, автор.*

SOME VIEWS ON THE ARTISTIC THOUGHTS OF AHMAD DONISH

The issue of studying and researching the literary and cultural heritage in the time of Independence, where a new vision and fresh researches were conducted without any ideology and contradictions, is one of the most important issues of literary studies. Because the history of Tajik literature should be discussed within the framework of the history of the nation and national traditions, otherwise we will enter another foreign ideology from the communist ideology, as a group of researchers say. This issue includes thoughts on some introduced terms and periodization of literature. In any case, we cannot move away from the ideas of the first researchers of Tajik literature. In this article, the author mainly examines the opinions of Rajabov Zarif regarding the outstanding representative of the educational process Ahmadi Donish. Donish lived in the dark

society of Bukhara Mangiti and analyzed the unpleasant economic and social situation and the low level of Islamic knowledge of the people of Bukhara. According to the contemporaries of Knowledge, "Nawadir-ul-Waqae" is a work in which changes can be seen both in content and in style. The author discussed the importance of advanced ideas of writers of the end of the 11th century.

Keywords: *comparison, presentation, thinking, Europeans, scientist, Bukhara Emirate, moderns, development, artifacts, intervention, innovation, research, worldview, author.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Ибрагимов Файзалӣ – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, докторант (PhD)-и кафедраи назария ва таърихи адабиёт. Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, кӯча. Муҳуммадиев,17/6. E-mail:* Fair2345@mail.ru

Сведение об авторе: *Ибрагимов Файзали – Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, докторант (PhD) кафедры теории и истории литературы. Адрес: 734019, г. Душанбе, ул. Мухуммадиева 17/6. E-mail :* Fair2345@mail.ru

Information about the author: *Ibragimov Faizali - Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, doctoral student (PhD) of the Department of Theory and History of Literature. Address: 734019, Dushanbe, st. Muhummadieva 17/6. E-mail:* Fair2345@mail.ru

ТДУ 891.550

БАРРАСИИ МАСОИЛИ ИҶТИМОӢ ДАР АШЪОРИ НИЗОМ ҚОСИМ

Маҳкамов Д.С.

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Шоирро метавон таърихнигор унвон кард. Воқеан, шуаро бозгӯкунандаи воқеоту рӯйдодҳои даври хешанд. Бешак, зуҳури адабиёт аз иҷтимоъ аст ва удабо дар тағйири моҳият ва вазъи ҷамъият тавассути сухан таъсир мерасонанд. Пиромуни шеъри иҷтимоӣ ва равандҳои он дар замони Истиқлоли давлатӣ миёни адабиётшиносон ихтилофи назар мавҷуд аст ва мубоҳисаҳои илмӣ ҷараён доранд [12, с. 106].

Вобаста ба нуктаи фавқ метавон ба ақоид ва пажӯҳишҳои донишмандони номвари бурунмарзӣ дар ҷодаи адабиёт мутаваҷҷеҳ шуд. Ризо Бароҳанӣ - адабиётшиноси барҷастаи Эрон, таҳлилҳои мантиқӣ ироа карда, бо қатъият ба масъалаи мазкур нуқта гузоштааст. «Нависанда ва шоир аз се нуқтаи назар бо иҷтимоъ марбут мешаванд. Нахуст аз ин дидгоҳ, ки нависанда фарде иҷтимоӣ аст ва дар иҷтимоъ зиндагӣ мекунад. Дувумӣ, ки аз нахустин ношӣ мешавад, марбут ба асари адабиест, ки нависанда ба вуҷуд меоварад. Ҳар асари адабӣ танҳо ба далели он ки нависандаи он фарде аз афроди иҷтимоъ аст, миқдоре муҳтавои иҷтимоӣ дорад. Ва савум он ки таксири асар ба сурати чоп ва интишор ба рӯйи иҷтимоъ таъсир мегузорад ва дар натиҷа навишта ҳам аз иҷтимоъ мулҳам аст ва ҳам илҳомбахши рафторҳои хоси иҷтимоӣ» [3. с. 129].

Дар адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик ашъори иҷтимоӣ мавқеи вижа дорад. Дар эҷодиёти шоирони қуруни қадим бо вуҷуди он ки жанри ғазал маъмул буд, қисме аз ашъор мазмуни иҷтимоӣ дошт. Тавассути шеър вазъи иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳолати рӯҳиву равонии мардум таҷассум меёфт. Ране Виллек[1] ва Аустин Варрен[2] - ду нафар аз мунтақидон ва муаррихони адабии ҷаҳон дар китоби хеш таҳти унвони «Назарияи адабиёт»[3] дар қисми «Адабиёт ва иҷтимоъ» менигоранд: «Адабиёт таъсисе иҷтимоӣ аст, ки ба унвони васила аз забон истифода мекунад, ки худ махлуқе иҷтимоӣ аст. Тадобир ва шеваҳои урфию адабӣ чун самбулисм ва вазну шеър дар ҳамон моҳияти аслии худ иҷтимоӣ ҳастанд».

Ҳадафи мо аз муқаддимаи мазкур таҳқиқи ашъори шоир, тарҷумон ва драматурги номвари тоҷик Низом Қосим аз дидгоҳи иҷтимоӣ мебошад.

Мавзуи эҷодиёти шоирони даврони Истиқлоли давлатии тоҷикро, дар маҷмуъ, метавон чунин гурӯҳбандӣ кард: худшиносии иҷтимоиву маънавӣ, ватандӯстӣ, худогоҳии миллӣ, ошиқӣ ва ахлоқӣ. Омили аслии дар меҳвари адабиёт қарор гирифтани мавзуоти мазкур, бешак, ҷанги шаҳрвандии бародаркуш (1991-1997) мебошад. Ашъори Низом Қосим аз мавзуъҳои фавқ орӣ набуда, баръакс, мавсуфро метавон яке аз шоирони ватансаро номид. Ба ин гуфта, китоби «Рамзи Ватан» [6], ки саропо шеърҳои меҳандӯстонаро фарогир аст, далели барҷаста ва раднопазир мебошад.

Низом Қосим аз дастпарварони мактаби Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ ва Бозор Собир мебошад. Шоир ва адабиётшиноси Эрон Алиасғари Шеърдӯст ба эҷодиёти Низом Қосим баҳои баланду воқеӣ додааст. «Дар ашъори Низом Қосим аз ҳайси нигариш ва бархурд бо мавзуъ, наҳваи талаққиву дарёфт ва он чи шоир дар зеҳни худ парварда ва низ дар шеваи баён ва тасвиргарии ӯ тозагии хосе машҳуд аст. Ин завқи ибдоъву навҷӯӣ ва андешаҳои зинда ва гоҳ мардумӣ ва лаҳну баёни бадеъву муассир дар бисёре аз ашъори ӯ дида мешавад ва хонандаи суханшиносе дар ашъори ӯ намунаҳои бисёре метавонад биёбад» [16. с. 476].

Ковишҳои мо муайян карданд, ки эҷодиёти Низом Қосим ба таври бояду шояд ва фарогир таҳқиқ нашудааст. Ҳол он ки ашъори ӯ дорои аҳамияти адабӣ, таърихӣ, ахлоқӣ ва

---

[1] Rene Wellek
[2] Austin Warren
[3] Theory of literature

ғайраанд. Низом Қосим муаллифи маҷмуаҳои шеърии «Хӯшаи шеър» (1984), «Хуни ситора» (1988), «Паровар» (1990), «Қаламҳой» (1997, 1998), «Барги саломи сабз» (2002), «Тафсири панҷ оҳ» (2008), «Маҳвора дар гаҳвора» (2008), «Кӯҳи садо» (ба хатти форсӣ, 2010), «Хомасӯзан» (2014), маҷмуаи мақолаву очеркҳои «Шеър дар дил, шеър дар ҳалқ, шоири халқ» (2013), «Дили дарё» (2013), «Чорсӯ» (2013, 2014), «Аз ассалом то вассалом» (2014), «Бо сӯзҳо то созҳо» (2014), "Биё, дилро ба барги гул бипечонем" (2018) мебошад [8. с. 113-114].

Таваҷҷуҳи мунаққидон ва адабиётшиносон ба осори Низом Қосим дар қиёс ба ашъори шуаро - Муъмин Қаноат, Лоиқ, Бозор, Гулназар, Аскар Ҳаким, Гулрухсор, Фарзона, Камол Насрулло ва чанде дигар камтар аст. Ноқидон Юсуф Акбарзода [1], Аскар Ҳаким [11], Камол Насрулло [7], Рустам Ваҳҳобзода [4], Муҳаммадалии Аҷамӣ [2], Алиасғари Шеърдӯст [16] ва зумрае аз адабиётшиносон қисме аз эҷодиёти Низом Қосимро дар мақолоти алоҳидаи хеш мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор додаанд, вале аз ҷониби олимон пиромуни шеърҳои шоир пажӯҳиши илмии мукаммал анҷом напазируфтааст. Таассуфовар аст, ки, дар маҷмуъ, шеъри даврони Истиқлоли Тоҷикистон таҳқиқ ва таҳлили воқеӣ надорад.

Дар ин мақола мекӯшем, то ашъори иҷтимоии Низом Қосимро дар иртибот ба мушкилоти ҷомеа матраҳ намоем. Лозим ба тазаккур аст, ки таҳлил ва тадқиқи мо дар заминаи китоби "Аз ассалом то вассалом" [5] –и мавсуф сурат мегирад, зеро ончунон, ки худи шоир арз дошта, дар ин китоб аз 9 маҷмуаи қаблӣ шеърҳоро гулчин бинмуда, дубора таҳриру суфта кардааст.

Таҳлили амиқи эҷодиёти манзуми Низом Қосим бозгӯ менамояд, ки ӯ дар баёни мушкилоти ҷомеа дарду ҳасрат, ғаму андуҳ ва вазъи зиндагии хешро истисно накардааст. Дар ашъори мавсуф метавон ба абёте дучор омад, ки хеле муассир ҳолати равонӣ ва ботинии шоирро таҷассум бинмудаанд. Дар шеъри "Тарс", ки аз чор мисраъ иборат аст, як ҷаҳон маънӣ нуҳуфта:

Нест тарсам аз марг,
Н-ояд аз марг бадам.
Тарсам аз зиндагӣ аст, -
Оқибат мекушадам! [5. с. 539]

Шоир ва адабиётшиноси барҷаста Ахавони Солис дар мавриди шеъри иҷтимоӣ андешаи бикр ва омӯзанда зикр бинмуда: "Шеъри иҷтимоӣ на ироаи мустақими рӯйдодҳо, балки ҳунарӣ кардани онҳост".

Дар абёти фавқ ишора ба ҳеҷ рӯйдод несту ҳеҷ шароити иҷтимоӣ дарҷ нагардида, шоир устодона ва моҳирона бо баёни фаҳмою сода хеле муъҷаз мақсадро ифода кардааст. Ҷаззобият ва ангезандаи ҳиссии шеър дар он таҷассум ёфта, ки шоир аз марг, ки кушандаасту оқибаташ фаност, ҳарос надораду аз он бадаш намеояд, вале аз зиндагӣ метарсад.

Шеър дар баҳри рамали мураббаи махбуни маҳзуф, яъне, - V - - / VV- (фоилотун / фаилотун) эҷод шудааст. Дар мисраи якум шоир ба ҷойи зиҳофи махбуни мақсур зиҳофи аслами мусаббағро истифода карда, ки ҷоиз мебошад. Яъне, дар илми арӯз корбурди як ҳиҷои дароз ба ҷои ду ҳиҷои кӯтоҳ иҷозат ҳаст. Ба шакли дигар агар гӯем, истифодаи сабаби хафиф ба ҷойи сабаби сақил роиҷ мебошад [9. с. 371].

Дар шеъри "Зиндагӣ" шоир бо норизоӣ суол мегузорад, ки маънии зиндагӣ чист? Магар зиндагӣ фақат ҳасрату оҳ аст?

Сад китоби аслии луғат бидидам,
Лек маънии варо аслӣ нафаҳмидам...
Чист, ё раб, зиндагӣ –
Роҳ аст?
Ё раҳорах ҳасрату оҳ аст? [5. с. 537]

Чунонки мушоҳида мешавад, Низом Қосим мекӯшад, ки ҳолати равонии хеш ва мушкилоти зиндагиро бе зикри проблема, фишурда баён намояд. Ҳарчанд дар абёти мазкур низ шиквае аз масоили вижа зикр наёфтааст, руҳи шеър вазъ ва ҳадафи ниҳонии шоирро ифшо мекунад.

Вазни ин шеър низ аз баҳри рамал буда, тавассути рукни солими он - V - - (фоилотун) сохта шудааст. Аслан, баҳри рамал [15. с. 112]-ро шуаро барои эҷоди ашъори панду ахлоқӣ ва фалсафӣ интихоб менамоянд ва азбаски шеърҳои матраҳнамудаи мо ҷанбаҳои фалсафиро низ дороанд, интихоби авзони баҳри мазкур саҳеҳ мебошад.

Дар шеъри дигар шоир гила аз он мекунад, ки дар дил дард ҳаст ва дар сар андешаи дард ва вай наметавон решаи онро пайдо кунад:

Дар дил ҳама дарду дар сар андешаи дард,
Ҷустему наёфтем мо решаи дард.
Рӯида чу нахли дард ҳар тораи мӯ,
Гӯё сари мост мӯ ба мӯ бешаи дард. [5. с. 306]

Дар рубоии мазкур ҳарчанд шоир "решаи дард"-ро "ҷустему наёфтем" мегӯяд, сарро ба замини дарахтзор ва мӯйро ба ниҳоли дард ташбеҳ кардааст. Дар ин ҷо санъати ташбеҳи музмар (пӯшида) [13. с. 110] истифода гардидааст. Яъне, ғарази шоир аз абёти фавқ изҳори вазъи зиндагӣ ва мушкилоти он мебошад. Метавон гуфт, ки ибораи "нахли дард", ки дар он санъати истиора [14. с. 155] корбаст шудааст, бозёфти шоирона маҳсуб меёбад. Дар адабиёт ибораҳои "нахли қомат", "нахли умед", "нахли дӯстӣ" ва ғайра маъмул ҳастанд, вале "нахли дард" то андозае падидаи тоза мебошад. Пиромуни муҳтавои шеър, агар жарфтар биандешем, санъати дигари бадеӣ – тазод [10. с. 182] низ бароямон рӯшан мешавад. Ба он маъно, ки шоир арз дошта, ки ҳар тораи мӯйи мо ҳамчун ниҳоли дард рӯйидааст, яъне, кулли дард дар мӯйҳост. Ҳол он ки мӯй ҳаргиз ба дард мубтало намегардад. Аз таҳлили муъҷаз бармеояд, ки шоир дар чор мисраъ 3 санъати бадеӣ – истиора, ташбеҳ ва тазодро моҳирона истифода кардааст.

Шеър дар жанри рубоӣ эҷод гардида, вазнаш баҳри ҳазаҷи [9. с. 467] мусаммани ахраби мақбузи макфуфи аҳтам, яъне, - - V/ V - V - / V - - V/ V~ (мафъӯлу/мафоилун/мафоӣлу/фаӯл) мебошад.

Футбол яке аз бозиҳои машҳури варзишист, ки қавоиди махсус дорад. Дар ин бозӣ ду даста дар ҳайати 11-нафарӣ бо ҳам вориди сабқат мешавад. Ҳарду ҷониб мекӯшад, ки тӯбро ба ҳамдигар ҳаво дода, вориди дарвозаи рақиб намояд. Шоир дар шеъри "Футбол" вожаҳои "Ғам", "Андӯҳ", "Ғусса", "Хорӣ", "Зорӣ", "Дард", "Доғ", "Ҳасрат", "Шарм" ва "Хиҷолат"-ро ҳамчун бозигари футбол қаламдод карда, худро "Тӯб" номидааст. Оғозу анҷоми шеъри мазкур ба монанди бозии футбол ба ҳамдигар алоқамандии ногусастанӣ дошта, хулоса, яъне, натиҷаи бозӣ дар фарҷом муайян мегардад. Аз ин рӯ, дар шакли мукаммал овардани шеъри "Футбол"-ро зарур меҳисобем.

Бо ҷадалҳо аз қафои тӯб метозанд,
Ҳарду ҷониб хуб мебозанд.

Мефиристад тӯбро Ғам сӯи Андуҳ,
Сӯи Ғусса мезанад Андӯҳи чун кӯҳ,
Ғусса мепартоядаш бар сӯи Хорӣ,
Хориаш меафканад бар сӯи Зорӣ.

Тӯбро дар ҳар каноре интизоранд
Дарду Доғу Ҳасрату Шарму Ҳиҷолат,
Хуллас, аз ҳар сӯ пайиҳам мехӯрад лат.

Зумрае з-ин манзара шоданду мамнун,
Зумрае – як зарра маҳзун.

Ман фақат дилхун аз ин бозии "хубам",
Чунки ман...
Тӯбам. [5. с. 424]

Шеъри “Футбол” дорои тасвирҳои тоза ва ғайримаъмулӣ буда, шоир тавониста, то қисмати инсонро, ки саропо дарду ғаму андуҳу доғу ҳасрат мебошад, дар як шеъри кӯтоҳ таҷассум намояд. Азамати эҷодкор низ дар ҳамин аст, ки маънии бузургро дар чанд байти ангуштшумор биғунҷонад. Мавзуи шеър нав буда, илова бар зикри шакл ва қавоиди футбол дар он қавонини зиндагӣ таҷаллӣ гардидааст. Ин гуна ашъорро дар адабиёти муосир ба нудрат метавон ёфт. Аслан, шуарои имрӯз дар эҷодиёти хеш вожаю истилоҳоти ҷадиди техникӣ ва технологиро ворид кардаанд, вале шеъре бо мазмуну мантиқи воло чун “Футбол” кампайдост.

Шеър дар баҳри рамал бо истифода аз рукни солими он - V - - (фоилотун) эҷод гардидааст.

Дар эҷодиёти Низом Қосим ашъоре ҳастанд, ки ба шахсиятҳои алоҳида – адибон, санъаткорон, пайвандон ва дигар афроди касбу кори гуногун бахшида шудаанд. Ин қабил шеърҳои шоирро метавон ба ду қисм ҷудо кард: 1) дорои хусусияти тавсифӣ; 2) инъикоси ранҷу ҳасрати зиндагӣ.

Ҳадафи мо баррасии навъи дуюми ин гуна ашъор мебошад. Ба ин қабил шеърҳои марбут ба Ҷумъа Одина, Сангинмоҳ, Карим-Девона, Талаб Саттор, Лутфулло Бузургзода, табиб Анвар Исомиддинов ва ғайра метавонанд намуна бошанд.

Шеъри “Вопасин баҳор”, ки шоир ба ҳамсабақаш Сангинмоҳ бахшидааст, чунин аст:

Бишнавӣ то суруди амвоҷаш,
Медавидӣ ба соҳили дарё.
Аз лабаш хуш наомадат созаш,
Рафтӣ охир ту бар дили дарё.

Будаӣ ҳамчу барраи оҳу,
Гурги дарё гирифтату бигрехт...
Чашмҳоят ба об ранг афзуд,
Мавҷи мӯят ба мавҷи об омехт...

Хаззаҳо сабз дар дили дарё,
Вопасин навбаҳори ту бошад,
Пуштаи мавҷҳо қатор-қатор,
З-он кадомин мазори ту бошад?.. [5. с. 142]

Ин шеър аз 3 банд иборат буда, аз ҷиҳати мазмун ва устухонбандӣ ҳар банд мисли донаи марвориди гарданбанд ба ҳамдигар пайвандии ногустанӣ дорад, ки дар шакли пурра дарҷ кардем.

Муҳтавои шеър ҳузнангез, риққатангез ва ғамангез буда, тақдири нафаронеро инъикос карда, ки ба дарё ғарқ шудаанд ва ҷисмашон пайдо нагардидааст. Ҳар мисраи шеър пур аз дарду андуҳ ва ҳасрату оҳ мебошад.

Ташбеҳи садои мавҷи дарё ба суруд сухани нав нест, вале шоир бо истифода аз он дар идома бо монанд кардани соҳилро ба лаб ва овози тапиши обро ба созу оҳанг кӯшида, ки мазмуни тоза биофарад. Дар банди якум лаҳзаи ба назди дарё рафтану ғарқ шудани Сангинмоҳ тасвир ёфтааст. Дар банди дуюм бошад, марҳумаро ба барраи оҳу ва дарёро ба гург ташбеҳ карда. Дар чунин муқоиса аз он ҷиҳат ибораи “барраи оҳу” истифода гардида, ки шоир мехоҳад дар назди аҷал, ки ҳамчун “гурги дарё” қаламдод шудааст, дар як замон ҳам оҷизию нотавонии марҳума ва ҳам зебоии ӯро таҷассум намояд.

Ибораи “чашмҳои обӣ” маъмул аст ва аслан, дар ситоиши чашмони зебо чунин гуфта мешавад. Шоир аз санъати муболиға [14. с. 101] бамаврид ва устодона корбурд карда, кабудии ранги дарёро аз ранги чашмони Сангинмоҳ медонад.

Дар банди сеюм обсабзҳо ба вопасин навбаҳори марҳума ва қатори мавҷҳо ба пуштаи мазор ташбеҳ ёфтаанд. Бо суол гузоштан, ки “кадомин пуштаи мавҷ мазори ту бошад?” ҷамъбасти шеърро хеле дарднок ифода кардааст. Метавон гуфт, ки шеъри мазкур марбут ба

як нафар набуда, балки оҳи дили пайвандони тамоми касонест, ки ба таври фоҷиавӣ дар қаъри дарё ҳалок шудаанд.

Шеър дар баҳри хафифи [15. с. 137] мусаддаси махбуни аслам (баъзе мисраъҳо аслами мусаббаг), яъне, - V - - / V - V - / - - (фоилотун / мафоилун / фаълун) эҷод гардида, калимоти ҳамқофияаш “соҳил-дил”, “бигрехт-омехт” ва “навбаҳор-мазор” мебошанд.

Дар қисме аз эҷодиёти дигари хеш Низом Қосим ба тасвиру инъикоси рӯзгори мардуми кишвар пардохта, мушкилоти мавҷудаи ҷомеаро қотеона ва бо далоили муътамаду раднопазир ба риштаи шеър кашидааст. “Ароба”, “Аҳли фарҳангем”, “Нарх арзон шуд”, “Дарди ном”, “Одат” намунаи барҷастаи ин гуна шеърҳоянд.

Дар шеъри “Ароба” зиндагии наврасону ҷавонони аробакаши бозоре тасвир ёфтааст, ки бо “ароба аробаи тақдир мекашанд”.

Жӯлидаанд, фурсати пардозашон куҷост?
Ғам ҷуз ғами аробаи носозашон куҷост?
Ҷуз сӯйи муштарӣ раҳи овозашон куҷост?
Ҷуз гӯши муштарӣ қадаҳи розашон куҷост?
Бар сӯйи авҷҳо хатти парвозашон куҷост?

Беболбачаҳо... [5. с. 420]

Мазмуни шеър, ки содаю фаҳмост, ба таҳлили он намепардозем. Бояд зикр кард, ки дарёфти чунин мавзуъ ва боҷуръатона бо хурдтарин ҷузъиёт тасвир кардани он ба ҳар шоир даст намедиҳад. Аслан, интихоби ин мавзуъ ба зеҳни на ҳар кас мерасад. Низом Қосим, ки шоири мушоҳидакор ва ҷӯяндаву навпардоз аст, пиромуни масоили зиёди иҷтимоӣ шеър бинвишта, вазъи рӯзгори моро дар сафҳаҳои таърих ҳаккокӣ бинмудааст.

Ба андешаи мо, интихоби мавзуъ ва “Ароба” ном ниҳодани шеър тасодуфӣ ва бадеҳӣ набуда, баръакс, шоир нишон додан мехоҳад, ки дар замони пешин аробакашӣ роиҷ буд ва дар асри технология ва пешрафти илм мардум бояд бештар илм омӯзад, то зиндагияш беҳтар гардад. Дар банди дигар ба эҷодгари достони “Ҳасани аробакаш” Мирзо Турсунзода низ ишора кардааст:

Он шоире, ки қиссаи “Сайёҳи Ҳинд” гуфт,
Беҳтар ҳамон, ки рафтаву дар зери хок хуфт,
Мебуд зинда, хокбасартар аз ӯ набуд,
Низаш ба ғайри мурдани зуд орзу набуд... [5. с. 420]

Шоир мушкилоти зиндагӣ, дасткӯтаҳӣ, муҳтоҷӣ ва ночориро ба ғӯл монанд карда, дар ҷамъбасти шеър мегӯяд, хоб дида, ки бачаҳоро аз чанголи ин ғӯл раҳо кардаю аробаро дар гардани ғӯл бубастааст. Яъне, орзу бинмуда, ки вазъи зиндагӣ беҳ гардаду наврасону ҷавонон ба донишомӯзӣ машғул шаванд. Шеъри мазкур то соли 2002 эҷод шудааст, хушбахтона, имрӯз вазъият хеле тағйир кардааст.

Шеър дар жанри мусаммати мухаммас [13. с. 61] таълиф гардида, вале шоир қолабшиканӣ карда, сохти онро дигаргун бинмудааст. Тибқи қоида, ки дар охири ҳар банд бояд мисраи комиле дарҷ шавад, аммо баъзе мисраъҳо танҳо аз як калима иборат буда, бархеи дигар комиланд. Масалан: “Ҳаммолбачаҳо”, “Ғофил зи орзую зи омол бачаҳо”, “Бадфолбачаҳо”, “Беболбачаҳо”, “Беҳолбачаҳо”, “Дар зери бори рӯзу маҳу сол бачаҳо”. Инчунин, чанд банди дигар орӣ аз чунин мисраъҳо ҳастанд. Жанри шеърии мусаммат дар иртибот аз мисраъҳои ҳар банд мураббаъ, мухаммас, мусаддас, мусамману муашшар мешавад. Аз ин ҷиҳат низ шоир қолабро шикаста, баъзе бандҳоро мусаддас, баъзеро мураббаъ, мухаммасу мусамман карда, ҳамчунин, шакли қофиябандиро риоя накардааст.

Шеър дар баҳри музореи [9. с. 230] мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф ва баъзе мисраъҳо мақсур, яъне, - - V / - V - V / V - - V / - V - (- V ~) (мафъӯлу / фоилоту / мафоӣлу / фоилун (фоилон) эҷод шудааст.

Дар қисме аз ашъори дигари хеш Низом Қосим дар баррасии масоили ҷомеа боз ҳам фаротар рафта, кӯшида, ки вазъи мураккабу печида ва зиндагонии мардуми мазлуму ситамдидаи ҷаҳонро инъикос намояд. Бояд зикр намуд, ки шеърҳои марбут ба мушкилоти ҷомеаи мавсуф танҳо бозгӯи ҳолат набуда, балки ҳамзамон фарогири роҳҳои ҳалли вазъияти

бавукуъпайваста мебошад. “Ғазали Фаластин”, “Дар силсилазилзилаи Эрон”, “Офтоби Карбало”, “Индира Ганди”, “Че Гевара”-ро метавон намунаи барҷастаи ин гуна ашъор маҳсуб кард.

Дар шеъри “Че Гевара” таърихи пурошӯб, муборизаҳои хунин ва озодихоҳии мардуми ҷафокаши Куба мунъакис гардидааст. Дар шеър қаҳрамонӣ ва корномаи роҳбари ҳаракати инқилобӣ дар Амрикои Лотинӣ, ходими низомӣ ва давлатии Куба, яке аз роҳбарони инқилоби соли 1959 дар Куба Эрнесто Че Гевара таҷаллӣ ёфтааст. Чун Гевара марди шуҷоъ ва адолатпарвар буд, халқ ба ӯ эътимод кард ва умед баст, ки аз ҷабру зулми золимон раҳояш медиҳад. Миёни мардум мавқеъ ва эҳтирому эътиқоди вижаро касб карда буд. Эрнесто Че Гевара соли 1967 дар ҷанг бо қувваҳои давлатии Боливия шикаст хӯрда, асир афтод ва баъдан кушта шуд [17. с. 271]. Тибқи маъхазҳои таърихӣ, вақте Гевара асир меафтад, ӯро шиканҷа менамоянд ва панҷаҳояшро мебуранд. Ва дар шеъри “Че Гевара” ин ҳодисаи нангин дар меҳвар қарор гирифта, шоир панҷаҳои ӯро “мазраи уммеди халқ”, “минбари халқ” ва “мушти беамон” хондааст.

Панҷаҳояш буд гӯё мазраи уммеди халқ,
Панҷаҳояшро буриданд,
то чу дарёҳо
рагу пайҳои дасташро ҷудо созанд,
ҳар якеро ҳамчу як дарё ҷудо созанд,
то замини панҷаҳояшро насозанд обёрӣ –
хушк монад то ки фардо мазраи уммеди халқ [5. с. 108].

Шоир таъкид менамояд, ки ҳарчанд адӯвон бо ҳадафи саркӯби муборизони роҳи озодӣ ангуштони раҳбари инқилобчиёнро қатъ карданд, онҳо маъюс нестанд, ҳаргиз таслим намешаванд ва таъкид мекунад: “Мушти мардум нест қулфи хонаи мардум, ки битвонанд ин дуздон басо осон кушод”.

Панҷаҳояшро буриданд,
то нагардад панҷаҳояш мушт бе ангушт...
Бехабар буданд:
зидди муштзӯрон
монд дар сина дили ӯ ҷовидон мушт [5. с. 109].

Бо вуҷуди риққатангезии мазмун ва муҳтавои умумии шеър ғояи аслии он рӯҳбаланд намудан, неру бахшидан ва ба таҳрик овардани миллату қавмест, ки аз қайду истибдоди аҷнабӣ ворастан мехоҳад. Иродаи қавиро наметавон саҳл шикаст. Дар шеър рӯйдоди воқеӣ, ки сафҳае аз таърихи озодихоҳии мардуми Куба мебошад, таҷассум ёфта, метавон гуфт, ки аз санъати талмеҳ [14. с. 84] моҳирона корбаст шудааст.

Шеъри “Индира Ганди”-ро низ ба мисли “Че Гевара” метавон тавсиф бахшид. Индира Ганди яке аз сиёсатмадорони барҷастаи ҳинд дар қарни гузашта буда, ягона занест, ки дар таърихи Ҳиндустон ба ҳайси сарвазир фаъолият кардааст. Поёни зиндагии Индира Ганди ва Че Гевара ба ҳам шабоҳат дорад, яъне, фарҷоми умри ҳарду бо фоҷеа анҷом мепазирад. Агар Че Гевара пас аз асир афтодан ба дасти душманон бераҳмона ба қатл расида бошад, Индира Ганди аз ҷониби муҳофизони худ дар назди хонаи истиқоматиаш тирборон карда шуд [17. с. 184].

Оре,
умре буд модар,
дар сари гаҳвораи мулкаш ҳамеша буд бедор;
тифлҳоро ёд медод аз дилу ҷон хоби ҳушёр,
то дигарбора нахобад бахти навбедори кишвар.

Ӯ падар буд,
то ба сар буд;
ӯ ба мардум
ҳамчу бар тифлони худ

размоварӣ медод ёд,
то ки рӯзи бад барои мом бархезад ба ҷанг,
то ки рӯзи бад барои мулк бинмояд ҷиҳод [5. с. 114].

Қисмати қаҳрамонони шеърҳои “Че Гевара” ва “Индира Ганди” мушобеҳат дорад. Шояд шоир аз ҳамин дидгоҳ образи шахсиятҳои мазкурро мавриди интихоб ва корбурд қарор додааст. Мавзуъ, шакл, устухонбандӣ, вазн ва оғозу анҷоми ҳарду шеър яксон мебошад. Вазн дар ашъори зери назар баҳри рамал аст, яъне, бо истифода аз рукни солими ин баҳр - V - - (фоилотун) эҷод шудааст.

Бо пажӯҳиши муҷмали ашъори марбут ба мушкилоти ҷомеаи шоири тозапардоз Низом Қосим метавон хулоса кард, ки осори ӯ саропо иҷтимоист. Дар ҳар шеъраш ҷавҳаре ва нишоне аз зиндагонии мардум нуҳуфтааст. Бо назардошти ин нукта мебояд зикр намуд, ки таҳқиқи тамоми ҷанбаҳои ашъори иҷтимоии шоир дар як мақола имконнопазир мебошад. Аз он чи ки иҷмолан дар ин навишта баррасӣ кардем, бароямон рӯшан шуд, ки ашъори иртиботманд ба мушкилоти ҷомеаи Низом Қосимро метавон ба чор қисм тақсимбандӣ намуд:

1. Баёни ҳолати равонӣ ва иҷтимоии хеш: ғаму андуҳ, дарду ҳасрат ва гила;
2. Шеърҳое, ки ба шахсиятҳои машҳури адабию фарҳангӣ ва дигар касбу кор бахшида шудаанд. Ин гуна ашъор, дар навбати хеш, боз ба ду қисм ҷудо мешаванд: 1) дорои хусусияти тавсифӣ; 2) инъикоси ранҷу ҳасрати зиндагӣ. Дар ин мақола қисми дуюми ин қабил шеърҳоро таҳлил намудем;
3. Тасвири вазъи зиндагӣ дар даврахои гуногун;
4. Масоили дарднок ва ваҳшатноки мардуми ҷаҳон бо истифода аз рӯйдодҳои таърихӣ.

Илова бар хулосаи фавқ зимни пажӯҳиш маълум гардид, ки дар ашъори шоир вожаи “санг”, ки дар аксар ҳолат киноя аз сангинии зиндагист, хеле зиёд корбаст шудааст. Масалан, “сангирода”, “санги гӯр”, “сангдил”, “сангпушт”, “товасанг”, “санги дил”, “санги шарар”, “намаксанг”, “сангфарш” ва ғайра. Нуктаи мазкур таҳқиқи вижаро тақозо менамояд ва мавзӯи мақолаи алоҳида мебошад.

АДАБИЁТ

1. Акбарзода, Ю. Рисолати шоир ва шеър / Ю.Акбарзода. – Душанбе: Адиб, 2009. – 376 с.
2. Аҷамӣ, М. Тафаккур ва ҳис дар шеър / М.Аҷамӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – 296 с.
3. Бароҳанӣ, Р. Тилло дар мис (Дар шеър ва шоирӣ) / Р. Бароҳанӣ. – Теҳрон: Ковиён, 1347.- 655 с.
4. Ваҳҳобзода, Р. Шеър ва дониш / Р.Ваҳҳобзода. – Душанбе: Адиб, 2017. – 188 с.
5. Қосим, Н. Аз ассалом то вассалом / Н.Қосим. – Душанбе: Истеъдод, 2014. – 864 с.
6. Қосим, Н. Рамзи Ватан / Н.Қосим. – Душанбе: 2019. – 72 с.
7. Насрулло, К. Шеър чист ва шоир кист? / К.Насрулло. – Душанбе: Адиб, 2020. – 176 с.
8. Сомонӣ, А. ва Салим М. Адибони Тоҷикистон. / Таҳия ва танзими А.Сомонӣ ва М.Салим. – Душанбе: Адиб, 2014.
9. Тоиров, У. Фарҳанги истилоҳоти арӯзи аҷам / У.Тоиров. – Душанбе: Маориф, 1991. – 560 с.
10. Тоиров, У., Ибодов Б. ва Тоиров Ш. Каломи манзум / У.Тоиров, Б.Ибодов ва Ш.Тоиров. Душанбе: Шарқи озод, 2005. – 455 с.
11. Ҳаким, А. Маҷмӯаи осор. Иборат аз ҳафт ҷилд. Ҷилди чорум / А.Ҳаким. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 564 с.
12. Ҳакимова, С. Шеър, ҳунар ва иҷтиллоъ / С.Ҳакимова. – Хуҷанд: Ношир, 2018. – 350 с.
13. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Бадоеъ-ул-афкор / Ҳ.В.Кошифӣ. – Душанбе: Ҳумо, 2006. – 232 с.
14. Ҳусайнӣ Атоулло. Бадоеъ-ус-саноеъ / Атоулло Ҳусайнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 221 с.
15. Шамси Қайси Розӣ. Ал-муъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-аҷам / Қ.Р.Шамс. – Душанбе: Адиб, 1991. – 464 с.
16. Шеърдӯст, А. Таърихи адабиёти навини Тоҷикистон / А.Шеърдӯст. – Теҳрон: Катиба, 1390. – 759 с.
17. Энсиклопедияи миллии тоҷик / зери таҳрири Б.Абдураҳмонов ва диг. – Душанбе: Муассисаи давлатии Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2015. – 660 с.

БАРРАСИИ МАСОИЛИ ИҶТИМОӢ ДАР АШЪОРИ НИЗОМ ҚОСИМ

Дар мақола зикр гардидааст, ки Низом Қосим аз шоирони маҳбубу мақбул, нозукбину нозукхаёл ва тозапардозу хушбаёни имрӯзи мост. Иддае аз алоқамандони адабиёт эҷодиёти Низом Қосимро дар мақолоти алоҳидаи хеш мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор додаанд, вале аз ҷониби олимон пиромуни шеърҳои шоир пажӯҳиши илмии мукаммал анҷом дода нашудааст. Таваҷҷуҳи мунаққидон ва адабиётшиносон ба осори Низом Қосим дар қиёс ба ашъори шуаро Муъмин Қаноат, Лоиқ, Бозор, Гулназар, Аскар Ҳаким, Гулрухсор, Фарзона, Камол Насрулло ва чанде дигар камтар аст.

Бо назардошти он ки дар адабиёти муосири тоҷик шеъри иҷтимоӣ мавқеи вижа дорад, дар мақолаи фавқ ашъори шоир, тарҷумон ва драматурги номвари тоҷик Низом Қосим аз дидгоҳи иҷтимоӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта шудааст.

Ковишҳо муайян кардаанд, ки эҷодиёти Низом Қосим ба таври бояду шояд ва фарогир таҳқиқ нашудааст. Ҳол он ки ашъори ӯ дорои аҳамияти адабӣ, таърихӣ, ахлоқӣ мебошад.

Дар натиҷаи пажӯҳиш хулосаи мушаххаси илмӣ бароварда шуда, ки мавзуоти иҷтимоӣ дар осори шоир ба 4 қисм ҷудо мешаванд: 1) баёни ҳолати равонӣ ва иҷтимоии хеш: ғаму андуҳ, дарду ҳасрат ва гила аз зиндагӣ; 2) шеърҳое, ки ба шахсиятҳои машҳури адабию фарҳангӣ ва дигар касбу кор бахшида шудаанд. Ин гуна ашъор, дар навбати хеш, боз ба ду қисм ҷудо мешаванд: а) дорои хусусияти тавсифӣ; б) инъикоси ранҷу ҳасрати зиндагӣ. Дар ин мақола қисми дуюми ин қабил шеърҳоро таҳлил шудаанд; 3) вазъи зиндагии аҳли ҷомеа дар даврахои гуногун; 4) масоили дарднок ва ваҳшатноки мардуми ҷаҳон бо истифода аз рӯйдодҳои таърихӣ.

Дар мақолаи фавқ вобаста ба ҳар банди мазкур далоили муътамад аз ашъори ноби Низом Қосим таҳлил ва таҳқиқ гардидааст. Дар радифи баррасии мазмуну муҳтавои шеърҳо, ҳамчунин, жанр, вазн, услубу устухонбандӣ ва саноеи адабии ашъор мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, ки арзиши мақоларо баланд менамояд.

Ба андешаи муаллиф, эҷодиёти Низом Қосим фарогири мавзуҳои гуногуни ҷомеа буда, онро наметавон дар як мақола ба таври мукаммал мавриди таҳқиқ қарор дод. Дар баробари зикри лаҳзаҳои зиндагӣ шоир кӯшиш кардааст, ки шеъри ӯ хонандаро ба худшиносии иҷтимоиву маънавӣ, ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ талқин намояд.

Калидвожаҳо: *шеър, шоир, мавзуъ, вазн, қофия, санъат, жанр, бадеият, адабиёт, иҷтимоъ, ҷомеа, худшиносӣ, меҳандӯстӣ.*

СОЦИАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ В ПОЭЗИИ НИЗОМА КОСИМА

Низом Косим относится к числу любимых, привлекательных, прозорливых, проницательных, красноречивых и талантливых поэтов современности. Некоторые литературоведы рассматривали творчество Нозима Косима в отдельных статьях, однако всестороннего монографического исследования его поэзии не проводилось. Критики и литературоведы, в сравнении с исследованиями поэзии Мумина Каноата, Лоика Шерали, Бозора Собира, Гулназара, Аскара Хакима, Гульрухсор Сафиевой, Фарзоны, Камола Насрулло, не проявляли должного внимания к произведениям Низома Косима.

Учитывая, что в современной таджикской литературе социальная поэзия занимает особое место, в данной статье рассматриваются некоторые социальные аспекты творчества известного поэта, переводчика и драматурга Низома Косима.

Исследование показало, что творчество Нозима Косима не было изучено в должной мере. В то время как его поэзия имеет большое литературное, историческое, нравственное значение.

В результате исследования были сделаны научные выводы, что социальная тематика в стихотворениях поэта делится на 4 группы: 1) выражение своего психологического состояния и социального положения: тревога и печаль, боль и тоска; 2) стихотворения, посвящённые известным деятелям литературы и искусства, лицам других профессий. Такая поэзия, в свою очередь, делится на две части: а) обладающая характером восхваления; б) отражающая жизненные ситуации. В этой статье были рассмотрены стихотворения второй группы; 3) Сетования на жизненное положение общества в различные периоды; 4) Болезненные проблемы народов мира с использованием исторических событий.

В статье каждая данная группа рассматривается и анализируется на основе фактов и свидетельств поэзии Низома Косима. Наряду с анализом содержания поэзии также изучаются

жанр, ритм, стиль, построение и литературное мастерство, что повышает научное значение статьи.

Творчество Низома Косима, связанное с проблемами общества, охватывает различную общественную тематику и в отдельной статье всесторонне и в полной мере рассмотреть её не представляется возможным. Наравне с упоминанием различных моментов жизни, поэт постарался, чтобы читатель извлёк для себя полезные уроки в плане социального и нравственного самопознания, патриотизма и национального самосознания.

Ключевые слова: *стихотворение, поэт, тема, ритм, рифма, искусства, жанр, художественность, литература, социум, проблема, общество, самопознание, любовь к Родине.*

DISCUSSION ON SOCIAL PROBLEMS IN THE POETRIES OF NIZAM QASIM

Nizom Qosim is one of our favorite poets. A number of literary critics have considered and analyzed the works of Nizam Qosim in their separate articles, but scholars have not conducted a comprehensive study of the poet's poems. The interest of critics and literary critics in the works of Nizam Qosim is less than in the poetry of Mumin Qanoat, Loiq, Bozor, Gulnazar, Askar Hakim, Gulrukhsor, Farzona, Kamol Nasrullo and others.

Taking into account the special place of social poetry in modern Tajik literature, in the article the poems of the poet, translator and dramatist Nizom Qosim have been studied from a social point of view.

Researchers have found that Nizam Qosim's work has not been properly and comprehensively studied. However, his poems have literary, historical, moral and other significance.

As a result of the research, a specific scientific conclusion was drawn that social issues in the works of the poet are divided into 4 parts: 1) An expression of his mental and social state: grief, pain and resentment from the incompatible life; 2) Poems dedicated to famous literary and cultural figures and other professions. Such poems, in turn, can be divided into two parts: a) descriptive; B) a reflection of the pain and sorrow of life. In this article, we have analyzed the second part of such poems; 3) Complaints about the poor living conditions of the country's population at different times; 4) Painful and horrible problems of the peoples of the world using historical events.

In the article on each of these points is analyzed and researched reliable evidence from the poems of Nizam Qosim. Along with the consideration of the content of the poems, as well as the genre, weight, style and industrialization of the poems, the literature is studied, which increases the value of the article.

Nizam Qosim's work on the problems of society covers a wide range of topics and cannot be fully explored in a single article. Along with mentioning the unpleasant moments of life, the poet tried to instill in the reader a sense of social and spiritual self-awareness, patriotism and national self-awareness.

Keywords: *poem, poet, subject, weight, rhythm, rhyme, art, genre, literature, community, problem, society, self-knowledge, patriotism.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Маҳкамов Дороҷон Суҳробҷонович – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, докторанти (PhD) соли дуюми кафедраи назария ва таърихи адабиёт. Нишонӣ: 734019, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6. Тел.: (+992) 934 45 56 56, E-mail: doro.suhrobi@mail.ru*

Сведения об авторе: *Махкамов Дороджон Суҳробджонович – Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, докторант (PhD) второго года обучения кафедры теории и истории литературы. Адрес: 734019, город Душанбе, улица Мухаммадиева 17/6. Тел.: (+992) 934 45 56 56, E-mail: doro.suhrobi@mail.ru*

About the author: *Mahkamov Dorojon Suhrobjonovich - Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda, post-graduate student of the Department of Theory and History of Literature. Address: 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. Phone: (+992) 934 45 56 56, E-mail: doro.suhrobi@mail.ru*

ТДУ: 821.222.8-95

“МАҶМАЪ-УЛ-ФУРС”-и СУРУРИИ КОШОНӢ ВА АРЗИШИ ИЛМИЮ АДАБИИ ОН

Султонова Г.А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

«Маҷмаъ-ул-фурс» ё «Фарҳанги Сурурии Кошӣ» ба қалами Қосим ибни Ҳоҷӣ Муҳаммад Кошонӣ, маъруф бо тахаллуси Сурурӣ, тааллуқ дошта, таҳрири якуми ин фарҳанг дар солҳои 1599-1600 поён ёфтааст. Сурурӣ таҳрири дуюми луғати худро пас аз таълиф ёфтани “Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ” аз он басе истифода намуда, дар соли 1628 ба итмом расонидааст ва ин нуктаро луғатшиноси маъруфи тоҷик Ҳ.Рауфов низ таъкид менамояд [7, с. 25].

Дар мавриди “Маҷмаъ-ул-фурс” будани номи китоб худи Сурурии Кошонӣ дар дебочаи нахустини фарҳанг зикр менамояд:

“Ва бар ройи маъниорой арбоби идрок махфӣ намонад, ки чун ин китоб маҷмаи ҷамеъ луғати фурс аст, лимуаллифа:

Кард тавфиқ чу дод итмомаш,

Маҷмаъ-ул-фурси Сурурӣ номаш” [8, с. 5]

Дар “Луғатномаи Деҳхудо” ин фарҳанг бо номҳои “Фарҳанги Сурурӣ” ва “Маҷмаъ-ул-фурс” зикр гардидааст [3, с. 32]

Муҳаққиқи луғатшиносӣ С.И. Баевский дар асари “Фарҳангнигории қадимаи форсӣ” дар рӯйхати луғатҳои форсӣ таҳти рақами 52 номи “Маҷмаъ-ул-фурс”-ро зикр намуда, муаллифи онро Муҳаммад Қосим бинни Ҳоҷӣ Муҳаммад Кошонӣ мутахаллис ба Сурурӣ ва соли таълифи фарҳангро 1008 нишон додааст [2, с. 149].

Муҳаққиқ Х.Блохман қайд менамояд, ки дар давоми солҳои 1419-1826 дар минтақаи Ҳинд 10 фарҳанги муҳим таълиф шудааст ва яке аз онҳо “Маҷмаъ-ул-фурс”-и Сурурӣ мебошад [2, с. 149].

К.Г.Залеман ҳангоми омӯзиши фарҳангҳои форсӣ дар китобхонаи Масҷиди Имом Ризои шаҳри Машҳади Эрон ба феҳрасти “Луғатҳои қадимаи форсӣ” фарҳанги “Маҷмаъ-ул-фурс”-и Сурурирро низ дохил намудааст [2, с. 14].

Фарҳанг, асосан, калимаҳои форсиро тафсир мекунад. Ба андешаи адабиётшиноси барҷастаи тоҷик Абулманнони Насриддин, дар садаи ёздаҳуми ҳиҷрӣ фарҳангнависии форсии Ҳинд ҷараёни тозаеро касб кард, ки муҳимтарин сифати он ба ҷамъоварӣ ва танзими вожаҳои асили форсӣ маҳсуб мешавад. Дар ҳамин замина “Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ”, “Фарҳанги Рашидӣ” , “Маҷмаъ-ул-фурс”-и Сурурӣ ва дигар фарҳангҳои чомеъ ва муҳим ба низом омаданд [5, с. 239].

Сабаби таълифи фарҳангро Сурурӣ дар дебочаи китоб чунин иброз медорад: “...чун фақири ҳақир касирулқалб, касирултақсир, бандаи соҳии ҷонӣ Муҳаммадқосим бинни Ҳоҷӣ Муҳаммади Кошонӣ алмутахаллис ба Сурурӣ дар татаббуи ашъори балоғати осори акобир бисёр кӯшида буд ва дар зимни он лобад кутуби луғати араб ва фурс он чи дар миён буд, дида, аммо чун дар татаббуъ ашъор ба луғати фурс бештар эҳтиёҷ мешуд, ҳиммат бар тафаҳҳуси он масруф сохт...”[8, с. 2] Яъне, ҳадафи асосии Сурурӣ аз таълифи фарҳанг шарҳу тавзеҳи ҷамъи калимоти форсӣ бидуни арабӣ аст, ки дар осори бузургони адабиёти форсу тоҷик ба кор бурда шудааст.

Фарҳанг аз муқаддима, 28 боб ва замимаҳо иборат буда, тақрибан 6000 луғатро бо санадҳо шарҳ медиҳад. Замимаҳо истиорот, ибораҳои рехта ва идиомаҳоро дар бар мегиранд. Калимаҳо аз рӯйи ҳарфи якум ба бобҳо, аз рӯйи ҳарфи дуюм ба фаслҳо ҷудо гардида, мувофиқи тартиби алифбои арабии тоҷикӣ чида шудаанд. Дар моддаҳои фарҳанг муаллиф истинод ба фарҳангҳое меовард, ки аз онҳо ин ё маънии калимаро гирифтааст ва баъзан шарҳи онҳоро пурра ҳарф ба ҳарф иқтибос кардааст. Тавассути ин хусусият “Фарҳанги Сурурӣ”, хусусан, нашри аввали он иқтибосҳои арзишманд аз фарҳангҳое, ки то замони мо нарасидаанд, дорад.

Яке аз пажӯҳандагони ин фарҳанг Муҳаммад Дабири Сиёқӣ қимати фарҳангро чунин арзёбӣ менамояд: “Ва он аз лиҳози ҷомеияту иштимол бар шавоҳиди шеърӣ аз каломи устодони куҳани забони форсӣ, зикри маъхаз, нақли ҳар луғат ва баёни асноди маонии мутааддиди луғатӣ ва нақди баъзе маонии вағасу симину ақвол мутақобил бар ҳамаи фарҳангҳои форсӣ, ки дар қуруни гузашта таълиф шудааст, қатъан бартарӣ дорад. Ва агар аз лиҳози теъдоди луғоту ҷомеияти маонии мутааддиди луғат ба пояи комилтарини онон, ки “Бурҳони қотеъ” аз он ҷумла аст, нарасад, ба сабаби шавоҳиди назмӣ ва зикри санаду нақди маонӣ ва зикри ақволи мухталифа қатъан бар он бартарӣ хоҳад дошт ва чун ба шарҳе, ки хоҳем гуфт, дар таҳрир ё ривоёти комили китоб “Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ”-ро низ дар ихтиёр доштааст, бартарии вай бар он фарҳанг низ қатъе хоҳад буд” [8, с. 3].

Дар дебочаи нахустини фарҳанг муаллиф қайд менамояд, ки ҳангоми таълифи таҳрири нахустини асар аз 16 маъхази муътабар истифода мебарад ва дар авоили асри XI онро ба итмом мерасонад [8, с. 23]. Аммо чун ба манобеи тоза, ба монанди “Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ”, “Шомил-ул-луғот”, “Туҳфат-ус-саодат” даст меёбад, фарҳанги худро боз ҳам бо баҳрабардорӣ аз онон комилтару пурратар месозад. Чунонки дар дебочаи дувуми китоб мегӯяд: “Бар замири аксар таъсири мутолиакунандагон, ки чашмаи зулоли табъашон аз ғубори малол масвун бод ва саҳми саодат ба кавкаби иқболашон мақрун мапӯшида намонад, ки дар санаи 1028 муаллифи ин нусха, оне хӯшачини хирмани маонӣ Сурурии Кошонӣ, шарафи мутолиаи фарҳанги Шоҳ Ҷамолиддин Ҳусайни Инҷу, ки дар ин сол аз Ҳинд овардаанд, мушарраф шуд ва ин нусхаро билҳақ баъзе аз луғат ва фавоид аз ғайра гардонид ва фарҳанги мутлақ ҳар ҷо мазкур мешавад, китобе аз он аст ва китоби “Шомил-ул-луғат” таълифи Қароҳисорӣ, ки маонии луғатро ба туркӣ навишта ва фарҳанги “Туҳфат-ус-саодат” таълифи Муҳаммад низ дар ин сол ба назар расид ва чун ин таълиф ба мавриди айём мусаҳҳаҳ гардид”. [8, с. 7].

Ҳамчунин, дар дебочаи нахустини китоб муаллиф ба Абдулмузаффар Аббосшоҳ Баҳодурхон бахшидаи фарҳангро зикр намуда, қасидае дар мадҳи ӯ меорад, ки бо абёти зерин оғоз мешавад:

Шоҳе, ки чакад марг чу хун аз сари теғаш
Миррих фишонад чу шарар озари теғаш.
Пӯшида ҷаҳон ҳар дам аз ӯ хилати фатҳе,
Бо он ки бараҳна аст ҳаме пайкари теғаш... [8, с. 4].

Ҳамин тариқ, фарҳанги “Маҷмаъ-ул-фурс” бо истифода аз маъхазҳои муҳим ва бо истиноди шавоҳиди шеърӣ аз шоирони мутақаддим, шарҳу тавзеҳи вожаҳои аслии форсӣ, ҳамчунин иқтибос аз осори пурарзиши илмию адабӣ ва чун сарчашмаи луғатҳои баъдина дар фарҳангнигории форсу тоҷик аҳамияти хоса касб менамояд ва қобили омӯзиш ва таҳқиқ шуда метавонад.

Муаллифи фарҳанг Сурурии Кошонӣ буда, дар сарчашмаҳои адабӣ дар бораи ӯ баъзе маълумотҳо мавҷуданд.

Дар таърихи адабиёти тоҷик чанде аз арбоби фазлу адаб бо тахаллусҳои Сурурӣ эҷод кардаанд, ки ба воситаи тазкираву баёзҳо аз фаъолияти адабии онҳо огаҳӣ ёфтем.

Яке аз номвартарини онҳо Муслиҳиддин бинни Мустафо ибни Шаъбон, маъруф ба Сурурӣ мебошад. Дар бораи ҷараёни зиндагии Сурурӣ ҳамин қадар маълумот дорем, ки вай чанд муддат дар шаҳри Амосиё зиндагӣ карда “”Хиёбон” -шарҳи “Гулистон”-ро ҳамон ҷо ба анҷом расонидааст ва соли 969 даргузаштааст. Ӯ, ҳамчунин “Шарҳи маснавӣ” (туркӣ) ва “Шарҳи девони Ҳофиз”-ро таълиф намудааст [6, с. 96].

Дигар шоире бо номи Мавлоно Сурурӣ аст, ки ҳамзамони соҳиби фарҳанги мазкур аст (3.955). Аммо ин ҳар ду бо муаллифи “Маҷмаъ-ул-фурс” алоқамандӣ надоранд.

Насаби Кошонӣ низ мансуб ба аксари шуарову удабое, ки аз вилояти Кошон баромадаанд ва зодгоҳи худро ҳамчун тахаллус ба худ гирифтаанд. Дар “Бахши Кошон”-и “Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор”-и Мирзо Тақиуддини Кошонӣ дар бораи аҳволу осори зиёда аз 40 нафар кошониён маълумот дода шудааст.

Бо мақсади дар бораи муаллифи “Маҷмаъ-ул-фурс” маълумот пайдо намудан, ба тазкираву баёзҳои қуруни гузашта муроҷиат намуда, якчанд санадро дар мавриди зиндагӣ ва фаъолияти адабии ӯ пайдо намудем.

Бинобар маълумоте, ки дар “Бахши Кошон”-и тазкираи Тақиуддини Кошонӣ оварда шудааст, Валадуссидқ Мавлоно Ҳоҷӣ Муҳаммад кафшдӯз буда, дар хидмати падар ин касбро пеша намудааст ва баъд аз вафоти падараш низ аз ин ҳунар маош ҳосил кардааст. Аммо чун ба илмомӯзӣ шавқу ҳаваси зиёд дошт, аз баҳри ин касб гузашта, ба назди арбоби фазл пайваст [9, с. 588].

Баробари омӯхтани улуми замона дар шеърнависӣ низ истеъдод дошт ва дар ин ҷода ба ашъори мутақаддимин татаббуъ кардааст. Қуввати ҳофизааш ба мартабае буд, ки сӣ ҳазор байти шуарои гузашта ва муосирро ба хотир доштааст.

Дар бораи фаъолияти луғатнигорӣ ва таълифи “Маҷмаъ-ул-фурс” соҳиби тазкира қайд менамояд: “...ва низ дар илми луғат ва тасҳеҳ чи арабӣ ва чи форсӣ ва чи назму наср салиқааш дар ниҳояти расоӣ аст ва зеҳнаш дар ғояти ҷудат ва зебоӣ ва бисёр комилтабиату мунтаҳивазъ афтода ва ҳамвора авқот дар маҷолисат аҳли илму фазл ба таҳсили маҷду маолӣ масруф медорад ва ҳамагӣ рӯзгори фархундаосорро ба тасҳеҳи алфозу таҳқиқи маъонӣ ва тартиби далоил ва танқеҳи моил ва истикшофи асрори улуми ақлӣ ва иститлои ҳақоиқи нақлӣ сарф менамояд. Ва дар ин вало китобе дар луғоти фурс таълиф намуда мавсум ба “Маҷмаъ-ул-фурс” ҳалли луғоти мушкилоти “Хамса”-и Шайх Низомӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) ва дигар шуарои мутақаддимин фармуда ва дар он нусхаи нафиса, фавоиди ғарбия ва нукоти аҷиба дарҷ сохта ва хулосаю зубдаи луғоти фурс ва ғайри онро бо аглоти луғатнависони дигар бар манзаи арз ниҳода ва бешоибаи такаллуф, доноёни он қину мустаидони сухан дар он ҷамъу таълиф ҳайронанд” [9, с. 589].

Дар ин тазкира аз ашъори Сурурии Кошонӣ 23 қасида ва соқинома, 11 ғазал, 1 қитъа, 8 рубоӣ ва як байт мақтаи ғазал сабт гардидааст. Барои собит намудани истеъдоди шоирии Сурурии Кошонӣ якчанд байт аз ашъори ӯ намуна оварданро лозим донистем.

Аз ғазалиёт
Лаби ту зинда кунад муъҷизи Масеҳоро,
Қадат ба хок фишонад ниҳоли Тӯборо.
Ба дафъи чашми бад аз сӯзи худ даме сад бор,
Сипанди оташи дил мекунам сӯйдоро.
Зи рашки он ки саборо бар ӯ гузар набуд,
Зи ҷон ҳисор кунам хоки он кафи поро.
Фазо барои мукофоти пири Канъонӣ,
Сапед сохт зи ғам дидаи Зулайхоро. [9, с. 592]
***
Рубоӣ
Пайкони туро, ки ҷон нисораш кардам,
Чун рози ниҳон дар дили зораш кардам.
То ҷон накашад бӯйи гул доғашро,
Чун лола дили хеш ҳисораш кардам. [9, с. 595]

Соқинома
Соқӣ, бидеҳ он оинаи рӯйи карамро,
Он шуълазан хирмани андуҳу аламро.
Хуршед буд бар сари ӯ парчами мушкин,
Аз ҷоми шуоаш бифарозад чу аламро.
Ҳар зарраи хокаш шавад аз шавқ машоме,
Гар бод барад бӯй аз ӯ турбати Ҷамро.
Ҳар бод, ки бӯе барад аз вай шукуфонад,
Чун нафхаи гулзари ирам бахти дижамро.
З-ин лаъл мураввақ қадаҳе пур ба ман овар,

То барканам аз саъйи ту паймонаи ғамро.
Аз ҷом чу шамъи рухаш афрӯхта гардад,
Парвонасифат ақл аз ӯ сӯхта гардад. [9, с. 584]
***
Байт
Сурурӣ, нақди ҷон дар пояш афшонам вале тарсам,
Ки осебе расонад аз гаронӣ пойи ҷононро. [9, с. 594]

Аз абёти фавқуззикр аён мешавад, ки Сурурии Кошонӣ дар шеърнависӣ низ истеъдоди хуб дошта, ашъораш дар пайравии шуарои мутақаддими форсу тоҷик суруда шудааст ва сабку услуби ӯ хоси адабиёти ҳамон давр аст.

Волаи Доғистонӣ дар тазкираи "Риёз-уш-шуаро" дар бораи Мавлоно Муҳаммадқосими Сурурӣ маълумоти мухтасаре дода мегӯяд, ки аслан Кошӣ аст, дар Сифоҳон умр ба сар бурда, дар охири умр дар Ҳиндустон зиндагӣ кардааст ва фарҳангаш дар луғати фурс машҳур аст. Ҳамчунин аз ашъори Сурурӣ абёти зеринро сабт намудааст:

Ба саҳрои ғамат манзил гирифтам,
Чу саҳро кӯҳи ғам бар дил гирифтам.
Дами бисмил ба дасте домани ҷон,
Ба дасте домани қотил гирифтам.
***
Рӯяш чу ба зери зулф дидам,
Гуфтам субҳе нуҳуфта дар шом.
Бо сайёдони чашми масташ
Хуршед фикандаанд дар дом. (3.996)

Ғиёсуддини Ромпурӣ дар тавзеҳи моддаи луғавии "Маҷмаъ-ул-фурс" мегӯяд, ки таълифи Ҷалол Муҳаммадқосим аст. Аммо дар ҳеҷ як маъхаз номи "Ҷалол" ба назар нарасид ва худи соҳиби фарҳанг дар дебочаи нахустини китоб дар мавриди сабаби таълифи фарҳанг ному насаби худро Муҳаммадқосим бинни Ҳоҷӣ Муҳаммади Кошонӣ алмутахаллис ба Сурурӣ (8.2) зикр кардааст ва ин истинод дар мавриди ному насаби ӯ дигар ба баҳс ҷо намемонад.

Адабиётшиноси рус Баевский С.И. дар бораи нусахи қадимтарини "Маҷмаъ-ул-фурс" дар феҳрасти дастнависҳои Донишкадаи халқҳои Осиёи Академияи илмҳои ИҶШС иттилоъ дода, дар мавриди номи луғат ва муаллифи асар низ маълумоти муҳимро қайд менамояд, ки "Маҷмаъ-ул-фурс" бо номҳои "Фарҳанги Сурурӣ", "Луғати Сурурӣ" низ маъмул будааст. Муаллиф Муҳаммадқосим ибни Ҳоҷӣ Муҳаммади Кошонӣ, бо лақаби Сурурӣ машҳур буда, дар охири асри XVI ва аввали асри XVII дар Дошла девони ӯро китобат кардаанд. Соли таваллудаш номаълум, дар Кошон таваллуд шуда, дар Исфаҳон зиндагӣ кардааст. Дар бораи ӯ сайёҳи машҳури итолиёӣ Петро делла Валле дар ёддоштҳои худ қайд намудааст. Баъд аз соли 1008/ 1622-1623 дар Лоҳури Ҳинд зиндагӣ карда, дар роҳи Макка вафот кардааст. Фарҳанг соли 1008/1599-1600 таълиф шуда, ба шоҳ Аббоси 1 (995/1587- 1038/1629) бахшида шудааст [1, с. 33-34].

Маълумоте, ки аз сарчашмаҳои мазкур ҷамъоварӣ карда шуд, нишон медиҳанд, ки Муҳаммадқосим ибни Ҳоҷӣ Муҳаммади Кошонӣ, бо лақаби Сурурӣ машҳур буда, зодаи вилояти Кошон аст. Соли таваллуд ва вафоташ маълум нест. Дар солҳои наврасӣ ҳамроҳи падараш бо касби кафшдӯзӣ машғул мешавад, аммо баъд аз вафоти падар барои илмомӯзӣ бештар саъю талош меварзад ва ба аҳли фазл мепайвандад. Ҳамин тавр дар шеърнависӣ ва луғатдонӣ ба пояи баланд мерасад. Соли 16008 фарҳанги "Маҷмаъ-ул-фурс"-ро ба анҷом мерасонад ва ба шоҳ Аббоси 1 (995/1587- 1038/1629) мебахшад. Шоҳ Аббос фарҳангро чӣ тавр қабул мекунад ва чӣ гуна қадрдонӣ менамояд, дар ягон маъхаз зикр нашудааст. Мавлоно Сурурӣ чун ба маъхазҳои нав даст меёбад, бори дигар фарҳангашро такмилу тасҳеҳу таҳрир намуда, соли 1628 ба анҷом мерасонад. Девонаш низ дар аввали асри XVII дар Дошлаи Ҳиндустон китобат карда шудааст. Бештари умрашро дар Исфаҳон ба сар бурда,

солҳои 1622-1623 ба Ҳиндустон меравад ва ҳангоми ба шаҳри Макка рафтан дар роҳ вафот мекунад.

Аз тафаҳҳуси феҳрасти нусхаҳои хаттии кутуби форсии китобхонаҳои муътабар маълум гардид, ки “Маҷмаъ-ул-фурс”-и Сурурӣ аз фарҳангҳои маъмули интишорёфта ба ҳисоб рафта, дар замони худ ва минбаъд низ дар сарзамини Ҳиндустон, Осиёи Миёна ва Эрон ҳамчун луғати ҷомеи форсӣ шуҳрати беандоза доштааст. Хаттотону котибони бисёре ба китобати ин фарҳанг даст задааанд ва нусхаҳои гуногуни он дар китобхонаҳои бузурги кишварҳои Руссия, Франсия, Туркия, Эрон, Ҳиндустон, Покистон ва Узбекистон то ҳол маҳфуз аст. Аммо он нусхаҳо аз ҳамдигар то андозае фарқ доранд. Яке аз сабаби тафориқи нусхаҳо дар он аст, ки фарҳанг аз ҷониби худи Сурурӣ дуюм бор таҳрир шуда ва дар ду нусха паҳн гардидааст. Дигар аз ҷониби котибон ҳангоми нусхабардорӣ ворид шудани тағйироти ихтиёрӣ ва ғайриихтиёрӣ. Боиси таъкид аст, ки аксар нусхаҳои фарҳанг дар охир қисми “Истиорот ва киноёт” надорад. То он ҷое, ки дар бораи баъзе нусхаҳои хаттии ин фарҳанг иттилоъ ёфтем, дар ин ҷо мухтасар баён менамоем.

1. Дар фонди дастхатҳои китобхонаи халқии Диёри Бикри Туркия, бо номи “Луғати Сурурӣ”-и Сурурӣ, таҳти шумораи 2555. Хатти настаълиқ, номи котиб Бобоуллоҳи Қалӣ бинни Бобоҳусайни Табрезӣ, таърихи китобат 1045 ҳиҷрӣ-қамарӣ; (13,84)

2. Дар фонди китобхонаи “Домоди Иброҳимподшо”-и Навшаҳри Туркия, бо номи “Луғати Сурурӣ” (“Маҷмаъ-ул-фурс”-и Сурурӣ)-и Сурурӣ таҳти шумораи 158. Хатти настаълиқ, бидуни номи котиб, бидуни таърихи китобат; (13,137)

3. Дар феҳрасти нусхаҳои хаттии форсии китобхонаи Донишгоҳи Истамбул, таҳти рақами IUK. FY.684- (684). Бо номи “Фарҳанги Сурурӣ” (Маҷмаъ-ул фурс), хатти настаълиқ, таърихи китобат ҷумод-ул-аввали 1064 ҳиҷрӣ; (14.685)

4. Дар феҳрасти маҷмуаи Фурут Виллиём Колиҷ (Калкутта) дар китобхонаи Оршеви миллии Ҳинд- Деҳлии нав, бо нишондоди 102 Acc.No.105. шумораи 496 қайд шудааст. Хат: настаълиқ, номи котиб ва таърихи китобат номаълум; [11, с. 40].

5. Дар феҳрасти дастнависҳои Институти халқҳои Осиёи Академияи илмҳои ИҶШС (Ленинград) якчанд нусхаҳои фарҳанг мавҷуд аст:

А) таҳти рақами B563 (478).

Ин нусха соли 1619 дар Эрон китобат шуда, дар ҳавошӣ аз дигар луғатҳо низ тааллуқоте дорад. Бо хати настаълиқ иншо шудааст. Котиб Сулаймон;

Б) B 564 (478 b).

Соли китобат 1040/ 1631 макони китобат Эрон , бо хати астаълиқ;

В) C 803 .

Соли китобат 1059/ 1649 макони китобат Эрон, котиб Муҳаммад Солеҳ;

Г) C318 (478a).

Санаи иншо 1103/1692, макон Машҳад, котиб Ибн Ҳайдар Муҳаммад Қорӣ Ризои Сабзаворӣ;

Ғ) C319 (478a b).

Сани китобат 1817, дар Эрон, барои шоҳзода Аъзам Маҳмуди Мирзо;

Д) B 1157.

Санаи китобат 1827-1828 дар Эрон;

Е) O 423.

Дар асри X1X дар Эрон китобат шудааст; (1. 33-37)

6. Дар феҳрасти нусхаҳои хаттии форсии музейи миллии Покистон дар Карочӣ, шумораи қайд: N.M.1957-1053/15.

Хатташ настаълиқ, соли 1067 ҳиҷрӣ аз ҷониби Абдулваҳоб бинни Абдулкарим китобат шудааст; (15.343)

7. Дар феҳрасти нусхаҳои хаттии форсии Институти ховаршиносӣ, (милали Осиёӣ) Фарҳангистони улуми Русия низ чанд нусхаи қадимии ин фарҳанг вуҷуд дорад:

А) шумораи сабт: B-543,

таърихи китобат 1068 ҳ.қ.
Б) дигар нусха
шумораи сабт: В-564,
таърихи китобат 1040 ҳ.қ.
В) дигар нусха
шумораи сабт: В-1157,
таърихи китобат 1243.
Г) дигар нусха
шумораи сабт С-319,
таърихи китобат 1103 ҳ.қ., маҳалли китобат Машҳад
Ғ) дигар нусха
шумораи сабт С-803,
таърихи китобат 1059 ҳ.қ.
Д) дигар нусха
шумораи сабт Д-423; [12, с. 387]

8. Дар чилди чоруми феҳрасти дастхатҳои форсии китобхонаи миллии Париж, таҳти № 995-998. Бо хатти настаълиқи ҳиндӣ, котиб Сайид Муҳаммад Хутанӣ, замони китобат моҳи сафари соли 1208 ба соли 1793 рост меояд; [10, с. 349]

9. Дар дафтари амволи китобхонаи Ҳоҷӣ Салим Оғо (Искандари Истамбул), таҳти рақами 1671; [13, с. 69]

10. Дар фонди дастнависҳои китобхонаи Валиуддини Афандӣ (Истамбул, Туркия) , таҳти рақами 3152, бо хати насх; (13.581)

Мувофиқи маълумоти С.И. Баевский дар китобхонаи Масҷиди Имом Ризои шаҳри Машҳади Эрон дар феҳрасти “Луғатҳои қадимаи форсӣ” дар қатори дигар луғатҳо “Маҷмаъ-ул-фурс”-и Сурурӣ низ мавҷуд буда, К.Г.Залеман низ аз он истифода бурдааст [2, с. 14]

Ҳамчунин, бар иттилои луғатшиноси мазкур дар китобхонаи Хоҷа Халифаи Машҳад ва дар фонди дастхатҳои Институти Шарқшиносии АФ РРС Ӯзбекистон (Тошканд) нусхаҳои ин фарҳанг мавҷуд аст [2, с. 16-18)

Интишоркунандаи охирини ин фарҳанг Дабири Сиёқӣ ҳангоми таълифи асар аз панҷ нусха истифода бурдааст, ки яке таълифи Саид Нафисӣ, дигаре чопи Константин Аюнов Чайкин -муншии собиқ сафорати Рус дар Теҳрон, таърихи таҳрири он соли 1060 ҳиҷрист. Се нусхаи дигари дастиро аз Ҷаъфар Султонқароӣ (соли таълиф 1054), устод Маҳдӣ ва Аҳмад Афшори Шерозӣ дастрас карданашро мегӯяд, аммо замону макони китобат ва таълифкунандаи он маълумоти кофӣ намедиҳад.

Аз баррасии мавзуи мазкур чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст:

1. Фарҳанги “Маҷмаъ-ул-фурс” дар аввали асри XVII аз тарафи Қосим ибни Ҳоҷӣ Муҳаммад Кошонӣ, маъруф бо тахаллуси Сурурӣ таълиф гардидааст.

Вазифаи ташкилии ТИК бозгашти донишҷӯёнро ба раванди таълим, инфиродикунонии қисмҳои таълимии корҳои синфӣ ва беруназсинфиро вобаста ба мавзуи интихобшуда таъмин менамояд, инчунин, вақт барои иҷрои вазифаҳои мустақилонаи донишҷӯён ҷудо мекунад.

Вазифаи назоратӣ ва санҷишии ТИК имконоти назорати автоматикунонидашудаи тамоми ҷанбаҳои фаъолияти таълимӣ аз ҷониби муаллим ва шахсони дигари муассисаҳои таҳсилоти олӣ, инчунин дар амалисозии худидоракунии донишҷӯён тавассути саривақт тасаввур кардани нишондиҳандаҳои омӯзиш зоҳир мешавад.

Ҳангоми ташкили дурусти раванди таълими забони хориҷӣ бо мақсади ташаккули салоҳиятҳои касбӣ – лингвистии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонӣ, ҳавасмандии худомӯзии донишҷӯён меафзояд ва муносибати бошуурона ба ҷараёни таълим дар онҳо рушд мекунад.

Набудани шавқ ба омӯхтани забони хориҷӣ аз ҷониби донишҷӯён, ин аз бисёр ҷиҳат ба мустақилона ташкил кардани фаъолияти таълимии онҳо ва якрангу анъанавӣ будани раванди таълим вобаста аст. Дар ҷараёни истифодаи ТИК ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ донишҷӯён иштирокчиёни фаъоли ин раванд мешаванд.

Дар маҷмуъ, вазифаи таҳияи системаи меъёрҳои самаранокии истифодаи ТИК дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти олӣ тибқи равияи касбӣ ба ду қисм тақсим карда мешавад [3, с. 3-9]:

1) таҳияи системаи меъёрҳои арзёбии самаранокии истифодаи воситаҳои ТИК аз ҷониби омӯзгор дар синф;

2) таҳияи системаи нишондиҳандаҳо барои арзёбии самаранокии истифодаи

воситаҳои ТИК дар фаъолияти муассисаҳои таълимӣ.

Дар иртибот ба ин, И.А. Зенина муносибати ҳалли ҳарду масъаларо дар асоси ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои мураккаби таснифшуда барои гурӯҳи меъёрҳо пешниҳод мекунад [3, с. 3-9]. Барои вазифаи аввал, инҳо меъёрҳои баҳои методологии дарс бо истифода аз ТИК мебошанд ва самаранокии истифодаи ТИК ва сифати татбиқи ТИК, ки арзишҳои нишондиҳандаҳои онҳо дар доираи арзёбии коршиносон ва санҷиши назоратии шунавандагон дар ҳудуди муайян муқаррар карда мешаванд.

Барои вазифаи дуюм, гурӯҳҳои меъёрҳо дар асоси баҳодиҳии сатҳи умумии таҷҳизоти муассисаҳои таҳсилоти олӣ тавассути ТИК ва истифодаи онҳо дар раванди таълим, корҳои методӣ ва дар равандҳои идоракунӣ интихоб карда мешаванд. Сатҳи муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои таҳсилоти олӣ тавассути ТИК барои гурӯҳҳои дигари меъёрҳо ҳалкунанда мебошад, зеро он ба сифатҳои миқдории имкониятҳои ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳангоми истифодаи ТИК дар корҳои таълимию методӣ, инчунин таркиби усулҳои татбиқи онҳо дар дарсҳо ва дар кори мустақилонаи донишҷӯён кумаки бевосита мерасонад.

Арзёбии ҳамаҷонибаи маҷмуи нишондиҳандаҳои нисбии меъёрҳои инфиродӣ сатҳи методологӣ, самаранокӣ ва арзёбии истифодаи воситаҳои ТИК-ро дар ташаккули салоҳиятҳои касбӣ – лингвистии донишҷӯён ҳамаҷониба инъикос мекунад.

Ҳамин тариқ, арзёбии ниҳоии самаранокии истифодаи воситаҳои ТИК на танҳо аз рӯи шумораи таҷҳизоти компютерии дар муассисаҳои таҳсилоти олии мавҷудбуда, таҷҳизоти электронии лабораторӣ, тахтаҳои интерактивӣ, видеопроекторҳо, синфхонаҳои лингофонӣ ва ғайраҳо дар асоси нишондиҳандаҳои истифодаи воқеии ТИК, балки дар соҳаи таълим, корҳои методӣ ва ташкилии муассисаҳои таҳсилоти олӣ, инчунин самаранокии ин фаъолият арзёбӣ карда мешавад [3, с. 3-9].

Яке аз шартҳои муҳимтарини истифодаи бомуваффақияти ТИК дар таълими забони англисӣ тайёр намудани мутахассисон ва кадрҳое, ки дар ҳамбастагӣ бо забони хориҷӣ истифодаи технологияҳои муосири иттилоот- коммуникатсиониро хуб медонанд дар бар мегирад. Имрӯзҳо масъалаҳои бозомӯзии кадрҳои забондон ҳамчун масъалаи зери таваҷҷуҳи пайвастаи ҳукумат қарордошта боқӣ мондааст.

Дар маҷмуъ, мо метавонем ду усули муттаҳидшударо оид ба арзёбии самаранокии истифодаи воситаҳои ТИК дар соҳаи маориф – сифатӣ ва миқдорӣ фарқ кунем. Усули сифатӣ ба меъёри асосии раванди таълим - сифати таълим ва ҷузъҳои он дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ асос ёфтааст. Нишондиҳандаҳои ин равиш ҳаҷми дониш, маҳорат, малака, мукаммалии омӯзиш, мутобиқат, пурмазмунӣ, иқтидор, самаранокӣ, муассирӣ, сатҳи фаъолияти маърифатӣ ва ҳавасмандии тарбиягирандагон ва ғайра мебошанд. Барои ба даст овардани чунин баҳои сифатӣ, муҳаққиқон бо усулҳои тавсифӣ, пурсишҳои коршиносон, саволномаҳо бо истифода аз нишондиҳандаҳои эътибор, эътимоднокӣ, вазн ва ғайра амал мекунанд. Бо назардошти хусусиятҳои шаклҳо ва усулҳои истифодаи ТИК дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, дараҷаи инфиродӣ ва тамоюли касбии омӯзиш, шиддатнокии истифодаи ТИК, баланд бардоштани эътимоднокӣ ва дақиқии натиҷаҳои бадастомада кӯшиш ба харҷ дода мешавад.

Ҳангоми арзёбии самаранокии истифодаи ТИК дар раванди таълим, албатта хусусиятҳои сифатиро ба назар гирифтан лозим аст, зеро ин ба даст овардани тасвири объективиро ба шакли куллӣ осон мекунад. Бо истифода аз маҷмуи меъёрҳо, ба монанди сифати азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаҳо, иқтидори азхудкунӣ, ҳавасмандӣ, фаъолият, инчунин сарфаи вақти таълим имкон медиҳад, ки баҳои мувофиқи миқдориро пурра кунанд.

Усули миқдорӣ имкон медиҳад, ки баҳои самараноки системаи дидактикии таълим дар асоси истифодаи ТИК баҳо дода шавад ва ба ташаккули салоҳиятҳои касбӣ – лингвистии донишҷӯён замина гардад. Барои ҷамъоварии маълумоти ибтидоӣ ченакҳои мустақим ё ғайримустақими ҷузъҳои гуногуни раванди таълим, инчунин баҳодиҳии ададии параметрҳои мувофиқи салоҳиятҳо истифода мешаванд. Ҳамзамон, гуфтан мумкин аст, ки имрӯз

системаи ташаккули салоҳиятҳои касбӣ – лингвистии донишҷӯён ба қадри кофӣ таҳия нашудааст, аммо ба туфайли истифодаи воситаҳои ТИК имкон фароҳам меояд, ки раванди азхудкунии дониш аз ҷониби донишҷӯён дақиқ арзёбӣ карда шавад. Ҳамзамон, масъалаҳои муайян кардани роҳҳо, шаклҳо ва усулҳои мувофиқи ташкили фаъолияти таълимӣ дар муассисаҳои тҳсилоти олии ғайризабонӣ дар асоси баҳогузории самаранокии ТИК аз рӯи натиҷаҳои ташаккули салоҳиятҳои касбӣ – лингвистии донишҷӯён чунин арзёбӣ мегардад:

1. Дар шумораи зиёди нашрияҳои илмӣ ва методӣ шарт ва ҳадафи асосӣ на он қадар зарурати такмили раванди таълим, балки рушди неруи имконпазири воситаҳои ТИК дар ташаккули салоҳиятҳои касбӣ – лингвистии донишҷӯён мебошад, ки мавҷудияти онҳо афзалиятнок ҳисобида мешавад. Дар ин замина, имкониятҳои ҳалли вазифаҳои дастрас ва ба осонӣ татбиқшаванда тавассути ТИК (афзоиши аёният, интерактивӣ, назорати амалиётӣ, ташаккули малакаҳои маъмулӣ, ташаккули салоҳиятҳо) ҳал карда мешаванд.

2. Амалияи истифодаи васоити таълимии ТИК дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад, ки ин раванд бо мақсади баланд бардоштани самаранокии ташаккули салоҳиятҳои касбӣ – лингвистии донишҷӯён пешбинӣ гардидааст. Ноил шудан ба натиҷаҳои куллии таълими самаранок бо истифода аз ТИК дар доираи парадигмаи анъанавӣ ва муҳити омӯзиш ғайриимкон аст, зеро муҳити таҳсилот на дар ҷанбаҳои технологӣ ва на аз ҷиҳати истеҳсолӣ аз нав сохта намешавад. Аз ин рӯ, чунин таҳлил бояд дар доираи моделҳои нави омӯзишӣ гузаронида шавад, ки имкониятҳо ва вазифаҳои мушаххаси воситаҳои ТИК-ро бо мақсади ташаккули салоҳиятҳои касбӣ – лингвистии донишҷӯён ба таври кофӣ инъикос кунанд.

3. Асосӣ (мундариҷаи) муҳити таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонӣ муҳимтарин омили самаранокии татбиқи дастгирии раванди таълим дар заминаи истифодаи ТИК мебошад. Аммо, ҳангоми баррасии муҳити таълимӣ дар асоси ТИК қисми зиёди муҳаққиқон ба ҷузъи амалии он диққат медиҳанд - воситаҳо, манбаъҳо ва захираҳои иттилоот, воситаҳои фаъолият ва алоқа. Дар баробари ин, мундариҷа ба таври кофӣ таҳлил карда намешавад – маҷму-и субъектҳо ва объектҳои муҳити таълимӣ, инчунин мундариҷаи таълим ва фаъолияти таълимӣ.

Ҳамин тавр, арзёбиҳо ва хулосаҳои бадастомада барои ноил шудан ба натиҷаҳои назарраси раванди таълим тавассути афзоиши самаранокии усулҳои нав ва технологияҳои педагогӣ дар шароите равона карда шудаанд, ки ба натиҷаҳои куллии нави таълимӣ ноил гардидан мумкин аст [4].

Имкониятҳои иловагии ТИК-и муосир иттилооти матнӣ мебошад, ки дар соддагардонии навиштаҷоти гуногун барои корбарони компютер зоҳир мешавад. Масалан, донишҷӯён метавонанд танҳо порчаҳои матнро аз форумҳои мусоҳиба то системаҳои ҷустуҷӯӣ барои дастрасии ҳалли имконпазир нусхабардорӣ кунанд. Ғайр аз он, матнҳо ва мундариҷаи графикии веб-захираҳоро ба осонӣ тавассути почтаи электронӣ бо дигар аъзоёни гурӯҳ ё муаллимон тақсим кардан мумкин аст. Ҳамин тариқ, маълумоти матнӣ метавонад ба осонӣ байни платформаҳои гуногуни таъминоти барномавии ТИК интиқол дода шавад, ки тавассути кам кардани вақти амалиётии он шумо ба муттасилии фаъолияти муштарак ноил шавед.

Илова бар омӯзиши муштарак, истифодаи воситаҳои ТИК дар таълими инфиродӣ имкон медиҳад, ки ташаккули ҳавасмандии мусбати омӯзиш ва манфиати устувори маърифатии донишҷӯён, барои фаъолияти мустақилонаи эҷодӣ ва рушди қобилияти маърифатии шароити педагогӣ фароҳам оранд. Мустақилияти дар ҷараёни чунин фаъолият амалишаванда ба туфайли амалия шакли маъмули рафтор мегардад.

Бо боварии комил гуфта метавонем, ки ворид намудани технологияҳои нави иттилоотӣ -коммуникатсионӣ ба раванди таълим маънои ба таври худкор беҳтар шудани тайёрии донишҷӯёнро дорад. Бояд аз ҷониби муаллим самти огоҳонаи ин раванд ба миён ояд, ки вазифаи ӯ таълим, роҳнамоии донишҷӯён ва якҷоя сохтани донишро идома хоҳад дод. Аммо муаллим ба таври иловагӣ бо василаҳои васеи техникӣ, таъминоти барномавӣ ва манбаъҳои иттилоотии таълимӣ мусаллаҳ хоҳад шуд, ки бояд на ҳамчун объектҳои омӯзиш,

балки ҳамчун василаи такмил додани раванди таълим баррасӣ карда шаванд.

Технологияҳои нави иттилоотиву коммуникатсионӣ донишҷӯёнро ба раванди таълим ҷалб мекунанд ва яке аз манфиатҳои асосии онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонӣ ташаккули салоҳиятҳои касбӣ – лингвистии донишҷӯён ба шумор меравад. Аз ин рӯ, истифодаи ТИК дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ ба ташаккули ҳавасмандии мусбии донишҷӯён мусоидат мекунад. Афзалияти истифодаи ТИК дар он аст, ки он метавонад сатҳи касбии муаллимонро баланд бардошта, барои такмил додани раванди таълим ва тамоми системаи маориф шароитҳои заруриро фароҳам орад. Технологияҳои нави иттилоотие, ки дар соҳаи маориф ҷорӣ карда шудаанд, ба сатҳи сифатан нав баромадани раванди таълими кишвар ва омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат мусоидат мекунанд.

Тавре ки ба ҳамагон маълум аст, баланд бардоштани сифат ва самаранокии омӯзиш дар раванди таълими мақсадноки забонҳои хориҷӣ бидуни ташкили заминаи мувофиқи ташаккули салоҳиятҳои касбӣ – лингвистӣ ва методологии донишҷӯён натиҷабахш намебошанд.

Пас, мо метавонем хулоса барорем, ки салоҳиятҳои касбӣ -лингвистиро ҳамчун як раванди рушди шахсият ва омодагии касбӣ ифода кардан мумкин аст. Таҳти ин мафҳум дар раванди таълим мо маҷмуи салоҳиятҳои азхудкунии донишҳо ва маҳорати касбиро мефаҳмем, ки ба донишҷӯ имкони афзоиши миқдори зарурии дониш, маҳорат ва малака, инчунин таҷрибаи истифодаи минбаъдаи онҳо дар соҳаи касбияти хеш барои татбиқи бомуваффақияти фаъолият бо назардошти талаботи муосирро медиҳад.

Ҳамин тариқ, салоҳиятҳои касбӣ – лингвистӣ тавассути ТИК талаботро барои азхудкунии дониш, маҳорат, малака ва таҷрибаи истифодаи онҳо дар раванди таълими касбият дар бар мегирад ва натанҳо азхудкунии салоҳиятҳо (умумии фарҳангӣ, касбии умумӣ ва касбӣ) дар раванди таълим, балки ташаккули сифатҳои дахлдори шахсии мутахассисро низ таъмин менамояд.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

1. Байденко, В.И. Болонский процесс: проблемы, опыт, решения. – М.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2006. – С. 79-87.
2. Беспалько, В.П. Программированное обучение: Дидактический аспект. - М.: Педагогика, 1970. – 300 с.
3. Зенина, И.А. Вопросы эффективности использования средств информационно-коммуникационных технологий (ИКТ) в условиях современной школы и проблема выработки критериев для её оценки //Критерии эффективности использования средств информационно-коммуникационных технологий в образовательном учреждении: методические материалы. - Ростов-на-Дону: ЦИО г. Ростов-на-Дону, 2012. - С. 3-9.
4. Кодиров, К.Б. Дидактические аспекты применения информационных технологий обучения в вузе /К.Б.Кодиров, А.Мирзоев. - Душанбе, 2006. -138 с.
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020», 2012, №334. [манбаи электронӣ]. URL: http://maorif.tj/storage/Dokument's/Barnomaho/85bef317aed011a78e9f15c1273d6ca7.pdf
6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020», 2011, №227. [манбаи электронӣ]. URL: http://maorif.tj/storage/Dokument's/Barnomaho/ba24a74e3d838d8f893a8dd608f28028.pdf
7. Машбиц, Е.И. Компьютеризация обучения: Проблемы и перспективы. М.: Знание, 1986. – 80 с.
8. Мирзоев, А. Педагогическая технология как метод обучения с использованием технических средств. - Душанбе, 2005. - 69 с.
9. Ниязова, А.Е., Ниязова Р.Е. Формирование коммуникативной компетентности студентов на практических занятиях иностранного языка в вузе. //Материалы международной научно-практической конференции. - Алматы. 2005. - 249 с.

10. Общеевропейские компетенции владения иностранным языком: изучение, обучение, оценка [Текст]: монография / Департамент по языковой политике. – Страсбург; Москва: МГЛУ, 2003. – 256 с.
11. Пассов, Е. И. Содержание иноязычного образования как методическая категория [Текст] / Е. И. Пассов // Иностранные языки в школе. – 2007. – № 6. – С. 13–23.
12. Рахманова, М.Д. Инновационные технологии формирования профессионально-коммуникативной компетентности студентов при обучении английскому языку. дис. ... канд. пед. наук: 13.00.02. - Душанбе, 2016. - 143 с.

ВАЗИФА ВА МЕЪЁРҲОИ АРЗЁБИИ ИСТИФОДАИ ТИК ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБӢ-ЛИНГВИСТИИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ҒАЙРИЗАБОНӢ

Вазифаҳо ва меъёрҳое, ки дар мақола оварда шудаанд, маҷмуи шароити мусоиди педагогии рушди омӯзиши забони хориҷӣ тавассути ТИК-ро муайян намуда, бо мақсади ташаккули салоҳиятҳои касбӣ-лингвистии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонӣ равона гардидааст.

Ба андешаи муаллифони мақола, татбиқи истифодаи ТИК дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонии ҷумҳурӣ ба талаботи муосир ҷавобгӯ мебошад, зеро он воридшавии муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳуриро ба фазои ягонаи таҳсилоти байналмилалӣ таъмин мекунад.

Дар мақола зикр гардидааст, ки дар ҷомеаи муосир ҳангоми ташкили раванди таълими забони хориҷӣ ба донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятҳои касбӣ-лингвистӣ ТИК нақши калидӣ дорад.

Муаллифон эътимод доранд, ки рушди дурнамои таҳсилот ба ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионӣ дар мундариҷаи таълим ва технологияҳои нави таълимӣ тавассути ТИК ба баланд шудани сатҳи салоҳияту касбияти донишҷӯён мусоидат менамояд.

Калидвожаҳо: *малакаҳои касбӣ, салоҳиятҳо, коммуникатсионӣ, забони хориҷӣ, муҳити иттилоотӣ, робитаҳои байнисоҳавӣ, лингвистӣ, ғайризабонӣ, таҳсилоти байналмилалӣ, самаранокӣ, технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ.*

ЗАДАЧИ И КРИТЕРИИ ОЦЕНКИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИКТ В ФОРМИРОВАНИИ ПРОФЕССИОНАЛЬНО-ЛИНГВИСТИЧЕСКИХ СПОСОБНОСТЕЙ СТУДЕНТОВ НЕЯЗЫКОВЫХ ВУЗОВ

Задачи и критерии, изложенные в данной статье, определяют комплекс благоприятных педагогических условий для развития обучения иностранному языку с помощью ИКТ и направлены на развитие профессионально-лингвистических компетенций студентов неязыковых вузов.

По мнению авторов статьи, внедрение ИКТ в процесс обучения английскому языку в неязыковых вузах страны отвечает современным требованиям, так как обеспечивает доступ вузов страны в единое международное образовательное пространство.

Отмечается, что в современном обществе ИКТ играют ключевую роль в организации процесса обучения иностранному языку студентов неязыковых вузов в развитии профессиональных и языковых компетенций.

Авторы убеждены, что развитию образовательных перспектив способствует внедрение инновационных методов в содержание образования и новых образовательных технологий посредством ИКТ для повышения уровня компетентности и профессионализма обучающихся.

Ключевые слова: *профессиональные навыки, компетенции, коммуникационный, иностранный язык, информационная среда, междисциплинарное, лингвистическое, неязыковое, интернациональное образование, эффективность, информационно-коммуникационные технологии.*

TASKS AND CRITERIA FOR ASSESSING THE USE OF ICT FORMATION OF PROFESSIONAL AND LINGUISTIC ABILITIES OF STUDENTS OF NON-LINGUISTIC HIGHER EDUCATION INSTITUTIONS

The tasks and criteria set out in this article define a set of favorable pedagogical conditions for the development of teaching a foreign language using ICT and are aimed at developing the professional linguistic competencies of students of non-linguistic universities. The introduction of ICT in the process of teaching English in non-linguistic universities of the country meets modern requirements, as it provides the country's universities with access to a single international educational space.

In modern society, ICT plays a key role in organizing the process of teaching a foreign language to students of non-linguistic universities in the development of professional and language competencies. The development of educational prospects is facilitated by the introduction of innovative methods in the content of education and new educational technologies through ICT to increase the level of competence and professionalism of students.

Keywords: *professional skills, competencies, communication, foreign language, information environment, interdisciplinary, linguistic, non-linguistic, international education, efficiency, information and communication technologies.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Гадоев Каримҷон Хайруллоевич *– Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, н.и.п., дотсент, мудири кафедраи методикаи таълим. Адрес: Суроғa: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Мухаммадиева 17/6. Тел. моб.: (+992) 98 76 79 400. Суроғаи эл.: gkarimjon@mail.ru*

Холов Меҳриддин Равшанович – *Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, докторанти (PhD) кафедраи методикаи таълим. Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: (+992) 931 14 14 44. E-mail: mr.kholov.94@mail.ru*

Сведения об авторах: *Гадоев Каримджон Хайруллоевич – Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, к.п.н., доцент, заведующий кафедрой методики преподавания. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева17/6. Моб. тел.: (+992) 98 76 79 400. Эл. почта: gkarimjon@mail.ru*

Холов Мехриддин Равшанович *- Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, докторант (PhD) кафедры методики преподавания. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6. Тел.: (+992) 931 14 14 44. E-mail: mr.kholov.94@mail.ru*

Information about the authors: *Gadoev Karimjon Khairulloevich - Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, PhD (Pedagogical Science), docent, head of the department of teaching methods. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. Phone: (+992) 98 76 79 400. E-mail: gkarimjon@mail.ru*

Kholov Mehriddin Ravshanovich *- Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, doctoral student (PhD) of the Department of Teaching Methods. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. Phone: (+992) 931 14 14 44. E-mail: mr.kholov.94@mail.ru*

ТДУ: 378.17

ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ ШАҲРВАНДӢ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ФАНҲОИ ҶОМЕАШИНОСӢ

Шарифов М.Ғ.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Пас аз ба давлати мустақил табдил ёфтани Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати ба таври нав ташаккул додани тамоми пояҳои ҳуқуқие, ки дар асоси онҳо ҳаёти давлати соҳибистиқлол роҳандозӣ мегардад, ба миён омад. Дар шароити ворид намудани ислоҳот дар ҷомеа, нақши асосиро пешомади рушди шахсият ва ба роҳ мондани ҳуқуқҳои он мебозад. Дар ҷомеаи демократӣ "гражданин" (шаҳрванд) симои марказӣ ва асосӣ аст. Дар он ҷо давлат, воқеан пуштибони ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад [3, с. 9].

Дигаргун намудани сохтори куҳнаи идораи иҷтимоӣ дар ҷомеаи нав, ба барҳам хӯрдани институтҳои захиравии ҷамъиятӣ бурда мерасонад. Барои амалӣ намудани ин раванд, мубрамияти бештарро маърифати шаҳрвандӣ ба худ касб менамояд, ки ба эҳсоси шаҳрвандӣ ва арзишҳои ахлоқии мардуми соҳибтамаддун, дорои анъанаҳои таърихӣ ва мавқеъдошта дар кишвар ва ҷаҳони муосир хеле зич марбут мебошад.

Бояд қайд намуд, ки, пеш аз ҳама, давраи гузариш на танҳо ба ҳавёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ, балки ба фазои идеологӣ ва арзишҳои маънавии ҷомеаи мо бетаъсир намонд. Тамоюлҳои мусбӣ ва манфии давраи гузариш дар дарки маънӣ ва ахлоқи ҷавонон таъсири гуногун мерасонад. Илова бар ин, бе маърифати шаҳрвандӣ, нодида гирифтани махсусиятҳои рушди таърихии кишвар, менталитети миллии шаҳрвандони он дар алоқамандӣ бо маърифати сиёсӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ расидан аз имкон берун аст. Бо дарназардошти ҳамин андешаҳо, пайдо шудани саволи «мо дар асоси кадом таҳкурсӣ кӯшиши ташаккули шахсияти шаҳрвандро ба роҳ мемонем? аз эҳтимол дур нест. Бояд қайд намуд, ки дар гузаштаи давлатдории мо, манзурам Иттиҳоди Шуравӣ аст, идоракунии пурқувати авторитарӣ хос буд. Дар замони салтанати Ҳукумати Шуравӣ "гражданин" ё худ "шаҳрванд" дар маънои "шаҳрванди советӣ (шуравӣ)", "одами советӣ", "созандаи ҷомеаи коммунистӣ"-и дорои ақидаҳои коммунистӣ мавриди истифода қарор дошт. Дар масъалаи тарбияи коммунистии хонандагон ва шаҳрвандони шуравӣ консепсияи муштараки идеологӣ вуҷуд дошт, ки дар он хусусиятҳои хос ба ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва миллат ниҳоят кам ба назари эътибор гирифта мешуданд [3, с. 9-10]. Дар алоқамандӣ бо ҳамин андешаҳо саволе ба миён меояд: Чаро мо дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дарси шаҳрвандшиносӣ, ки модели идеалии мавҷудияти ҳуқуқи инсонро фаро мегирад, намеомӯзонем? Оё мо метавонем, ки хонандагонамонро аз норасоиҳо дар ҳаёти ҳамарӯза огоҳ созем? Бо ин кор магар мо дар ташаккули инсони нав як қатор мушкилоти хаёлиро пеш намегузорем? Ба ҷавоби муккамал даъво надошта, бояд қайд намуд, ки шахсияти шаҳрванд дар як вақт на танҳо натиҷа, балки заминаҳои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд мегардад. Аз ҳамин нуқтаи назар ташаккул ва роҳҳои баланд бардоштани маърифат ва тарбияи шаҳрвандӣ, бояд имрӯз ба яке аз вазифаҳои муҳими мактаби муосир табдил ёбад. Агар такя ба имкониятҳову анъанаҳои таърихӣ надошта бошем, омилҳои дигари маърифати шаҳрвандиро пеш аз ҳама, аз оила бархурдор гардидан мумкин аст. Кӯдакон дарси аввалро дар хусуси донишҳои сиёсӣ ва қолабҳои ахлоқӣ аз оила гирифта, эҳсоси муҳаббат ба ватанро пайдо мекунанд. Бидуни тасодуф дар ин бора файласуфи маъруфи англис Ф. Бекон гуфта буд: "Муҳаббат ба Ватан аз оила сарчашма мегирад" [12, с. 5].

Барои ҳалли дурусти ин масъалаҳо қяк силсила санадҳои меъёрӣ, оид ба ба ҳаёту фаъолияти идоракунии давлатии иқтисодиёт, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, сиёсати хориҷӣ, ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, фарҳангӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, ташаккули маърифати шаҳрвандӣ, риояи тартиботи ҳуқуқии дахолатпазир қабул карда шуд. Имрӯз ин масъалаҳо тадриҷан роҳи ҳалли худро ёфта истодаанд. Бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9-уми апрели соли 1997 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми августи соли 1997 «Дар

бораи беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқӣ ва ташаккули маърифати шаҳрвандон» ва як қатор ҳуҷҷатҳои муҳим ба имзо расиданд. Мавриди таваҷҷуҳи насли наврас гардонидани қонуну қарорҳои ҳукумати кишвар вазифаи асосии фанҳои гуманитарӣ, минҷумла илмҳои ҷомеашиносӣ ба шумор меравад.

Омӯзиши фанҳои ҷомеашиносӣ дар ташаккули маърифати шаҳрандии хонандагон ҳамарӯза муҳим ва хеле зарур мебошад, зеро мардуми тоҷик дар назди худ вазифаи таърихӣ, ташаккул ва пойдории давлати ҳуқуқбунёдро гузоштааст. Барои бунёд ва пойдории чунин давлат зарур аст системаи нави ҳуқуқие ташаккул ёбад, ки ба инсондӯстӣ, маърифатнокии насли наврас асос шуда тавонад. Хушбахтона дар ин раванд дастовардҳо назаррасанд. Қонунҳои нав барои инкишофёбии ҷамъият шароитҳои зарурӣ муҳайё мекунанд, то ки қобилияти ташаккули маърифати шаҳрвандон бо манфиатҳои ҷомеа бошанд.

Тарбияи шаҳрвандии хонандагон, аз қабили масоили рӯзмара, асосӣ ва марказии педагогикаи муосир ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, атрофи ин масъала ҳам дар педагогика ва ҳам дар амалияи кори омӯзишу парвариши насли наврас диққати ҷиддӣ додан зарур аст. Маърифати шаҳрвандӣ аз ҷумлаи падидаи замони соҳибистиқлолӣ аст, ки ҳамарӯза зарурати он барои инсон ва ҷомеа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳсос мегардад. Амалӣ намудани ҳадафи мазкур имкон медиҳад, ки шахсияти инсон ҳамчун узви фаъоли ҷомеа ташаккул ёбад.

Ба тарбияи ватандӯстӣ ва маърифатнокии шаҳрвандон мутафаккирони гузаштаи мо аҳамияти бештар зоҳир менамуданд. Анъанаи гузаштагонро олимони шинохтаи соҳаи педагогикаи муосири тоҷик идома дода истодаанд. Бояд тазаккур дод, ки тарбияи ватандӯстӣ ва ташаккули маърифати шаҳрвандии тарбиятгирандагон ва насли ояндасоз дар ҳамаи давру замон муҳим ва рӯзмара ба шумор мерафт ва бидуни шубҳа имрӯз низ ҳамин тавр аст. Вақте ки мо дар бораи омӯзишу парвариши насли наврас ва ташаккули маърифати шаҳрвандии хонандагон сухан меронем, зарур аст, ин наслро дар рӯҳияи неки инсондӯстӣ, бародарию баробарӣ тарбия намоем.

Арбобони илму маърифат ва педагогҳои замони шуравию муосири тоҷик дар асарҳояшон андешаҳо оид ба тарбияи ахлоқӣ, меҳанпарастӣ, худогоҳии миллӣ, тараннуми сулҳу дӯстӣ, тарбияи эстетикӣ, башардӯстӣ, маърифатдӯстӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва ғайра фикрҳои ниҳоят арзишманд баён кардаанд. Онҳоро метавонем дар тарбияи шаҳрвандӣ ҳамчун пойдевори устувор ба кор барем.

Тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути таълими таърихи халқи тоҷик чун дигар фанҳои таълимӣ, асосан, дар дарс ба амалӣ мегардад. Аз ин рӯ, хусусият ва имкониятҳои онро хуб дониста ва самаранок истифода бурда тавонистани ҳар як омӯзгор зарур мебошад. Барои роҳандозии ин кор илми педагогика вуҷуд дорад ва олимони машҳури ин соҳа тӯли қарнҳо принсипҳои дидактикаро кор карда дастраси омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ гардонидаанд. Принсипҳои дидактикӣ дар таълими таърихи халқи тоҷик ба таври васеъ истифода бурда мешаванд ва дар тарбияи шаҳрвандии хонандагон воситаи боэътимоди илмӣ ба ҳисоб мераванд. Албатта, ҳангоми омӯхтани ҳар як фанни таълимӣ хусусиятҳои дидактикии он ба назар гирифта мешаванд, зеро ҳар кадоми онҳо сохт, мазмун, мундарича, вазифа ва мақсадҳои муайяни худро доранд. Вазифаҳои таълимиву тарбиявӣ ва ташаккулдиҳии қобилияти фикрии хонандагон дар дарси таърих бо роҳи аз ҷониби омӯзгор интихоб намудани тарзи усулҳои хуби таълими самаранок иҷро мегардад.

Дарси таърих дар низоми таҳсилот аз рӯи принсипи проблемавии солшуморӣ сохта шудааст. Воқеаҳою рӯйдодҳо дар ҳар як воҳиди вақт дода шудаанд. Робитаҳои байниҳамдигарии ҷараён ва қонуниятҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, таърихию фарҳангиро хонандагон дар раванди дарс зери роҳбарии омӯзгор меомӯзанд. Дар ин ҳолат чанд низоми дарсро дидан мумкин аст, ки дар он масъалаҳои зерин баррасӣ мегарданд:

1. Масъалаҳои ҳаёти иқтисодии ҷомеа дар ҳолати пайдарҳам иваз шудани марҳалаҳои таърихӣ.
2. Масъалаҳои сиёсӣ-иҷтимоии ҳаёти ҷомеа.
3. Масъалаҳои таърихӣ-фарҳангии ҳаёти ҷомеа.

Дарси таърих бештар ба масъалаҳои марбут ба ҷараёни таърих, ҷаҳонфаҳмӣ ва ҷаҳонбинӣ сару кор дорад, ки қисми таркибии он ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошад. Ниҳоят, онҳо унсурҳое мебошанд аз ҳам ҷудонопазир. Ин унсурҳо дар дарсҳои таърих ва ҷомеашиносӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд ва дастраси хонандагон гардида, ҷаҳонбинӣ, самаранокии ташаккули маърифати шаҳрвандии онҳоро ташаккул медиҳад. Масалан, ҳангоми омӯзиши таърихи давлатҳои Ҳахоманишиён, Порт, Юнону Бохтар, Кушониён, Тоҳириён, Саффориён, Сомониён, Ғуриён, Куртҳои Ҳирот, Сарбадорон аз фанни таърихи халқи тоҷик, давлатдории тоҷикон пайваста муқоиса мегардад, ки дар он давру замонҳо дар низоми сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ кадом муваффақиятҳо назаррасанд. Инчунин, сабаби аз байн рафтани ин давлатҳо дар чист?. Ё ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои дигари таърихӣ, хусусан, омӯзиши корномаи Маздак, Абрӯй, Абӯмуслим, Симбоди Муғ, Муқаннаъ, Малик Санҷар, Маҳмуди Торобӣ, Мавлонзода, Темурмалик, Восеъ ва дигарон мавзуъ дар алоқамандӣ ва муқоиса бо ҳаёти мардуми ҷафопеша, яъне шоҳону зимомдорон омӯхта мешаванд, ки воқеан, дар худшиносию баланд гардидани маърифати шаҳрвандии насли наврас бетаъсир буда наметавонад [2, с.7]. Бо ин васила насли имрӯза аз таърихи ниёкон таҷриба мегирад ва дарки маънӣ пайдо мекунад, ки аҷдодони мо дар тӯли чандин асрҳо чӣ тавр зиндагӣ доштанд.

Барои ҳадафрас гардидани раванди тарбия бояд омӯзгор дақиқ дарк карда тавонад, ки хонанда кист, чӣ гуна қобилияти фикрию ҷисмонӣ дорад, таълиму тарбияи ӯ чӣ гуна сурат мегирад. Устод бояд фаромӯш насозад, ки инсон дар ҷомеа тарбия ёфта, ба камол мерасад ва бидуни он тарбия маъно надорад. Аз ҳамин лиҳоз, таълим ва тарбияи шаҳрванд кори ниҳоят мураккаб абуда, онро бо супориши иҷтимоии замона мутахассисони ин соҳа - омӯзгорон ба ҷо меоранд. Ба омӯзгор лозим аст, ки қонуниятҳои рушди равонӣ, ҷисмонӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва маърифатии хонандагонро хуб аз худ намояд. Ин кор ба синну сол, ҷомеа, муҳити зист ва омилҳои зиёди дигар сахт марбут мебошад. Аз ин рӯ омӯзгор дар ҷараёни тарбияи шаҳрвандии хонандагон раванди таълимро хуб омӯхта, пас аз он метавонад дар ҳолати зарурӣ ба он тағйирот ворид намояд. Дар раванди тарбия аз умқи дили хонандаи имрӯза бохабар будан, дараҷа ва муваффақиятҳои шаҳрванди ҳақиқиро ошкоро нишон додан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар тарбияи шаҳрвандӣ талаботи шахс аҳамияти бузург дорад. Тарбияи шаҳрвандии хонандагон яке аз шартҳои муҳимтарини самараноки ташаккули маърифати шаҳрвандии онҳо ба ҳисоб меравад.

Дар раванди омӯзиши фанҳои ҷомеашиносӣ тарбияи шаҳрвандӣ баробари таълими он сурат мегирад. Аз ҳамин сабаб муайян кардан хеле муҳим аст, ки шавқу завқи тарбиятгирандагон барои омӯзиши таърихи кишвари худ ва дар худ ташаккул додани сифатҳои шаҳрвандӣ дар кадом поя қарор дорад. Таҷриба ва таҳқиқоти бисёрсола нишон медиҳанд, ки рағбату талошҳои мактаббачагон аз синфи панҷум сар карда то синфи ёздаҳ яксон набуда, чунин зуҳурот ба хусусиятҳои физиологӣ ва ҳам ақлию маърифатии онҳо алоқаманд мебошад. Хонандагони синфҳои 5-6 аз моҳияти ватандӯстӣ, маърифатнокӣ ва ахлоқӣ бештар бархурдоранд. Аммо аксаран хонандагони ин синфҳо гуфта наметавонанд, ки маърифати шаҳрвандӣ чист ва барои онҳо тарбияи шаҳрвандӣ чӣ зарурат дорад. Онҳо дар синфҳои 7-8 арзишҳои маърифатию шаҳрвандии пайдо намудаашонро боз ҳам мустаҳкам менамоянд. Дар ин синну сол онҳо бо боварии комил гуфта метавонанд, ки барои чӣ таърихи кишварро меомӯзанд, барои чӣ ватанашонро дӯст медоранд ва ватан барои онҳо чӣ маъно дорад. Дар синфҳои 9-10 сифатҳои шаҳрвандии хонандагон боз ҳам зиёдтар ташаккул меёбад, муносибати онҳо нисбат ба муҳити зист, волидон, дӯстон, шарикдарсон, мактабиён, омӯзиши таърихи ватан ва ғайра тағйир меёбад ва риояи қонун, ёрмандӣ ба ҳамватанон, масъулият дар ҷомеа, шуҷоатнокии шахс, ҳимояи бечорагон, арҷгузорӣ ва эҳтироми таъриху сунатҳои волои миллӣ, самаранокии ташаккули маърифати шаҳрвандии хонандагон боз ҳам мустаҳкамтар мегардад.

Омӯзиши дарсҳои фанни таърих бо усулҳои гуногун роҳандозӣ мегардад ва тарбияи шаҳрвандӣ низ дар ҳар як соати дарсӣ бо шакли мухталиф сурат мегирад. Масалан, дар вақти

омӯзонидани мавзуи «Инқилоби маданӣ дар ҶШС Тоҷикистон” дар синфи 10 омӯзгор ба тарбияи маърифатнокӣ, ватанпарварӣ, сулҳпарастӣ диққати ҷиддӣ медиҳад. Дар мавзуи дигари ҳамин синф, «Иштироки ҷанговарони тоҷикистонӣ дар муҳорибаҳои давраи анҷомёбии Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва Ҷанги Дуюми Ҷаҳон (январи соли 1944 - сентябри соли 1945)» диққати асосӣ ба тарбияи ватандӯстӣ, шуҷоатмандӣ, қаҳрамонӣ, инсондӯстӣ, тарбияи интернатсионалӣ ва мардонагии қаҳрамонони тоҷик дода мешавад.

Дар раванди омӯзиши фанҳои ҷомеашиносӣ принсипи инсонгарой хеле дақиққорона ба инобат гирифта мешавад. Ҳеҷ як ҷомеаи инсонӣ бе арзишҳои гуманистӣ пойдор буда наметавонад. Аз таърихи башар маълум аст, ки баъзе аз режимҳои сиёсӣ баҳри пойдор намудани худ арзишҳои гуманистиро бо қолабҳои эгоизми шахсӣ ва гурӯҳӣ, ки аслан инсонбадбиниро ифода мекарданд, иваз намуданд. Инсон барои онҳо ягон арзише надошт. Баҳри иҷрои мақсадҳои нопоки худ миллионҳо одамони бегуноҳро нобуд мекарданд ва аз ин беадолатӣ умри дароз надида, оқибат барҳам хӯрдаанд [2, с. 11].

Хулоса ва натиҷагирӣ кардани дарс барои ин ва ё он мавзуъ ва синфе, ки дарс гузаронида мешавад, аз самаранокии омӯзиш ва ташаккули маърифати шаҳрвандии хонандагон сахт вобастааст. Ҳоло дар муассисаҳои таълимии кишварамон баробари омӯхтани фанни «Таърихи халқи тоҷик», боз фанҳои “Таърихи умумӣ”, «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ», «Ҳуқуқи инсон», «Маърифати оиладорӣ», “Таърихи дин” низ омӯзонида мешавад. Омӯзгор дар мавзуҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар китобҳои дарсӣ дарҷ гардидаанд, ба хонандагон метавонад илова бар он, дарсро ба тариқи гурӯҳбандӣ гузаронад. Замони ба охир расидани вақти муайяншуда, сардорони гурӯҳҳо фикру андешаҳои хешро баён менамоянд ва ҳар кадом худро ҳимоя мекунад. Дар чунин дарсҳо якчанд сифати шаҳрвандии хонандагон ташаккул ёфта, маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, қобилияти озодандешӣ ва мустақилона амал намудани хонандагон мустаҳкам мегардад.

Дар бархе аз кишварҳои пешрафтаи олам, ба мисли ИМА, Олмон, Британияи Кабир, Федератсияи Русия таълими фанни “Шаҳрвандшиносӣ” ба роҳ монда шудааст. Ба андешаи мо, хуб мебуд, ки дар муассисаҳои таълимии кишвари мо аз ҳисоби баъзе соатҳои дарсӣ, ки то андозае муҳим нестанд, агар барои баланд бардоштани сатҳи маърифати шаҳрвандӣ соати муайян ҷудо гардад, аз манфиат холӣ нест.

Вазифаи ҳар як омӯзгор ва шаҳрванди ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд аз он иборат аст, ки имрӯз ва фардо самаранокии ташаккули маърифати шаҳрвандии хонандагонро баланд бардорад, вахдати миллиро ҳифз намояд ва баҳри тарбияи дурусти шаҳрвандии насли ҷавон бикӯшад, то ободию пойдории кишварамон беш аз пеш таҳким ёбад. Маҳз ташаккул ва рушди маърифати шаҳрвандӣ хоси ҷомеаи шаҳрвандӣ, яъне демокративу ҳуқуқбунёд мебошад.

ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ ШАҲРВАНДӢ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ФАНҲОИ ҶОМЕАШИНОСӢ

Дар мақола раванди татбиқи нишондодҳои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9-уми апрели соли 1997 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-уми августи соли 1997 «Дар бораи беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқӣ ва ташаккули маърифати шаҳрвандон» дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ зикр кардааст, ки ташаккули маърифати шаҳрвандӣ дар раванди омӯзиши фанҳои таълимӣ яке аз масъалаҳои муҳиму рӯзмара, асосӣ ва марказии педагогикаи муосир ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, ба андешаи муаллиф, атрофи ин масъала ҳам дар педагогика ва ҳам дар амалияи кори таълиму тарбияи насли наврас диққати ҷиддӣ додан зарур аст.

Дар мақола, инчунин, масъалаи ташаккули маърифати шаҳрвандӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик нишон дода шудааст.

Калидвожаҳо: *фанҳои ҷомеашиносӣ, тарбияи шаҳрвандӣ, маърифати сиёсӣ, маърифати ҳуқуқӣ, озодандешӣ, дидактика, Саффориён, Сомониён, Сарбадорон.*

ФОРМИРОВАНИЕ ГРАЖДАНСКОГО ВОСПИТАНИЯ В ПРОЦЕССЕ ИЗУЧЕНИЯ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК

В статье рассматривается процесс практической реализации Указа Президента Республики Таджикистан от 9 апреля 1997 года «О правовой политике и правовом воспитании граждан Республики Таджикистан», Постановление Правительства Республики Таджикистан от 22 августа 1997 года «О некоторых мерах по улучшению правового воспитания граждан и правовой работы в республике» в процессе изучения истории таджикского народа.

Автор на основании изученных научных литератур отмечает, что формирование гражданского воспитания в процессе изучения учебных дисциплин исторического цикла, считается главной и центральной проблемой современной педагогики. В связи с этим необходимо уделить серьезное внимание данному вопросу как в педагогике, так и в практике обучения и воспитания подрастающего поколения.

В статье также очень наглядно показано формирование активной гражданской позиции в процессе преподавания предмета «Истории таджикского народа».

Ключевые слова: *общественные науки, гражданское воспитание, политическое образование, правовое воспитание, свободомыслие, дидактика, Саффариды, Саманиды, Сарбадары.*

Адабиёт

1. Григорева, Н.А. Гражданское образование в России: история и современность \ Н.А. Григорева. – М., 2020. – 133 с.
2. Зиёзода, Т.Н. Шаҳрвандшиносӣ / Т.Н. Зиёзода, С. Ҷононов. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 432 с.
3. Зиёев, Т.Н., Давронов Х., Ҷумъаев Б. Асосҳои илмии тарбияи шаҳрвандии хонандагон дар таълими таърихи кишвар / Т.Н. Зиёев, Х. Давронов, Х.Б. Ҷумъаев. – Душанбе, 2004. - 206 с.
4. Давлатшоев, И. Нақши ҳамкориҳои педагогӣ дар камолоти ахлоқию маънавии кӯдакону наврасон / И. Давлатшоев. – Душанбе, 2012. - 232 с.
5. Краснобаев, И. М. Формирование нравственных убеждений у старших школьников / И.М. Краснобаев. - М., 1960. – 192 с.
6. Лебедев, О. Е. Стратегия модернизации содержания общего образования. - СПб., 2002. – 158 с.
7. Маҳмудов, М.А., Зиёев Т.Н. Ҳуқуқи инсон / М.А. Маҳмудов, Т.Н. Зиёев. –Душанбе: АВА, 2007. - 320 с.
7. Михалина, О.А. Гражданское образование как проблема социальной философии: Дис. канд. филос. наук. - Новосибирск, 2004. – 123 с.
8. Мясищев, В. Н. Личность и отношения человека / В.Н. Мясищев. - М., 1985. – 345 с.
9. Подласый, И.П. Педагогика. Книга 1-2. Педагогика. - М., 1999.- 576 с.
10. Скибицкий, Э.Г. Педагогика высшей школы. Учеб. пособие / Э.Г. Скибицкий, В.В. Егоров, С.М. Ударцева, Г.М. Смирнова, И.И. Ерахтина, В.В. Готтинг.– 2-е изд. доп. и перераб. – Караганда:КарГТУ, 2013.- 409 с.
11. Совершенствование школьного образования и проблемы преподавания гуманитарных предметов: Сборник статей / Под ред. Т. Г. Браже. - СПб., 2000. С. 3.
12. Элиасберг, Н.И. Гражданское образование - педагогический, социальный и культурный феномен: Монография. - СПб.: Изд-во «Союз», 2006. - 167 с.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Шарифов Муҳсин Ғаффорович – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика ва психология. Нишонӣ: 734019, г. Душанбе, ул. Муҳаммадиев, 17/6, тел.: (+992) 003333880. E-mail charifov63@inbox.ru*

Сведения об авторе: *Шарифов Мухсин Гаффорович – Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, кандидат педагогических наук, доцент кафедры педагогики и психология. Адрес:,734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел: (+992) 003333880. E-mail charifov63@inbox.ru*

Information about the author*: Sharifov Mukhsin Gafforovich - Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda,, associate professor of the Department of History and Intercultural Relations, 734019, Address: Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. Phone: (+992) 003333880. E-mail charifov63@inbox.ru*

ТАЪРИХ – ИСТОРИЯ

ТДУ: 93(575.3)

ТАЪРИХИ МАҲАЛЛӢ

Сайфуллоҳи М., Садиров Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тоҷикон ҳамчун яке аз миллатҳои тамаддунсозу фарҳангӣ дар тамоми арсаҳои илму фарҳанг ба дастовардҳои азим ноил гаштаанд. Ҳазорон донишманду шоиру аҳли ҳунар дар гузашта ва то ҳол аз миёни тоҷикон бархостааст. Сайид Ҷамолуддини Асадободӣ зимни баррасии таърихи сарзамини Афғонистон дар асри XIX эътироф карда буд, ки «тоҷикон дар зеҳну заковат, афҳом ва дироят» аз ҳамсоягони худ тафовут доранду беҳтаранд [2, с. 135]. Яке аз ифтихороти мо тоҷикон он аст, ки донишмандони мо дар заминаи таърих осори гаронбаҳо офарида, ин осор на танҳо равшангари таърихи халқи тоҷик аст, балки баъзе аз навиштаҳо гузаштаи халқҳои гуногуни оламро равшан месозад. Аз ҷумла, осори бузургоне чун Фирдавсӣ, Табарӣ, Балъамӣ, Берунӣ, Утбӣ, Гардезӣ, Байҳақӣ, Ҷузҷонӣ, Ҷувайнӣ, Рашидуддини Фазлуллоҳ, Алии Яздӣ, Мирхонд ва дигарон дар муаяйн кардани саҳифаҳои таъриху фарҳанги халқҳои дигар низ нақши муносиб мебозанд. Осори зикршуда дар кишварҳое чун Россия, Хитой, Британия, Фаронса, Узбекистон, Қазоқистон ва ғайра тарҷума ва нашр шудааанд.

Яке аз навъҳои таърихнависии миллии мо ин рушди таърихи маҳаллӣ мебошад. Маҳдуд будани василаҳои ҳамлу нақл ва роҳҳои иртиботӣ байни марказ ва музофоти як кишвар, инчунин, тараққии нобаробари гӯшаву канори як давлат, рақобатҳои сиёсӣ ва минтақавӣ миёни музофот, ба он овард, ки марказҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ фақат ба пойтахт маҳдуд нагашта, дар қатори он шаҳрҳои дигар низ ба сатҳи муайяни тараққиёт расиданд. Ҳамин тавр, ин амр боиси пайдо гаштани шуъбаи наве дар таърихнигории миллии мо тоҷикон гардид, ки онро таърихи маҳаллӣ номидан дуруст мебошад. Таъриххои маҳаллӣ яке аз манобеи арзишманд дар шинохти таърих, ҷуғрофия, ҳунар, мардумшиносӣ ва муҳимтар аз ҳама шахсиятҳои бузурги таърихии мо тоҷикон ба шумор меравад.

Бояд ба як нукта ишора кунем, ки таърихи маҳаллӣ дар тамаддуни тоисломии тоҷикон собиқа надоштааст. Зеро то кунун на асаре ва ҳатто на номи мо дар таърихи гузаштаи мо дар бораи вуҷуд доштани таъриххои маҳаллӣ дида намешавад. Ислом барои арабҳо ва дигар халқҳои ба тасарруфи арабҳо даромада хидмате кард, ки он барои умумӣ ва сартосарӣ гаштани донишу хатту савод баҳри мардум буд [19, с. 28]. Ҳамин тавр, ҳодисаи дигар, ки ба равнақи коғазсозӣ ва ривоҷ ёфтани хатту китобат такони азим дод, соли 751 (134 ҳиҷрӣ) рух дод. Дар ин сол ҷанг миёни сипоҳи хилофат бо роҳбарии Зиёд ибни Солеҳ ва лашкари давлати Хитой иттифоқ афтод, ки бо ғалабаи лашкари Зиёд тамом гашт. Миқдори зиёди асирони хитоӣ ба Самарқанд оварда шуда, онҳо ҳунари коғазсозиро дар Самарқанд ривоҷ доданд. Ҳарчанд дар гӯшаву канори хилофат коргоҳҳои коғазсозӣ ривоҷи тамом ёфт, вале коғази Самарқанд хеле машҳур гашта, Самарқанд бо ин ном шуҳравар гардид. Коғази самарқандӣ дар гуфтори мардумон чун масал гашта буд, Абӯбакри Хоразмӣ узри дӯсташро, ки ба ӯ нома наменавишт, мепазирад, чун ӯ дур аз Самарқанд аст ва коғаз дар дастрас надорад [11, с. 372]. Муҳаммад ибни Тоҳири Мақдисӣ дар асари хеш менависад, ки дар Самарқанд барои Абулфазл ибни Ҷаъфари Фаззоти вазиркоғаз месохтанд ва аз Миср низ барояш миқдоре коғаз меоварданд, то котибони вай ба нусхапардозӣ машғул мегаштанд [10, с. 654].

Густариши коғаз зуд дар тамоми қаламрави хилофат паҳн гардид. Дере нагузашта коғаз сабабгори равнақи китобат дар саросари хилофат шуд. Чунончӣ, китобнависӣ ва хатту саводро яке аз хусусиятҳои тамаддуни исломӣ шумурдаанд. Агар ҳаёти фарҳангии ҷомеаи мусулмонии Шарқ, аз ҷумла, тоҷикон дар асрҳои X-XII-ро бо ҳамзамонони онҳо дар Россия

ва ҳатто Аврупо муқоиса кунем, бартарии фарҳангии минатқаи аз Бағдод то Бухороро нисбат ба мардуми дигар ошкоро мушоҳида мекунем. Кофист, ки ба таърихи асримиёнагии тоҷикон назар андохта, чеҳраҳои бузурги онро бо шахсиятҳои маъруфи Аврупо дар як ҷадвал бигузорем.

Ҳамин тавр, аз асри IX хаттотиву нашри китоб боиси пайдо шудани улуми гуногун дар ҷаҳони ислом гардид. Яке аз ин улум таърих буд. Тавре маълум аст, тамоми фотеҳони ҷаҳон, аз Искандар сар карда то муғулҳову Темур барои ҷовидон сохтани номи хеш таърихнависиро дар қаламрави худ роиҷ сохтанд. Истилоҳи «таърихнигории мусулмонӣ» дар илм ҳамчун як мафҳум эътироф шуда, дар ин бора осори зиёде ҳам таълиф шудааст [18, с. 32]. Муаррихони машҳури олам Балозурӣ, Табарӣ, Балъамӣ, Масъудӣ, Байҳақӣ, Мисковайҳи Розӣ, Ибни Асир, Ибни Касир, Минҳоҷи Сироҷ, Мирхонд, Хондамир, Шарафуддин Алии Яздӣ намояндагони ҳамин мактаб буда, осорашон бо забонҳои гуногуни олам тарҷума ва нашр шуда, садсолаҳост, ки муаррихони ҷаҳон ба навиштаҳои онҳо такя мекунанд.

Яке аз бахшҳои муҳимми ин таърихнигорӣ бо номи таърихи маҳаллӣ маъруф аст. Таърихи маҳаллӣ навъе таърих дар бораи як шаҳр ё як маҳалл мебошад. Тавре муаррих Яъқуби Ожанд навиштааст, ки «дар ин навъ таърих нуктаи аслӣ ҳисси шаҳр-ватанӣ ва тафохури бумӣ ҳувайдо аст. Мушаввиқи аслии таърихҳои маҳаллӣ ва силсилаҳои маҳаллӣ будаанд». Ба қавли ин муаррих таърихи маҳаллӣ навъе шаҳршиносӣ дар дили таърих аст, ки иттилооти ҷомеъе дар бораи шаҳрҳо, сокинони он, номоварони илму адабу ҳунар ва ҷуғрофияро дар бар дорад [15, с. 35]. Мафҳуми таърихи маҳаллӣ дар миёни мардуми Аврупо низ маъмул буда, он бо вожаи *Local history* баён мешавад.

Донишмандон чанд замина ва ангезаи таъсиргузорро барои нигориши таърихи маҳаллӣ зикр кардаанд [8, с. 10], ки муҳимтарини онҳо чунинанд:

1. **Рушди баъзе шаҳрҳо ва даст ёфтани онҳо ҳамчун марказҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва тамаддунӣ.** Намунаи ин шаҳрҳоро дар тамоми қаламрави хилофати густардаи исломӣ метавон пайдо кард. Аз ҷумла, ҳарчанд Бағдод пойтахт буд, вале Қоҳира ва Димишқ дар миёни кишварҳои арабзабон бо он рақобат доштанд. Дар Мовароуннаҳр ҳар вақт Бухоро пойтахт мегашт, Самарқанд аз назар намеуфтод ва дар баъзе масъалаҳо ҳатто бартар аз Бухоро гашта, маркази ҷамъ омадани неруҳои оппозитсионӣ ва зидди ҳукуматӣ мешуд [9, с. 402]. Нишопур ҳам дар масъалаҳои илмӣ ва адабӣ бо Бухоро рақобат дошт ва ғ.;

2. **Ба вуҷуд омадани эҳсоси шаҳр-ватанӣ ва ифтихорҳои бумӣ дар миёни мардуми шаҳрҳо ва ноҳияҳо.** Ин ҳолат бештар ба сабаби тангназарии ҳукуматҳо падид меомад. Замони дар қудрат будани намояндагони як шаҳр, нисбат ба шаҳрҳои дигар камтар таваҷҷуҳ мегашт ва ин дар айни ҳол сабаби пайдо шудани ҳамбастагӣ дар миёни сокинони як шаҳр гашта, боиси ободии он низ мешуд. Мисол мардуми Пайканд, ки дар наздикии Бухоро қарор дошт, барои он ки дар шаҳри онҳо иҷозати барпо доштани намози ҷумъа дода шавад, солҳо муборизa мекарданд [9, с. 453]. Ё ҳамин мардумони Пайкандро дар Бағдод “бухорӣ” мегуфтанд, нороҳат шуда, таъкид мекарданд, ки мо пайкандием ва ғ.;

3. **Тарғиб гаштани муаллифон аз ҷониби баъзе ҳокимони шаҳру вилоятҳо**. Ҳокимони шаҳрҳои асримиёнагӣ ба хотири тарғиби худ эҳсоси мансубият ба шаҳри хоссро алам мекарданд ва барои он роҳҳои гуногунро истифода мебурданд. Яке аз ин корҳо даъват кардани адибону донишмандон барои нигориши таърихи шаҳри мавриди назар аст. Аз ҷумла, Сомониён, Бувайҳиён, Маъмуниён ва Фариғуниён ба ин кор даст зада, дарбори худро бо донишмандон, аз ҷумла, муаррихон зеб медоданд;

4. **Шиддат гирифтани тамоюлҳои марказгурезӣ ва ҷудоиталабӣ дар баъзе минтақаҳо ва кӯшиш барои эҷоди давлати ҷудогона**. Чанд минтақа ҳамеша талош доштаанд, ки ба сари худ бошанд. Яке аз чунин минтақаҳо Хоразм мебошад, ки Абулфазли Байҳақӣ дар ибтидои фасли марбут ба Хоразм чунин мегӯяд «Хоразм вилоятест шабеҳи иқлиме, ҳаштод дар ҳаштод ва онҷо манобир бисёр ва ҳамеша ҳазрат будааст алоҳида мулуки номдорро» [3, с. 701]. Дар замони Сомониён ба ҷуз Хоразм, Хатлон, Рай ва дигар минтақаҳо низ чунин ҳолат дошта, дар баробари майлони марказгурезӣ ва таҷзияталабӣ ба навиштани таърихи вилоят ё шаҳр низ иқдом мекардаанд;

5. **Душвории нигориши таърихи умумӣ ба далели густурдагии қаламрави кишварҳои исломӣ**. Муаллифони таърихҳои маҳаллӣ бо зикри ҳодисаҳои шаҳру вилояти хосс онро аз фаромӯш шудан маҳфуз доштаанд. Ин бузургтарин хидмат буд, ки муаррихони таворихи маҳаллӣ ба таърих карда, нагузоштаанд воқеаҳои дар як шаҳр ё вилоят аз байн равад. Ҳамин тавр, ин даста аз муаррихон боиси рангин шудани таърихи гузашта сарзамин ва мардуми тоҷик шудаанд.

Он чӣ гуфта шуд, як арзёбии умумӣ буда, барои ҳамаи минтақҳо ва шаҳру вилоятҳое ки таърихи онҳо навишта шудааст мувофиқат намекунад. Зеро муҳтаво, мазмун ва сохтори тамоми таърихҳои маҳаллӣ яксон набуда, бо ҳам тафовут дорад. Чанд нуктаи дигаре низ бояд дар ҳамин замина баён гардад. Ангезаи баъзе аз таърихҳои маҳаллӣ ба замони забти шаҳр ё вилоят аз тарафи арабҳо марбут мегардад. Зеро тавре маълум аст, шеваи забти ҳамаи шаҳрҳои Эрон, Хуросон ва Мовароуннаҳр яксон набуда, баъзе музофот бар асоси шартнома ҳукумати арабро пазируфтанд ва баъзе дар натиҷаи ҷангҳои тулонӣ ё кутоҳмуддат ба ихтиёри арабҳо гузашт. Аз ин рӯ, нахустин муаллифон кӯшидаанд, ки бештар ҷараёни забти минтақаи хосро баён карда, дар зимн ба гузаштаи ин шаҳрҳо низ ишора кунанд. Аз ҷумла, пас аз мутолиаи «Таърихи Бухоро» кас ба чунин натиҷа мерасад, ки муаллиф ба ин масъала таваҷҷуҳи бештар доштааст.

Нахустин китоби марбут ба таърихи маҳаллӣ дар таърихнигорӣ китоби Аслам ибни Раззоз маъруф ба Баҳшали Воситӣ эътироф шудааст, ки бо номи «Таърихи Восит» машҳур мебошад [15, с. 187]. Ҳамин тавр, яке пас аз дигар дар бораи шаҳрҳои муҳимтарини сарзамини тоҷикону эронинадодон – Балх, Бухоро, Самарқанд, Марв, Ҳирот, Рай, Нишопур, Чоч, Байҳақ ва ғайра китобҳои таърихӣ падид омад.

Муҳимтарин китобҳои таърихи маҳаллӣ, ки баъзеи он дар гузари замон аз байн рафта, танҳо номе аз онҳо боқӣ мондааст, ин осор мебошанд: «Футуҳи Хуросон»-и Мадоинӣ (асри IX), «Таърихи Балх»-и Абуабдуллоҳ Ҷӯйбории Варроқ, «Таърихи Бухоро»-и Абубакри Наршахӣ (асри X), «Таърихи Ҳирот»-и Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Ёсини Ҳаддод ва «Таърихи Ҳирот»-и Сайфии Ҳиравӣ (асри XIII), «Таърихи Нишопур»-и Ҳокими Нишопурӣ (асри XI), «Форснома»-и Ибни Балхӣ, «Таърихи Исфаҳон»-и Ҳамзаи Исфаҳонӣ, «Таърихи Бағдод»-и Хатиби Бағдодӣ, «Таърихи Рай»-и Абусаъд Обӣ Мансур ибни Ҳусайн (асри XI) «Таърихи Байҳақ»-и Ибни Фундуқ (асри XII), «Таърихи Табаристон»-и Ибни Исфандиёр(асри XIII) ва ғайра мебошанд. Дар асрҳои XI-XIV шаҳрҳои арабнишини нимҷазираи Арабистон ва Мисру Шом низ соҳиби таърихҳое шуданд, ки баъзе аз ин осор имрӯз ҳамчун сарчашмаи нодир барои омӯзиши таърихи ягон минтақа хидмат мекунанд.

Бояд як нуктаи дигарро тазаккур диҳем, ки сарнавишти нахустин таърихҳои маҳаллӣ чандон нек набуда, қисмати зиёди онҳо дар раванди ҳаводиси замон нобуд гардидааст. Порае аз маълумоти мавҷуд дар таърихҳои маҳаллиро муаррихони баъдӣ нақл кардаанд ва мо аз ҳамин роҳ аз номи ин китобҳо огоҳ мешавем. Масалан, қабл аз Наршахӣ шахсе бо номи Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Сулаймон ибни Комили Бухороӣ, ки дар таърих бо номи Ғунҷор машҳур аст, китобе бо номи «Таърихи Бухоро» навишта будааст, ки муаррихони баъдӣ аз қабили Самъонӣ, Ёқути Ҳамавӣ ва Заҳабӣ аз ӯ ва китобаш ёдоварӣ кардаанд [16, с. 45]. Тавре аз навиштаҳои муаррихон бармеояд, Ғунҷор саъй доштааст бештар дар бораи донишмандони ҳадис маълумот диҳад. Яке аз маълумотҳои ҷолиб дар бораи Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ – соҳиби китоби маъруфи ҳадисҳо будааст, ки бо номи «Саҳеҳи Бухорӣ» машҳур шудааст. Академик Бартолд бар ин бовар буд, ки Ғунҷор дар бораи сулолаи Сомониён ҳам дар китоби хеш маълумот дода буд ва Самъониву дигар донишмандон аз асари ӯ ин ахборро гирифта буданд [4, с. 59-60]. Ҳамин тавр, мо танҳо номи асари дуҷилдаи «Таърихи Хоразм»-и Сарӣ ибни Далвия ва «Таърихи Балх»-и Муҳаммад ибни Ақиди Фақеҳ, «Таърихи Марв»-и Аббос ибни Мусъабро аз баракати дигар осор дар даст дорем.

Навиштани таърихҳои маҳаллӣ дар аҳду Сомониён хеле ривоҷ ёфт. Сабабҳои гуногунро барои равнақи таърихнигории маҳаллӣ дар он давра метавон зикр кард. Аммо муҳимтарин омил он аст, ки Сомониён бо равише ки дар сиёсати дохилии худ пеша карда

буданд, сабабгори ба миён омадани марказҳои фарҳангӣ дар гӯшаву канори империяи паҳновари худ шуданд. Яъне, ҳамаро дар марказ – Бухоро ҷамъ накарданд, имкон доданд, ки марказҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ дар Самарқанд, Балх, Ҳулбук, Хоразм, Гузгонон (Ҷузҷон), Нишопур, Марв, Рай ва ғайра падидор шуда, рушду нумуъ карданд. Барои мисол теъдоди мадрасаҳои шаҳри Нишопур дар замони Сомониён бештар аз Бухоро будааст [14, с. 814]. Мо, дақиқан, акси ин сиёсатро дар замони ҳукумати Ғазнавиён мебинем, ки онҳо силсилаҳои маҳаллии Хоразм, Рай, Систон, Хатлон, Гузгонон ва ғайраро аз байн бурда, ба баҳонаи марказият бахшидан ба давлати таҳти итоати худ хонадонҳои фарҳангпарварро аз байн бурданд [12, с. 138]. Беҳуда нест, ки мо дар замони Ғазнавиён шоҳиди камранг шудани ҳаёти фарҳангӣ дар вилоятҳову шаҳрҳо ғайр аз пойтхат мегардем.

Аммо аз рӯйи сохтор, муҳтаво ва ҳадафи эҷоду иншо китобҳои таърихи маҳаллӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Агар ба муҳтавои бештари китобҳое ки зикре аз онҳо дар таъриху тазкираҳо боқӣ монда ё аҳёнан то ба замони мо расидаанд, назар андозем, мебинем, ки дар асрҳои X-XII бештари таърихҳои маҳаллиро барои он навиштаанд, ки дар бораи саҳобаҳо, тобеин ва ё муҳаддисони ин минтақа ёдовар шаванд. Ба таври дигар, ин осор на таърихи маҳаллӣ, балки тасвири чеҳранигории шахсиятҳои номдори минтақа ба шумор мерафтааст. Зеро дар аҳди ҳукумати арзишҳои динӣ мавҷуд будани чеҳраҳои динӣ ҳамчун ифтихори шаҳру вилоят дониста мешуд ва мардумон низ бо ин ба якдигар мубоҳоту фахр мефурӯхтанд. Аз ҷумла, асари «Таърихи Балх»-и Абуабдуллоҳ Ҷӯйбории Варроқ бештар зикри олимону донишмандони ин шаҳр будааст. Донишманди эронӣ М. Ноҷӣ дар асари машҳури худ менависад, ки «Он чӣ дар сайри тадвини таърихӣ дар рӯзгори Сомониён ҷалби таваҷҷуҳ мекунад, ҳаҷми фаровони таърихҳои маҳаллӣ аст, ки он ҳам бештар тавассути муҳаддисон фароҳам омадааст[14,с. 1093] ». Тавре дида мешавад, афроде ки таърихи маҳаллӣ навиштаанд, донишмандони соҳаи дин буда, хоҳ нохоҳ ба масъалае бештар таваҷҷуҳ мекарданд, ки барои худи онҳо зарур аст.

Яке аз масъалаҳои муҳимми дигарро дар робита бо таърихҳои нахустини маҳаллӣ бояд тазаккур диҳем. Ин марбут ба забони таълифи ин гуна осор мебошад. Тавре ошноии мо нишон медиҳад, дар оғоз бештари китобҳои марбут ба таърихҳои маҳаллӣ бо забони арабӣ таълиф шудаанд. Агар ба сабабҳои арабӣ нигоштани таърихҳои маҳаллӣ мулоҳиза ронем, хоҳем дид, ки мисли дигар улум, дар таърихнависӣ низ забони арабӣ муқаддам буда, муаллифони аксар таърихҳо ё арабзабон будаанд, ё мехостаанд, ки асари онҳо дар қаламрави бештар аз Осиёи Марказӣ ва Эрон маҳбубият пайдо кунад. Сабаби дувуми ба арабӣ таълиф шудани таърихҳои маҳаллиро метавонем дар ин ҷо ҷустуҷӯ кунем, ки то миёнаи асри X забони дастгоҳу девони аксари ҳукуматҳо арабӣ будааст. Тавре маълум аст, хонадони Бувайҳиён, бо вуҷуди ин ҳама ифтихороте ки ба таърихи тоисломии Эрон дошта, ҳатто худро на амир ё малик, балки шоҳаншоҳ меномидаанд, забони дарбору мукотибот ва ҳатто таълифоти худро арабӣ интихоб карда буданд. Сабаби савуми ба арабӣ таълиф шудани таърихҳои маҳаллиро бояд дар он бинем, ки ба забони форсӣ навиштан аз нимаи дувуми асри X маъмул гаштааст [17,с. 125]. Чунонки дарбори Сомониён «Таърихи Табарӣ», «Тафсири Табарӣ», «Саводи аъзам» ва ғайраро дар ҳамин давра тарҷума карда, асари маъруфи «Ҳудуд-ул-олам» низ дар нимаи дувуми асри X навишта мешавад. Ниҳоят сабаби чоруми ба забони арабӣ иншо гаштани таърихҳои маҳаллӣ дар он аст, ки тавре зикр шуд, мавзуи ин асарҳо бештар зикри фатҳи ин мулкҳо аз ҷониби лашкари араб ё рӯзгори шахсиятҳои динӣ буда, забони арабӣ мувофиқтар аз форсӣ будааст.

Бояд зикр намоем, ки доираи мавзуҳое, ки таърихи маҳаллӣ онро фаро гирифтааст, фарох буда, он на дар ҳамаи китобҳои таърихи маҳаллӣ риоят шудааст. Яъне, қоида ё тартиби мушаххасе мавҷуд набудааст, ки муаллифони таърихҳои маҳаллӣ аз он пайравӣ намоянд. Аммо агар ба таври умум ҷамъбандӣ кунем, хоҳем дид, ки муҳимтарин мавзуъҳои таърихҳои маҳаллӣ аз ин қабил мебошад:

1. Маълумот дар бораи муҳити табиӣ ва ҷуғрофии маҳал. Дар бештари китобҳои таърихи маҳаллӣ ба шарҳи ҷуғрофӣ ва шароити табиӣ, кӯҳу бора, гиёҳ ва растаниҳои

минтақа, дарёву рӯд ва боду ҳавои минтақа тасвир шудааст. Баъзе аз таърихҳо маҳаллу гузарҳои муҳимми шаҳрро низ ёдовар шудаанд.

2. Ахбор дар бораи таъсиси шаҳр ё маҳалли мавриди назар ва марҳилаҳои асосии он дар гузари таърих. Яъне, муаллифон кӯшидаанд, ки ба рӯзгори шаҳрҳо дар замони ҳукуматҳои гуногун дахл карда, аз манзари як шаҳр ба салтанати сулолаи хос баҳо гузоранд. Чунин ҳолатро дар «Таърихи Систон», ки мавриди таҳқиқи ин диссертатсия аст, низ дида метавонем.

3. Бештари муаррихони таърихҳои маҳаллӣ дар назар доштаанд, ки ашхоси баруманду маъруфи диёри худро зикр кунанд ва агар дар ин шаҳрҳо саҳоба ё яке аз бузургони дин орамида бошанд, онро бо зикри макони вафот ва гӯристон тазаккур дода, ҳамчун ифтихори маҳал таъкид кунанд. Аз ҷумла, Ибни Фундуқ дар оғози «Таърихи Байҳақ» бахшеро ихтисос дода, унвони онро «Зикри касоне ки аз саҳоба разияллоҳу анҳум дар Байҳақ будаанд» гузоштааст [7, с. 23].

4. Дар бештари таърихҳои маҳаллӣ аз ҳокимону қозиҳои маъруфи минтақа ёдовар шуда, аҳёнан корномаи ин гуна ашхосро низ тазаккур медиҳанд. Аз ҷумла, муаллифи «Таърихи Бухоро» дар оғози китоб фаслеро бо номи «дар зикри ҷамоате, ки дар Бухоро қозӣ будаанд», ҷой дода, номи 11 қозиро ёдовар шудааст, ки аз вуҷуди баъзе аз онҳо аз баракати ҳамин асар огоҳ мешавем.

Агар дар маҷмуъ, таърихҳои маҳаллиро бихоҳем дастабандӣ кунем, метавонем онҳоро вобаста ба давраи таълиф, забони таълиф, сохтор ва муҳтаво ба чанд гурӯҳ тақсим намоем. Ин тақсимбандиро мо пас аз ошноӣ, хондан ва истифода аз сарчашмаҳо муайян кардаем ва метавонад бо назари дигар донишмандон мувофиқ наояд:

Гурӯҳи якум таърихҳои маҳаллие, ки дар бораи забти ин мулк аз тарафи лашкари араб бахшида шудаанд. Бештари ин китобҳо аз миён рафта, мо бо номи онҳо аз матни китобҳои давраи баъд ошно мегардем. Намунаи ин навъ китобҳо «Футуҳи Сиҷистон»-и Мадоинӣ буда метавонанд, ки муаррихони зиёде аз он истифода кардаанд. Албатта, дар ин китобҳо ахбори дигаре ҳам дар ҳошияи баёни забткориҳои арабҳо гуфта шудааст, ки аҳамияти хеле муҳим доранд. Мақому манзалат ва аҳамияти ин гуна таърихҳо бинобар пардохтани муаллифони он ба ҷузъиёти ҳодисаҳо дар мисоли шаҳру музофоти мушаххас дар илми таърих хеле арзишманд мебошад;

Гурӯҳи дувуми таърихҳои маҳаллӣ он даста аз осоре мебошанд, ки бештар дар бораи донишмандони соҳаҳои гуногуни як минтақа маълумот медиҳанд. Намунаи ин китобҳо асарҳои «Таърихи Самарқанд»-и Идрисӣ, «Таърихи Нишопур»-и Ҳокими Нишопурӣ «Таърихи Байҳақ»-и Ибни Фундуқ мебошанд.

Гурӯҳи савуми таърихҳои маҳаллиро китобҳое ташкил медиҳанд, ки таърихи тоисломии ин ё он шаҳрро низ то андозае равшан карда, ба зикри шахсиятҳои барҷаста низ пардохтаанд. Аз ҷумла, Наршахӣ вақте «Таърихи Бухоро»-ро таълиф карда, гоҳе ба ҳаводиси муҳимми гузаштаи шаҳр низ пардохтааст. Аз ҷумла, ӯ расми хурӯс қурбонӣ кардани аҳли Бухоро ба ёди Сиёвушро ёдовар мешавад. Дар ҷое дигар аз қиёми Абрӯй ном шахсе ном мебарад, ки ин хабар ҷуз дар китоби ӯ дар ягон сарчашмаи дигар наёмадааст ва аҳамияти ин сарчашмаро бештар месозад. Ҳамин муаллиф вақте ҷузъиёти ҳамлаи арабҳо ба Бухороро зикр мекунад, менависад, ки Саид ибн Усмон бо ҳокими Бухоро, ки ӯро Хутакхотун меномад, ошиқ шуд: «Саъид бар вай ошиқ шуд ва аҳли Бухороро дар ин маънӣ ба забони бухорӣ» [13, с. 84]. Ин хабари хеле ҷузъӣ муайянкунандаи хеле аз воқеиятҳои асри VII-VIII Бухоро ва ҳатто Осиёи Миёна аст.

Дар асри гузашта донишманди эронӣ Абдулҳусайни Зарринкӯб дар асоси ҷустуҷӯ дар манобеи арабӣ ин байтро пайдо кардааст, ки порае аз ҳамон суруди аҳли Бухоро будааст:

Кӯри хамир омад,
Хотун дурӯғ канда [6, с. 290].

Яке аз имтиёзҳои бузурги китобҳои таърихи маҳаллӣ ин аст, ки онҳо агар дар бораи давраи кӯтоҳ (масалан давраи фатҳи шаҳр) ҳам маълумот диҳанд, вале ахбори гаронарзиш дар бораи вазъи сиёсию иқтисодӣ ва аҳволи иҷтимоию рӯзгори фарҳангиро дар худ ҷой

додаанд. Масалан агар «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ набошад, мо дар бораи чигунагии ҷорӣ шудани ислом дар миёни тоҷикон чизе намедонистем. Ин Наршахӣ аст, ки дар асари худ аз тақсим кардани хонаҳои мардуми Бухоро ба дастури Қутайба ибни Муслим мегӯяд ва аз бунёди нахустин масҷид дар Бухоро ва ду дирам додан ба касоне ки ба масҷид меомаданд ва мавзуъҳое дигар [13, с. 91, 97]. Ахборе ки дар ягон китоби дигар ба он дучор намегардем.

Аз матни таърихҳои маҳаллӣ, инчунин, ахбори ҷолиб ва нодир дар бораи забону адабиёт ва фарҳангу мардумшиносӣ ба даст меояд. Хусусан, дар таърихҳое, ки пас аз асри XI навишта шудаанд, сайри таҳаввулу такомули забон ва адабиётро низ метавон мушоҳида кард. Намунаи чунин осор «Таърихи Систон» ва «Таърихи Байҳақ»-и Ибни Фундуқ мебошанд. Дар бобҳои оянда дар хусуси муҳтаво ва ҷойгоҳи «Таърихи Систон» муфасал сухан ба миён оварда мешавад ва ин ҷо як нукта дар хусуси «Таърихи Байҳақ»-и Ибни Фундуқ бояд гуфта шавад. Гап дар сари он аст, ки Ибни Фундуқ ҳатто номи хонадонҳои муҳимми Байҳақро зикр мекунад, ки барои фаҳмидани вазъияти иҷтимоӣ хеле муҳим аст.

Ҳамин тавр, таърихҳои маҳаллӣ дар ҷои холӣ падид омада, яке аз бахшҳои муҳимми таърихи миллии мо мебошад. Ин осори арзишманд дар давоми 800 соли охир сарнавишти хеле печида дошта, қисме аз онҳо аз миён рафтаанд ва мо танҳо номи онҳоро медонем. Аз ҷумла, Табарӣ дар асари худ навиштааст, ки яке аз манбаҳои ӯ барои таълифи китоб асари «Футҳи Хуросон»-и Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммад июни Абдуллоҳи Мадоинӣ (753-840)-и эронинажод будааст. Наршахӣ низ ишора кардааст, ки ахбори Мадоиниро истифода кардааст. Бояд зикр кард, ки дар гузашта нақли қавл ё иқтибосро зикр кардан дар миёни муаррихону дигар аҳли адаб камтар ба мушоҳида расидааст. Аз ин бармеояд, ки дар асл аз таърихҳои маҳаллӣ истифодаи зиёд шуда, вале ба сабаби нобуд шудани бештари ин осор мо маълумоти дақиқ камтар дорем. Муаллифи китоби «Хироҷ» Қозӣ Абуюсуф, ки аз шогирдони Имоми Аъзам Абуҳанифа ба шумор меояд, дар китоби хеш навиштааст, ки миқдори ситондани хироҷ аз шаҳрҳои гуногунро ӯ аз китобҳои ба ин бахш тааллуқдошта, яъне таърихҳои маҳаллӣ гирифтааст [1, с. 184].

Ошноии мо бо таърихи ҳазорсолаи халқи тоҷик нишон медиҳад, ки нигориши таърихҳои маҳаллӣ на дар ҳама давру замонҳо маъмул гардида, он дар навбати худ нишондиҳандаи сатҳи тараққиёти шаҳрҳо ва ҳаёти маънавӣ дар вилоятҳои як кишвар шумурда мешавад. Агар асрҳои X-XII замони авҷи навиштани таъризҳои маҳаллӣ бошад, асрҳои XVI-XVIII давраи ба фаромӯшӣ супурдани ин суннати дерини таърихнависӣ гардида, мо ба истиснои баъзе китобҳо, ки он ҳам аз нигоҳи мазмуну муҳтаво чандон барҷаста нестанд, шоҳиди рукуд ва завол дар ин бахш мешавем. Донишманди машҳури Британия Эдвард Браун зимни тавсифи таърихнигории давраи асрҳои миёнаи Эрону Осиёи Марказӣ, сабаби камранг ва дилгир будани таърихи асрҳои охиринро ба чанд омил вобаста медонад, ки яке аз онҳо аз байн рафтани таърихҳои маҳаллӣ мебошад[5, с. 65]. Албатта набояд фаромӯш кунем, ки асрҳои зикршуда на танҳо дар илми таърихнигорӣ балки дар маҷмуъ барои дигар илмҳо низ замони пастравӣ буд.

Ҳамин тавр, аз он чӣ дар бораи сабабҳои таълиф, муҳтаво ва вижагиҳои таърихи маҳаллӣ гуфта шуд, метавон ба хулосаҳои зерин расид:

1. Ривоҷи таърихи маҳаллиро як навъ эътироз бар муқобили сиёсатҳои марказгароии силсилаҳои ҳукуматгар номидан дуруст мебошад. Агар ба ҳукуматҳои марказӣ майлони ҳадди аксар аз байн бурдани истиқлоли сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии як шаҳр хос бошад, ҳукуматҳои маҳаллӣ бо нигориши таърихи маҳалли муайян хостаанд барҷастагиҳову дастовардҳои онро матраҳ кунанд.

2. Равнақи таърихи маҳаллӣ ифтихор ба шаҳру диёри муайян буда, бо нигориши гузаштаи он муаллифон, ки бештар аз ҳамон макон бархостаанд, сарнавишти худ ва ҳамшаҳриёнашонро шоистаи нигориш медонистаанд. Бештари муаллифони таърихи маҳаллӣ аз хатову камбудҳои шаҳру вилояти тасвиркарда чашм пӯшида, аз дастоварду бузургиҳои он ёдовар мешаванд.

3. Муаллифони таърихҳои маҳаллӣ дар баробари нишон додани сарнавишту рӯзгори шаҳру вилояти худ, талош кардаанд, ки дар бораи шахсиятҳои мумтозу баруманди сарзамини худ бештар нависанд ва фазилатҳои шаҳру вилояти худро низ тазаккур диҳанд.

4. Баъзе таърихҳои маҳаллиро чанд муаллиф низ иншо карда, маводи ин гуна китобҳоро шахсиятҳои гуногун фароҳам меоварданд. Яке аз чунин осоре, ки ба андешаи донишмандон онро чанд муаллиф ва дар замонҳои гуногун таълиф кардаанд, «Таърихи Систон» мебошад, ки дар идомаи ин диссертатсия дар хусуси он таҳқиқот сурат мегирад.

5. На ҳамаи таърихҳои маҳаллӣ натиҷаи ифтихору вобастагии шадид ба шаҳру маҳалли хос буда, баъзе аз китобҳое, ки ба рӯзгори шаҳру вилояти мушаххас бахшида шудаанд, зарурати сиёсӣ буда, муаллифон бо дастури ҳокимон онро нигоштаанд ва ё бо ин роҳ хостаанд ҳодисаҳои як минтақаро аз фаромӯш шудан эмин доранд.

6. На дар ҳамаи давраҳои таърихи ҳазорсолаи мо навиштани таърихи маҳаллӣ маъмул буда, пас аз сарозер шудани қабилаҳои кучӣ (асрҳои XVI-XVIII) ва ҳукуматҳое, ки ҷуз вайронӣ чизе ба армуғон наоварданд, ин расми хуб тадриҷан аз байн рафт. Яъне аз рӯи таълиф шудан ё нашудани таърихҳои маҳаллӣ метавон ба набзи рӯзгори он замон пай бурд ва дар кадом сатҳ қарор доштани илму фарҳангро муайян кард.

7. Дар замони муосир низ таърихи маҳаллӣ хеле густариш ёфта, дар қаламраве, ки дирӯз ин расм маъмул буд, ҳамин анъана идома дорад. Дар Эрон таърихи шаҳрҳои Ҳамадон, Машҳад, Рай, Шероз, Теҳрон, Исфаҳон навишта шуда, дар Афғонистон низ роҷеъ ба музофоти гуногун, аз ҷумла, Кобул, Ҳирот, Ғур, Панҷшер, Мазори Шариф падид омад. Таърихи шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Тошканд, Тирмиз, Хива, Қуқанд ва Фарғона низ дар Ҷумҳурии Узбакистон таълиф шуданд. Дар давраи истиқлоли Тоҷикистон чандин китоб роҷеъ ба шаҳру вилоёти гуногун таълиф гардид, ки намунаи он «Таърихи Хатлон»-и Ғ.Ғоибов, «Муқаддимаи таърихи Хуҷанд»-и А.Мирбобоев, «Таърихи Дарвоз»-и Ҳ. Пирумшоев мебошанд.

Адабиёт

1. Абуюсуф, Қозӣ Китобу-л-хироҷ. –Душанбе, 2021. - 324 с.
2. Афғонӣ, Сайид Ҷамолиддин. Татимату-л-баён фӣ таърихи-л афғон. / Таҳия, пешгуфтор, тавзеҳот ва луғатномаи Б. Азимова. –Душанбе, 1999. - 252 с.
3. Байҳақӣ, Хоҷа Абулфазл ибни Ҳусайн. Таърихи Байҳақӣ / Баргардони матн, тавзеҳот ва ҳавошии С. Муллоҷон.–Душанбе, 2014. -774 с.
4. Бартольд, В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. //Соч.: В.9. т. - М.: ИВЛ, 1963. Т.1. –763 с.
5. Браун, Э. Таърихи адабии Эрон. Тарҷумаи М. Солеҳ.–Теҳрон, 1358.- 1164 с.
6. Зарринкӯб, А. Суруди аҳли Бухоро // Маҷаллаи Яғмо. - 1337. - №7 (123). –С. 289-293.
7. Ибни, Фундуқ Абулҳасан Алӣ ибни Зайди Байҳақӣ. Таърихи Байҳақ. / Бо тасҳеҳ ва таълиқоти марҳум Аҳмади Баҳманёр. - Теҳрон, 1317. -360 с.
8. Қанавот, А., Чалунгар М., Нуроӣ М. Оғози таърихнигории маҳаллии Эрон // Мутолеоти исломӣ. Таърих ва фарҳанг. - 1389. - №84. –С. 10.
9. Мақдисӣ, Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад. Аҳсан-ут-тақосим фи маърифат-ил ақолим./ Тарҷумаи Алинақии Мунзавӣ. - Теҳрон, 1385. -810 с.
10. Мақдисӣ, Мутаҳҳар ибни Тоҳир. Офариниш ва таърих. -Теҳрон, 1374. - 1131 с.
11. Мец, А. Мусульманский ренессанс / Пер. и предисл. Д.Е. Бертельс. - М., 1979. – 358 с.
12. Муллоҷон, С. «Таърихи Масъудӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ. Мурӯре перомуни сохтори идорӣ ва русуми давлатдории Ғазнавиён. –Душанбе, 2013. – 248 с.
13. Наршахӣ, Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро. Ба чоп ҳозиркунандагон Ғ. Ғоибов, К. Олимов, Н. Амиршоҳӣ. – Душанбе: Пайванд, 2012. 546 с.
14. Ноҷӣ, М. Фарҳангу тамаддуни ислом дар қаламрави Сомониён. - Душанбе, 2011. – 1182 с.
15. Ожанд, Яъқуби. Таърихнигории Эрон. –Теҳрон, Густара, 1388.
16. Ҷаъфариён, Расул. «Таърихи Бухоро»-и Ғунҷор ва нақлҳои барҷомонда аз он // Таърихи ислом. 1393. № 2 (54). –С.31-74.
17. Раҳмон, Э. Забони миллат – ҳастии миллат. Ҷ.1. –Душанбе, 2016. – 516 с.

18. Фильштинский, И.М. История арабской литературы: V - начало X века. - М., 1985. – 524 с.
19. Ҳиравӣ, Н.М. Таърихи нусхапардозӣ ва тасҳеҳи интиқодии нусхаҳои хаттӣ. –Теҳрон, 1379.

ТАЪРИХИ МАҲАЛЛӢ

Давр мақола зикр шудааст, ки таълифи таърихҳои маҳаллӣ дар асрҳои миёна ба чанд омил вобаста буда, муҳимтарини онҳо тамоюлҳои марказгурезии вилоятҳову шаҳрҳо ва кӯшиши бештар дарҷ кардани ҳаводиси вилоятҳо ва инчунин, пуштибонии ҳокимони шаҳру вилоятҳо аз ин иқдом будааст.

Ба андешаи муаллифони мақола, дар асрҳои миёна (хусусан асрҳои IX-XIV) роҷеъ ба вилояту шаҳрҳое чун Хоразм, Рай, Самарқанд, Марв ва ғайра таърих навишта шуд, ки барои муаррихону фарҳангнависони гузашта ҳамчун манбаъ хидмат кардаанд. Аммо бештари китобҳои таърихи маҳаллӣ то ба замони мо нарасида, аз байн рафтаанд. Аз баракати таърихҳои маҳаллӣ мо ахбори фаровонеро дар даст дорем, ки дар осори дигар ба мушоҳида намерасанд. Аз нигоҳи сохтору услуб ва муҳтаво ин осор бо ҳам тафовут дошта, ҳаҷми он низ яксон намебошад. Имрӯз асарҳои ба ин равиш таълифшуда, аз қабили «Таърихи Бухоро»-и Абубакри Наршахӣ, «Таърихи Нишопур»-и Ҳокими Нишопурӣ, «Таърихи Табаристон»-и Ибни Исфандиёр ва «Таърихи Байҳақ»-и Ибни Фундуқ дар таърихнигории мо машҳур буда, ҷойгоҳи рафеъ дар таъриху адаби мо доранд. Дар асрҳои минбаъда дар кишварҳои Аврупо низ чунин шеваи таърихнависӣ машҳур гардида, дар замони муосир ин раванд дубора зинда шуд.

Калидвожаҳо: *таърихи маҳаллӣ, таърихнигорӣ, тоҷикон, ҷуғрофия, ҳунар, мардумшиносӣ, муҳити табиӣ.*

МЕСТНАЯ (ЛОКАЛЬНАЯ) ИСТОРИЯ

В статбе отмечается, что создание местных историй (локальная история) в Средние века зависело от нескольких факторов, важнейшим из которых была центробежные тенденция областей и городов и стремление включить в нее больше событий местного характера, а также поддержка этой инициативы губернаторами городов и областей.

По мнению авторов статьи, в средние века (особенно IX-XIV вв.) писалась история таких областей и городов, как Хорезм, Рей, Самарканд, Мерв и др., которая служила источником для историков прошлого. Однако большинство этих сочинений не дошли до нашего времени. В трудах посвященной локальных историй существует масса информаций, отсутствующих т в других источниках. По структуре, стилю и содержанию эти произведения отличаются друг от друга, неодинаков их объем. Самыми известными сочинениями написанные в этом жанре, являются такие книги как, «История Бухары» Абу Бакра Наршахи, «История Нишапура» Хакима Нишопури, «История Табаристана» Ибн Исфандияра и «История Байхака» Ибн Фундука. В последующие века написания местной истории стал популярным. В европейских странах в настоящее время этот процесс возродился.

Ключевые слова*: краеведение, историография, таджики, география, искусство, фольклор, природная среда.*

LOCAL HISTORY

The creation of local histories (local history) in the Middle Ages depended on several factors, the most important of which was the centrifugal tendency of regions and cities and the desire to include more local events in it, as well as support for this initiative by the governors of cities and regions. In the Middle Ages (especially the 9th-14th centuries), the history of such regions and cities as Khorezm, Rey, Samarkand, Merv and others was written, which served as a source for historians of the past. However, most of these works have not survived to our time. In the works devoted to local histories, there is a lot of information that is not available in other sources. In structure, style and content, these works differ from each other, their volume is not the same. The most famous works written in this genre are such books as “History of Bukhara” by Abu Bakr

Narshakhi, “History of Nishapur” by Hakim Nishopuri, “History of Tabaristan” by Ibn Isfandiyar and “History of Bayhak” by Ibn Funduk. In later centuries writing local history became popular. In European countries, this process is currently being revived.

Keywords: *local history, historiography, Tajiks, geography, art, folklore, natural environment.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Сайфуллоҳи Муллоҷон *– Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва археология. Нишонӣ: 734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел.:(+992)918800610, E-mail: saifullo7272@mail.ru*

Садиров Шарафҷон *– Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муаллими калони кафедраи таърих. Нишонӣ: н. Рашт, шаҳраки Рашт, к. Э. Муҳиддинов, 32. E-mail: sharaf.256@mail.ru*

Сведения об авторах:Сайфуллохи Муллоджон *–Таджикский национальный университет,доктор исторических наук, профессор кафедры истории древнего мира, средневековья и археологии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17, тел.: (+992) 93 8006109, E-mail: saifullo72@mail.ru*

Садиров Шарафджон *– Государственный педагогический институт Таджикистана в Раштском районе, старший преподаватель кафедры истории. Адрес: Республика Таджикистан, Раштском р-н, г. Рашт, ул. Э. Мухиддинова, 32. E-mail: sharaf.256@mail.ru*

Information about the authors: Sayfullohi Mullojon *–Tajik National University,doctor of history, Professor of the Department of the History of the Ancient World, the Middle Ages and Archeology.. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki avenue, Phone: (+992) 93 8006109, E-mail: saifullo72@mail.ru*

Sadirov Sharafjon *- State Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht region, senior lecturer at the Department of History. Address: Republic of Tajikistan, Rasht district, Rasht, 32 E. Muhiddinova str. E-mail: sharaf.256@mail.ru*

ТДУ: 9(575.3)

ХИСОРОТИ БЕМОРИИ СИРОЯТИИ COVID-19 ДАР СОҲАИ САЙЁҲӢ (ДАР МИСОЛИ ТОҶИКИСТОН)

Миракзода Ф.Ю.

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Бемории сироятии COVID-19 яке аз вабои мудҳиш дар садаи муосир мебошад, ки он моҳи декабри соли 2019 дар шаҳри Уханеи Ҷумҳурии Халқии Хитой хуруҷ кардааст. Баъдан, 30 январи соли 2020 Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ хуруҷи ин бемориро мушкилоти байналмилалӣ шинохта, 11 мартро Рӯзи пандемия эълон кард.

Ба ҳолати 5 апрели соли 2022 дар саросари ҷаҳон беш аз 493 миллион гирифтори ин беморӣ ба қайд гирифта шудааст ва аз ин теъдод беш аз 6,1 миллион нафар ҳалок гардидааст, ки пандемияи COVID-19-ро яке аз вабои марговартарин дар таърихи башарият маънидод кардаанд [7].

Сайёҳӣ аз ҷумлаи соҳаҳоест, ки аз таъсири иқтисодии пандемияи COVID-19 бештар осеб дидааст. Туризм барои баъзе кишварҳо метавонад беш аз 20%-и маҷмуи маҳсулоти дохидии онҳоро ташкил диҳад ва дар маҷмуъ, сеюмин бахши содиротии иқтисоди ҷаҳон мебошад.

Тибқи маълумоти Созмони умумиҷаҳонии сайёҳии Созмони Милали Муттаҳид (UNWTO) дар соли 2020 шумораи сайёҳони байналмилалӣ дар ҷаҳон имкони дар муқоиса бо афзоиши 3-4% дар аввали моҳи январи соли ҷорӣ 20-30% коҳиш ёфтанро дорад. Ин метавонад боиси талафоти соҳаи сайёҳӣ дар ҳаҷми 30-50 миллиард доллар гардад [12].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо мақсади мубориза бар зидди паҳншавии ин беморӣ аксари кишварҳо хатсайрҳои ҳавоии худро баста ва вуруди хориҷиёнро ба кишвари хеш муваққатан манъ карданд. Тибқи маълумоти Ассотсиатсияи Байналмилалии Нақлиёти Ҳавоӣ (IATA), талафоти умумии ҷаҳонии даромад аз сафарҳои ҳавоии мусофирон дар соли 2020 ба 50% (434 миллиард доллар) расидааст [10].

Ҳамзамон, тибқи маълумоти Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ ба ҳолати моҳи майи соли 2020 самтҳоеро номбар шудаанд, ки тибқи вазъ сарҳадҳояшонро ба далели пандемияи коронавирус, комилан, бастаанд, аз ҷумла: Африқо (74% самтҳои парвозӣ), Амрикои Шимолӣ ва Ҷанубӣ (86%), Осиё (67%), Аврупо (74%), Шарқи Наздик (69%). Маҳдудиятҳои сафар дар саросари ҷаҳон амалӣ шуда, аз 217 самт дар 185 самт (85%) сарҳадҳо пурра ё қисман баста шуданд. Аз ин шумора 163 самт барои сайёҳони хориҷӣ, аз ҷумла, сарҳадҳои ҳавоӣ, баҳрӣ ва заминӣ, комилан, баста шуданд. Барои 22 самти боқимонда сарҳадҳо қисман баста шуданд, аз ҷумла манъи вуруди мусофирон аз кишварҳои мушаххас. Ниҳоят, 12 самт (5% тамоми самтҳо) чораҳои маҳдудкунандаи зиддиэпидемиологиро ба мисли карантин ё худ изолятсия дар тӯли 14 рӯз, чораҳои раводид ё дархости муоинаи тиббӣ/шаҳодатномаҳо пеш аз ё пас аз расидан ба кор мебурданд.

Аз ин рӯ, Шурои ҷаҳонии саёҳат ва сайёҳӣ (WTTC) пешгӯйиҳоро оид ба таъсири иқтисодии COVID-19 ва тавсияҳои гуногуни эҳёи соҳаи сайёҳиро барои минтақаҳои гуногун пешниҳод кард. Дар соли 2019 330 миллион нафар дар соҳаи туризм кор намудаанд, ки саҳми ин бахш дар ММД 10,3% (8,9 триллион доллар), ҳиссаи содироти ҷаҳонии хизматрасонӣ тақрибан 28%-ро ташкил намуд. Дар маҷмуъ, таъсири ин беморӣ дар самти талафоти ҷойҳои корӣ дар соҳаи сайёҳӣ аз 98,2 миллион то 197,5 миллион одамро ташкил намуда, коҳиши саҳми сайёҳӣ ба ММД-и ҷаҳониро коршиносон дар ҳудуди аз 2,686 триллион то 5,543 триллион доллар арзёбӣ намуданд [11].

Умуман, бемории сироятии COVID-19 ба соири кишварҳои олам дар самти меҳмондорӣ ва сайёҳӣ таъсири манфӣ расонида, боиси хисороти бузургӣ иқтисодӣ гардид.

Таъсири бемории сироятии COVID-19 дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон низ истисно набуда, мисли дигар кишварҳо ҳамаи парвозҳои байналмилалӣ ба мавқуф гузошта шуда, танҳо барвозҳои мушаххасро ҷиҳати баргардонидани шаҳрвандоне, ки

дар хорича боқӣ монда буданд, парвозҳои бозгаштро ташкил карданд, аммо ин парвозҳо дар муқоиса бо ҳаҷми муқаррарии парвозҳо хеле маҳдуд буданд.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (26.01.2021) таъкид намуданд, ки "дар натиҷаи паҳн шудани бемории сироятии коронавирус ва вобаста ба он, босуръат паст рафтани фаъолнокии иқтисодӣ ва афзоиши бесобиқаи бекорӣ вазъияти сайёра боз ҳам печида гардида, ба буҳрони бисёр шадиди иқтисодиву молиявӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ омад.

Имрӯз дар дунё амалан давлат ва соҳае нест, ки аз таъсири буҳрон эмин монда бошад.

Мувофиқи арзёбии коршиносони байналмилалӣ чунин буҳрони шадиду фарогир дар сад соли охир бори аввал ба миён омада, боиси таназзули ҷиддии иқтисодиёти ҷаҳон гардид.

Пайомадҳои пандемия ба иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла ба рушди иқтисоди миллӣ, буҷети давлатӣ, гардиши савдои хориҷӣ, қурби асъори миллӣ, инчунин, ба фаъолияти корхонаҳои саноативу муассисаҳои хизматрасонӣ ва сайёҳии Тоҷикистон низ таъсири манфии худро расонид.

Яъне, мо соли 2020 дар вазъияти бошиддати иқтисодиву молиявии ҷаҳонӣ фаъолият карда, бо вуҷуди мушкилоти пешомада, ҷиҳати пешгирӣ намудани пайомадҳои буҳрон ва ҳифзи амнияти иқтисодии мамлакат як қатор чораҳои фавриро роҳандозӣ кардем"[5].

Вобаста ба ин, вазъият, дар ин давра ҳукумати мамлакат, дар навбати аввал, ба соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла, тандурустӣ ва дигар хароҷоти пешбининашуда буҷети давлатиро барои соли 2020 бознигарӣ карда, ба нишондиҳандаҳои қисми даромад, хароҷот ва касри он тағйироти дахлдор ворид гардид.

Аз ҷумла, ба соҳаи тандурустӣ барои хариди доруворӣ ва таҷҳизоти тиббӣ, бунёди беморхонаҳои муваққатӣ ва дастгирии кормандони тиб аз буҷети давлат 1 миллиарду 600 миллион сомонӣ маблағҳои иловагӣ равона карда шуданд [5].

Ҳамзамон, дар мамлакат барои табобати пурра ва саривақтии шахсони гирифтори бемории сироятии КОВИД – 19 беш аз 30 беморхона бо 7000 кат ва 5400 нафар табибону кормандони тиббӣ сафарбар гардиданд.

Илова бар ин, дар 92 муассисаи тиббӣ 16 ҳазор кат омода карда шуд.

Бо мақсади дастгирии гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа ва соҳибкорони ватанӣ тибқи Фармони Президенти мамлакат аз 5 июни соли 2020 сабукиҳои зиёди андозиву қарзӣ ва имтиёзу ҷубронпулиҳо ба маблағи умумии беш аз 450 миллион сомонӣ пешниҳод карда шуданд.

Илова бар ин, дар соли 2020 аз ҷониби ташкилотҳои қарзии кишвар ҷиҳати коҳиш додани таъсири пандемия ба зиёда аз 260 ҳазор нафар муштариён ба маблағи 2 миллиарду 300 миллион сомонӣ имтиёзҳои вобаста ба қарздорӣ пешниҳод гардида, ба соҳибкорони истеҳсолӣ 4 миллиард сомонӣ қарз дода шуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2019-ум ду фоиз зиёд мебошад [5].

Ҳамзамон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ (21.12.2021) таъкид намуданд, ки "дар шароити мураккаби иқтисодӣ ва геосиёсии ҷаҳон, низоъҳои тиҷоратӣ, афзоиши таҳримҳо, тағйирёбиии иқлим, болоравии нархи маҳсулоти озуқаворӣ дар ҷаҳон, паҳншавии бемории сироятии КОВИД–19 ва дигар омилҳои манфии ба иқтисоди миллӣ таъсиргузор Ҳукумати мамлакат тамоми чораҳои пешгирикунандаро андешида истодааст, ки дар натиҷа соли 2021 суръати рушди иқтисодӣ ба беш аз 9 фоиз баробар гардид.

Бо вуҷуди таъсири бемории сироятии КОВИД–19, дар соли 2021 ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ дар ҳаҷми умумии беш аз 6,8 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ, аз ҷумла 2,5 миллиард сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб карда шуд, ки нисбат ба соли 2020 ҳаҷми сармоя 42 фоиз ва сармояи мустақими хориҷӣ 39 фоиз зиёд мебошад"[6].

Тибқи маълумоти Портали ягонаи миллӣ оид ба коронавирус (COVID-19), ки ҳамарӯза дар он маълумоти омории нав аз вазъи сироятшавии шаҳрвандони мамлакат дар он

сабт меёбанд, ба ҳолати 17.03.2022 миқдори сироятшудагон 17388 нафар буда, 17264 нафар шифоёфта, 124 нафар аз ин беморӣ фавтидаанд [8].

Ҳамчунин, тибқи иттилои Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (М.Ф. – ба ҳолати 15.02.2021) аз давраи авҷгирии бемориии сироятии COVID-19 бо супориши Ҳукумати мамалакат беш аз 150 ҳазор шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ин теъдод, мутаассифона, 300 ҷасад аз кишварҳои гуногуни ҷаҳон ба Ватан баргардонида шуданд. Аз 20 март то охири соли 2020 беш аз 600 парвози чартерии ширкатҳои ҳавопаймоии “Тоҷик Эйр” ва “Сомон Эйр” барои баргардондани шаҳрвандони кишвар аз Россия сурат гирифтааст [9].

Илова бар ин, дар ҳамкорӣ бо Қазоқистон, Узбекистон ва Созмони ҷаҳонии муҳоҷират тариқи “долони нақлиёти заминӣ” беш аз 6000 шаҳрванди Тоҷикистон аз кишварҳои ҳамсоя ба Ватан баргардонида шуданд.

Дар мавриди кумаку сабукиҳо нисбати шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ дар давраи пандемия дар соли 2020 бояд қайд намуд, ки бо пешниҳоди Вазорати корҳои хориҷӣ Ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба пешгирӣ аз паҳншавии Ковид-19 ба таври автоматӣ тамдид гардидани будубоши шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандиро то 1 июли соли 2020 тасдиқ кард.

Соли 2020 дар Тоҷикистон интихоботи парламентӣ ва президентӣ баргузор шуданд, ки барои ояндаи кишвари мо, таъмини сулҳ ва пешрафти бештари иқтисодиву иҷтимоии он аҳаммияти калон доранд. Баҳри таъмини ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон дар назди 39 намояндагии дипломативу консулии кишвар дар хориҷа участкаҳои интихоботӣ таъсис ёфтанд, ки дар онҳо интихоботи вакилон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1 марти 2020) ва интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (11 октябри 2020) баргузор карда шуд. Нозирони байналмилалӣ аз кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ, инчунин, намояндагиҳои дипломатии муқими Душанбе барои иштирок ар раванди интихоботи парламентӣ ва президентӣ даъват шуданд.

Тибқи маълумоти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон, танҳо дар соҳаи сайёҳӣ тибқи маълумоти оморӣ, дар ҷумҳурӣ ба ҳолати 1 майи соли 2020 215 ширкат ва 282 субъектҳои хизматрасон, аз қабили меҳмонхона, осоишгоҳ, истироҳатгоҳ, ҳостелҳо бо шумораи умумии 4648 корманд фаъолият мекарданд.

Ҳамзамон, таъсири бемории сироятии COVID-19 дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёти кишвар таъсири манфӣ расонида, аз ҷумла, дар самти тиҷроат хисороти манфии калонро ба бор овард, инчунин, ба рушди нишондиҳандаҳои иқтисоди миллӣ таъсири худро расонид: аз ҷумла, баста шудани сарҳад бо як қатор давлатҳои асосии шарики тиҷоратии кишварамон, ки низоми савдои хориҷӣ дар самти воридот ва содирот бо онҳо қатъ гардид. (Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Туркия, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Аморати Муттаҳидаи Араб, Ҷумҳурии Ҳиндустон, Ҷумҳурии Италия, Кореяи Ҷанубӣ, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон); коҳиш ёфтани сармоягузории хориҷӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ, аз ҷумла, хизматрасонии молиявӣ, алоқа, сайёҳӣ, сохтмон, ҷустуҷӯйи геологӣ ва истихроҷ, истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ, газ ва соҳаи кишоварзӣ; кам гардидани даромади корхонаҳои азими давлатӣ бо сабаби дар сатҳи нокифоя фаъолият намудани онҳо ва дар бозори ҷаҳонӣ паст шудани нархи баъзе аз намудҳои моли ба содирот нигаронидашуда, паст шудани қобилияти андозсупории як қатор корхонаҳои соҳаи саноатӣ, коҳиш ёфтани мусофиркашонӣ боиси кам гардидани маблағҳои ҳисобшуда ва пардохтшудаи фурудгоҳҳои байналмилалӣ, коҳиш ёфтани маблағҳои ҳисобшуда ва пардохтшудаи бонкҳо ва паст гардидани даромаднокии онҳо аз ҳисоби бад шудани вазъи молиявии қарзгирандагон ва кам шудани шумораи коргарон дар корхонаю ташкилотҳо дар бахши хизматрасонӣ [4].

Ҳамзамон, паҳншавии пандемияи коронавирус ба коҳишёбии интиқоли маблағҳо аз хориҷи кишвар ба ҷумҳурӣ, кам гардидани гардиши савдои хориҷӣ аз давлатҳои алоҳида, паст шудани қурби асъори миллӣ, коҳиш ёфтани хизматрасонӣ, пурра фаъолият накардани баъзе корхонаҳои саноатӣ ва бонкҳо, ҳамзамон, коҳиш ёфтани қобилияти харидории шаҳрвандон таъсири худро расонда, хатари зарари молиявӣ ба соҳаи иқтисодиёти кишвар ва

дар маҷмуъ, хавфи иҷро нагардидани нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ дар соли 2020 вуҷуд дорад.

Маълум гардид, ки сайёҳӣ ба сифати яке аз соҳаҳои муҳимми иқтисодиёти миллӣ баробари паҳнвашии коронавирус аз ҳама бештар осебпазир гардид. Тавре ки маълум аст, дар баробари солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани солҳои 2019 – 2021 дар давоми соли 2019 беш аз 1 257300 нафар сайёҳ ба кишвари мо ташриф овард, ки мутаносибат нисбат ба соли 2020 3,6 маротиба ва ба соли 2021 4,25 маротиба зиёд буд, ки ин нишодод хисороти калон дар самти мазкур ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, паҳншавии бемории сироятии COVID - 19, пеш аз ҳама, ба соҳаи сайёҳӣ таъсири манфӣ расонид, ва ин омил дар баста шудани сарҳадҳо, қатъи парвозҳои ҳавоӣ, бекор шудани чорабиниҳои байналмилалӣ, коҳиши шумораи сайёҳон ва шах шудани фаъолияти бахши хусусии соҳаи сайёҳӣ гардид. Тибқи маълумоти Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ, танҳо дар тӯли ҳашт моҳи соли 2020 сафарҳои ҳавоӣ дар дунё 70 дарсад коҳиш ёфта, зарари коронавирус ба соҳа беш аз 730 миллиард доллярро ташкил намуд.

Тибқи таҳлили мавод маълум гардид, ки дар давраи пасобуҳронӣ талаботи гардишгарон ба сафар ва саёҳат тағйир меёбад. Зеро дар давраи авҷи бемории ҳамагири COVID-19 аксар одамон бекор ва ё ба рухсатии бемузд рафта, имконияти молиявиашон маҳдуд гардид. Инро дар мисоли Федератсияи Россия, ки шаҳрвандонаш дар раддаи давлатҳои аз ҳама бештар ба кишвари мо чун сайёҳ ташрифоваранда қарор дорад, дидан мумкин аст. Тибқи пурсишҳое, ки дар давраи хуруҷи коронавирус гузаронда шуданд, 36 дарсади пурсидашудагон аз Федератсияи Россия қайд намуданд, ки дар давраи пасобуҳронӣ имкони мисли пеш сарф кардани маблағ барои сайёҳӣ ва сафарро надоранд. Ҳамзамон, 70 дарсади пурсидашудагон махсус зикр намудаанд, ки барои соли 2020 хароҷоти сафару саёҳатро кам карданианд. Дар ин росто, субъектҳои хизматрасонии соҳаи сайёҳӣ, бавижа, ширкатҳои сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо ва ширкатҳои ҳавоиро мебояд, ки ин омилҳоро ба назар гирифта, барои сайёҳон тахфифҳоро аз 30 то 60 дарсад пешниҳод намоянд. Зеро, айни ҳол, сайёҳон бештар хоҳиши сафар ба минтақаҳоеро доранд, ки нархи хизматрасониҳои сайёҳӣ арзонтару дастрас мебошад [1].

Тибқи таҳлилҳо солҳои пештар сайёҳон ҳангоми сафар ва саёҳат бештар ба ҷанбаҳои шароити будубош ва хизматрасонӣ таваҷҷуҳ мекарданд, ҳоло, пеш аз ҳама, барои онҳо дар мадди аввал омили амният, саломатӣ ва бехатарӣ қаролр дорад.

Дар мавриди пайдо шудани беморихои сироятӣ сайёҳон нияти саёҳат танҳо ба он кишварҳоеро доранд, ки амнияти онҳоро пурра таъмин карда метавонанд ва ба саломатии онҳо дар ин кишварҳо ягон хатар таҳдид намекунад. Ин ҷо на танҳо таъмини амният аз ҳар гуна хатарҳо, балки аз беморихо низ дар назар дошта шудааст. Маркази байналмилалии омӯзиши афкори умум «Gallup»-и ИМА дар асоси назарпурсии соли 2019 Ҷумҳурии Тоҷикистонро шомили кишварҳои амнтарини ҷаҳон намуд. Ин ҷиҳат барои рушди сайёҳии кишвари мо мусоидат карда метавонад. Дар ин росто, субъектҳои хизматрасонии соҳа метавонанд, ки бо тарғиб намудани Тоҷикистон ҳамчун кишвари амн ва орӣ аз ҳар гуна таҳдидҳо самти “сайёҳии бехатар”-ро барои сайёҳон пешниҳод намоянд. Ҳамзамон, ташкили бунгоҳҳои тиббӣ барои санҷиши ташрифоварандагон дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва фурӯдгоҳҳо, таъмини онҳо бо лавозимоти зарурии тиббӣ ба манфиати кор хоҳад буд [1].

Таҳлили вазъи кунунии соҳаи сайёҳӣ, ки паҳн гардидани бемории COVID-19 бори дигар собит намуд, ки давлат ва бахши хусусӣ бояд, пеш аз ҳама, ба сайёҳии дохилӣ ва рушди он таваҷҷуҳ вижа зоҳир намояд. Зеро ҳангоми баста будани сарҳадҳо ва парвозҳо ягона самте, ки дар он субъектҳои хизматрасон фаъолият карда метавонанд сайёҳии дохилӣ аст. Густуришу равнақ додани сайёҳии дохилӣ имкон медиҳад, ки шаҳрвандон аз як минтақа ба минтақаи дигар сафар намуда, ба зебоиҳои диёри хеш шинос шаванд, фарҳанг, таърих ва урфу одатҳои халқи худро омӯзанд, ки ин амал дар рӯҳияи онҳо ғояҳои ватандӯстӣ, меҳанпарастӣ ва дӯстию ваҳдатро ҷой мекунад.

Ҳамзамон, бояд ба назар гирифт, ки ҳатто баъди пастшавии шиддати паҳншавии коронавирус баъзе кишварҳо барои ҳифзи амнияти шаҳрвандонашон маҳдудиятҳои сафар ба

кишварҳои дигарро бекор намекунанд. Ба андешаи мутахассисон, дар ҳамин ҳол маҳз таваҷҷуҳ ба сайёҳии дохилӣ ширкатҳои сайёҳиро бо мизоҷони доимӣ таъмин карда, барои сабуктар гузарондани шиддати буҳрон мусоидат менамояд. Инчунин, ҳангоми сафари шаҳрвандон аз як минтақа ба минтақаи дигар маблағи сарфшаванда дар дохили давлат боқӣ мемонад ва барои нигоҳ доштани қурби асъори миллӣ дар ин давраи мушкил мусоидат менамояд [7].

Ҳамин тавр, дар даврони паҳншавии бемории сироятии COVID-19 тамоми корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ, аз ҷумла сайёҳӣ муддати зиёд аз фаъолият монда, ба буҳрони иқтисодӣ дучор гардиданд. Дар чунин мавридҳо субъектҳои хизматрасонӣ ва сайёҳии кишварро зарур аст, ки бо истифода аз иқтидору имкониятҳои сайёҳии кишвар таблиғу ташвиқро бо нишон додани имкониятҳои сайёҳӣ, аз ҷумла тарғиби арзёбии коршиносони хориҷӣ аз сатҳи амнияти барои сайёҳони хориҷӣ, тадбирҳои беҳдоштӣ барои пешгирии ҳар гуна бемориҳо, хизматрасониҳо, аз ҷумла хизматрасониҳои тиббӣ, зарфиятҳои сафар ва саёҳат бо забонҳои хориҷӣ дар сомонаҳои иҷтимоӣ бештар ба роҳ монанд, ки ин яке аз омилҳои муҳими ҷалби ҳарчи бештари сайёҳон ба Тоҷикистон мегардад.

Адабиёт:

1. Қурбон, Ш. COVID-19: сайёҳӣ дар давраи пасобуҳронӣ «Ҷумҳурият» (12.11.2020 №: 219) [манбаи электронӣ]. URL: http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=42462 (санаи истифода: 10.04.2022)
2. Миракзода, Ф.Ю. Рушди устувори панҷсолаи соҳаи сайёҳӣ ва таъсири пандемияи Covid-19 ба он (солҳои 2017-2021) / Ф.Ю. Миракзода // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2021. - №2(42). – С. 185-192.
3. Миракзода, Ф.Ю. Ташаккул ва таҳаввули сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2021). Монография / Ф.Ю. Миракзода. – Душанбе, 2022. – 220 с.
4. Назирӣ, Г. Вазъи имрӯзаи иқтисодиёти ҷаҳон ва таъсири пандемияи коронавирус ба он [манбаи электронӣ]. URL: https://www.parlament.tj/news/125-vaz-i-imr-zai-i-tisodiyoti-a-on-va-ta-siri-pandemiyai-koronavirus-ba-on (санаи истифода: 03.04.2022)
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (26.01.2021) [манбаи эл.]. URL: http://prezident.tj/node/25005 (санаи истифода: 08.02.2022)
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (21.12.2021) [манбаи эл.]. URL: http://prezident.tj/node/27417 (санаи истифода: 04.02.2022)
7. Пандемия COVID-19 [эл. ресурс]. URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%9F%D0%B0%D0%BD%D0%B4%D0%B5%D0%BC%D0%B8%D1%8F_COVID-19# (дата обращения: 10.04.2022)
8. Портали ягонаи миллӣ оид ба коронавирус (COVID-19) [манбаи эл.]. URL: https://covid.tj/#cv-materials (санаи истифода: 02.04.2022)
9. Пресс-релиз дар бораи натиҷаҳои фаъолияти Вазорати корҳои хориҷӣ дар соли 2020 (15.02.2021) [манбаи эл.]. URL: https://www.mfa.tj/tg/main/view/7138/press-reliz-dar-borai-natijahoi-faoliyati-vazorati-korhoi-khoriji-dar-soli-2020 (санаи истифода: 12.04.2022)
10. IATA. URL: https://www.iata.org/. (date of the application: 20.04.2022)
11. Recovery Scenarios 2020 & Economic Impact from COVID-19 Infographics. URL: https://wttc.org/Research/Economic-Impact/ Recovery-Scenarios-2020-Economic-Impact-from-COVID-19. (date of the application: 18.04.2022)
12. UNWTO. URL: https://www.unwto.org/ (date of the application: 10.04.2022)

ХИСОРОТИ БЕМОРИИ СИРОЯТИИ COVID-19 ДАР СОҲАИ САЙЁҲӢ (ДАР МИСОЛИ ТОҶИКИСТОН)

Мақола ба пайдоишу хуруҷи бемории сироятии COVID-19, ки яке аз вабои мудҳиши садаи муосир мебошад, бахшида шуда, муаллиф кӯшиш намудааст, ки бо истифода аз

сарчашмаву маводи муътамад оид ба пайдоиш ва хисорти он дар мисоли соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот диҳад.

Зикр гардидааст, ки инсоният дар тӯли таърих ва фаъолияти ҷамъятӣ вабоҳои мудҳиши зиёдеро аз сар гузаронидааст, ки дар натиҷа миқдори зиёди талафоти ҷонию моддӣ маҳз дар ин замина сурат гирифтааст.

Ба андешаи муаллифи мақола, бемории сироятии COVID-19 ба соири кишварҳои олам дар тамоми самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ таъсири манфӣ расонида, боиси хисороти бузурги иқтисодӣ гардид. Хисороти бемории сироятии COVID-19 дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, Тоҷикистон низ истисно набуд ва он боис гардид, ки тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва хизматрасонӣ, аз ҷумла соҳаи сайёҳӣ осебпазир гардиданд.

Пайомадҳои пандемия ба иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла ба рушди иқтисоди миллӣ, буҷети давлатӣ, гардиши савдои хориҷӣ, қурби асъори миллӣ, инчунин, ба фаъолияти корхонаҳои саноативу муассисаҳои хизматрасонӣ ва сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъсири манфии худро расонид.

Паҳншавии бемории сироятии COVID - 19, пеш аз ҳама, ба соҳаи сайёҳӣ таъсири манфӣ расонид ва ин омил дар баста шудани сарҳадҳо, қатъи парвозҳои ҳавоӣ, бекор шудани чорабиниҳои байналмилалӣ, коҳиши шумораи сайёҳон ва шах шудани фаъолияти бахши хусусии соҳаи сайёҳӣ зоҳир гардид.

Муаллиф вазъи кунунии соҳаи сайёҳиро дар кишвар таҳлил намуда, пешниҳод кардааст, ки бо хуруҷи навбатии анвои гуногуни бемории COVID-19 ва дигар касалиҳо давлат ва бахши хусусӣ бояд, пеш аз ҳама, ба сайёҳии дохилӣ ва рушди он таваҷҷуҳи вижа зоҳир намояд.

Калидвожаҳо: Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърих, сайёҳӣ, бемории COVID-19, хисорот, паҳншавӣ.

ИНФЕКЦИОННОЕ ЗАБОЛЕВАНИЕ COVID-19 И ЕГО УЩЕРБ НА СФЕРУ ТУРИЗМА (НА ПРИМЕРЕ ТАДЖИКИСТАНА)

Статья посвящена одной из ужасных чум столетия, инфекционному заболеванию COVID-19. Опираясь на достоверные источники и материалы, автор попытался представить информацию о его возникновении и ущербе на примере туристической отрасли Республики Таджикистан.

Автор отмечает, что, на протяжении всей истории человечество и общество сталкивались с ужасными эпидемиями, приведшими к большому количеству жертв. Человечеству хорошо известен тот факт, что каждое столетие приносило человеку болезнь, часто заразную и длящуюся многие годы.

Подчеркнуто, что инфекционное заболевание COVID-19 оказало негативное влияние на другие страны мира во всех сферах внутренней и внешней политики и нанесло большой экономический ущерб. Нанесенный инфекционным заболеванием COVID-19 ущерб, в странах Центральной Азии, в том числе в Таджикистане, не стал исключением и сделал уязвимыми все отрасли национальной экономики и сферы услуг.

Последствия пандемии негативно отразились на экономике стран мира, в том числе на развитии национальной экономики, государственном бюджете, внешнеторговых оборотах, курсе национальной валюты, а также на деятельность промышленных предприятий, учреждений сферы услуг и туризма Республики Таджикистан.

Распространение инфекционного заболевания COVID-19, в первую очередь, негативно отразилось на туристической отрасли, что привело к закрытию границ, приостановке авиасообщения, отмене международных мероприятий, снижению количества туристов и пресечению деятельности частного сектора в сфере туризма.

Анализ текущей ситуации в сфере туризма за последние годы показал, что распространение заболевания COVID-19 еще раз доказало, что государство и частный сектор должны, в первую очередь, уделять особое внимание внутреннему туризму и его развитию.

Ключевые слова*: *Республика Таджикистан, история, туризм, заболевание COVID-19, ущерб, распространение.

INFECTIOUS DISEASE COVID-19 AND ITS DAMAGE TO THE SPHERE OF TOURISM (ON THE EXAMPLE OF TAJIKISTAN)

Throughout history, humanity and society have faced terrible epidemics that have led to a large number of victims. Mankind is well aware of the fact that every century has brought to man a disease, often contagious and lasting for many years.

This article also focuses on one of these epidemics, one of the terrible plagues of the century, the infectious disease COVID-19. Based on reliable sources and materials, the author tried to provide information about its occurrence and damage on the example of the tourism industry of the Republic of Tajikistan.

It was emphasized that the infectious disease COVID-19 had a negative impact on other countries of the world in all areas of domestic and foreign policy and caused great economic damage. The damage caused by the infectious disease COVID-19 in the countries of Central Asia, including Tajikistan, was no exception and made all sectors of the national economy and services vulnerable.

The consequences of the pandemic had a negative impact on the economies of the countries of the world, including the development of the national economy, the state budget, foreign trade turnover, the exchange rate of the national currency, as well as the activities of industrial enterprises, institutions in the service sector and tourism of the Republic of Tajikistan.

The spread of the infectious disease COVID-19, first of all, negatively affected the tourism industry, which led to the closure of borders, the suspension of air traffic, the cancellation of international events, a decrease in the number of tourists and the suppression of the activities of the private sector in the tourism sector.

An analysis of the current situation in the tourism sector in recent years has shown that the spread of the COVID-19 disease has once again proved that the state and the private sector should, first of all, pay special attention to domestic tourism and its development.

Keywords: *Republic of Tajikistan, history, tourism, COVID-19 disease, damage, spread.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Миракзода Фаридун Юсуфӣ *– Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илми таърих, дотсент, сардори раёсати илм ва инноватсия. Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.:(+992)93 4137333, E-mail: Mastchoh94@mail.ru*

Сведения об авторе: Миракзода Фаридун Юсуфи – *Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, кандидат исторических наук, доцент, начальник управления науки и инновации. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6. Тел.: (+992) 93 4137333, E-mail: Mastchoh94@mail.ru*

Information about the author: Mirakzoda Faridun Yusufi - *Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor, Head of Science and Innovation Department. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., Phone: (+992) 93 4137333, E-mail: Mastchoh94@mail.ru*

ТДУ: 001:015/016 «1960-1990» (575.3)

РУШДИ БИБЛИОГРАФИЯИ ИЛМӢ-ЁРИРАСОНИ ТОҶИК ДАР СОЛҲОИ 1960-1990

Шосаидзода С.Ҳ., Надиров С.

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода,
Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода

Мақсади библиографияи илмӣ-ёрирасон, қабл аз ҳама, ҷамъовариву коркард, гурӯҳбандиву бо таври шоиста пешниҳод намудани ахбори библиографӣ барои анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, касбию истеҳсолӣ ба олимону муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаҳои гуногун мебошад. Вобаста ба ин, вазифаҳои асосии библиографияи илмӣ-ёрирасон аз он иборат аст, ки дар баробари мусоидат ба пешрафти илму техника дастрасии мутахассисони истеҳсолоти саноат ва кишоварзӣ, сохтмону нақлиёт, хизматрасонӣ, инчунин, дигар соҳаҳоро бо иттилооти зарурии библиографӣ саривақт таъмин намояд.

Фаъол гардонидани таҳқиқоти илмӣ дар самти омӯзиши таърих, назария, услуб ва ташкили библиографияи илмӣ-ёрирасон яке аз шартҳои муҳимми рушди ин намуди библиография маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, вазифаи марказҳои бузурги библиографияи илмӣ-ёрирасон, қабл аз ҳама, аз муайян кардани ҷойгоҳ ва нақши он дар низоми умумидавлатии ахбороти илмию техникӣ, омӯзиши талабот ва дархости олимону мутахассисони соҳаҳои гуногуни илму истеҳсолот, роҳандозии шаклу усулҳои самарабахш тайёр кардани иттилооти библиографӣ мебошад.

Воқеан, истифодаи мақсадноки дастурҳои библиографияи илмӣ-ёрирасон бояд ба ниҳодҳои нақшакашӣ ва хоҷагӣ, пажуҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва лоиҳакашӣ имконият диҳад, ки ба татбиқи афкори пешқадам дар амал вусъат бахшанд ва олимону мутахассисон ба такрори беасоси кор ва сарфи беҳудаи вақту маблағ роҳ надиҳанд.

Библиографияи илмӣ-ёрирасон ҳамчун як қисми афзалиятноки низоми миллии иттилооти илмию техникӣ аз ҷониби китобхонаҳои калонтарин ва марказҳои алоҳидаи илмӣ таҳияву интишор мешавад. Масалан, дар Россия якчанд марказҳои калонтарини библиографияи илмӣ-ёрирасон арзи вуҷуд доранд, ки дар таъмини соҳаҳои муҳимтарини дониш бо ин навъи дастурҳои библиографӣ саҳм мегузоранд. Аз ҷумла, Институти ахбороти илмӣ оид ба илмҳои ҷамъиятии Академияи илмҳои Россия нишондиҳандаҳои ҷорӣ, тарҷеӣ ва маҷаллаҳои реферативӣ нашр менамояд. Институти умумииттифоқии ахбороти илмӣ ва техникӣ «Маҷаллаи реферативӣ», «Ахбори таъҷилӣ» ва Китобхонаи давлатии оммавии илмӣ-техникӣ нашрияҳои ҷорӣ ва тарҷеии библиографиро ба табъ мерасонад.

Дар Тоҷикистони шуравӣ ин вазифаи пурмасъулият ба зиммаи Китобхонаи маркази илмии Академияи фанҳои ҶШС Тоҷикистон (ҳоло Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон), Институти илмӣ-тадқиқотии ахбороти илмӣ-техникии Тоҷикистон (ҳоло Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Китобхонаи ҷумҳуриявии илмӣ-техникӣ (ҳоло Китобхонаи давлатии патентию техникӣ) ва пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотии соҳавӣ вогузор карда шудааст. Китобхонаи давлатии патентию техникӣ дар заминаи Китобхонаи марказии илмию техникӣ, ки соли 1958 ташкил шуда буд, бо қарори Кумитаи давлатии Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии корҳои илмию тадқиқотӣ аз 6 майи соли 1965, таҳти №22 бо номи Китобхонаи ҷумҳуриявии илмию техникӣ таъсис ёфтааст. Бо қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 1993, таҳти №242 Китобхонаи ҷумҳуриявии илмию техникӣ ба Китобхонаи давлатии патентию техникӣ табдил дода шуд ва ба сохтори Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуд [4].

Аз ҷониби муассисаҳои мазкур системаи дастурҳои библиографияи илмӣ-ёрирасон, ки дар маҷмуъ, як низоми муайяни нашрияҳои ҷорӣ ва тарҷеии (ретроспективии) библиографиро ташкил медиҳанд, омодаву нашр шуда, имкон доданд, ки талаботи касбию библиографии кормандони илм ва мутахассисони соҳаҳои гуногуни дониш пурратар қонеъ гардонида шавад.

Мақсади асосии дастурҳои библиографияи илмӣ-ёрирасони ҷорӣ пешниҳоди иттилооти фаврии библиографӣ дар бораи асарҳои нави чопӣ мебошад. Нашрҳои ҷории библиографӣ ба намудҳо ҷудо шуда, ҳар як намуд дар навбати худ боз дорои хусусиятҳои хос мебошад.

Яке аз навъҳои нисбатан маъмули библиографияи илмӣ-ёрирасони ҷорӣ – «нашрияҳои сигналӣ» маҳсуб ёфта, вазифаи он бақайдгирии ҳадди аксари асарҳои чопии ватанию хориҷӣ ва саривақт пешниҳод намудани иттилооти фаврии библиографӣ дар бораи онҳо мебошад. Дар нашрияҳои сигналӣ барои шарҳи мухтасари мазмуни асар, одатан тавсифҳои маълумотӣ истифода мешаванд.

Намуди дигари нашри ҷории библиографияи илмӣ-ёрирасон – нашрияҳои реферативӣ ва омехта буда, мутобиқ ба вазифаашон адабиётро комилан пурра инъикос намоянд ҳам, аммо маълумоти дар онҳо дарҷёфта нисбат ба маълумоти дар «нашрияҳои сигналӣ» пешниҳодшуда дертар ба хонанда дастрас мегардад. Дар ин намуди нашр, мазмуни маводи ба забонҳои хориҷӣ интишорёфта, тавассути рефератҳои муфассал ва тарҷумаҳо кушода мешавад.

«Ахбори таъҷилӣ» яке аз навъи дигари библиографияи илмӣ-ёрирасони ҷорӣ буда, ба сифати нашрияи даврӣ дар пешниҳоди рефератҳои мукаммали маводи муҳимтарини хориҷӣ, ки сазовори инъикоси фаврӣ мебошад, саҳм мегирад. Ҳангоми зарурат маводи иттилоотии «Ахбори таъҷилӣ» бо расмҳо, графикҳо ва ҷадвалҳо тасвир карда мешавад.

Маълумот дар бораи маводи чопшуда ва чопнашуда, баррасии муфассали мазмуни кор, таҳлил ва муқоисаи натиҷаҳои таҳқиқот, нишон додани дастовардҳо ва дурнамои рушд, асосан дар навъи дигари дастурҳои библиографияи илмӣ-ёрирасони ҷорӣ – «нашрияҳои хулосавӣ» ба қайд гирифта мешаванд.

Маълумот дар бораи ворид шудани китобу нашрияҳои ватаниву хориҷӣ ба китобхонаҳои калонтарини мамлакат тавассути «бюллетенҳои ҷомеи чопшуда» пешниҳод мегарданд.

Шуруъ аз соли 1969 аз ҷониби Шуъбаи ахбороти илмии Китобхонаи марказии илмии Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон нишондиҳандаи адабиёт таҳти унвони «Илмҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон» ба забони русӣ нашр шуд, ки ҳадафи асосии он ба аҳли илму адаб, муҳаққиқону мутахассисон пешниҳод намудани адабиёти тозанашри ватаниву хориҷӣ доир ба илмҳои ҷомеашиносӣ буд.

Воқеан, нишондиҳандаи адабиёти «Илмҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон» аз соли 1971 то соли 1985 дар як сол 4 маротиба интишор ёфт ва солҳои 1986-1990 дар як сол 2 шумораи он ба табъ расид. Дар ҷамъоварию коркард, гурӯҳбандиву феҳристнигорӣ ва таҳриру ба чоп омадасозии силсиладастури библиографии «Илмҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон» саҳми мураттибони он: Л.С. Молчанова, М. Салимшоева, Д.Л. Дисская, А. М. Рыжикова, Х.З. Бузургзаде, Х.З. Махмадова, Н.В. Лебзина, Б. Касымов, А.И. Васильев, Х. Шоихтиёров, Х.С. Валиходжаева, М. Самеев, М.Т. Суяркулова, А. Г. Саттаров, А. Самиев, Т.Н. Мамонтова, К.В. Малюгина, Н.М. Мелибаева, М.Ф. Шарипова, М.Р. Раджабова, К. В. Киндрук ва муҳаррирони масъули нишондиҳанда: Д.Л. Дисская, Л. А. Кононенко, Е. А. Руденко, Л. А. Балуева, беандоза калон аст.

Аз соли 1956 ин ҷониб Китобхонаи марказии илмии Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон нашри дигари библиографияи илмӣ-ёрирасонро таҳти унвони «Солонаи нашрияҳои Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон» ба табъ мерасонад. Нашри якуми солона 223 номгӯйи адабиёти соли 1955 чопшударо дарбар гирифта, ҳамагӣ аз 63 саҳифа иборат буд. Дар таҳияи солона библиографони касбии китобхона: З. М. Шевченко, Л. В. Турсунова, Д. С. Лейви, Н. И. Курапова, А. Г. Сижук, Л. Г. Сафонова, О. Н. Бордун, Н. Г. Щербакова ва Д. И. Савранская фаъолона иштирок кардаанд. Солона дар заминаи осори чопии олимони

Академияи илмҳои ҷумҳурӣ ҳар сол мураттаб гардида, дар он номгӯи китобу рисолаҳои илмӣ, мақолаҳои дар маҷмуаҳо ва маҷаллаву нашрҳои давомдор чопшуда, маводи конференсияю симпозиумҳои илмии дар кишвар ва хориҷи он интишорёфта, ба қайд гирифта мешаванд. Мутобиқи таъйинот солона бояд маълумоти библиографиро оид ба адабиёти тӯли як сол нашршуда фавран ба хонандагон расонад. Аммо, чунонки таҳлили солона дар давоми солҳои 1960-1990 нишон медиҳад, ягон шумораи он сари вақт чоп нашудааст. Масалан, солонаи соли 1960 – соли 1962; солонаи соли 1967 – соли 1970 ва солонаи соли 1971 – соли 1975 чоп шудааст ва албатта, саривақт нашр нашудани солона низоми оҷилона расонидани иттилооти библиографиро дигаргун намуда, бештар хусусияти библиографияи илмӣ-ёрирасони тарҷеиро ба худ касб кардааст.

Ҳамчунин, шуруъ аз соли 1971 аз ҷониби Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ дар баробари таҳия ва интишори дастурҳои библиографии тавсиявӣ барои гурӯҳҳои гуногуни хонандагон, интишори як қатор нашрияҳои ҷории иттилооти библиографӣ, ба монанди «Адабиёти нав доир ба Тоҷикистон», «Адабиёти нав оид ба тарбияи коммунистии меҳнаткашон», «Адабиёти нав оид ба маданият ва санъати РСС Тоҷикистон», «Адабиёти нав доир ба илмҳои педагогӣ ва маорифи халқ»-ро ба роҳ монда буд. Илова бар ин, нашри рӯйхатҳои адабиёти ҷории ба китобхона воридшударо таҳти унвонҳои «Адабиёти нав оид ба геология» ва «Мудофиаи шаҳрвандӣ» роҳандозӣ мекард. Ин нашрияҳо мутобиқи низоми таснифоти библиографӣ аз рӯйи аломати маъмурӣ-мақсаднокӣ ва фарогирии замони нашри адабиёт ба библиографияи ҷорӣ мансуб буда, вазифаи асосии онҳо пешниҳод намудани иттилооти фаврии библиографӣ дар бораи адабиёти тозанашри ба китобхона воридшуда мебошад. Ҳангоми таҳлилу омӯзиш ва баррасии таъйини хонандагии онҳо маълум гардид, ки ин дастурҳои библиографӣ ба гурӯҳи муайяни хонандагон, пеш аз ҳама, ба кормандони илму маориф, фарҳангу санъат, омӯзгорону унвонҷӯёни соҳаҳои алоҳидаи дониш таъйин шудааст. Бинобар ин, зарур дониста шуд, ки доир ба вижагиҳои нашри ҳар як силсила маълумоти мушаххас пешниҳод шавад.

Албатта, нашри рӯйхатҳои ҷории адабиёти тозанашри ба Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи А. Фирдавсӣ воридшуда, вобаста ба вазъи воридоташон номнавис мешуданд ва яке аз сабабҳои асосии идома наёфтани нашри рӯйхатҳои мазкур ин кам нашр шудан ва ё умуман ворид нашудани адабиёти зарурӣ ба китобхона бошад, сабаби дигари он, ба андешаи мо, аз кор рафтани библиографони соҳибтаҷриба ва ҷумҳуриро тарк кардани шумораи зиёди кормандони китобхонаҳои калонтарини мамлакат ва марказҳои библиографӣ мебошад.

Китобхонаи ҷумҳуриявии илмӣ-тиббии Тоҷикистон ҳамчун маркази илмӣ-методӣ ва илмӣ-таҳқиқотии тамоми китобхонаҳои соҳаи тандурустии ҷумҳурӣ дар таҳияи системаи дастурҳои библиографияи илмӣ-ёрирасони тоҷик саҳми муносиб гузоштааст. Бо ташаббуси ин китобхона дастрасии кормандони соҳаи тиб ба дастурҳои мухталифи библиографӣ таъмин карда шуда, сатҳу сифати хадамоти библиографӣ беҳтару хубтар ба роҳ монда шуд.

Дар баробари дастурҳои библиографияи илмӣ-ёрирасони ҷорӣ дастурҳои тарҷеии ин навъи библиография барои пешрафти илму маориф ва рушди соҳаҳои гуногуни илму истеҳсолот ба олимону мутахассисон ҷиҳати пажӯҳишу дарёфти маълумоти зарурии библиографӣ ёри расонида, тавассути дастурҳои соҳавию мавзуӣ ва фардию шарҳиҳолӣ дар тарғиби адабиёти гуногунмазмуну гуногунсоҳа, мусоидат менамоянд.

Дастурҳои библиографияи илмӣ-ёрирасони тарҷеӣ мутобиқи таъинот ва ҳадафу вазифаҳои худ маҷмуи китобҳои интишоршудаи як давраи муайяни таърихиро фаро гирифта, онҳоро дар шаклҳои гуногуни дастурҳои библиографӣ, аз қабили рӯйхатҳо, нишондиҳандаҳо ва хулосаҳои библиографӣ манзур менамояд. Дастурҳои библиографии тарҷеӣ гуногун буда, аз тарафи аксар китобхонаҳои марказӣ, вилоятӣ, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотии низоми академияи илмҳо, академияҳои соҳавӣ,

макотиби олӣ ва дигар муассисаҳои иттилоотӣ нашр мешаванд. Мақсади ин намуди библиография, асосан, ёрӣ расонидан дар омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои мубрами соҳаҳои гуногуни илму истеҳсолот ба шумоор рафта, зимнан рӯйдодҳои муҳим, санаҳои таърихӣ ва фаъолияти ашхоси барҷастаи илму маърифат ва ё арбобони намоёни давлатӣ инъикос мегарданд.

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки солҳои 80-уми асри ХХ дараҷаи баландтарини рушди бонизоми библиографияи советии тоҷик, махсусан, библиографияи илмӣ-ёрирасон маҳсуб меёбад. Аммо заминаи асосии рушди библиография дар ҶШС Тоҷикистон солҳои 60 – 70 – уми асри ХХ гузошта шуда буд. Зеро дар ин солҳо (60-70-уми асри ХХ) дар тамоми китобхонаҳои ҷумҳурӣ ҳуҷҷатгузории фаъолиятҳои гуногуни китобдориву библиографӣ ба танзим дароварда шуда, дар ин самт низоми муайян ташаккул ёфта, аз ҷумла, санадҳои муҳимми меъёриву ҳуқуқӣ, низомномаву барномаҳо, қоидаву стандартҳо, дастурамалҳои корӣ, ёддошту услубҳои асосӣ ва ғайра таҳия ва мавриди истифода қарор гирифта буданд.

Дар ҶШС Тоҷикистон назорат ва таъмини умумии тамоми китобхонаҳои оммавӣ бо маводи методӣ, дастурҳои библиографӣ дар ҷумҳурӣ ба зиммаи Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ вогузор шуда буд. Чунки ин китобхона ягона маркази методӣ барои тамоми китобхонаҳои ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафт ва дар ҳамкорӣ бо Китобхонаи давлатии ИҶШС ба номи В. И. Ленин коркарди дастурамалҳои корӣ оид ба вориднамоии тағйироти низоми нави марказонидани китобхонаҳоро дар сатҳи ҷумҳурӣ ба уҳда дошт.

Ҳамзамон, марказҳои нави библиографӣ ва иттилоотӣ ташаккул ёфтанд, ки аз ҷониби онҳо нашрияҳои иттилоотию библиографии илмӣ-ёрирасон, мақаллаҳои реферативӣ бахшида ба мавзуъҳои муҳимми илмию амалӣ ва соҳаҳои гуногуни илму истеҳсолот дар ҷумҳурӣ нашр шуданд. Намунаи барҷастаи онро мо дар таъсис ёфтани Институти илмӣ-тадқиқотии ахбороти илмию техникии Тоҷикистон мушоҳида мекунем, ки он фаъолияти пурсамарро дар солҳои 70-80-уми асри ХХ бомуваффақият идома додааст. Институти мазкур аз рӯйи имконият ва иқтидори мавҷудаи илмию тахассусӣ дар таҳияи мақаллаҳои реферативӣ, нашрияҳои библиографии илмӣ-ёрирасон, дурнамо, ҷорӣ ва тарҷеӣ саҳм гузошта, онҳоро омода ва дастраси пажӯҳишгоҳҳо, марказҳои илмию иттилоотӣ, китобхонаҳо ва ғайра мегардонид. Аз ҷумла, бо ташаббуси ин Институт ва Китобхонаи ҷумҳуриявии илмӣ-техникӣ (ҳоло Китобхонаи давлатии патентию техникӣ) чунин дастурҳо: «Применение пластических масс в промышленности» [11], «Прогрессивный металлорежущий инструмент» [12], «Территориальный патентный фонд республиканской научно-технической библиотеки Тадж НИИНТИ» [14] интишор ёфта, мавриди истифода қарор гирифтанд.

Ҳамчунин, марказҳои зиёди соҳавии илмию амалӣ, китобдорию иттилоотӣ, ба монанди Пажӯҳишгоҳҳои илмию тадқиқотӣ, китобхонаҳо ва марказҳои иттилоотии соҳавӣ ба фаъолияти библиографӣ ҷалб карда шуда, дар рушди библиографияи илмию ёрирасон саҳми назаррас гузоштанд. Аз ҷумла, саҳми онҳо дар таҳияи дастурҳои беназири универсалӣ, соҳавӣ, кишваршиносӣ ва шарҳиҳолӣ бесобиқа мебошад. Аз ин рӯ, бо иттилооти библиографӣ на танҳо гурӯҳҳои хурди аҳолӣ, балки аксари кулли эҳтиёҷмандон саривақт таъмин карда мешуданд. Масалан, муштариёни марказҳои иттилоотию библиографӣ ва китобхонаҳо тавассути низоми хадамотии «Интихобан паҳн намудани иттилоот» ва «Хадамоти ба тафриқавӣ хонандагон» новобаста аз макони зист, бо иттилоотӣ зарурӣ на танҳо дар маркази ҷумҳурӣ, балки дар минтақаҳои гуногун низ аз фаъолияти он баҳравар буданд.

Дар ташаккул ва рушди библиографияи илмӣ-ёрирасони тоҷик саҳми китобхонаҳои бузурги кишвар ва марказҳои асосии библиографӣ хеле назаррас мебошад. Дар тӯли солҳои 1960-1990 аз ҷониби Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон, Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи А. Фирдавсӣ ва Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон 105 нишондиҳандаи библиографии илмӣ-ёрирасон таҳияву интишор шуданд. Ду нишондиҳандаи библиографӣ [1,15] дар ҳамкории библиографони Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии Академияи илмҳо ва Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи А. Фирдавсӣ тартиб дода шудааст.

Омӯзиши осори илмии муҳаққиқони соҳа ошкор сохт, ки заминаҳои асосии илмиву назарии ташаккули библиографияи тоҷик тавассути рисолаҳо ва мақмуаи мақолаҳои илмӣ фароҳам омадаанд.

Дар ин давра раванди таҳияи дастурҳои методию библиографӣ дар ҷумҳурӣ ба як низоми муайян ворид шуда, онҳо ба тамоми китобхонаҳои оммавии ҷумҳурӣ дастрас

мегардиданд. Китобхонаҳои минтақавӣ дар асоси пешниҳоди дастурамалҳои Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ фаъолияти хадамотию иттилоотии худро ба роҳ монда, ба натиҷаҳои назаррас ноил мешуданд. Китобхонаҳои бузурги ҷумҳурӣ дар таҳияи дастурҳои методӣ, нишондиҳандаҳои библиографии илмӣ-ёрирасон ва тавсиявию тарҷеӣ, дастурамалҳои роҳбарикунандаи фаъолияти китобдорӣ ва библиографӣ, дастурҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва ғайра саҳми назаррас доштанд. Масалан, Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ танҳо дар солҳои 80-уми асри XX зиёда аз 100 дастурҳои тавсияию методӣ доир ба гузаронидаи чорабиниҳои китобдориву библиографӣ ва тақрибан 15 нишондиҳандаҳои илмӣ-ёрирасони библиографӣ омода ва нашр намуда аст.

Дар ин давра шаклу намудҳои гуногуни маҳсулоти библиографӣ омода ва нашр мегашт. Марказҳои бузурги библиографӣ дар алоҳидагӣ ва ё дар ҳамкорӣ бо дигар марказҳо ва китобхонаҳои соҳавӣ иттилоотҳои муҳимму замонавиро дар шакли нишондиҳандаҳои библиографӣ барои хонандагони ҷумҳурӣ омода ва дастрас мегардониданд.

Яке аз дастовардҳои муҳимми КДҶ ба номи Абулқосим Фирдавсӣ ин барориши дувуми «Нашри Китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ. Нишондиҳандаи библиографӣ» [10] мебошад, ки он намунаи библиографияи тоҷик ва ё библиографияи дараҷаи дуюм маҳсуб меёбад.

Дар заминаи дастурҳои нишондиҳандаҳои библиографии Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи А. Фирдавсӣ метавон бемамониат нашрияҳои китобхонаро мутобиқ ба шаклу намуд ва жанр тасниф намуд. Масалан, дар радифи рушди яке аз намудҳои маъмули библиографияи тоҷик – библиографияи тавсиявӣ, ҳамзамон, дар ташаккул ва рушди библиографияи илмию ёрирасони тоҷик саҳми Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи А. Фирдавсӣ хеле назаррас аст.

Ба рушди дастурҳои библиографии илмӣ-ёрирасони тарҷеии тоҷик, инчунин, интишори силсилаи дастурҳои библиографии фардии ба адибони классику муосири тоҷик бахшидашуда низ мусоидат намудааст. Солҳои 60-80-уми асри XX библиографони Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи А. Фирдавсӣ дар ҳамкорӣ бо мутахассисони дигар муассисаҳои илмию китобдорӣ дар таҳияи нишондиҳандаҳои библиографии «Мирсаид Миршакар» [8], «Аҳмади Дониш» [16], «Рӯдакӣ» [13] ва «Абдураҳмони Ҷомӣ» [2] саҳми муносиб гузоштанд.

Ҳамчунин, дар самти рушди низоми библиографияи илмӣ-ёрирасон дар Тоҷикистон саҳми Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон хеле назаррас аст. Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии АИ ҶШС Тоҷикистон шуруъ аз соли 1961 силсилаи дастурҳои библиографиро таҳти унвони «Мавод доир ба китобномаҳои шарҳиҳолии олимони Тоҷикистон»-ро ба табъ мерасонад, ки барои рушди библиографияи илмӣ-ёрирасони тоҷик дар ҷумҳурӣ шароит муҳайё сохта, имкон доданд, ки осори илмии олимони тоҷик ҳарчи беҳтару бештар мавриди омӯзишу тарғиб қарор гиранд. Аз ҷониби китобхонаи мазкур тӯли солҳои 1961-1990 ба забони русӣ 44 барориши китобномаи шарҳиҳолии олимони тоҷик интишор ва манзури олимону мутахассисони соҳаҳои гуногуни илм гардонида шуданд.

Шоистаи зикр аст, ки дастурҳои библиографии шарҳиҳолии олимон ва муҳаққиқон, ки аз ҷониби Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Ганди нашр гардидаанд, характери илмӣ дошта, ба раванди ташаккул ва рушди библиография илмӣ-ёрирасон дар Тоҷикистон бевосита мусоидат намудаанд. Ин силсиларо метавон ба захираи тиллоии библиографияи илмӣ-ёрирасони тоҷик ворид намуд, чунки силсилаи мазкур аз нигоҳи банду баст, услуби китобноманигорӣ, маҳакҳои асосии хостагирии адабиёт, аломату унсурҳои тасвири библиографии аснод, гурӯҳбандиву ҷобаҷогузории мавод ва дигар хусусиятҳои хоси библиографинамоии адабиёти илмӣ ба талаботи стандартҳои дар таҷрибаи библиографияи ҷаҳонӣ санҷидашуда мутобиқ буда, сохтори ягона доранд ва аз ҷониби библиографони ҳирфаӣ таҳия шудаанд. Ҳамаи дастурҳои ин силсила дорои мақолаи муқаддимавӣ буда, онҳо, асосан,

аз ҷониби олимони намоёни соҳаи илме навишта шудаанд, ки дастур ба фаъолияти олими ҳамон соҳа бахшида шудааст.

Натиҷаи таҳқиқот маълум намуд, ки воқеан, истифодаи мақсадноки дастурҳои библиографияи илмӣ-ёрирасон бояд ба ниҳодҳои барномарез, соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёт, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва лоиҳакашӣ имкон фароҳам оранд, ки ба раванди татбиқи афкори пешқадами илмӣ ва илмию техникӣ вусъат бахшанд ва ба ин васила олимону мутахассисон ба такрори беасоси кор ва сарфи беҳудаи вақту маблағ роҳ надиҳанд.

АДАБИЁТ

1. Абдурахман Джами [Текст]: Библиогр. указ. произв. Джами и лит. о нём. изд. в СССР (1917 — 1988 гг.) / сост.Л.А. Балуеваи др.; отв. ред. А. А. Афсахзод; АН ТаджССР, Центр науч. б-ка им. Индира Ганди; Гос. б-ка ТаджССР им. Фирдоуси, Отд. вост.рукописей. – Душанбе: Дониш, 1989. – 520 с.
2. Абдураҳмони Ҷомӣ [Матн]: феҳристи асарҳо (1917-1988) / тарт.: Л. А. Балуева, Н. Г. Щербакова, А. Ю. Юнусов; муҳаррир А. А. Афсаҳзод. – Душанбе, 1989. – 520 с.
3. Баъзе масъалаҳои китобшиносии тоҷик [Матн]: маҷмуаи мақолаҳо / тартибдиҳанда Р. Шарофов. – Душанбе, 1973. – 144 с.
4. Боев, Б. Китобхонаи давлатии патентию техникӣ дар масири таърих [Матн] / Б. Боев // Китобдор. – 2015. – №1-3 (11). – С.10.
5. Брук, Е. Научный и рекомендательный [Текст] / Е.Брук // Библиотекарь. – 1964. – № 9. – С. 52.
6. Бӯриев, Қ.Б. Рушди библиографияи тоҷик дар солҳои 1980-1991-уми асри XX [Матн] // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби VI. Маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе: Аржанг, 2017. – С. 532-533.
7. Комилзода, Ш. Китобхонаи миллии Тоҷикистон. Дирӯз ва имрӯз [Матн]: дастури таълими барои мактабҳои олӣ. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 196 с.
8. Мирсаид Миршакар [Матн]: нишондиҳандаи библиографӣ / тарт. Р. Набиева; муҳаррир Қ. Ҳисомов. – Сталинобод, 1960. – 40 с.; Мирсаид Миршакар: аннот.указ. лит. / редактор З. Пономарева. – Сталинабад, 1961. – 68 с.
9. Нашри Китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи А.Фирдавсӣ [Матн]: нишондиҳандаи библиографии солҳои 1933-1972 / Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 1973. – 82 с.
10. Нашри Китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи А.Фирдавсӣ [Матн]: Нишондиҳандаи библиографии солҳои 1933-1972 / Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 1982. – 102 с.
11. Применение пластических масс в промышленности [Текст]: рек. список лит-ры / Таджик. респ. ин-т науч.-техн. информации и пропаганды Госкомитета Совета Министров Таджик. ССР по координации науч.-исслед. работ; сост.: Л.И. Грунина, М.К. Изирбекова. – Душанбе: Респ. науч.-техн. б-ка, 1965. – 38 с.
12. Прогрессивный металлорежущий инструмент [Текст]: темат. подборка / Ин-т науч: техн. информации и пропаганды при Госплане ТаджССР. – Душанбе, 1967. – 24 с.
13. Тальман, Р.О., Юнусов, А. Рӯдакӣ [Матн]: феҳристи адабиёт / муҳаррири масъул А.М. Мирзоев. – Душанбе, 1965. – 218 с.;
14. Территориальный патентный фонд республиканской научно-технической библиотеки ТаджНИИНТИ [Текст] / Гос. план. ком. ТаджССР, ТаджНИИНТИ н техн.-экон. исслед., Респ. науч.-техн. б-ка; сост.: В.А. Обухова. – Душанбе, 1981. –70 с.
15. Шевченко, З.М., Николаева, М.В. Каталог кандидатских и докторских диссертаций, защищенных на материалах Таджикской ССР. 1934-1959 гг. [Текст]: библиогр. указатель литературы / отв. ред. В. Н. Ниязмухаммедов и А.Ш. Шукуров; Акад. наук Таджик. ССР.Центр. науч. б-ка. Гос. респ. б-ка им.Фирдоуси. – [Душанбе]: Изд-во Акад. наук Таджик. ССР, 1960. – 100 с.
16. Юнусов, А. Аҳмади Дониш [Матн]: нишондиҳандаи адабиёт / муҳаррир А.А. Маъсумӣ. – Сталинобод, 1960. – 28 с.

РУШДИ БИБЛИОГРАФИЯИ ИЛМӢ-ЁРИРАСОНИ ТОҶИК ДАР СОЛҲОИ 1960-1990

Дар пажӯҳиши мазкур яке аз навъҳои эҳёгардидаи библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ – библиографияи илмӣ-ёрирасон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллифон кӯшиш ба харҷ додаанд, ки бо истифода аз дастурҳои библиографии илмӣ-ёрирасони таҳиянамудаи китобхонаҳо дар солҳои 1960-1990 ва марказҳои библиографӣ вазъи воқеии рушди библиографияи илмӣ-ёрирасони Тоҷикистонро дар солҳои мазкур мавриди таҳқиқ қарор диҳанд.

Ба тасвиб расидани як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ доир ба соҳаи китобдорӣ ва аз ҷониби китобхонаҳо силсилаи дастурҳои библиографӣ барои кормандони илм, мутахассисони соҳаи тиб, омӯзгорону унвонҷӯён ва ғайра таҳияву интишор шуда, онҳо бевосита барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти иттилоотии хонандагон ва ҳамзамон рушди библиографияи миллӣ, алалхусус, библиографияи илмӣ-ёрирасон шароитҳои заруриро муҳайё сохта, заминаи ҳуқуқии рушди онро таъмин намуданд.

Библиографияи илмӣ-ёрирасон бо дарназардошти ҳадаф ва вазифаҳояш дар тарғиби адабиёти мубрам мусоидат карда, ҳамчун сарчашмаи боэътимоди маводи интихобшуда ба олимону муҳаққиқон ҷиҳати таъмин намудани сарчашмаҳои илмӣ-тахассусӣ ва ташаккули рағбатҳои хонандагӣ мавриди истифода қарор мегирад.

Муаллифон дар таҳқиқот бештар ба фаъолияти библиографии Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ҳамчун маркази библиографияи илмӣ-ёрирасон ва собиқ Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ дар самти феҳристнигории осори чопӣ такя намуда, таҳлилҳоро дар асоси нашрияҳои библиографии ин муассисаҳо мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Калидвожаҳо: *библиография, китоб, китобхона, библиографияи илмӣ-ёрирасон, рӯйхати адабиёт, дастурҳои методӣ-библиографӣ, хизматрасонии библиографӣ.*

РАЗВИТИЕ ТАДЖИКСКОЙ НАУЧНО-ВСПОМОГАТЕЛЬНОЙ БИБЛИОГРАФИИ В 1960-1990 гг.

В данном исследовании изучен один из возрожденных в советское время видов таджикской библиографии - научно-вспомогательная библиография. Авторы попытались отразить фактическое положение развития научной библиографии в Таджикистане в эти годы, используя библиографические справочники, разработанные библиотеками и библиографическими центрами в 1960-1990-е годы.

После утверждения ряда нормативных и правовых документов, относящихся к сфере библиотечного дела, библиотеками была разработана и издана серия библиографических указателей, непосредственно для удовлетворения информационных потребностей читателей научных сотрудников, медицинских работников, преподавателей, соискателей ученой степени и т.д., и в то же время развитие отечественной библиографии, особенно научно-вспомогательной библиографии, создали необходимые условия и обеспечили правовую базу для ее развития.

Научно-вспомогательная библиография с учетом своих целей и задач способствует продвижению актуальной литературы и используется учеными и исследователями как надежный источник избранных материалов для обеспечения научно-специальными источниками и развития читательской аудитории.

В исследовании авторы больше опираются на библиографическую деятельность Центральной научной библиотеки имени Индиры Ганди Национальной академии наук Таджикистана, как центра научно-вспомогательной библиографии, а также бывшей Республиканской государственной библиотеки имени Абулкасима Фирдавси в направлении каталогизации печатных изданий, и анализирруют резултаты на основе библиографических изданий этих учреждений.

Ключевые слова: *библиография, книга, библиотека, научно-вспомогательная библиография, список литературы, методические и библиографические инструкции, библиографическое обслуживание.*

THE DEVELOPMENT OF THE TAJIK SCIENTIFIC-AUXILIARY BIBLIOGRAPHY IN 1960-1990

In this study, one of the types of Tajik bibliography revived in Soviet times is studied - scientific auxiliary bibliography. The authors tried to reflect the actual state of development of scientific bibliography in Tajikistan during these years, using bibliographic reference books developed by libraries and bibliographic centers in the 1960-1990s.

After the approval of a number of regulatory and legal documents related to the field of librarianship, the libraries developed and published a series of bibliographic indexes, directly to meet the information needs of readers of researchers, medical workers, teachers, applicants for a scientific degree, etc., and at the same time During the development of domestic bibliography, especially scientific auxiliary bibliography, created the necessary conditions and provided a legal basis for its development.

Auxiliary scientific bibliography, taking into account its goals and objectives, contributes to the promotion of relevant literature and is used by scientists and researchers as a reliable source of selected materials to provide scientific and specialized sources and develop the readership.

In the study, the authors rely more on the bibliographic activities of the Central Scientific Library named after Indira Gandhi of the National Academy of Sciences of Tajikistan, as a center of scientific auxiliary bibliography, as well as the former Republican State Library named after Abulkasim Firdavsi in the direction of cataloging printed publications, and analyze the results based on the bibliographic publications of these institutions

Keywords: *bibliography, book, library, scientific auxiliary bibliography, bibliography, methodological and bibliographic indexes, bibliographic service.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Шосаидзода Сафар Ҳасан *– Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика ва психология. Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев,17/6. Тел.: (+992)919 198 127, E-mail: shosaidov57@mail.ru*

Надиров Сайзароб – *Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, докторанти кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографишиносӣ. Адрес: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри. Душанбе, кучаи Фирдавсӣ 5/10. Тел.: (+992) 988-80-86-87. E-mail: Sayzarob_1991@mail.ru*

Сведения об авторах: Шосаидзода Сафар Хасан *– Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, кандидат педагогических наук, доцент кафедры педагогики и психологии. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева,17/6, тел.: (+992)919 198 127, E-mail: shosaidov57@mail.ru*

Надиров Сайзароб – *Таджикский государственный институт культуры и искусств имени Мирзо Турсунзода, докторант кафедры библиотековедения и библиографоведения. Адрес: Республика Таджикситан, г.Душанбе, проспект Фирдоуси 5/10. Тел.: (+992) 988-80-86-87. E-mail: Sayzarob_1991@mail.ru*

Information about the authors: Shosaidzoda Safar Hasan – *Tajik State Institute of Languages named after Sotima Ulughzoda, candidate of Pedagogy, associate Professor of the Department of Pedagogy and Psychology. Address: 734019, The Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: (+992)919 198 127, E-mail: shosaidov57@mail.ru*

Nadirov Saizarob – *State Institute of Culture and Arts of Tajikistan named after Mirzo Tursunzoda, PhD student, Department of Library Science and Bibliography. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Ferdowsi avenue 5/10. Phone: (+992) 988-80-86-87. E-mail: Sayzarob_1991@mail.ru*

МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

ЗАБОНШИНОСӢ – ЯЗЫКОЗНАНИЕ

Турсунов Ф.М., Гулназарзода Ж.Б. Ақидаҳои олимони рус роҷеъ ба усулҳои интиқоли вожаҳои бемуодил.....5

Мусоямов З.М. Структурно-семантический анализ составных частей терминов программного обеспечения в английском и таджикском языках.....11

Усмонова М.Х. Муносибати синонимии исмҳои моддӣ дар романи «Ризо»-и Ҳабибулло Назаров…….....18

Насруллоев М.Н. Вижагиҳои забонии зарбулмасалу мақол ва ҳикматҳои осори Убайди Зоконӣ.....25

Абдуллоева Г.З., Қаюмова С.Ҷ. Таҳлили лингвофарҳангии калимаву истилоҳоти ифодакунандаи номгӯйи дарахтони бемева дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ.....33

Махмадалиев Ф. М., Мухторов З. М. Теоретические аспекты терминообразования отрасли туризма и гостеприимства……...…40

Муслимзода Ҳ.А. Мутобиқати ҷузъҳои тақобули маъноӣ дар қасоиди Манучеҳрии Домғонӣ.....50

Мусоямов З.М. Терминология программного обеспечения в английском и таджикском языках.....56

Ҳалимзода З. А. Тарҷуманопазирии баъзе воҳидҳои фразеологии бемуодил дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ……....…….....…….....…62

Шоназарова Д.С., Ходжаева С.О. Концепт «лень» в паремиях английского, таджикского и русского языков.....69

Матробиён С.Қ., Бобоев М.М. Метафора ва метонимия асоси баррасии «тасвири ҷаҳон» дар забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ).....76

АДАБИЁТШИНОСӢ – ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

Давлатбеков Л. Табиат аз чашмандози Адими Шуғнонӣ.....82

Саъдӣ Қ.А. Назаре ба вазни сурудҳои халқии тоҷикӣ.....88

Маҳмадшоев М.М. Ифодаи эҳтирому дилбастагӣ нисбат ба адибони шинохта дар ашъори Соиби Табрезӣ.....95

Шарипов Ш.Р. Бозтоби адабии намоди ранг дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ.....100

Иброҳимов Ф. Нигоҳе чанд ба афкори бадеии Аҳмади Дониш.....110

Маҳкамов Д.С. Баррасии масоили иҷтимоӣ дар ашъори Низом Қосим.....118

Султонова Г.А. “Маҷмаъ-ул-фурс”-и Сурурии Кошонӣ ва арзиши илмию адабии он…….127

ПЕДАГОГИКА

Ашурова Д. Квалиметрия как инструмент оценки качества образования.....136

Гадоев К.Х., Холов М.Р. Вазифа ва меъёрҳои арзёбии истифодаи ТИК дар ташаккули салоҳиятҳои касбӣ-лингвистии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонӣ.....145

Шарифов М.Ғ. Ташаккули маърифати шаҳрвандӣ дар раванди омӯзиши фанҳои ҷомеашиносӣ.....153

ТАЪРИХ – ИСТОРИЯ

Сайфуллоҳи М., Садиров Ш. Таърихи маҳаллӣ.....158

Миракзода Ф.Ю. Хисороти бемории сироятии COVID-19 дар соҳаи сайёҳӣ (дар мисоли Тоҷикистон).....167

Шосаидзода С.Ҳ., Надиров С. Рушди библиографияи илмӣ-ёрирасони тоҷик дар солҳои 1960-1990.....174

МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

Талабот нисбат ба мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Паёми Донишкадаи забонҳо» пешниҳод мегарданд.

Ҳамаи мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзуи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гуна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси УДК (индекси мазкурро аз ҳама гуна китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– номи мақола;

– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Саидов С.А.);

– номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;

– матни асосии мақола;

– ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с. 25]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 25.

– нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин, онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи МАТС (ГОСТ) 7.1-2003 ва МАТС (ГОСТ) 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шаванд;

– дар охири мақола бо ду забон (русӣ ва англисӣ) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф;

– ба мазмуну муҳтавои мақолаҳо муаллифон масъул мебошанд.

ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал «Вестник института языков»

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

Требования к оформлению научных статей:

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times Neв Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Саидов С.А.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– при цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [6, с. 42]. То есть, литература №6 и страница 42;

– таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– после списка использованной литературы на трех языках (на таджикском, русском и английском языках) оформляется следующая информация: название статьи, ФИО автора, название организации, аннотация и ключевые слова (аннотация не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний);

– информация об авторе на русском и английском языках (здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес места работы автора);

–авторы несут ответственность за содержание статей.

ПАЁМИ
ДОНИШКАДАИ ЗАБОНҲО
(силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих)

Маҷаллаи илмии «Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих» соли 2011 таъсис ёфтааст. Дар як сол 4 маротиба нашр мегардад. Шакли чопии маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зеринро барои чоп қабул менамояд:

Илмҳои филологӣ (10.00.00), педагогӣ (13.00.00) ва таърих (07.00.00).

Шакли пурраи электронии маҷалла дар сомонаи маҷалла (www.payom.ddzt.tj) дастрас аст.

ПАЁМИ
ДОНИШКАДАИ ЗАБОНҲО
(силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих)

2022. № 3 (47)

Шумораро ҳайати зерин омода намуд:
Котиби масъул: Миракзода Ф.Ю.
Муҳаррири масъул: Шосаидзода С.Ҳ.
Мусаҳҳеҳи забони тоҷикӣ: Шарипов Ш.Р.
Мусаҳҳеҳи забони русӣ: Ҳоҷатов Б.Д.
Мусаҳҳеҳи забони англисӣ: Азизмуродов М.Р.

Паёми Донишкадаи забонҳо
(силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих):
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Сомонаи маҷалла**:** www.payom.ddzt.tj
E-mail: payom@ddzt.tj
Тел.: (+992 37) 232-87-30

Дар матбааи ҶДММ “Нушбод” ба табъ мерасад.
734003, ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, 148/1.
Ба чоп супорида шуд: 14.11.2022. Ба чоп имзо шуд: 18.11.2022.
Формати 60х841/8. Қоғази офсетӣ. Нашрӣ офсетӣ.
Теъдод 100 нусха.

ВЕСТНИК
ИНСТИТУТА ЯЗЫКОВ
(серия филологических, педагогических и исторических наук)

Научный журнал «Вестник института языков. Серия филологических, педагогических и исторических наук» основан в 2011 г. Выходит 4 раза в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: филологические науки (10.00.00), педагогические науки (13.00.00) и исторические науки (07.00.00).

Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте журнала (www.payom.ddzt.tj).

ВЕСТНИК
ИНСТИТУТА ЯЗЫКОВ
(серия филологических, педагогических и исторических наук)

2022. № 3 (47)

Над номером работали:
Ответственный секретарь: Миракзода Ф.Ю.
Ответственный редактор: Шосаидзода С.Х.
Корректор таджикского языка: Шарипов Ш.Р.
Корректор русского языка: Ходжатов Б.Д.
Корректор английского языка: Азизмуродов М.Р.

Вестник института языков
(серия филологических, педагогических и исторических наук):
734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6.
Сайт журнала**:** www.payom.ddzt.tj
E-mail: payom@ddzt.tj
Тел.: (+992 37) 232-87-30

Отпечатано в типографии ООО “Нушбод”.
734003, г. Душанбе, ул. Н.Карабоева, 148/3.
Сдано в печать: 14.11.2022. Подписано к печати 18.11.2022.
Формат 60х841/8. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз.